ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

**ISSN 2617-5320**

# ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2020, №2 (30)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.


| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Иматова Лутфия Маҳмадуллоевна**, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Иматова Лутфия Маҳмадуллоевна**, доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Imatova Lutfiya Mahmadulloevna,** doctor of pedagogical Sciences, Professor, Director of Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,** кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,** candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Отвественный секретарь**<br><br>**Responsibl e Secretary** | **Каримзода Мирзобадал,** номзади илми филология, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Каримзода Мирзобадал,** кандидат филологических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Karimzoda Mirzobadal,** candidate of philological Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |


***Маҷалла ба Феҳристи нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.***
***Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.***
***The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.***

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*
*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*
*The journal is included in the database Of the Russian science citation index*

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index:** **77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2020
©ИРО имени Абдурахмон Джоми, 2020
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2020

**Ҳайати таҳририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Иматова Л.М.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Каримова И. Х.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Лутфуллозода М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шарифзода Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Нуъмонов М.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Шербоев С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor |
| **Маҷидова Б.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Неъматов С.** 13.00.02 | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, Professor |
| **Гулмадов Ф.** 13.00.01 | доктори илмҳои педагогӣ | доктор педагогических наук | doctor of pedagogical Sciences |
| **Зиёӣ Х. М.** 09.00.00 | доктори илмҳои фалсафа, профессор | доктор философских наук, профессор | doctor of philosophy, Professor |
| **Туронов С.Ш.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |
| **Амонов Н.** 19.00.01 | номзади илмҳои психологӣ, дотсент | кандидат психологических наук, доцент | candidate of psychological Sciences, Dosent |
| **Маҳкамов Д.** 13.00.01 | номзади илмҳои педагогӣ | кандидат педагогических наук | candidate of pedagogics Sciences |


*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj /index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте** www.prmatt.tj, http://www. prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**The full-text version of the journal is available on the website** www.prmatt.tj, http://www.prmatt.tj/index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404, e-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: nuriddinovna95@bk.ru

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

**ИМАТОВА Л.М.**
**МАҲКАМОВА М.**

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар шароити муосир ҳадафи афзалиятноки таълиму омӯзиш тарбияи шахсияте мебошад, ки дар ҷаҳони зудтағйирёбанда барои худтаъминкунӣ ва рушди шахсӣ кӯшиш намуда, ҳамчун як узви ҷомеа барои ҳамкориҳои дуруст бо ҷаҳони беруна омода бошад. Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккули фаъолияти таълимӣ ҳамчун хоҳиш ва қобилияти омӯзиш, рушди ҳавасмандии маърифатӣ ва омодагӣ ба таҳсил вазифаи таъхирнопазир ва асосӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мустақилияти назорат ва баҳодиҳӣ аз ҷониби хонанда оғоз аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муҳим аст, яъне қобилияти назорат ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти худ, муайян ва бартараф кардани сабабҳои мушкилотҳанӯз аз зинаи ибтидоӣ зарур ва муҳим мебошад.

Барои такмили сифати таҳсилот, рушди нерӯи зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ, ташаккули салоҳиятҳои ба шахсият нигаронидашуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонпайваста дастуру супоришҳо манзур месозанд. "Асри XX1 замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад. Вобаста ба ин, мо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сармояи инсонӣ диққати аввалиндараҷа додаем"–таъкид намудан Сарвари давлат зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат.[1,с.6]

Миёни масъалаҳое, ки ба баланд гардидани самарабахшӣ ва сифати таълим таъсири амиқ мерасонанд, санҷиш ва баҳогузории дониши хонандагон мавқеи муҳим дорад. Муваффақияти ҷараёни таълимию тарбиявӣ аз бисёр ҷиҳат ба гузориши дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Дар тӯли мавҷудияти ҳазорсолаҳои фаъолияти педагогӣ баҳо ба дониш бо усул ва методҳои гуногун гузаронида шудааст. Онҳо дар охир ба он оварда мерасонанд, ки баҳогузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ на танҳо натиҷаи ниҳоии таълим мегардад, инчунин ба ташаккули ин натиҷаҳо низ мусоидат мекунад. Маврид ба ёдоварист, ки навъҳои гуногуни баҳогузории замонавӣ на танҳо ба он чӣ ки ба хонанда таълим дода шуд ва хонанда азхуд кард, баҳо медиҳад. Ҳамчунин он ба хонанда барои омӯзиши мустақилона шароити мусоид фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки роҳи худро дар таълим кушояд, ташаккул ва ривоҷ ёбад, барои худтатбиқи таълимиаш ёрӣ расонад ва ин мушкилии асоситарини наврасони замони мо аст. Дар баробари фаъолияти педагогӣ ташхиси педагогӣ низ вуҷуд дорад, ки меъёри асосии муайян кардани сифати омодагӣ баҳо ба шумор меравад.

Дар илми педагогика баҳо меъёри асосии муайянкунии сатҳу сифати тайёрии хонанда буда, барои муайян кардани сатҳу сифати тайёрии хонанда, яъне сатҳи дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон, меъёру стандартҳои таълимӣ коркард мешаванд, ки онҳо як намуди мувофиқатнома оид ба сифат мебошанд. Баҳо ва низоми баҳодиҳӣ дар умум бевосита маҷмӯи арзишҳо ва натиҷаҳои дилхоҳро, ки системаи маориф дар назди худ гузоштааст, инъикос мекунанд.

Таҳлили сарчашмаҳои таълимию методӣ нишон медиҳанд, ки дар тавсифу шарҳи мафҳумҳои асосии низоми баҳогузорӣ, тарзи баҳогузорию навъҳои он андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта, камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд. Вобаста ба муайянкунии баъзе мафҳумот Раҳимов Х. ва Нуров А. чунин менигоранд: *«Дар назарияи имрӯза нисбати муносибати муайянкунии мафҳумоти «баҳо», «назорат», «санҷиш», «баҳисобгирӣ» ва дигарҳо, ки ба он алоқаманд мебошанд, ҳоло ақида ва фаҳмиши дақиқ мавҷуд нест. Баъзан онҳоро бо ҳам омехта, гоҳо як чиз мепиндоранд»[6, с.508].*

Таҳлили ин мафҳумҳоро агар аз "Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ" дида бароем, бароямон чанде аз нуктаҳои муҳими фарқкунанда аён мегардад. Зеро тайи ин чанд вақт

омӯзгорон ба нуктаҳои муҳими ин мафҳумот аҳамият надода, онро яксон мепиндоранд ва барои муайян кардани сатҳу сифати тайёрии хонанда, яъне муайянкунии сатҳи дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон чун анъана гузориши балро ҳамчун баҳо дар назар доранд. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ низ он ба ҳамин маъно шарҳ дода шудааст: "***БАЛЛ*** *фр.*بال*1. воҳиди ченаки дараҷа ё шиддати ҳодисаҳо (аз қабили бод, зилзила). 2. баҳое, ки ба дараҷаи дониши талабагон дар мактабҳо ва ба маҳорати варзишгарон дар мусобиқаҳо дода мешавад, хол" [9, с. 128].* Агар дар ин сарчашма ба мафҳуми "баҳо", "баҳогузорӣ" ва "баҳодиҳӣ" назар андозем, пас фаҳмиши фарққунандаи мазмунии ду паҳлӯи ин масъаларо, ки мутаассифона то ҳол дар илми педагогикаи тоҷик ба таври фаровон яксон истифода мешаванд, дидан мумкин аст.

***Баҳодиҳӣ*** *– ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати салоҳият (дониш, малака ва маҳорат)-и хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад" [8, с. 7].*Баҳо натанҳо "дараҷагузорӣ ба дониши талаба бо рақамҳо", балки "фикру мулоҳиза, ақида, андеша"-ро низ ифода мекунад: "***БАҲО:*** *1. қимат, нарх, арзиш; 2. фикру мулоҳиза, ақида, андеша; 3. дараҷагузорӣ ба дониши талаба бо рақамҳо (мас., 2, 3, 4 ва 5) ё бо калимаҳои сифат (бад, миёна, хуб, аъло): баҳо гузоштан, баҳо мондан" [9, с. 155].* Баҳогузорӣ ва баҳодиҳӣ бошад, ҳамчун шарҳи исми амал ба "муқаррар кардан", "муайян намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии чизе" низ маънидод шудааст: *"**БАҲОГУЗОРӢ**بهاگذاري* 1. *исми амал аз "баҳо гузоштан"; нархгузорӣ, муқаррар кардани қимати чизе. 2. ҷараён ва амали гузоштани баҳо ба дониши хонандагон.""**БАҲОДИҲӢ**بهادهي1. исми амал аз "баҳо додан"; муқаррар кардани қимати чизе, нархгузорӣ, баҳогузорӣ. 2. баёни фикру ақида дар хусуси чизе; арзёбӣ; муайян намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии чизе" [9, с. 156].*

Маврид ба ёдоварист, ки дар фаҳмиши омӯзгорон баҳогузорӣ ҳамчун хулосаҳои омӯзгор ба фаъолияти хонанда иброз меёбад, зеро дар баъзе сарчашмаҳо он ҳамин гуна, яъне яктарафа маънидод карда шудааст: **"*БАҲОГУЗОРӢ*** *дар педагогика, натиҷаи назорати фаъолияти таълимӣ ва баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат, малака ва рафтори хонандагон мебошад. Баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон дар муҳокимаю мулоҳиза ва хулосаҳои омӯзгор ифода меёбад, ки он дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ амалӣ карда мешавад. Баҳогузорӣ дар асоси меъёру талаботи муқарраргардида амалӣ мешавад ва аз ин рӯ, бояд объективонаю ҳақиқӣ бошад, вагарна ба шогирдон таъсири манфии рӯҳӣ бахшиданаш имконпазир аст. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии шогирдон дар давраҳои муайян ба ҳисоб гирифта мешаванд. Асоси ин баҳисобгириро бақайдгирии натиҷаҳои назорати ҷорӣ, даврӣ ва ҷамъбастӣ ташкил менамоянд, ки онҳо дар шакли баҳогузорӣ дар дафтарҳои (журнали) синфӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ифода меёбанд" [3].*

Аз таҳлили сарчашмаҳои дарҷшуда ва шарҳи ин мафҳумҳо хулосае бармеояд, ки тавсифи масъалаи мазкур фаҳмиши маҳдудро дар байни омӯзгорон бунёд намуда, ҳамчунин оқибати татбиқи он бештар якҷониба, яъне ҳамчун назорати хоси омӯзгор ба фаъолияти хонанда ва гузоштани балл аз ҷониби ӯ оварда расонид. Ҳол он ки дар адабиётҳои гуногуни методӣ доир ба худбаҳодиҳии хонандагон маълумотҳо ва методҳои гуногун пешниҳод карда шудааст. Маврид ба зикр аст, ки ҳатто як гурӯҳи пажӯҳишгарон онро ҳамчун як узви муҳими ҷони инсон барои танзими рафтор ва фаъолияти инсон шуморидаанд: "*Худбаҳо – ин узви муҳими ҷони инсон аст, ки барои танзими рафтор ва фаъолияти инсон хизмат менамояд" [2, с. 7].*Паҳлӯи муҳими дигар, ки "муайян кардан", "муайян намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии чизе" ва "баёни фикру ақида дар хусуси чизе" низ дар истифода ва таҷрибаи омӯзгор бисёри ҳолатҳо то ҳол сарфи назар шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар даврони соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ ва гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, заминаи бунёдӣ барои коркард ва роҳандозӣ намудани арзёбии муосири натиҷаҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии он тақвият бахшидан ба сифати таҳсилот ва таъмини рушди босуботи он пазируфта шудааст, фароҳам гардидааст.Тайи солҳои охир истилоҳи "арзёбӣ" дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, рисолаҳои илмӣ ва маводи таълимию методӣ фаровон истифода мешаванд, тахмини мо ҳам ба сабаби дар боло овардашуда асос меёбад. Яъне, истифодаи истилоҳе, ки дар байни ҷомеаи педагогӣ камистеъмол аст, шояд фаҳмишҳои нав ва татбиқи паҳлӯҳои то ҳол аз назар дурмондаро фаро гирад, гарчанде дар шарҳи сарчашмаҳои боло низ он ба ҳамон маъно истифода мешуд. Андешаҳои мавриди

назар дар “Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ” ба тариқи зайл омадааст: *“**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Онҳо барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳанд. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.*

***Мақсади асосии масъалаҳои арзёбии сифати таҳсилот, махсусан дар зинаитаҳсилотиибтидоӣ***дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият аз ***такмили системаи арзёбии дохилисинфӣ***(таъминкунандаи фаъолияти самарабахши системаи таҳсилот), ***коркарди системаи самарабахши арзёбӣ***(таъминкунандаи воситаҳои арзёбии баландсифати ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳоимуосир) вагуза***ронидани арзёбиҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда, ҷамъбастӣ (***фосилавӣ ва ниҳоӣ)иборатмебошад.

Мафҳуми арзёбӣ низ дар сарчашмаҳои таълимию методӣ ба таври гуногун тавсиф шуда, шарҳи ягона надорад. Масалан, дар қиёс бо шарҳи боло ва иқтибос аз фарҳанг ин масъаларо ба хубӣ дарк кардан мумкин аст: “**АРЗЁБӢ** ارزيابي *1. баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии чизе. 2. муайян кардани арзиши чизе, баҳодиҳӣ; арзёбӣ кардан баҳо додан; дар бораи арзишу аҳамияти чизе изҳори ақида кардан” [9, с. 76].*

Маврид ба ёдварист, ки масъалаи истифодаи васеи мафҳуми арзёбӣ дар байни ҷомеаи педагогӣ ба татбиқи муносибатҳои нави таълим, ки дар самти таҳсилоти ибтидоӣ аз соли 2016 аз ҷониби Вазорати маориф ва илм роҳандозӣ карда шуда буд, вобаста низ мебошад. Дар стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва роҳнамои омӯзгор, ки барои ҳамаи фанҳои синфҳои ибтидоӣ навишта шудааст, мафҳуми арзёбӣ истифода шуда, он яке аз қисми муҳими ин ҳуҷҷат ва маводи методиро ташкил менамуд. Дар стандарти мазкур мақсад, принсип ва хусусиятҳои хоси арзёбӣ дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият дарҷ шуда, мураккабии муносибат, усулҳо ва воситаҳои он таъкид гардида, ҳамчунин аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб кардааст: “*Дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ мақсад, принсип ва хусусиятҳои хос дорад. Дар муқоиса бо муносибати ба дониш асосёфта дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба сатҳи ташаккули малакаҳо равона мегардад. Аз ин лиҳоз, дар таълими салоҳиятнокӣ муносибат, усул ва воситаҳои арзёбӣ мураккабтаранд ва аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб мекунанд. Арзёбии натиҷаҳои таълим дар таълими салоҳиятнокӣ ба мақсади (1) муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон; (2) муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав; (3) муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронида мешавад*” *[8, с. 110].*

Мақсадҳои дар стандарти мазкур дарҷшуда ба се навъи арзёбӣ –арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ ишора карда, ҳар яки он чунин тавзеҳ дода шудааст: “*Арзёбие, ки ба мақсади муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон гузаронида мешавад, арзёбии ташхисӣ ном дорад.*

*Арзёбие, ки ба мақсади муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав истифода мешавад, арзёбии ташаккулдиҳанда номида мешавад.*

*Арзёбие, ки барои муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронида мешавад, арзёбии ҷамъбастӣ ном дорад” [8, с. 110].*

Навъҳои арзёбии пешниҳодшуда тасодуфӣ нестанд ва ҳар яки ин мафҳумҳо дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ рӯйи кор омада, муддатҳои тӯлонӣ мавриди истифода ва муҳокимаҳои ҷомеаи педагогӣ қарор дорад.

Маълум аст, ки мафҳуми “Арзёбии ташаккулдиҳанда” дар низоми таълимии ҷумҳурии мо як падидаи мутаносибан нав аст ва татбиқи он омӯзиши амиқтару давомдорро дар муқоиса бо усулҳои анъанавӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи мо бештар ба масъалаи таҳқиқи мафҳуми “Арзёбии ташаккулдиҳанда” ва раванди ворид шудани он ба таҳсилоти миллии мо бо мақсади дарки он аз ҷониби омӯзгорон ҳамчун як раванди таълиму омӯзиш мавқеи муҳим дорад. Вобаста ба ин, дар зер масъалаи мазкурро аз нигоҳи таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ ва маводи методии солҳои истиқлолият ва умуман маводҳои нав дар арсаи байналмилалӣ доир ба моҳияти он таҳқиқ менамоем.

Мафҳуми мазкур бо забони англисии “Formative assessment” ва тарҷумаи он ба забони русӣ ҳамчун истилоҳи “формирующее оценивание” дар адабиёти педагогӣ

истифода шуда, дар адабиётҳои методии даврони соҳибистиқлолӣ ба маънои “баҳогузории формативӣ” ва “арзёбии ташаккулдиҳанда” бештар мавриди истифода қарор дорад. Солҳои 2007-2008 гурӯҳи муаллифон ҳангоми таҳияи модулҳо барои курсҳои такмили ихтисос ин истилоҳро аввалин маротиба ҳамчун “баҳогузории формативӣ” истифода бурдаанд: *“Намуди дигар – баҳогузории формативӣ – ба ҷараёни об ва гизодиҳии хок монанд аст, он ба рушд ва равнақи рустанӣ мусоидат мекунад. Ба ин тариқ, баҳогузории формативӣ баҳогузории роҳбарикунанда ва озмоишӣ нест. Он ташаккулдиҳанда, муайянкунанда, пешгӯйикунанда, ҳавасмандкунанда, мотиватсиядиҳанда аст. Дар натиҷаи ин баҳогузории формативӣ ба қатори омилҳои муҳимтарин таълим ва таҳсил мегузарад” [7, с. 26].*

Гурӯҳи дигари мураттибони дастури таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ (соли 2012) мафҳуми “арзёбии ташаккулдиҳанда” - ро истифода бурда, онро ҳамчун як усули баҳодиҳӣ шарҳ додаанд: *“Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он муаллиму хонандагон раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба муаллимон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро ба мушоҳида гирифта, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигари ахбор ва тарзи ба он расидан шароит фароҳам оранд” [4, с. 15].*

Дар солҳои минбаъда вобаста ба гузариши муносибати босалоҳият ба таълим як гурӯҳи муаллифон ин истилоҳро ҳатто бо унвони “арзёбии рушди салоҳиятҳо” низ истифода бурдаанд, ки ба ҳамон маъно омадааст: “*Навъҳои гуногуни ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Арзёбиҳои ташхисӣ, рушди салоҳиятҳо ва ҷамъбастӣ аз ҷумлаи онҳоянд” [4, с. 6].*

Гарчанде шарҳҳои овардашуда баъзе паҳлӯҳои муҳими шарҳи ин мафҳумро дар илми педагогӣ ба миён оварда бошад ҳам, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин тафсирот ва овардани мисолҳои мушаххас аз ин ё он фан ба омӯзгор тартиб ва моҳияти истифодаи он то андозае нофаҳмо боқӣ мемонад. Вобаста ба таҳлилҳои овардашуда ба назари мо моҳияти мафҳуми арзёбиро чунин шарҳ додан мумкин аст: ҷараёни мушоҳидаи фаъолияти таълимии хонанда, фаъолияти омӯзгор, синф, муассисаи таълимӣ ва инчунин тасвир, ҷамъоварӣ, қайд ва таҳлили ахбор бо мақсади беҳтар гардонидани сифати таълим. Мушоҳида ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз ҷониби хонанда гузаронида шуда, ба тағйири метод ва раванди таълим мусоидат карда метавонад. Мақсади арзёбӣ бошад, муайян намудани сатҳи мувофиқати натиҷаҳои бадастовардаи дониш, малака ва маҳорат (салоҳият) бо корҳои таълимии банақшагирифташуда аст.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳам барои омӯзгор ва ҳам таълимгиранда андешаронии огоҳона дар бораи таҷрибаашон мебошад. Ҳамчунин маврид ба зикр аст, ки омӯзгорон бояд дарк намоянд, ки тавассути истифодаи фаъолиятҳои таълим ва ба роҳ мондани арзёбии ташаккулдиҳанда доир ба раванди азхудкунӣ ва рушди хонанда маълумотҳои ғаниро ба даст меоранд ва онро барои банақшагирии дарсҳои минбаъда истифода менамоянд. Тавассути мушоҳидаҳо ва баргузории арзёбии ташаккулдиҳанда, ки он ҳамчун як ҷузъи раванди доимии таълиму омӯзиш шинохта мешавад, сабки омӯзиш, фаҳмиш ва маҳоратҳои хонанда дар бештари мавридҳо арзёбӣ карда мешавад. Моҳияти дигари арзёбии ташаккулдиҳанда дар он аст, ки он натанҳо дар як мавриди муайян, марҳилаи муайяни таълим истифода мешавад, балки ҳамчун як ҷузъи раванди таълиму омӯзиш бояд фаҳмида шавад. Яъне, агар арзёбӣ танҳо давравӣ бошад, пас он ҳамчун арзёбии ҷамъбастӣ гуфтан мумкин аст, ки дар як марҳилаи муайян, дар як лаҳзаи дарс ва ё танҳо дар мавриди санҷишҳои тестӣ гузаронида мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки хонандагон ҳамеша инкишоф меёбанд ва арзёбии рушди онҳо на танҳо дар охири чоряк, нимсола, солона ё марҳилаи муайяни таълим сурат гирад, балки давомдор бошад. Аз ин рӯ, моҳияти асосии арзёбии ташаккулдиҳанда бояд тавре фаҳмида шавад, ки он ҳамчун раванди давомдори такроршаванда буда, ҳамчунин банақшагирӣ ва дастгирии раванд бояд фаъолияти давомдор бошад. Яъне, арзёбии ташаккулдиҳанда бояд бахши ҷудоинопазир ва таҷрибаи доимию ҷории синф ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда бошад.

## АДАБИЁТ:

1. Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18.03.2020с. http://www.prezident.tj/node/22643#aini
2. Г. А. Цукерман. Оценка без отметки. / Цукерман.Г.А., Миндарова В.А. и др.- Pedagogiskais centrs «Eksperiments», 133 с.
3. Мавод аз Википедия – донишномаи озод иқтибос шудааст: https://tg.wikipedia.org/wiki/Баҳогузорӣ
4. Ниёзов Ф., Зиёев М. ва диг. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастури худомӯзӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. -Душанбе, 2012. – 90 с.
5. Пинская М.А. Оценивание для обучения: Практическое руководство / М.А. Пинская – М.: Чистые пруды. – 2009, 32с.
6. Раҳимов Х., НуровА., Педагогика –Душанбе,«Маориф ва фарҳанг»,2007.,535 с.
7. Сафин Д.В., Мусина Р.Г., Қурбонов В.Р. ва дигарон. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. Модули 11. Ташхиси педагогӣ. - Душанбе, 2008. - 74 с.
8. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ / Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов ва диг. [Матн]. - Душанбе: Маориф, 2017. - 116 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, Душанбе, 2008, ҷилди 1.- 950 с.
10. Фишман И.С., Голуб Г.Б. Формирующая оценка образовательных результатов учащихся: Методическое пособие. - Самара: Издательство «Учебная литература», 2007. - 244 с.

## АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи тавсифу шарҳи мафҳумҳои асосии низоми баҳогузор ва навъҳои он бахшида шуда, дар асоси таҳлили маводи илмию методӣ моҳияти арзёбии ташаккулдиҳанда дар баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррас гаштааст. Муаллиф чунин мушумарад, ки моҳияти баҳогузор дар низоми мавҷуда аз ҷониби омӯзгорон яктарфа фаҳмида шуда, ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон танҳо хол гузошта мешавад. Омӯзгорон ба моҳияти навъҳои дигари арзёбӣ, махсусан арзёбии ташаккулдиҳанда, дуруст сарфаҳм намераванд.Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур таъкид меравад, ки арзёбии ташаккулдиҳанда тавассути фаъолиятҳои таълим ба роҳ монда шуда, ҳам хонанда ва ҳам омӯзгор доир ба раванди азхудкунӣ маълумотҳои ғаниро ба даст меоранд. Инчунин моҳияти арзёбии ташаккулдиҳанда дар доимӣ будани он ва ҳамчун як ҷузъи раванди доимии таълиму омӯзиш шинохта шудан баррасӣ карда мешавад.

***Калидвожаҳо:*** *балл, баҳо, баҳогузорӣ, баҳодиҳӣ, худбаҳо, арзёбӣ, арзёбии ташхисӣ, арзёбии ҷамъбастӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда.*

## ФОРМИРУЮЩЕЕ ОЦЕНИВАНИЕ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВО ОБУЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Данная статья посвящена описанию и разъяснению основных понятий системы оценивания и ее видов, а также на основе анализа научно-методических материалов обсуждается важность формативного оценивания в повышении качества образования в начальных классов.

Автор считает, что суть оценивания в существующей системе со стороны учителей понимается односторонне, то есть при оценивании знания, навыков и умений учащихся ставяться только отметки. Учителя не понимают сути других видов оценивания, особенно формирующего оценивания.

В статье также подчеркивается, что формирующее оценивание проводится посредством деятельности как ученика, так и учителя, получая обширную информацию о процессе обучения. Также рассматривается важность формирующего оценивания с точки зрения его непрерывности и признания как части непрерывного процесса обучения.

***Ключевые слова:*** *бал, баловая оценка, отметка, оценивание, самооценка, диагностическая оценка, итоговая оценка, формирующее оцененивание.*

## FORMATIVE EVALUATION AND ITS IMPORTANCE IN INCREASING THE QUALITY OF LEARNING IN ELEMENTARY CLASSES

This article is devoted to the description and explanation of the basic concepts of the assessment system and its types, and on the basis of the analysis of scientific and methodological materials, the importance of formative assessment in improving the quality of education is discussed.

The author believes that the essence of assessment in the existing system on the part of teachers is understood one-sidedly, that is, when assessing the knowledge, skills and abilities of students, only marks are given. Teachers do not understand other types of assessment, especially formative assessment.

The article also emphasizes that formative assessment is carried out through activities, and both the student and the teacher receive extensive information about the learning process. It also discusses the importance of formative assessment in terms of its continuity and acceptance as part of a continuous learning process.

***Key words:*** *score, score, grade, assessment, self-assessment, diagnostic assessment, final assessment, formative assessment.*

**Сведение об авторах:**

**Иматова Лутфия Махмадуллоевна** - доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования АОТ.

Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе улица Айни, 126.

Тел. (992)93-466- 20-02, e-mail:imatoval@mail.ru

**Махкамова Машхура Рахимовна,** соискатель Института развитии образования имени Абдурахмона Джами АОТ

Тел.: +992-938-32-00-68.

E-mail: mashhura.86@mail.ru.

**Information about the authors:**

**ImatovaLutfiyaMakhmadulloevna** - Doctor of hedagogical sciences, professor, Director of the Institute for Education Development AOT.

Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street,126.

Phopne: (992)93-466- 20-02, e-mail:imatoval@mail.ru

**Mahkamova Mashhura Rahimovna**, competitor of the Institute of Education named after Abdurakhmon Jomi AET RT,

Tel .: +992-938-32-00-68.

E-mail: mashhura.86@mail.ru.

**С. ТУРОНОВ**

# ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ТАВАССУТИ ОСОРХОНАИ МАКТАБӢ

*Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст.*
Моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳим буда, мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватанро дорад. Ватандӯстӣ садоқатмандии шаҳрванд ба ватани хеш аст.

Халқи мо аз қабили халқҳоест, ки диёр, Ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва барои саодати он сина сипар мекунад. Ватан маконест, ки мо дар он ҳамроҳи хонаводаву хешовандон, халқу миллат зиндагӣ мекунем, ба камол мерасем, ҳунар меомӯзем, бунёд намоем ва ободу зебо мегардонем.

Дар васфи Ватан қариб ҳамаи адибони гузаштаву муосири форсу тоҷик суханони пурқимат гуфтаанд. Танҳо ҳамин қадар бояд гуфт, ки дар олам касе беватан нест. Одами боақлу бофаросат як каф хоки Ватанро аз ганҷи дунё беҳтар медонад.

Одамон барои ҳимояи хоки муқаддаси Ватани худ ба муқобили душманон борҳо мубориза бурдаанд, сина сипар кардаанд, ҷон додаанд, вале Ватани худро ҳимоя намудаанд. Чунки Ватан муъҷизаест, ки дар он зода шуда, ба камол расидаанд, обутоб ёфтаанд ва лаззатҳои ширини ҳаётро дар он чашидаанд.

Вобаста ба ин Афлотун баён доштааст: «Алоқае дар дунё шадидтар аз меҳр ба Ватан нест».

Меҳри Ватан бағоят пурзур аст. Агар дар ғарибӣ зиндагии шоҳона дошта бошӣ ҳам, як порисаи кулбаи фақиронаи Ватанро ҳазор бор аз вай болотар медонӣ. Аз даме, ки чашми ақли одам кушода мешавад, муҳаббати зиндагиро дар дили худ тавассути диёру кишвар эҳсос мекунад, зеро пайкари ӯ аз шаҳди обу хоки Ватан ғизо гирифтааст.

Тавре А.В.Суворов мегӯяд: "Замини муқаддаси Ватан ҳама корро метавонад:

аз оби зулоли чашмаҳояш менӯшонад, бо нону неъматҳояш таъмин месозад, аз накҳати гулҳои боғаш лаззат мебахшад, аммо танҳо худро ҳимоя карда наметавонад ва ӯро нафароне ҳимоя менамоянд, ки муъҷизаҳояшро истифода мебаранд". Аз ин рӯ, моро мебояд Ватани хешро аз ҳама бештар дӯст дорем ва баҳри ободиву шукуфоияш ҷаҳд намоем.

Дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд гардидааст, «Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама унсури муҳимми тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои зодгоҳ, диёр, кишвар, сарзамин, Ватан ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба Ватани хеш дар назар дорад».

Дар ин замина Академик Лутфуллозода М. мефармояд: «Омили муҳимми ватандорӣ дӯст доштани Ватан, марзу буми аҷдодӣ ва пуштибонии он аз тарафи инсонҳост. Ҳалқе, ки тамаддуни пурғановати миллати хешро намедонад, қодир нест, ки ватандор бошад ва пуштибонӣ аз Ватан кунад» [3, С. 248].

Яъне ба андешаи олим тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ шурӯъ аз он мешавад, ки шаҳрванди фардо шодии зиндагиро дар хидмат ба мардум бубинад ва сидқан ватани хешро дӯст дорад.

Ҳар яки мо бо рисолати хеш ба дунё омадаем. Аз ин рӯ ба он кӯшем, ки ҷавҳари рисолати мо бояд накӯкорию, дӯст доштани инсонҳо, Ватан- Модар ва табиати он, эҷодкорию созандагӣ бошад.

Академик Файзулло Шарифзода Ватан модарро тавъам шуморида, чунин таъкид менамояд: «Ватан сарфазоию сарбаландӣ бахту иқбол ва орзую умеди инсон аст. Ватан ва модар ҳамрадифанд. Он тавр ки инсон як модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Аз ин лиҳоз, «Ватан - Модар» ё «Модар - Ватан». (6. 344)

Таълим ва тарбия фаъолиятест, ки дар доираи талаботи ҷамъият сурат гирифта, дар ҳамбастагӣ амалӣ мегардад. Масъалаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ амали якҷояи

хонавода, мактаб ва ҷомеа буда, аз оила ибтидо гирифта, дар мактаб ташаккул меёбад ва дар ҷомеа инъикос мегардад.

Тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар низоми маориф ба муайян намудан ба ҳифзи расму оин ва анъанаҳои милливу давлатӣ дар тарбияи насли наврас, таҷдиди мазмуни он ва ҷорӣ намудани технологияи навин алоқаманд аст. Мақсади асосии тарбияи миллӣ ҷалб ва равона кардани таваҷҷуҳи насли наврас ба арзишҳои фарҳангӣ, таърихи миллӣ, умумибашарӣ, гиромидошти мафҳуми Ватан ва мероси таърихиву фарҳангӣ мебошад. Зеро ватандӯстӣ аз муҳаббат ба зодгоҳ ва Ватан, эҳтиром ба гузаштаи таърихӣ ва таърихи пурғановати миллӣ сарчашма мегирад ва дар ин замина беиштибоҳ нақши муҳим мебозад.

Нақши мактаб дар тарбияи ватандӯстӣ ҳамон қадар хоҳад буд, ки он назари шогирдонаш симои Ватан, корномаи ҷангӣ ва меҳнати мардум он қадр равшантар намудор гардад. Ва ин тавассути осорхона, ки воситаи ҳифзи хотираи инсониятбуда, ҳамчун сохтори мактабӣ, мероси таърихӣ - фарҳангиро ҷамъоварӣ, ҳифз, муаррифӣ ва тарғиб намуда, таваҷҷуҳи хонандагонро ба олами фарҳангӣ равона месозад. Ва ин як намуд фаъолияти фарҳангӣ - таълимӣ ба шумор меравад.

Осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои таъсиррасон, пешбаранда ва вусъатбахши фаъолияти эҷодиву ҷамъиятии хонандагон махсуб ёфта, дар ин самт арзиши баланди тарбиявӣ дорад. Зеро маълумот дар бораи гузашта ва имрӯзи миллату давлат танҳо дар осорхона ҷамъоварӣ шуда, худогоҳиву хештаншиносии насли наврасро ташаккул медиҳад. Наврасону ҷавонон зимни шиносоӣ бо маводи осорхона имкон пайдо мекунанд, ки муносибати худро бо таъриху фарҳанг муайян намоянд. Тавассути сайрҳои илмӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангиро омӯхта, дар корҳои ҷустуҷӯӣ ширкат варзанд ва бо ашхоси барӯманд, таърихнигорон мулоқот намуда, таърихи Ватани худро дақиқ созанд, инчунин хуб дарк намоянд, ки ниёгонашон дар рушди фарҳангу иқтисодиёти кишвар заҳматҳо кашидаанд. Чунин муносибат, эҳтирому муҳаббати онҳоро ба мероси пурғановати фарҳангиву таърихии кишвар ва гузаштаи хеш дучанд меафзояд.

Нигораҳои осорхонаҳои мактабӣ, худ шиносномаи таърихи миллат буда, он имкон медиҳанд, ки хонанда дар ҳамаи намудҳои фаъолияти илмӣ, техникӣ ва ҷамъиятӣ қувваозмоӣ намояд, соҳиби дониши таҷрибавӣ гардад, сарчашмаҳои таърихиро тавсиф, шаклбандӣ ва ҳуҷҷатҳои таърихиро таҳия созад. Бо раҳнамоии устодаш асарҳо эҷод намояд.

Осорхонаи мактабӣ на танҳо як шакли ташкили фаъолияти таълимӣ – фаҳмондадиҳӣ ба шумор меравад, балки он воситаи рушди тарбияи маънавӣ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстии хонандагон аст. Иштироки толибилмон дар корҳои ҷустуҷӯйӣ, омӯзиш ва ҷамъоварии ёдгориҳову нигораҳои осорхонавӣ, ташкили намоишҳо, гузаронидани шабнишиниву конфренсияҳо ва сайрҳои таърихӣ малакаҳои таҳқиқотӣ, кишваршиносии онҳоро ташаккул медиҳад

Мутаассифона мушоҳидаҳо собит намудаанд, ки аксари насли наврас ба таърихи кишвари худ кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд бархе аз хонандагон на танҳо таърихи зодгоҳи худ балки осори ниёгон ва таърихи ҷашну маросимҳои миллӣ ва афроди таърихиву сиёсии кишварро ба таври бояду шояд намедонанд, хуб дарк намекунанд, ки бояд бидонанд.

Бо мақсади ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба омӯзиши таърихи давлату миллат, расидан ба ҳадафҳои зикршуда, муаллим ва масъули осорхонаи мактабиро мебояд бо иштироки хонандагон ва ҳайати осорхона тадбирҳои зерро амалӣ намоянд:

1. Гузаронидани мулоқот бо кӯҳансолон, пирони хирад.

2. Маълумотгирӣ ва пурсиши аҳолӣ оид ба мавзеъ, ёдгориву нигораҳои таърихӣ, либос, ҳаргуна зару зевар барои ороиш, олот, дастгоҳҳои қадима ва ашёи рӯзгор.

3. Коркард ва нигоҳ доштани маводу маълумоти бадастомада, оид ба таърихи зодгоҳ, маҳал, ноҳия, шаҳр, вилоят ва билохира Ватани азиз Тоҷикистон

4. Тарғиби муҳтаво ва моҳияти маълумоти зикршуда байни хонандагон.

Тамоили ҷаҳонишавии илму фарҳанг ба яке аз масъалаҳои муҳимми асри XX1 табдил ёфта, талабот ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳои худогоҳу худшинос, ташаббускору ояндасоз, ва ватандору меҳанпараст торафт меафзояд, ки вобаста ба ин Асосгузори сулҳу Ваҳдати милли – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкиди бамаврид ва судманд кардаанд: «Дар ин

марҳалаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳиссси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад».(4.33)

Дар робита ба иҷрои таъкидҳои Сарвари давлат аҳли маорифи кишварро зарур аст, ки ҷиҳати соҳиб шудани наврасону ҷавонон ба дониш ва илмҳои муосир, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи исонпарварӣ тарбия намудани онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ба онҳо гиромӣ доштани таърихи гузаштагонамон, эҳтироми муқаддасоту рамзҳои давлатиро омӯзем ва ба рушди фарҳанги миллӣ такони ҷиддӣ бахшем.

Тавре ишора гардид, дар татбиқи андешаҳои баёншуда саҳми осорхонаи мактабӣ муҳим арзёбӣ шуда, масъулони онро мебояд ҷиҳати ташаккули ҳисси масъулиятшиносии хонандагон оид ба ҳифзи бозёфтҳои фарҳангию таърихии зодгоҳ, ифтихор аз мероси ниёгон, Ватан, эҳтиром гузоштан ба гузаштаву имрӯзаи кишвар, расму оин, урфу одатҳои миллӣ, умумибашарӣ иштироки бевосита ва фаъол намуда, дар ин раванд бояд тадбирҳои зерро амалӣ намоянд:

1.Роҷеъ ба ташаккули тарбияи ҳисси ватандӯстии хонандагон, ки он аз муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз гузашта ва имрӯза сарчашма мегирад мунтазам чораҳо андешанд.

2.Дар ниҳоди хонандагон хоҳиш ҳифзи сарчашмаҳои таърихӣ, бозёфт ва нигораҳои осорхонавиро, ки дорои арзиши баланди таърихианд парвариш кунанд.

3.Маводи осорхонаро пайваста дар ҷараёни таълим вобаста ба мавзӯъ мақсаднок истифода баранд.

4.Аҳамият, нақш ва мавқею манзалати таърих, осори ниёгонро дар шинохти Ватани азизу маҳбуб Тоҷикистон тарғиб намоянд.

5.Хонандагонро ба фаъолияти эҷодӣ ва таҳқиқот роҷеъ ба омӯзиши таърихи Ватан ва гиромидошти арзишҳои миллӣ ҷалб намоянд.

6.Тарғиб ва ташвиқи:

- меъроси таърихиву фарҳангии ниёгон, ки хотираи таърихии халқро ифода менамояд;

- урфу одат, анъанаҳо ва тарзи зиндагии миллатро, ки дар он хусусиятҳои миллии мафҳуми кишвар инъикос ёфтаанд, ба роҳ монанд.

7. Маҳсулот ва арзишҳои миллӣ, аз қабили: асбобҳои мусиқӣ, зарфҳои сафолӣ, кулолӣ, сӯзанӣ, қолину атлас, гиёҳҳои ватанӣ, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, боигарии миллӣ ва ҳифзи онҳоро миёни хонандагон таблиғ намоянд.

8. Тарбияи маниши (характери) миллӣ ва тафаккури миллии хонандагонро ташаккул диҳанд.

9. Тарбияи худшиносӣ, ваҳдат ва ифтихори миллиро миёни хонандагон рушд диҳанд.

10. Омӯзиши осори пурарзиши илмӣ, адабӣ таърихӣ ва асарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро доир ба тарбияи насли фаъолу эҷодкор ва худогоҳуояндасоз дар байни хонандагон ба роҳ монанд.

Дар анҷом бояд гуфт, ки ифтихор аз миллату дӯст доштани Ватан масъулияти баландро талаб мекунад. Аз ин рӯ, тавре бояд кору зиндагӣ кард, киояндагон аз дастовард, ташаббусҳои созанда ва ватандории мо ифтихор намоянд. Агар мо ваҳдати миллӣ ва дӯст доштани Ватани маҳбуб Тоҷикистонро вазифаи шаҳрвандиву маънавии хеш шуморем, он гоҳ метавонем дар ободию шукуфоии он саҳм гузорем.

**АДАБИЁТ:**


1.Васюткин Д.В. Школьный музей средство патриотического воспитания школьников //Современные проблемы образования: опыт и перспективы. - Ставрополь: Издательство СГУ, 2001.

2.Кудрина Т.А. Музей и школа / Т.А. Кудрина - Москва «Просвещение», 1985.

3. М. Лутфуллозода Педагогикаи миллии тоҷик. - Душанбе Сифат.- 2015 703с.

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе 22.12.2017- 47с.

5.Туронов С. Роҳнамои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. – Душанбе: Ирфон. - 2014. - 206с.

6.Ф. Шарифзода Педагогика назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. –Душанбе Ирфон. - 2010. - 544с

**Туронов С.**

**ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ТАВАССУТИ ОСОРХОНАИ МАКТАБӢ**

Дар мақола оид ба ташаккули тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстии наврасону ҷавонон, ҳифзу гиромидошти расму оин, анъана, ҷашну маросимҳо ва таъриху фарҳангӣ миллӣ аз ҷониби онҳо баён гардидааст. Ба андешаи муаллиф осорхонаи мактабӣ яке аз омилҳои таъсиррасон, пешбаранда ва вусъатбахши фаъолияти эҷодиву ҷамъиятии хонандагон маҳсуб ёфта, дар ин самт арзиши баланди тарбиявӣ дорад. Зеро маълумот дар бораи гузашта ва имрӯзи миллату давлат танҳо дар осорхона ҷамъоварӣ шуда, худогоҳиву хештаншиносии насли наврасро ташаккул медиҳад.

***Вожаҳои калиди:*** *ватан, таълим тарбия, осорхона, таърихӣ, фарҳангӣ, хонандагон.*

**Туронов С.**

**ФОРМИРОВАНИЕ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТАРШЕКЛАССНИКОВ ЧЕРЕЗ ШКОЛЬНЫЙ МУЗЕЙ**

В данной статье говорится о развитии национального самопознания и патриотизма учащихся в системе образования. По мнению автора, школьные музеи одни из влияющих факторов, способствующих и расширяющих литературную и социальную деятельность учеников. Поэтому экспонаты прошлих и сегодняшних национальных достижений сохраняются только в музее, формируя самосознание молодого поколения.

***Ключевые слова:*** *родина, обучение, воспитание, музей, история, культура, ученики.*

**Turonov S.**

**FORMATION OF PATRIOTIC EDUCATION OF HIGH SCHOOL STUDENTS THROUGH THE SCHOOL MUSEUM**

This article talks about the development of national self-knowledge and patriotism of students in the education system. According to the author, school museums are one of the influencing factors contributing to and expanding the literary and social activities of students. Because the data of past and current national achievements are preserved only in the museum, forming the self-consciousness of the younger generation.

***Key words:*** *homeland, teaching, education, museum, history, culture, pupils.*

**Сведения об авторе: Туронов Султонмурод Шарофович** – кандидат педагогических наук, научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126.

**Information about the author: Turonov Sultonmurod Sharofovich** - candidate of pedagogical sciences, Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 126 C. Aini St.

М. Б. КАРИМЗОДА

# СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНАЯ СРЕДА И ТРАДИЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ СЕМЬИ - ФУНДАМЕНТ ГАРМОНИЧНОГО РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РОСТА БУДУЩИХ ПОКОЛЕНИЙ

В качестве социального института семья выступает гарантом стабильности общества, а в качестве эволюционирующей системы - способствует его адаптации к переменам и инновациям. Имея достаточную степень автономности в рамках социума, семья органично вписывается в социальные взаимодействия, социально-экономические отношения, которые функционируют, видоизменяются и совершенствуются в ходе эволюции конкретных исторических эпох. Варьирование некоторых ролевых функциональных связей и признаков между членами семьи позволяет семье адаптироваться к текущей исторической ситуации, в условиях которой она функционирует. Социально-культурные и экономические изменения, происходящие в Республике Таджикистан, которые характеризуются новыми аспектами современного этапа общественного развития, активно и неизбежно оказывают влияние на содержательную составляющую жизни общества [3, С. 12].

Семья представляет собой первичную, малую социальную группу, лежащую в основе общества, в состав которой входят два и более человек, которые связаны между собой родственными, родительскими и брачными отношениями, несут ответственность друг перед другом и ведут общий быт.

В рамках семьи формируются межличностные и личностные отношения, и являясь моделью общества, она формирует, упорядочивает и развивает общественные отношения. Таким образом, семью рассматривают, как важнейший фактор в решении многочисленных проблем, стоящих перед обществом и человеком, институтом по воспроизводству поколений и содержанию нетрудоспособных членов общества. Институт семьи необходим как обществу в целом, так и каждому индивиду.

Особая роль семьи в социальном и естественном воспроизводстве населения обусловлена тем, что передавая от одного поколения следующему традиции, обычаи и ценности, моральные нормы, правила поведения, она обеспечивает тем самым преемственность поколений, занимая промежуточное место между общественными отношениями и социальными институтами, конкретными способами и формами жизнедеятельности и условиями жизни людей в рамках того или иного социального пространства.

Еще в глубокой древности семья стала объектов осмысления. Изучая прошлое, ученые определили условия, необходимые для возникновения и существования семьи. Появление института семьи было, прежде всего, вызвано потребностью человеческого общества в воспроизводстве, упорядочивании связей и сексуальных отношений между людьми, рождении детей и их воспитании. Ответом на эти потребности общества и стало создание семьи и формирование ее функций. Появились институты родства и брака, благодаря которым стало возможным регулирование отношений между детьми и родителями, женщиной и мужчиной [7].

Признаки возникновения семьи как социокультурного феномена обнаружены во всех цивилизациях. В история человечества нет другой, подобной семье, социальной общности, в рамках который сложились бы такие «человеческие» отношения к удовлетворению своих биологических потребностей. Таким образом, в изучении семейной проблематики можно выделить несколько научных подходов, среди которых: функциональные, эволюционные, сциентистские, этологические и эмпирические.

Как правило, семья является сложной системой межчеловеческих отношений, которая объединяет как супругов и их детей, так и других родственников. Именно это обусловливает отношение к семье, как к социальному институту, то есть к такой системе отношений, взаимодействий и связей индивидов, которые выполняют функции по воспроизводству человеческого рода и регулируют отношения, взаимодействия и связи, которые подвержены широкому контролю со стороны социума через механизм негативных и позитивных санкций.

Необходимо отметить, что ученые досоветской эпохи рассматривали семью как общественный социальный институт с точки зрения формирования этно-нравственных стереотипов и религиозных традиций. Таким образом, сформировалась твердая позиция, что семья в качестве базовой ячейки общества, которая связана родственными, родительскими и брачными отношениями, должна нести социальную, правовую моральную ответственность за продолжение рода и воспитание детей.

Как основополагающий общественный институт, семья выполняет широкий спектр функций. Представляя собой элемент динамично развивающейся реальности социокультурного характера, основные функции семьи также подвержены изменениям, в первую очередь, их ценностное содержание. Таким образом, нельзя переоценить значимость выявления изменений, происходящих в современной семье в контексте формирования наиболее важных черт и качеств личности, способной свободно ориентироваться в активно меняющемся социокультурном окружении [10, С. 78].

В ходе общественного развития, сопровождающегося жизненными изменениями и возникновением новых социальных отношений, семья подвергается процессу трансформации имманентных функций, что обусловлено, во-первых, непрерывными изменениями в самом обществе, во-вторых - переходом семьи от традиционного типа к модернизированному.

3.Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе. Контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высш. шк., 1991. –207 с.

4.Матвейкина В.П. Модель формирования математической компетентности студентов университета. Вестник ОГУ. №2 (138).-2012.С.115-121.

5.Носков М. Компетентностный подход к обучению математике / М. Носков, В. Шершнева // Высшее образование в России. – 2005. – №4. – С. 36–39.

6.Пидкасистый П.И. Организация учебно- познавательной деятельности студентов / П.И. Пидкасистый. – М.: Педагогическое общество России, 2005. – 144 с.

7.Плахова В. Г. Математическая компетенция как основа формирования у будущих инженеров профессиональной компетентности // Известия РГПУ им. А.И. Герцена. 2008. №82-2. URL: https: // cyberleninka. ru / article / n / matematicheskaya-kompetentsiya- kak- osnova-formirovaniya- u- buduschih- inzhenerov-professionalnoy- kompetentnosti (дата обращения: 09.05.2020).

8.Серая Г.В. Формирование профессиональных компетенций бакалавров-экономистов на основе учебных задач / Г.В. Серая, Е.А. Горнева, Е.В. Тасоева. // Вестник БГУ. 2015. №3. URL: https: // cyberleninka. ru / article / n / formirovanie-professionalnyh-kompetentsiy-bakalavrov-ekonomistov-na-osnove-uchebnyh-zadach (дата обращения: 09.05.2020).

**Азимова Н.С.**

## МОДЕЛЬ ФОРМИРОВАНИЯ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА

В данной статье рассмотрена проблема формирования математической компетентности студентов в высших учебных заведениях в условиях реализации компетентностного подхода.

Автор статьи отмечает, что одним из критериев конкурентоспособности специалиста является его компетентность в различных областях. Математическая компетентность определяется как способность логически мыслить, оценивать, выбирать и использовать информацию и принимать самостоятельные решения. Автор предлагает модель формирования математической компетентности студентов вузов, теоретико- методологической основой которой является компетентностный подход к профессиональному образованию.

При разработке структуры модели процесса формирования математической компетентности студентов выполнялись дидактические требования к созданию модели, исходя из его специфики; показаны этапы и средства формирования, условия, обеспечивающие эффективность развития математической компетентности студентов вуза. Утверждается, что условие сильной мотивации к обучению математике является одним из важнейших условий формирования математической компетентности студентов и помогает определить роль математики в профессиональной деятельности будущего специалиста.

***Ключевые слова**: компетентность, компетенции, математическая компетентность, интегрирование, профессиональная деятельность, моделирование, математические знания, компетентностный подход, мотивация, самообразование.*

**Azimova N.S.**

## A MODEL FOR THE FORMATION OF MATHEMATICAL COMPETENCE OF STUDENTS IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS UNDER CONDITIONS OF IMPLEMENTATION OF A COMPETENCE APPROACH

This article discusses the problem of the formation of mathematical competence of students in higher education in the context of the implementation of the competency-based approach.

The author of the article notes that one of the criteria for a specialist’s competitiveness is his competence in various fields. Mathematical competence is defined as the ability to think logically, evaluate, select and use information and make independent decisions. The author offers a model for the formation of mathematical competence of university students, the theoretical and methodological basis of which is the competency-based approach to professional education. The author offers a model for the formation of mathematical competence of university students, the theoretical and methodological basis of which is the competency-based approach to professional education.

When developing the structure of the model of the process of forming the mathematical competence of students, didactic requirements for creating a model were fulfilled, based on its specificity; stages and means of formation, conditions ensuring the development of mathematical competence of university students are shown.
The condition of strong motivation for learning mathematics is one of the most important conditions for the formation of mathematical competence of students and helps to determine the role of mathematics in the professional activity of a future specialist.

***Key words:** competence, competences, mathematical competence, integration, professional activity, modeling, mathematical knowledge, competency-based approach, motivation, self-education.*

**Сведения об авторе: Азимова Н.С.,** 1976 г.р., Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доцент кафедры математических дисциплин и современного естествознания. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735700, г. Худжанд, 17 мкр, дом 1. www.tsulbp.tj. E-mail: nazira-tgu@mail.ru)

**Information about the author: Azimova N. S.** (born in 1976, Tajik state University of law, business and politics, associate Professor of the Department of mathematical disciplines and modern natural science. Address: Republic of Tajikistan, 735700, Khujand, 17 MD, house 1. www.tsulbp.tj. E-mail: nazira-tgu@mail.ru)

**Р. АТОХОНОВ**

# БАЪЗЕ ЛАҲЗАҲОИ ИСТИФОДАИ СИНОНИМҲО ДАР ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲИ ПСИХОЛОГӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ ПСИХОЛОГ

**1. Чанд сухан дар бораи синонимҳо.** Дар корҳои тадқиқотӣ ва амалияи психологӣ ба назар мерасад, ки психологҳо ва ҳавасмандони сершумори дигар аз нозукиҳои истифодабарии синонимҳо ба дараҷаи кофӣ хабардор нашудаанд. Ин ҳолат хусусан дар китобҳои чопшуда, мақолаҳо, тарҷумаҳои «худихтиёрии» беасоси истилоҳоти психологӣ зоҳир мешаванд.

Умуман, синонимҳо калимаҳое мебошанд, ки маънояшон як хел аст ё ба якдигар наздиканд. Синонимҳои лексикӣ дар забон ва адабиёт, махсусан ҳангоми дар асарҳои бадеӣ истифода бурдани имкониятҳои онҳо барои дар матн баён намудани тобишҳои гуногуни маъноӣ ва услубӣ муҳим мебошанд.

**2. Зуҳуроти қатори калимаҳои синонимии психологӣ.** Дар назария ва амалияи психологӣ барои истифода бурдани ҳамин хел имкониятҳои синонимҳо эҳтиёҷ ҷой дорад: махсусан ҳангоми тарҷума кардан ва истифода бурдани захираи луғавии сифатҳои шахс ва хислатҳои характер ба қатори синонимҳо эътибор додан зарур мешавад. Масалан, калимаи русии *обаятельный*-ро тарҷума карданӣ шавем ва роҳи татбиқашро ҷустанӣ бошем, маҷмӯи калимаҳои мазмунан наздики зеринро дарёфт мекунем: дилписанд, дилрабо, ҷозибадор, фатон, ситорагарм; агар калимаи *обаяние*-ро гирем бо қатори зерини калимаҳо дучор мешавем: дилрабоӣ, ҷозиба, фатонат, мафтун будан, фитнаангез будан.

Дар чунин ҳолат мо бояд *мафҳуми такягоҳии* психологиро ҷудо кунем. Ба сифати мафҳуми такягоҳӣ он калимае аз синонимҳо қабул карда мешавад, ки бештари калимаҳои маънояшон ба якдигар наздикро дар бар мегирад. Дар мисоли мо калимаи *дилрабо* ҳамин хел мафҳуми такягоҳӣ шуда метавонад ва калимаҳои боқимонда қатори синонимҳоро ташкил медиҳанд. Дар назарияи синонимҳо чунин калимаҳоро доминанта меноманд.

Дар нутқи муқаррарии ҳаётӣ, вобаста ба урфу одат ва хусусиятҳои диалектологии маҳалҳои гуногун дар ҳамдигарфаҳмӣ душворӣ пайдо шуда метавонад. Дар ҳолати муоинашванда чунин сифати шахс монанди «обаяние» маънои «дилрабоӣ»-ро дорад, ки ин ба мазмуни калимаҳои қатори синонимӣ мувофиқат мекунад (масалан, одами дилрабо фитнаангез ҳам шуда метавонад, аммо дар рафтори фитнаангези холис ҳисси дилрабоӣ зоҳир шуданаш аз эҳтимол дур аст).

Ин мулоҳизаҳоро дар ҷадвали зерин тасвир карда метавонем:

| **Обаяние** | **дилрабоӣ** |
|---|---|
| обаятельно,<br>обаятельный,<br>обаятельность,<br>очарование,<br>очаровательно,<br>очаровательный.<br>[2],[3] | дилрабо,<br>дилбар,<br>дилписандӣ,<br>дилфиребӣ<br>малоҳат,<br>мафтун будан,<br>ситорагарм будан, ҷозибадорӣ,<br>фатонат,<br>фитнаангез,<br>зиракӣ |

Дар фаъолияти психолог ба мафҳуми илмӣ табдил ёфтани такягоҳӣ ба мақсад мувофиқ аст: чунин амал ҳамдигарфаҳмиро дар муҳокимаҳои илмӣ таъмин мекунад ва ҳалли масъалаи психологӣ ба роҳи дуруст даромада метавонад.

Мисоли дигарро дида мебароем: агар сухан дар бораи калимаи *очарование* равад, онро ҳамчун дорандаи маъноҳои зерин шарҳ додан мумкин аст: дилбарӣ, дилрабоӣ, дилфиребӣ, ҷозибият, фатонат. Калимаи *очарованный* маъноҳои афсуншуда, сеҳрзада, мафтун, шефта, қоилро дорост; калимаи *очаровательность* ба маънои дилбарӣ, дилкашӣ, дилрабоӣ, фатонат, малоҳат, ҷозибият, малоҳат (намакин будан: ҳусни бонамак, сабзи бонамак, ситорагармӣ, ҷозибадорӣ) меояд (ниг.: [1], [2], [3]). Маънои калимаи

*очаровательный* дилбар, дилкаш, дилрабо, диловез, ҷозиб мебошад; калимаи *очаровать* маънои ҷоду кардан, афсун кардан, сеҳр кардан, дил рабудан, мафтун кардан, мубтало кардан, шайдо кардан, шефта карданро дорад; калимаи *очароваться* дил додан, шефта шуданро мефаҳмонад; калимаи *очаровываться* маънои ҷоду шудан, афсун шудан, сеҳр шудан, дил додан, мафтун шудан, мубтало шудан, шайдо шудан, шефта гардидан, мафтун шуданро дорад.

Дар ин мисол ҳам мафҳуми такягоҳӣ (доминанта) гӯё боз дилрабо мешавад. Вале мавҷудияти дигар хел тобишҳои маъноӣ ба дурустии ин фикр халалдор мешавад: инҳо калимаҳои ҷоду кардан ва шефта шудан мебошанд. Мавқеи ин ду калима барои яке аз онҳоро мафҳуми такягоҳӣ ҳисобидан шубҳаовар мегардад. Бо мақсади бартараф намудани шубҳаи пайдошуда ба маънои калимаи русии «чары» эътибор медиҳем: *чары* – ҷоду, афсун, сеҳр кардан мебошад ва таҳтмаънояш дилрабоӣ, дилбарӣ, дилфиребӣ, фатонат ва ҷозибанокӣ аст. Таҳлили маълумоти пайдошуда имконият медиҳад, ки чунин хулосаро баён намоем: калимаи *очарование* ҳамчун *сеҳрангез будан*, калимаи *очаровательный* бояд *сеҳрангез* тарҷума карда шавад ва мафҳуми такягоҳӣ ба ҳисоб равад; он гоҳ калимаҳои ҷоду, афсун, қоил кардан ва ғ. қатори синонимҳоро ташкил медиҳанд. Дар матни луғат ба тарзи зерин қайд кардан мумкин аст (ниг.: [1, с. 344], [2], ([4, с. 1196], [6], [9, с. 231-232]):

| **Очарование** | **сеҳрангез будан** |
|---|---|
| восхитительность, обаятельность, обаяние, обворажительный, чаровать, зачаровывать, околдовывать, завораживать, обворожительно, обольстительность, обвораживать, очарованность, очаровательный, очаровать, очароваться, очарованный, очаровывать, прелесть, прелестно, пленительно, пленять, пленительность, покорить, прельщать, прелестный, прельщаться, привлекательность, прекрасный, приворажить, шарм, сводить с ума, чарующе. [2], [6] | сеҳрангез, афсунгар, қоилкунанда, ҷодукунанда, дилбарӣ, дилрабоӣ, дилфиребӣ, малоҳат, ҷозибият, фатонат, зиракӣ. |

Ба қатори синонимӣ тааллуқдор будани ҳамон як предмет, ҳодиса ё хусусияти объекти омӯхташаванда ва факти бо ҳамон як муносибат алоқа доштани онҳо имконият медиҳад, ки сифатҳояшон бо калимаҳои гуногун баён карда шаванд: падар, модар, падару модар, волидайн; ё фарзандон, писарон, духтарон, писару духтарон, бачаҳо, бачагон. Ин қоида дар мавридҳои барои муҳокимаронии мо муҳим ва ба хислатҳои характер дахлдошта ҳам аз байн намеравад.

*Мисоли 1.*

| Пассивный | ғайрифаъол |
|---|---|
| инертный, бездейственный, безучастный, бездеятельный, безразличный, безинициативный, созерцание, созерцательный (не по отношению к человеку).[2], [6]. | ғайрифаъол, сустӣ, камҳаракат будан, бепарво(ёна), беғайрат, беҳавсала, беташаббус, муроқиба. |

Ибораҳои зерин намунаи шарҳи тобиши маъногии ин калимаҳо шуда метавонанд: хонандаи ғайрифаъол – хонандаи камҳаракат; одами бепарво – одами муносибате зоҳир кардан намехостагӣ, одами беташаббус – одами беғайрат ва монади ин [3, с. 99].

*Мисоли 2.*

| Стройный | мутаносиб |
|---|---|
| статный, изящный, складный, ладный, грациозный, гибкий, гибкость, ровный, сложенный. [2] | хушқаду қомат, мавзун, хушқаду қомат, хушқаду қомат, хушандом, нафис, латиф, нозукбадан, хушқаду қомат. |

Дар ин маврид намунаи шарҳи тобиши маъногии калимаҳо чунин шуда метавонад: мутаносиб – хушқаду қомат, қомати мавзун – қомати латиф, одами хушқаду қомат – одами хушандом, нафис, одами нафиспӯшу латиф, нозукбадан.

Ниҳоят, боз ду мисоле мегирем, ки онҳо намунаи қатори синонимии мувофиқати ягона доштагӣ мебошанд.

*Мисоли 3:* (калимаҳои доминантӣ – *ошибка* ва *хато*, ки онҳо амалҳои иҷрошударо нишон медиҳанд).

| Ошибка | хато |
|---|---|
| оплошность, погрешность, заблуждение, недосмотр, неточность, неправильность, неправильный, обмишуриться, обмануться, ошибочный, промах, просчёт, погрешность, промашка, ляпсус, неправильность, просчёт, путать, сбиваться, плошать (оплощать). [2], [3], с. 98]. | саҳв, иштибоҳ, ғафлат, иштибоҳ, бедиққатӣ, кӯтоҳӣ, саҳв, бепарвоӣ, камбудӣ, нодурустӣ, нуқсон. |
| | Ғалат – ниг. *Хато* |

*Мисоли 4: (*калимаҳои доминантӣ – *замкнутый* ва *дамдарун*, ки онҳо хислатҳои характерро шарҳ медиҳанд).

| **Замкнутый** | **дамдарун** |
|---|---|
| обособленный,<br>скрытный,<br>изолированный,<br>необщительный, нелюдимый,<br>умолчать,<br>затихать,<br>замереть,<br>замыкаться.<br>[2], [3, с. 60], [6] | одами сӯр,<br>дарундор,<br>дамдузд,<br>аз ҷамъият дур,<br>улфатнопазир,<br>одамгурез,<br>канорҷӯй<br>гӯшагир. |

Мутахассисон-олимони ин соҳаи дониш таъкид мекунанд, ки дар байни ду қатори синонимии лексикии ду забон на ҳамеша мувофиқати маъногии пурра ҷой дошта метавонад. Масалан, агар аз қатори калимаҳои синонимии русӣ сар кунем, чунин номувофиқатиро дидан мумкин аст.

*Мисоли 5.*

| **Гибкий** | **нозук** |
|---|---|
| гнущийся,<br>легко сгибающийся,<br>приспособляемость,<br>стройный.<br>[2, с. 104], [3, с. 134],<br>[8, с. 864-865]. | латиф,<br>зариф,<br>нарм,<br>мулоим,<br>нозукбадан,<br>нозукандом,<br>нозуктинат,<br>нозукдил. |

Дар ин мисол калимаи «гибкий» доминанта (мафҳуми такягоҳӣ) мебошад, вале дар мисоли пештар дида баромадаи доминантааш «стройный» (мисоли 2) он яке аз калимаҳои шарҳдиҳанда буд. Дар мисоли додашуда калимаи «стройный», баръакс, калимаи шарҳдиҳандаи доминантаи «гибкий» мебошад.

Дар ду мисоли зерин калимаи «гибкий», калимаҳои «нозукбадан» ва «моҳир» ба сифати доминанта (мафҳуми такягоҳӣ) баромад мекунанд.

*Мисоли 6.*

| **Гибкий** | **нозукбадан** |
|---|---|
| гнущийся,<br>легко сгибающийся,<br>приспособляемость,<br>стройный.<br>[2, с. 104], [3, с. 134],<br>[8, с. 864-865]. | латиф,<br>зариф,<br>нарм,<br>мулоим,<br>нозукбадан,<br>нозукандом,<br>нозуктинат,<br>нозукдил. |

*Мисоли 7.*

| **Гибкий** | **моҳир** |
|---|---|
| гнущийся,<br>легко сгибающийся,<br>приспособляемость,<br>стройный.<br>[2, с. 104], [3, с. 134],<br>[8, с. 864-865]. | устоди кор,<br>бомаҳорат. |

Аз ин мулоҳиза хулоса бармеояд ки дар рафти ҳалли муаммоҳои психологии аксаран бо таҳлили зуҳуроти сифатҳои шахс ва хислатҳои характер алоқаманд ибораи «мафҳуми

такягоҳӣ»-ро ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти мафҳуми «доминанта» қабул кардан мумкин аст.

Агар калимаи «нозук»-ро аз ҳамин мавқеъ муоина намоем, он гоҳ ду қатори синонимҳоро нишон додан мумкин аст (мисолҳои 8 ва 9).

*Мисоли 8:* нозук (доминанта – *нафис* будан): нозукбадан (мавзунӣ), латиф, зариф;

*Мисоли 9:* нозук (доминанта – *хислатҳои характер* ва *сифатҳои шахс*): нозукбин (дурандеш), нозуктабиат, нозуктабъ, нозу нуз (як намуди якравӣ), нозуктинат, нозукдил, мулоим.

**3. Имконияти татбиқи синонимҳо дар раванди таълим.** Чунин гуногунрангӣ ва тағйирёбандагии мавқеи калимаҳо дар ҳодисаҳои психикӣ дар синонимӣ ифода ёфта дар интихоб ва татбиқи онҳо душвории барзиёд ба вуҷуд намеорад. Муҳим буданаш он аст, ки муаллиф мавқеъ ва мавриди истифодабарии онро дарёбад.

Барои равшании фикр мисолеро аз масъалаҳои психологии бо методикаи таълим алоқаманд дида мебароем.

*Мисоли 10.* Фарз мекунем, ки қатори синонимҳои доминантааш «хато» инҳо мебошанд: саҳв, иштибоҳ, ғафлат, бедиққатӣ, кӯтоҳӣ, бепаррвоӣ, камбудӣ, нодурустӣ, нуқсон (мисоли 3). Онҳо гарчанде маънои умумии хаторо дошта бошанд ҳам, бо сабабҳои пайдоишашон аз якдигар фарқ мекунанд. Дар мавриди тафовут доштани сабабҳои объективии ҳолдисаҳои психикӣ ва таълимӣ тарзи амал бо хатоҳо ҳам бояд тағйир ёбад. Хулоса, зарурати ислоҳ намудани ҳар як намуди хато бо тарзи ба он мувофиқи ислоҳкунӣ роҳи ҳалли ин масъаларо муайян карда метавонад.

Таҷрибаҳои мувофиқ дар ҷараёни таълим ҷой доранд. Масалан, дар рафти таълими математика ҷудо кардани намудҳои хато ҳангоми иҷро кардани супоришҳо ва ҳалли масъалаҳои математикӣ зуд-зуд дучор мешаванд. Дар адабиёти методӣ намудҳои зерини хаторо нишон медиҳанд:

1) хато ва кӯтоҳфикрӣ, ки сабаби он бедиққатӣ мебошад: масалан, барои ташаккул додани тасаввуроти назариявӣ кӯшиш накардан, тарзи иҷрои амалҳои математикиро ноаниқ аз худ кардани хонандаҳо;

2) хатоҳое, ки бо кифоя набудани тайёрии мантиқии талабаҳо алоқаманд мебошанд: нофаҳмо будани сохтори ҷумлаҳои математикӣ (масалан, теоремаҳо), нофаҳмо будани тарзи исбот кардани онҳо;

3) хатоҳое, ки натиҷаи ноустувории худзораткунии хонандаҳо мебошанд ё ташаккул наёфтани он.

Масалан, агар ба тарафи рости нақшаи мисоли 3 нигарем, фаҳмидан мумкин аст, ки хатои хонанда сабаби гуногун дошта метавонад ва роҳҳои ислоҳи онҳо ҳам тафовут доранд:

– саҳв (ноустувории дониш ё бедиққатии лаҳзагии хонанда);
– иштибоҳ (ноустувории дониш ва рӯяукӣ будани он);
– ғафлат (ҳолати лаҳзагии психологӣ, камбудӣ дар худназораткунӣ);
– бедиққатӣ (ноустувории диққат, парешонии он);
– кӯтоҳфикрӣ (аз рӯйи намуна нодуруст амал кардан);
– нуқсон (беэҳтиётӣ);
– нодурустӣ (хато дар дониш ва иҷрои амалҳои математикӣ, донишҳои азхуднашуда);
– камбудӣ (ҳар хел хатоҳо, ки асоси пайдоиши онҳо беэҳтиётӣ мебошад).

Фаҳмост, ки одатан пайвасти вариантҳои гуногуни намудҳои хато дучор мешаванд, пас сабабҳои онҳо низ бояд низомеро ба вуҷуд оранд. Масалан, аз эҳтимол дур нест, ки сабабҳои имконпазири мантиқӣ бо устувории худназорат алоқаманд бошанд..

Чанд мисолро дида мебароем.

*Мисоли 11.*

**Супориш:** қимати ифодаи ададиро ҳисоб кунед: $(-4)^{-2}$.

Хонанда супоришро иҷро мекунад: $(-4)^{-2} = 16$, ки ин нодуруст аст.

Тарзи дурусти иҷро кардани супориш чунин аст:

$$(-4)^{-2} = \frac{1}{(-4)^2} = \frac{1}{16}.$$

Сабаби хато: надонистани тарзи иҷрои амал дар ифодаҳое, ки нишондиҳандаҳои дараҷаашон адади манфӣ мебошад.

Сабаби дигари хато: агар хонанда гӯяд, ки «Ман саҳв кардам», хаторо ислоҳ кардани худаш беҳтар аст.

Амалиёти педагогӣ (таъсирбахшии педагог) хотима меёбад: 1) муаллим азхудкунии тарзи иҷрои амалҳоро бо ифодаҳои нишондиҳандаҳои дараҷаашон манфӣ устувор мегардонанд; 2) худи хонанда хатояшро (саҳв) карданашро ислоҳ мекунад; 3) саҳв кардан аз бедиққатӣ ва сустии худназорат аст, – аксари хонандаҳо ба адади манфӣ будани нишондиҳандаи дараҷа эътибор намедиҳанд.

*Мисоли 12.*

Супориш: қимати ифодаро ҳисоб кунед: $2^{-2}$.

Хонанда супоришро иҷро мекунад $2^{-2}=\frac{1}{2^{-2}}$, ки ин хато мебошад. Сабаби хато: 1) надонистани тарзи амал бо ададҳое, ки нишондиҳандаи дараҷаашон адади манфӣ доранд; 2) надонистани тарзи амал бо ифодаҳои (ададҳои) касрӣ: $2^{-2}=\frac{1}{2^2}=\frac{1}{4}$.

Амалиёти педагогӣ (таъсирбахшии педагогӣ) хотима меёбад: 1) муаллим тарзи иҷрои амалҳоро бо ифодаҳои нишондиҳанддашон манфӣ устувор мегардонад.

*Мисоли 13.*

Супориш: ифодаи додашударо содда кунед: $\frac{1}{a-b}-\frac{1}{a+b}$.

Иҷрои супориш: $\frac{1}{a-b}-\frac{1}{a+b}=\frac{a+b-a-b}{a^2-b^2}=0$. Ин хато мебошад.

Иҷрои дурусти супориш: $\frac{1}{a-b}-\frac{1}{a+b}=\frac{a+b-(a-b)}{a^2-b^2}=\frac{a+b-a+b}{a^2-b^2}=\frac{2b}{a^2-b^2}$.

Амалиёти педагогӣ (таъсирбахшии педагогӣ) хотима меёбад: 1) муаллим тарзи иҷрои амалҳоро бо ифодаҳои дорои аломатҳои минус ва плюс устувор мегардонад.

Мисоли 14.

14.1. Супориши 1: ифодаи $(a+b)^2$-ро мувофиқи қоидаи квадрати суммаи ду адад кушоед. Иҷрои супорши 1 $(a+b)^2=a^2+b^2$, ки ин хато аст. Ҳалли дурусташ: $(a+b)^2=a^2+2ab+b^2$.

Сабаби хато: надонистани қоидаи кушодани ифодаи квадрати суммаи ду адад ва ташаккулёфта набудани малакаи истифодаи ҳамин қоида.

14.2. Супориши 2: ифодаи $(a-b)^2$-ро мувофиқи қоидаи квадрати фарқи ду адад кушоед. Иҷрои супорши 2 $(a+b)^2=a^2-2ab-b^2$, ки ин хато аст. Ҳалли дурусташ: $(a-b)^2=a^2-2ab+b^2$.

Сабаби хато: надонистани қоидаи кушодани ифодаи квадрати фарқи ду адад ва ташаккулёфта набудани малакаи истифодаи ҳамин қоида.

14.3. Супориши 3: ифодаи $(a+b)^3$-ро мувофиқи қоидаи куби суммаи ду адад кушоед. Иҷрои супорши 3 $(a+b)^3=a^3+b^3$, ки ин хато аст. Ҳалли дурусташ: $(a+b)^3=a^3+3a^2b+3ab^2+b^3$.

Сабаби хато: надонистани қоидаи кушодани ифодаи куби суммаи ду адад ва ташаккулёфта набудани малакаи истифодаи ҳамин қоида.

14.4. Супориши 4: ифодаи $(a-b)^3$-ро мувофиқи қоидаи куби фарқи ду адад кушоед. Иҷрои супорши 4 $(a-b)^3=a^3-b^3$, ки ин хато аст. Ҳалли дурусташ: $(a-b)^3=a^3-3a^2b+3ab^2-b^3$

Сабаби хато: надонистани қоидаи кушодани ифодаи куби фарқи ду адад ва ташаккулёфта набудани малакаи истифодаи ҳамин қоида.

Амалиёти педагогӣ (таъсирбахшии педагогӣ) хотима меёбад: хонандаҳо таҳти назорати муаллим тарзи иҷрои амалҳоро дар формулаҳои зарби мухтасар ба хотир мегиранд. Ба назар мерасад, ки ҳамин тарзи ислоҳкунӣ ҳангоми бо мафҳумҳо ва қоидаҳои муҳим (масалан, теоремаҳо) амал кардан усули самарабахш мебошад.

*Мисоли 15.*

Супоришя: муодилаи квадратии касриро ҳал кунед: $\frac{x^2+5x+6}{x-3}=0$.

Ичрои супориш: $\frac{x^2+5x+6}{x-3} = 0,$

$\frac{(x-2)(x-3)}{x-3} = 0;$

$(x-2)(x-3) = 0;$

$x - 2 = 0$ *ки* $x - 3 = 0.$

*Аз ин ҷо* $x_1 = 1$, $x_2 = 3$. Ин ҳалли нодуруст.

Ҳалли дурусти муодила:

$\frac{x^2+5x+6}{x-3} = 0,$

$\frac{(x-2)(x-3)}{x-3} = 0;$

$x - 2 = 0 \ (x - 3 \neq 0).$

$x = 2 \quad (x \neq 3)$. Ҷавоб: 2.

Сабаби хато: ба эътибор нагирифтани СҚР, ки ин аз нопурра будани дониш шаҳодат медиҳад ё ба бепарво будани хонанда нисбат ба мазмуни супориш ишорат мекунад.

Амалиёти педагогӣ (таъсирбахшии педагогӣ) хотима меёбад: муаллим тарзи иҷрои амалҳоро бо ифодаҳои касрӣ ва ба зарбкунандаҳо ҷудо кардани ифода ва маънои ибораи соҳаи қиматҳои раворо устувор мегардонад.

Дар баробари ин мулоҳизаҳо қайд мекунем, ки аз хатоҳо ба назар фоиданок истифода бурдан ҳам мумкин аст: ; онҳо имконияти эҷодии хонанда ва шахси ҳавасмандро ошкор карда метавонанд. Ба хатоҳое, ки дар рафти омӯхтани мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ, дар хонаву дарсҳо иҷро кардашуда дучор мешаванд, баҳои манфӣ додан ба мақсади кори таълимӣ мувофиқ нест.

Ҳаминашро низ фаҳмидан дозим аст, ки истифода бурдани мулоҳизаҳои баёншуда ҳамкории муаллими фанни таълимӣ ва психологро металабад.

Ҳамин тавр,

1) ҳангоми тартиб додани луғати истилоҳоти психологӣ ба сифати мафҳуми такягоҳӣ клима-доминантаи қатори синонимҳоро қабул кардан лозим аст ва он мавқеи мафҳумро ишғол менамояд;

2) истифода бурда тавонистани синонимҳо барои ҳалли масъалаҳои психологӣ, хусусан дар таҳлили хислатхои характер ва сифатҳои шахс имконият медиҳанд, ки асоси аниқтари муайян кардани роҳи ҳалли масъалаҳои мувофиқати байни одамон муайян карда шавад;

3) дар ҷараёни таълими фанҳои гуногун алоқамандии байни хатоҳо ва сабабҳои психологии пайдоиши онҳо ошкор мешаванд, ки ин имконияти беҳтар гардидани сифати ҳамкории байни муаллим ва хонанда мегардад.

## АДАБИЁТ:


1. **Айнӣ С.** Куллиёт. Ҷилди 12. Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1976. 570 с.

2. **Александрова З.Е.** Словарь синонимов русского языка: ок. 9000 синонимических рядов / Под ред.Л.А. Чешко. 5-е изд.,стереотип. М.: Рус. яз., 1986. 600 с.

3. **Капранов В.А., Николаев И.Н., Халилов А.Х.** Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо. Душанбе: Маориф, 1985. 368 с.

4. **Русско**-таджикский словарь: свыше 72 000 слов / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др.; Под ред. М.С. Асимова. М.: Рус. яз., 1985. 1280 с.

5. **Саидов А., Аюби Нуралӣ.** Забони адабии тоҷик : барои донишҷӯёни факултети ғайрифилологии мактаби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. Душанбе: ҶД ММ «Ямини Содиқ», 2008. 268 с.

6. **Словарь русского языка** / Составитель С.И. Ожегов. Под общей редакцией академика П.П. Обнорского. Изд 3-е. М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1953. 848 с.

7. **Словарь синонимов** и антонимов современного русского языка: 50000 слов / Под редакцией А.С. Гавриловой. М.: «Аделант», 2014. 800 с.

8. **Фарҳанги забони тоҷикӣ** / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди I. М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. 952 с.

9. **Фарҳанги забони тоҷикӣ** / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди II. М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. 952 с.

**Атохонов Р.**

## БАЪЗЕ ЛАҲЗАҲОИ ИСТИФОДАИ СИНОНИМҲО ДАР ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ПСИХОЛОГӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ ПСИХОЛОГ

Дар мақола тавсифи умумию мухтасари синонимҳо, зуҳуроти онҳо дар мисолҳои психологӣ ва алоқамандии байни мафҳумҳои такягоҳӣ ва доминанта диққат дода шудааст. Дар тадқиқот ва фаъолияти амалии психолог ошкор мегардад, ки барои ҳал кардани баъзе масъалаҳои психологӣ истифода бурдани қатори синосимӣ фоидабахш мебошад. Дар мисоли супоришҳои математикӣ нишон дода шудааст, ки калимаҳои қатори синонимӣ ба муайян намудани сабабҳои психологии пайдоиши хато дар иҷрои амалҳои математикӣ, намудҳои хато ва ислоҳ кардани онҳо имконият медиҳад. Истифодаи қатори синонимхо барои дуруст тарҷума кардани истилоҳи психологӣ низ аҳамияти калон дорад.

***Калимаҳои муҳим:*** синоним, тадқиқоти психологӣ, амалияи психологӣ, мафҳуми такягоҳӣ, доминанта, масъалаи психологӣ, хато, намудҳои хато, сабаби хато, ҳамдигарфаҳмӣ, таъсирбахшии педагогӣ.

**Атаханов Р.**

## НЕКОТОЫЕ МОМЕНТЫ ПРИМЕНЕНИЯ СИНОНИМОВ ПРИ ПЕРЕВОДЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ И ПРАКТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПСИХОЛОГА

В статье обращено внимание на общее и краткое описание синонимов, их проявление на примере психологических задач и свзи опорных понятий с доминантой. В иследовании и практической деятельности психолога раскрывается, что для решения некоторых психологических задач бывает полезным использование синонимического ряда слов. На примере математических заданий показано, что применение синонимического ряда слов позволяет определить психологические причины возникновения ошибок при выпорнении математических действий, видов ошибок и возможностей их исправления. Исползование синонимического ряда слов имеет больщое значение также для осуществления перевода психологических терминов.

***Ключевые слова:*** синоним, психологическое исследование, практическая психология, опорное понятие, доминанта, психологическая задача, ошибка, виды ощибок, причины ошибок, взаимпонимание, психологическое воздействие.

## SOME MOMENTS OF APPLYING SYNONYMS AT TRANSLATION OF PSYCHOLOGICAL TERMS AND PRACTICAL ACTIVITIES OF A PSYCHOLOGIST

The article draws attention to a general and brief description of synonyms, their manifestation on the example of psychological problems and the connection of supporting concepts with a dominant. The study and practical work of a psychologist reveals that for the solution of certain psychological problems it is useful to use a synonymous series of words. Using mathematical tasks as an example, it is shown that the use of a synonymous series of words allows us to determine the psychological causes of errors when performing mathematical actions, types of errors, and the possibilities for their correction. The use of a synonymous series of words is also of great importance for the translation of psychological terms.

***Keywords:*** *synonym, psychological research, practical psychology, supporting concept, dominant, psychological task, error, types of errors, causes of errors, mutual understanding, psychological impact.*

**Сведения об авторе: Атаханов Разиюлло** – доктор психологических наук, профессор кафедры социальной психологии и психологии семейных отношений Таджикскоро государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Адрес: проспект Рудаки, 121, тел. +992 918 792347. E-mail: atakhanov36@mail.ru

**Information about the author: Atakhanov Raziyullo** - Doctor of Psychological Sciences, Professor of the Department of Social Psychology and Psychology of Family Relations of Tajikskoro State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: Rudaki Avenue, 121, tel. +992 918 792347. E-mail: atakhanov36@mail.ru

**Б. ҲАКИМОВА**

# ОМӮЗИШИ НАҚШАИ БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

«*Рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятнок ва махсуси сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон эълон шудааст. Зеро танҳо ба воситаи омӯхтани илму дониши муосир, пешбурди дурусти низоми таълим ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои замонавӣ метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ расид*».

***Эмомалӣ Раҳмон***

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои ибтидоӣ (1-4), аз ҷумла, тавассути рӯ овардан ба такмили маҳорати омӯзиш, таҳқиқи таъмини механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, бештар рӯ овардан ба такмили маҳорати омӯзиши мустақилона, бедор намудани шавқу завқи худомӯзию худташаккулдиҳӣ ҳамкории судманди таълимгоҳ, оила ва ҷомеа, ки дар маҷмӯъ ба наздик сохтани сифати барномаҳои таълими фанни мазкур ба талаботи замони муосир ва рушди шахсияти комил корҳои муайянро мавриди иҷро қарор додаст.

Дастовард, мушкилот ва чашмдошти татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои 1-4.

Рушду нумуи ҷомеа ва ҳар як фарди он дар шароити пешравии босуръати технологияи навини омӯзиши забони тоҷикӣ ва русӣ тавассути ворид сохтани тағйиру илваҳо ба стандарт ва барномаҳои таълимии муосир бештар ниёз ва эҳтиёҷ пайдо мекунад.

Мақсади мукаммал гардонидани талаботи барномаҳои таълимӣ вобаста ба пешрафти илм ва техникаи замонавӣ ба хонандагон омӯзонидани забони модарӣ ва русӣ, ташаккул додани маҳорату малакаи татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал мебошад. Вобаста ба талаботи мазкур хонандагони имрӯза бояд на танҳо ҷузъиёти асосии донишро омӯзанд, балки роҳ, тарзҳои забономӯзӣ, ҳосил намудани донишҳои умумии базавӣ ва татбиқи амалии онҳоро аз худ кунанд.

Таҳияи Барномаҳои таълимӣ аз талаботи стандарти фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ бармеояд ва ҷузъи асосии талаботро ба таълими фанни забон дар ин зина ташкил медиҳад. Азхудкунии ҳадди ақали он барои ҳар як хонанда вобаста ба салоҳиятҳои дар онҳо пешбинишуда шарт ва зарур ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳияи стандарт ва барномаҳои насли нав дар кишвар дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ гардидааст ва дар онҳо мазмуни таҳсилот ба талаботи замон ва шароити кунунии муассисаҳои таълимии кишвар ба эътибор гирифта шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат дар соли 2015 роҷеъ ба нақши муассир доштани омӯзгорон дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф таъкид намуда буданд: *"... самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва ҳамқадами замон гарданд."*

Омӯзиш, мушоҳида ва таҳқиқоти вазъи татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти кишвар, ки тибқи Фармоиши директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон "Дар бораи сафари хизматӣ" аз 24.05.2017 №107 ҷиҳати иҷрои протоколҳои маҷлисҳои машваратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №11/1 аз 20.02.2017, № аз 03.04.2017 «Дар бораи муайян кардани рафти татбиқи муносибати босалоҳият дар синфҳои ибтидоӣ» гурӯҳи кории шуъбаи омӯзиши стандарт, нақша, барнома ва китобҳои дарсӣ аз моҳҳои апрел-майи, июн ва октябри соли 2017-18 дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар чанде аз муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардид. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе (синфҳои 1-4)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № № 28,57,72, 74,76,78 рӯзҳои 11-15 апрели соли 2017), ноҳияи Рӯдакӣ (№№ 11,12,14,136 ва гимназияи бачагони лаёқатманд рӯзҳои25-27 майи соли 2017), ноҳияи Зафаробод (№ №1, 2,13,14,20,22), ноҳияи Деваштич (№ №1,2,10,16,51ва53) ва ноҳияи Шаҳристон (№ № 1,2, 3, 4, 6,18 ва 21) рӯзҳои аз 29 май то 3 июни соли 2017 ва шаҳрҳои Турсунзода (МТМУ-и № № 3, 34) ва Ҳисор (МТМУ-и № №2,5,36) ва ноҳияи Шаҳринав (МТМУ-и №№2,14 ва 10) октябри соли 2017 омӯзиши рафти татбиқи амалии таълими босалоҳият гузаронида шуданд.

Дар рафти омӯзиш аз тарафи гурӯҳи корӣ фаъолияти шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия, кабинетҳои методӣ дастовард, мушкилот ва чашмдошти дар самти татбиқи вазъи барномаи таълимии фанни забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии алоҳида ва омӯзгорони фанни мазкур дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои номбаршуда омӯхта шуд.

Дар баробари вазъи татбиқи барномаи таълимӣ гурӯҳи корӣ фаъолияташро ҳангоми омӯзиш аз рӯйи нақшаи зерин ба роҳ монд:

- омӯзиши фаъолияти раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар татбиқи барномаҳои таълими забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ (синфҳои 1- 4);
- мазмуну мундариҷаи таҳсилот,сатҳи мураккабӣ ва мувофиқати он ба синну сол ва ниёзу эҳтиёҷоти хонандаи таълимгоҳи муосир;
- вазъи таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо маводи нави таълим бо назардошти талаботи барномаҳои таълими фанни мазкур;
- нақша-чорабиниҳои шуъба ва раёсати маориф оид ба сифати татбиқи талаботи барномаҳои таълим (дастовард, мушкилот ва чашмдошти он);
- нақши фаъолияти кабинети методӣ, мутахассисони раёсат(шуъба) дар татбиқи самараноки талаботи барономаҳои таълими синфҳои 1- 4;
- мониторинги вазъи татбиқи барномаҳои таълим тавассути арзёбии дониши хонандагони (синфҳои1-4) дар муқоиса бо низоми анъанавии таълим дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо.

Дар раванди омӯзиши бевоситаи татбиқи талаботи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд:

- фаъолияти роҳбарият ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ дар табиқи барномаҳои таълими фанни номбурда дар мазмуни синфҳои ибтидоӣ;
- нақши ҷаласаҳои Шӯрои омӯзгорон, Шӯрои методӣ ва иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоии муассисаҳо дар татбиқибарномаҳои таълими насли нав;
- вазъи таъминоти омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ бо матни барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсию маводи иловагии ёрирасон(хонандагон ва омӯзгорон);
- мушоҳидаи дарси омӯзгорони синфҳои 1- 4 бо мақсади муайян сохтани дастовард, мушкилот ва пешниҳоди татбиқи барномаҳои таълимӣ;
- гузаронидани суҳбат-пурсишнома (мусоҳиба) бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҷонишинони директор ва роҳбари иттиҳодияи методииомӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаи таълимӣ роҷеъ ба дастовард, мушкилот и табиқи барномаҳои таълим;
- самаранокии курсҳои такмили ихтисос, худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бахри табиқи самараноки барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ;
- муайян сохтани ҳаҷм ва дастрасии маводи пешниҳодшудаи фан (интихоби мавзӯи дарс) ва мувофиқати он ба сатҳи дониши (таҳкурсии) хонанда ва дарки он дар доираи вақти ҷудошуда.
- мониторинги сифати табиқи барномаи таълимии насли нав дар муқоисаи дар муқоиса бо барномаҳои анъанавии таълим.

**Дастовардҳо:**

- Омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон оид ба татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар Раёсати маорифи вилоят, Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он шаҳру ноҳияҳо марҳила ба марҳила аз омӯзиши курсҳои ихтисос гузаронида шуданд.

- Матни барномаҳои таълимӣ ба омӯзгорон асосан дастрас гардидаанд.

- Масъалагузории вазъи татбиқи омӯзиши салоҳиятнок дар синфҳои1-4 дар нақшаи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври бояду шояд пешбинӣ шудааст.

- Дар семинарҳои доимамалкунандаи ҷонишинон оид ба корҳои таълим, омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо нишон медиҳад, ки мувофиқи нақшаи мушовирон оид ба синфҳои1- 4 дар давоми соли таҳсил семинару, мизҳои мудаввар баргузор карда шудаанд.

- Натиҷаҳои омӯзиши вазъи табиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ нишон дод, ки раванди татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таълимӣ асосан дар мадди назар ва омӯзиши кормандони шӯъба, маъмурияти муассиса қарор дорад.

**Мушкилот:**

- на ҳамеша ба миқдори зарурӣ дастрас гардидани маводи таълимӣ, дастур, роҳнамои омӯзгор, замима ба китобҳои дарсӣ дар раванди таълим;

- ба эътибор нагирифани таҳкурсии дониши қаблии хонандаи алоҳида дар раванди татбиқи барномаҳои таълими фан, яъне супоришҳои зиёди пешбинишуда ва монеъ бунёд намудани он дар дарки моҳияти онҳо;

- омода будани омӯзгорон ба татбиқи барномаҳои таълимии фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ (собиқаи ками корӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва ғайриихтисос будани онҳо);

- тавассути зиёд намудани сарбории таълимии хонандагони (дарсҳои иловагӣ) дорои сатҳи муайяни таҳкурсии дониш иҷрои намудани талаботи барномаҳои таълимӣ ва ба хастагии ҷисмонӣ ва рӯҳии хонандагон роҳ додани омӯзгорон;

- аз рӯйи як қолаб таҳия намудани нақшаҳои дарс аз ҷониби омӯзгорон, аз ҷумла эҷодкор, ки таҷрибаи бойи истифодаи усулҳои босифати таълимро комилан доро мебошанд ва омӯзгорони ҷавон, ки таҷрибаи кофии омӯзгорӣ надоранд;

- ба дараҷаи лозимӣ омода набудани омӯзгорон ва мушовирони шуъбаҳои маориф ба низоми нав.

- барои хонандагони синфҳои ибтидоии таълимашон бо забонҳои ӯзбекӣ ва русии ноҳияҳои номбаршуда маводи таълим барои низоми нави таълими босалоҳият омода нагардидааст, омӯзгорон ва хонандагон ба мушкилот дучор гардидаанд;

**Пешниҳод:**

1.Раванди татбиқи талаботи барномаҳои таълимӣ дар сатҳи раёсат, шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо омӯхта шуда, намунаи беҳтарини онҳо дар семинару мушоварахои шаҳру ноҳияҳо баррасӣ шуда, таҷрибаи беҳтарин тавассути матбуоти даврӣ ва дигар расонаҳои ахбори умум паҳн карда шавад.

2.Фаъолияти роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ дар татбиқи талаботи барномаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш ва хулосабарориҳо қарор дода шавад, масъалагузории Шӯрои омӯзгорӣ, Шӯрои методӣ, ҷаласаи назди директор, кори иттиҳодияҳои методӣ бояд бештар ба масъалаҳои сифати татбиқи барномаҳои таълимии насли нав, омӯзиш ва сифати дониши хонандагон нигаронида шаванд.

3.Шумораи хонандагони синфҳо тадриҷан кам карда шавад.

4.Хонандагон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо маводи зарурии дарсӣ ва методӣ саривақт ва ба пуррагӣ таъмин карда шаванд.

5.Хуб мешуд:

- агар мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ба талаботи стандарти давлатӣ мувофиқ карда мешуд;

- курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии таълимашон ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ ташкил карда мешуд;

Ҷамъбаст

Татбиқи низоми муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ҷумҳурӣ бо талаботи стандарт ва барномаҳои таълими фанҳо, аз ҷумла аз фанни забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои ибтидоӣ (1-4) бо суръат идома дорад.

1.Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мамлакат таҷрибаи навро ҳосил намуданд, ё ин ки механизм ё методикаи муайяни татбиқи таълими муносибати босалоҳиятро ҳосил намуданд.

2.Роҳбарияти раёсату шуъбаҳои маорифи кишвар ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва фаннӣ низ давра ба давра аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

3.Мушкилоти асосӣ дастрасии маводи таълими муносибати босалоҳият қариб ҳалли худро ёфтааст. Хонандагон ва омӯзгорон бо китобҳои дарсии насли нав аз рӯйи барномаҳои такмилёфта таъмин гардиданд.

Аз даврае, ки маълумот пешниҳод гардиданд, вақти муайяне сипарӣ гардид. Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илм баҳри татбиқи “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” корҳои зиёд ба иҷро расонида шуданд, ки натиҷаи онро дар инкишофи соҳаи маориф кишвар дида метавонем.

Ҳамин тариқ, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим амри саривақтӣ ва зарурӣ буда, татбиқи он аз ҳамаи ширкаткунандагони ҷараёни таълиму тарбия-сохторҳои идораи соҳаи мароиф ва мутахассисони он, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон, муаллифони китобҳои дарсӣ ва маводи таълимиву методӣ, хонандагон ва падару модарон масъулияти баланди коршиносӣ ва шавқу ҳаваси беандозаро дар роҳи таълиму тарбияи кӯдакон тақозо мекунад.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ҷараёни дарозмуддат буда, он таҷдиди назарро ба барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, аз як тараф ва баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгорро, аз тарафи дигар, дар назар дорад.

Ҳадафи асосии муносибати босалоҳият дар таълим ташаккул ва рушди малакаву маҳоратҳои истифодаи донишҳои азхудшуда дар амал, дар зиндагӣ аст. Он натанҳо ба андӯхтани донишҳои зарурӣ, балки ба ташаккули шахсияти мустақил, ки тавонад дар ҷомеа мавқеи шоистаи худро пайдо кунад, равона гардидааст.

Муҳимтарин ҷанбаҳои муносибати босалоҳият дар таълим ва роҳу равишҳои он бо назардошти шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани корҳои тадқиқотӣ ва фаъолиятҳои амалиро аз мову шумо низ тақозо мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.

2.Роҳнамои фанни забони модарӣ барои синфҳои 2,3,4. Душанбе. Маориф 2016

3.Методические разработки уроков русского языка для 2,3,4 кл. Душанбе. Маориф 2016

4.Маълумотномаи сафари хизматӣ н.Фирдавсии ш.Душанбе (синфҳои 1-4)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№28,57,72,74,76,78 рӯзҳои 11-15 апрели соли 2017),

5. Маълумотномаи сафари хизматӣ ноҳияи Рӯдакӣ (№№ 11,12,14, 136 ва гимназияи бачагони лаёқатманд рӯзҳои 25-27 майи соли 2017),

6.Маълумотномаи сафари хизматӣ ноҳияи Зафаробод (№№1,2,13,14,20,22),ноҳияиДеваштич (№№1,2,10,16,51 ва 53) ва ноҳияи Шаҳристон (№ № 1,2,3,4,6,18 ва 21)

7.Маълумотномаи сафари хизматӣ ш. Турсунзода (МТМУ-и № № 3, 34) ва Ҳисор (МТМУ-и № № 2, 5, 36) ва ноҳияи Шаҳринав (МТМУ-и № № 2, 14 ва 10) октябри соли 2017 омӯзиши рафти татбиқи амалии таълими босалоҳият гузаронида шуданд.

**Ҳакимова Б.**

## ОМӮЗИШИ НАҚШАИ БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Дар мақола муаллиф оид ба таҳқиқоти илмии омӯзиши забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои ибтидоӣ андешаронӣ намуда, роҷеъ ба дастовард, мушкилот ва татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ дар синфҳои 1-4 дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, натиҷаҳои озмоиш, омӯзиши вазъи татбиқи барномаҳои таълими фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ мисол мушаххас меорад. Мушкилоти омӯзиш: на ҳамеша ба миқдори зарурӣ дастрас гардидани маводи таълимӣ, дастур, роҳнамои омӯзгор, замима ба китобҳои дарсӣ дар раванди таълим; омода будани омӯзгорон ба татбиқи барномаҳои таълимии фанни забони тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ (собиқаи ками корӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва ғайриихтисос будани онҳо). Пешниҳод: оид ба кам намудани шумораи хонандагони синфҳо; саривақт ва пурра таъмин намудани хонандагон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо маводи зарурии дарсӣ ва методӣ.

***Вожаҳои асосӣ:*** нақша, барнома, китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва русӣ, муносибати босалоҳият ба таълим, муассисаои таълимӣ, омӯзиш таҳқиқот

**Хакимова Б.**

## ИЗУЧЕНИЕ УЧЕБНОЙ ПРОГРАММЫ И УЧЕБНИКОВ НА ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ В КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА К ОБРАЗОВАНИЮ

В настоящей статье автор рассматривает исследования по изучению таджикского и русского языка в начальных классах. Достижения, проблемы и внедрение учебных программ по таджикскому и русскому языку в 1-4 классах в компетентного подхода к обучению. Результаты тестов, изучение состояния внедрения учебных программ на таджикском и русском языках для начальной школы. Проблемы в обучении: не всегда хватает учебников, пособий, пособие для учителя, приложение к учебникам в учебном процессе; готовность учителей к внедрению учебных программ на таджикском и русском языках для начальной школы (низкий опыт работы в начальной школе и отсутствие специализации). Рекомендации: уменьшить количество учеников в классе; своевременное и полное обеспечение учащихся и учителей начальных классов необходимыми учебно-методическими материалами.

***Ключевые слова:*** *Планы, программы, учебники на таджикском и русском языках, грамотный подход к образованию, учебные заведения, научные исследования.*

## STUDYING THE CURRICULUM AND TEXTBOOKS IN TAJIK AND RUSSIAN IN THE ELEMENTARY SCHOOL IN A COMPETENT APPROACH TO EDUCATION

In this article, the author considers studies on the study of Tajik and Russian in primary school. Achievements, problems and the introduction of curricula in Tajik and Russian in grades 1-4 in a competent approach to learning. Test results, study of the state of implementation of curricula in Tajik and Russian for elementary school.

Learning problems: not always enough textbooks, manuals, a teacher’s manual, an appendix to textbooks in the educational process; willingness of teachers to implement curricula in Tajik and Russian for elementary school (low experience in primary school and lack of specialization). Recommendations: reduce the number of students in the class; timely and complete provision of students and primary school teachers with the necessary teaching materials.

***Key words:*** *Plans, programs, textbooks in Tajik and Russian, a competent approach to education, educational institutions, scientific research.*

**Сведения об авторе: Хакимова Б.Р-** старший научный сотрудник Институт Развития Образования имени Абдурахмана Джами АОТ, г.Душанбе ул.Айнӣ 126, тел.: +(992) 903 05 99 50

**Information about the author: Khakimova B.R** - Senior Researcher, Institute of Education Development named after Abdurakhman Jami AOT, Dushanbe, Ainu str. 126, tel .: + (992) 903 05 99 50

З. БОБОЁРОВ

# САМООПРЕДЕЛЕНИЕ – ЦЕНТРАЛЬНЫЙ МЕХАНИЗМ СТАНОВЛЕНИЯ ЛИЧНОСТНЫЕ КАЧЕСТВА ЧЕЛОВЕКА

Самоопределение – центральный механизм становления личностной зрелости, состоящий в осознанном выборе человеком своего места в системе социальных отношений. Появление потребности в самоопределении свидетельствует о достижении личностью довольно высокого уровня развития, достаточно независимую позицию в структуре информационных, идеологических, профессиональных, эмоциональных и прочих связей с другими людьми.

«В понятии самоопределения, которое получило широкое распространение в социологической литературе, подчеркнут тот важный момент понимания проблемы развития личности, который связан с ее самостоятельным выбором профессионального и жизненного пути». – отмечает Е.В. Демченко.

Самоопределение можно рассматривать с разных позиций:

- как серию задач, которые ставит общество перед личностью, - это социологический подход;

- как процесс формирования индивидуального стиля жизни, частью которого является профессиональная деятельность, - дифференциально-психологический подход.

Шамионов Р.М. пишет, «…самоопределение личности выступает как эффект ее социализации; эффект, свидетельствующий о ее глубине и содержательной наполненности».

По мнению А.Д. Глоточкина: «Самоопределение, - внутренняя ориентированность в среде выступают основанием направленности: чтобы адекватно определить и мотивировать свои намерения, наметить цели своих действий и поступков (направленность) человек должен сориентироваться, определиться в окружающем его мире и, прежде всего, в социальном пространстве и во времени (психологическое время личности), уяснить степень достигнутого в своей деятельности. Чтобы адекватно действовать, человеку необходимо знать, каким его воспринимают окружающие. Какие суждения о нем имеют, чего от него ожидают и каким, в этой связи, ему надо быть (или хотя бы казаться)».

Сафин В.Ф., Ников Г.П. пишут, «самоопределившаяся личность - это «субъект, осознавший, что он хочет (цели жизненные планы, идеалы), что он может (свои возможности, склонности, дарования), что он есть (свои личностные и физические свойства), что от него хочет или ждет коллектив, общество; субъект, готовый функционировать в системе общественных отношений. Самоопределение, таким образом, это «относительно самостоятельный этап социализации, сущность которого заключается в формировании у индивида осознания цели и смысла жизни, готовности к самостоятельной жизнедеятельности на основе соотнесения своих желаний, наличных качеств, возможностей и требований, предъявляемых к нему со стороны окружающих и общества».

В зарубежной психологии существуют различные взгляды относительно самого существования «личностного самоопределения». Различия состоят в допустимости степени свободы человека от внешних и внутренних условий, т.е. наличия детерминизма.[1]

К теориям так называемого «крайнего детерминизма», согласно которым личностное самоопределение невозможно, относят психоанализ З. Фрейда и необихевиоризм Б. Скиннера. Согласно этим авторам человеческое поведение является полностью детерминированным в первом случае - бессознательным, во втором - подкреплениями актуального социального окружения.

В зарубежной психологии в качестве аналога понятия «личностное самоопределение» выступает категория «психосоциальная идентичность», разработанная и введенная в научный оборот американским ученым Эриком Эриксоном.

Теория идентичности Э. Эриксона считается теорией умеренного детерминизма. Идентичность - «твердо усвоенный и личностно принимаемый образ себя во всем

богатстве отношений личности к окружающему миру с соответствующими формами поведения».

Становление личности Эриксоном рассматривается, через «нормативный кризис идентичности». Термин «кризис» употребляется здесь в значении поворотной, критической точки развития. Слово «нормативный» подразумевает, что жизненный цикл человека рассматривается как ряд последовательных стадий, каждая из которых характеризуется специфическим кризисом в отношениях личности с окружающим миром, а все вместе определяют развитие чувства идентичности.

Э. Эриксон проводил различие между «позитивной» и «негативной» идентичностью. Психосоциальная идентичность любого человека представляет собой, на его взгляд, иерархию позитивных и негативных элементов. Негативные элементы появляются потому, что на протяжении всего детства ребенку указывают как на идеальные ценности, так и на отрицательные прототипы. Ребенка предостерегают против того, чтобы он не стал тем-то или кем-то, чтобы он научился опасаться того, чего следует избегать. Поэтому позитивная идентичность находится постоянно «в состоянии конфликта с прошлым, которое надо изжить, и с будущим, которое надо предотвратить». Конфликты же могут находить такое выражение, когда человек не отказывается от личной идентичности, но выбирает негативную идентификацию, то есть «идентичность, извращенно основанную на всех тех идентификациях и ролях, которые на критических стадиях развития представлялись им наиболее нежелательными или опасными и в то же время наиболее реальными». Например, мать, бессознательно испытывающая двойственные чувства по отношению к своему брату-алкоголику, избирательно обращается только к тем чертам своего сына, которые, как ей представляется, указывают на повторение судьбы ее брата. В результате этого «негативная» идентичность может казаться сыну более реальной, чем его естественные попытки быть хорошим и он станет прикладывать усилия к тому, чтобы стать пьяницей.

Главной задачей, которая встает перед индивидом в ранней юности, по Эриксону, является формирование чувства идентичности в противовес ролевой неопределенности личностного «Я». Юноша должен ответить на вопросы: «Кто я ?» и «Каков мой дальнейший путь ?». В поисках личной идентичности человек решает, какие действия являются для него важными, и вырабатывает определенные нормы для оценки своего поведения и поведения других людей. Этот процесс связан также с осознанием собственной ценности и компетентности.

К авторам, которые признают наличие детерминизма и вместе с тем считают личность активной и способной к самоопределению, можно отнести экзистенционалистки ориентированных авторов таких как Э. Фромм, В. Франкл, Р. Мей, а также представителей когнитивного и социально-когнитивного направлений - Дж. Келли и А. Бандура соответственно.

Личностное самоопределение выражается в решении вопроса о степени своей свободы, по Э. Фромму, в занятии определенной позиции по отношению к внутренним и внешним обстоятельствам, по В. Франклу, в осознании собственных возможностей в рамках судьбы, по Р. Мей, в способности выбирать из числа имеющихся личностных конструктов и создавать новые, по Дж. Келли, в способности воздействовать на самих себя, конструируя собственную судьбу, по А. Бандуре.

А. Адлер, А. Маслоу и К. Роджерс отстаивали абсолютную свободу личности от внешних или внутренних условий. А. Адлер полагал, что существует творческая сила, сосредоточенная в самой личности, благодаря которой она является самоопределяющейся. Из работ А. Маслоу следует, что самоопределение представляет собой определение своих личностных особенностей, предпочтений и осуществление на их основе выбора. По К. Роджерсу, самоопределению личности способствует тенденция актуализации, благодаря которой личность раскрывает свой потенциал и избавляется от внешнего контроля.

Среди известных зарубежных концепций самодетерминации, отметим концепцию самодетерминации и личностной автономии Deci и Ryan, в которой данная проблематика представлена в контексте дилеммы свободы-детерминизма применительно к поведению человека. Авторы признают активность самой природы человеческого организма, что обусловлено действием внутренней мотивации, а именно, потребностей в компетентности и самодетерминации. Практическое воплощение концепции связано с организацией

социального взаимодействия, воспитания, повышения конкурентоспособности, успешности в деятельности и т.д.

Канадский психолог Ж. Марше выделил четыре стадии развития идентичности:

1. Неопределенность идентичности. Индивид еще не избрал для себя никаких определенных убеждений и никакого определенного профессионального направления. Он еще не столкнулся с кризисом идентичности.

2. Предварительная идентификация. Кризис еще не наступил, но индивид уже поставил для себя какие-то цели и выдвинул убеждение, которые в основном являются отражением выбора, сделанного другими.

3. Мораторий. Стадия кризиса. индивид активно исследует возможные варианты идентичности в надежде отыскать тот единственный, который он может считать своим.

4. Достижение идентичности. Индивид выходит из кризиса, находит свою вполне определенную идентичность, выбирая на этой основе для себя род занятий и мировоззренческую ориентацию.

Эти стадии отражают общую логическую последовательность формирования идентичности, однако это не означает, что каждая из них является необходимым условием для последующей. Лишь стадия моратория, по существу, неизбежно предшествует стадии достижения идентичности, поскольку происходящий в этот период поиск служит предпосылкой для решения проблемы самоопределения.

Идея типологии развития идентичности, вариантов взросления в раннем юношеском возрасте завоевывает все большую популярность в отечественной психологии. Показано, что этапы самоопределения (они же и уровни и типы развития личности) являются целостным образованием, где разные личностные переменные системно связаны друг с другом. Каждый из них характеризуется присущими именно ему психологическими трудностями.

В зарубежной психологии термин «самоопределение» встречается в работах Ш. Бюлер (Bühler Ch.). Она исходила из того, что самоопределение и стремление к самоосуществлению являются одновременно врожденными свойствами сознания и движущими силами развития личности. Полнота и степень самоосуществления, по Ш. Бюлер, зависят от самоопределения, под которым понимается как способность индивидуума «ставить такие цели, которые наиболее адекватны его внутренней сути», так и в целом «целевые структуры личности».

Самоопределение по Ш. Бюлер, связано с интеллектуальным уровнем личности, поскольку от интеллекта зависит глубина понимания человеком собственных потенциалов. Чем понятнее человеку его призвание, т. е. чем отчетливее самоопределение, тем вероятнее самоосуществление.

В отечественной психологии классический подход к исследованию «личностного самоопределения», основанный на принципе детерменизма связан с имененм С.Л. Рубинштейна.

В работах С.Л. Рубинштейна большое внимание уделялось идее активности субъекта самоопределения. Внутренняя обусловленность активности человека, через которую преломляются внешние воздействия лежит в основе понимания самоопределения. В этом контексте самоопределение выступает как самодетерминация, собственная активность личности.

С Л. Рубинштейн рассматривал проблему самоопределения в контексте проблемы детерминации: «всякая детерминация необходима как детерминация другим, внешним, и как самоопределение (определение внутренних свойств объекта)». Самоопределение выступает как самодетерминация, в отличие от внешней детерминации; в понятии самоопределения, таким образом, выражается активная природа «внутренних условий». Подчеркивается роль «внутреннего момента самоопределения, верности себе, неодностороннего подчинения внешнему». Более того, сама «специфика человеческого существования заключается в мере соотнесения самоопределения и определения другими (условиями, обстоятельствами), в характере самоопределения в связи с наличием у человека сознания и действия».

«Человек не только находитс я в определенном отношении к миру, но и сам определяет это свое отношение, в чем и заключается сознательное самоопределение

человека» (Рубинштейн, 1973). «На самом деле самоопределение и определение другим, внешним существует в равной мере повсюду. Существует иерархия этих отношений, в которой высшим уровнем выступает самоопределение на уровне существ, обладающих сознанием. По отношению к этому уровню — уровню человека — в понятии самоопределения для С.Л. Рубинштейна выражается самая суть, смысл принципа детерминизма: «смысл его заключается в подчеркивании роли внутреннего момента самоопределения, верности себе, неодностороннего подчинения внешнему». Более того, сама «специфика человеческого существования заключается в мере соотнесения самоопределения и определения другим (условиями, обстоятельствами), в характере самоопределения в связи с наличием у человека сознания и действия».

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Абульханова-Славская К. А. Стратегия жизни. М., 1991.

2. Антонова Н.В. Личностная идентичность современного педагога и особенности его общения // Вопросы психологии. 1997. № 6. С. 23-30.

3. Бекасов О.Б. Анализ событийной структуры жизненного пути личности // Гуманистические проблемы психологической теории. М., 1995. С. 169-179.

4. Бодров В.А. Психология профессиональной пригодности: Учеб. пособие для вузов. М., 2001.

5. Буякас Т.М. Проблема и психотехника самоопределения личности // Вопросы психологии. 2002. № 2. С. 28-40.

6. Гинзбург М.Р. Личностное самоопределение как психологическая проблема // Вопросы психологии. 1988. № 2. С. 19-26.

7. Гинзбург М.Р. Психологическое содержание личностного самоопределения // Вопросы психологии. 1994. № 3. С. 43-52.

Педагогика и психология

Общая психология

8. Головаха Е.И., Кроник А.А. Психологическое время личности. Киев, 1984.

9. Иванова Н. Л. Личность в бизнесе: проблемы и кризисы самоопределения // Психологические проблемы современного бизнеса / Под ред. В.А. Штроо, Н.Л. Ивановой, Н.В. Антоновой. М., 2011. С. 27-46.

10. Калинина С.В. Соотношение профессионального и личностного самоопределения в подростковом возрасте: Дис. ... канд. психол. наук. СПб., 1998.

**Бобоёров З.**

## ХУДМУАЙЯНКУНӢ - МЕХАНИЗМИ МАРКАЗИИ БАРҚАРОР ГАРДИДАНИ СИФАТҲОИ ШАХСИЯТИИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи худмуайянкунии- механизми марказии барқарор гардидани сифатҳои шахсиятии инсони камолёфта, дар интихоби огоҳонаи ҷои хеш дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ меравад. Пайдо гардидани талабот ба худмуайянкунӣ аз барқароршавии инсон ҳамчун шахсият гувоҳӣ медиҳад, ки инсон дараҷаи баланди инкишофро ноил гардидааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки мавқеи новобастаро дар таркиби ахбор, идеология, касб, ҳолатҳои ҳайятҷонӣ ва дигар робитаҳо бо одамон соҳиб гардидааст.

«Дар мафҳуми худмуайянкунӣ, ки ниҳоят васеъ паҳн гардидааст дар адабиёти иҷтимоӣ, он нуқтаи муҳим дарки инкишофи шахсият қайд гардидааст, ки ба интихоби озодонаи роҳи касбӣ ва ҳаётии ӯ робитаманд мебошад». – қайд менамояд Е.В. Демченко.

***Калидвожаҳо:*** *худмуайянкунӣ, барқароршавии шахсиятӣ, инсони камолёфта, муносибатҳои иҷтимоӣ, талабот ба худмуайянкунӣ, таркиби ахбор, идеология.*

**Бобоёров З.**

## САМООПРЕДЕЛЕНИЕ– ЦЕНТРАЛЬНЫЙ МЕХАНИЗМ СТАНОВЛЕНИЯ ИЧНОСТНЫЕ КАЧЕСТВА ЧЕЛОВЕКА

В данной статье разговор ведётся вокруг самоопределение как центральный механизм становления личностной зрелости, состоящий в осознанном выборе человеком своего места в системе социальных отношений. Автор утверждает, что появление потребности в самоопределении свидетельствует о достижении личностью довольно высокого уровня развития, достаточно

независимую позицию в структуре информационных, идеологических, профессиональных, эмоциональных и прочих связей с другими людьми.

Автор также отмечает, что в понятии самоопределения, которое получило широкое распространение в социологической литературе, подчеркнут тот важный момент понимания проблемы развития личности, который связан с ее самостоятельным выбором профессионального и жизненного пути.

***Ключевые слова:*** *самоопределение, становления личности, личностной зрелости, социальных отношений, потребности в самоопределении, структуре информации, идеология.*

**Boboyorov Z.**

## SELF-DETERMINATION – THE CENTRAL MECHANISM OF FORMATION OF A PERSON'S PERSONAL QUALITY

In this article, the conversation is about self-determination – as the central mechanism for the formation of personal maturity, consisting in a person's conscious choice of the place in the system of social relations. The emergence of the need for self-determination indicates that a person has reached a fairly high level of development, a fairly independent position in the structure of informational, ideological, professional, emotional and other relationships with other people.

In the concept of self-determination, which has gained wide distribution in sociological literature, emphasized that important point in understanding the problem of personality development, which is associated with its independent choice of a professional and life path. " - notes E.V. Demchenko.

***Keywords:*** *self-determination, personality formation, personality maturity, social relations, the need for self-determination, information structure, ideology.*

**Сведения об авторе: Бобоёров Зокирҷон –** преподаватель технического колледжа ТТУ имени академика М. Осимӣ

**Information about the author: Boboyorov Zokirjon -** the teacher at technical College of the TTU named after academician M. Osimi.

**Б. ЗУЛФОНОВ**

# ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Талошу кӯшиш ва ҷустуҷӯву такопӯ ба хотири ба вуҷуд овардани меъёрҳои ахлоқӣ масъалаи асосии тамаддуни башар будааст. Аз замоне, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хирад ба андеша пардохтааст, тарбияи одобу ахлоқ яке аз мавзӯъҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро таълиму тарбия дар рӯҳияи одобу ахлоқи нек нахустин ва муҳимтарин омили саодату камоли одамӣ ва ҷомеаи инсонӣ аст.

Халқи тоҷик пайваста ба таълиму тарбия аҳамияти хосса медиҳад. Хираду дониш ва одобу ахлоқ дар назди гузаштагон ва имрӯзиёни тоҷикон пурарзиштарин сифатҳои инсонӣ ба шумор мерафт ва меравад.

Ҳамин буд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, барқарор намудани сохти конситутсионӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои душвори бунёду таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ба масъалаҳои ахлоқии шаҳрвандон, хусусан ҷавонон аҳамияти хосса дод. Самти таълиму тарбияи насли наврасро яке аз самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муарифӣ намуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки моҷароҳои сиёсӣ ва маҳаллие, ки солҳои 90-уми асри XX Тоҷикикистонро фаро гирифта буданд оқибат ба косташавии ахлоқи ҷавонон аз ҷумла, хонандагони мактабҳои миёна оварда расонид. Муатаассифона он даврахо мақомоти марбут ва ё неруи пурқуввате мавҷуд набуд, ки ҷавононро аз ин амалҳои нангин ҷилавгир намояд. Бархе аз мақомоти кишвар вазифаи худро нашинохта ба ҷойи ҳаллу фасли пробелемаҳои дар байни ҷавонон рухдода, онҳоро боз ҳам шиддатноктар мекарданд. ( 1- 25 )

Хушбахтона Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон моҳи ноябр-декбри соли 1992 ба беҳокимятӣ дар ҷумҳурӣ хотима гузошт. Хатари парокандагии Тоҷикистон чун давлати мустақил аз байн рафт. Ҷавононро ҳамчун неруи созанда ба майдон овард. Таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қавитар гардид. Чуноне ки рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” инъикос намудааст, 2 феврали соли 1993 Раиси Шӯрои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон вохӯрӣ намуд. Иштирокчиёни вохӯрии намояндагони ҷавони Тоҷикистон бо роҳбарияти ҷумҳурӣ “Муроҷиатноам ба ҷавонони Тоҷикистон”-ро қабул крданд, ки дар он чунин гуфта шудааст: “Давлат бояд боварӣ дошта бошад, ки шаҳрвандони ҷавонаш онро дасгирӣ менамоянд. Бинобар ин, мо ба давом додани фаъолияти тамоми ташкилотҳои Иттифоқи Ҷавонони Тоҷкистон, иштироки фаъолонаи онҳо дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” даъват менамоем. Ҳамаи корро бояд анҷом дод, ки мо ҳамчун қувваи муташаккилонаи муттаҳид амал намоем, ки барои он ҷудо кардани одамон аз рӯйи аломатҳои динӣ ё дигар тааллуқияти иҷтимоӣ, милатгароӣ ва маҳалбозӣ бегона бошад, то ин ки ҷавонон ба эҷодкорӣ, накукорӣ ва сулҳ, муттаҳид намудани миллат ва мустаҳкам кардани дӯстии байни халқҳои Тоҷикистон машғул шаванд”.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) шароити мусоиди тарбиявӣ барои ҷавонон ба вуҷуд омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири дар як қолаби муайян ҷой намудани ҷараёни тарбияи ахлоқии насли наврас аз тамоми шароиту имкониятҳои мавҷудбуда истифода карда, дар мамлакат шароити хуби тарбиявӣ фароҳам овард. Пеш аз ҳама бунёди муассисаҳои таълимию тарбиявиро ба роҳ монд. Мактабҳои наву замонавӣ, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ кушода ба истифода дода шуданд, ки дар онҳо толибилмон дар натиҷаи аз худкунии китобҳои бадеӣ, машғулиятҳои тарбиявӣ, таҳлилу омӯзиши матнҳои ахлоқӣ соҳиби одобу ахлоқи намунавӣ гардиданд. ( 2 )

Бояд қайд намуд, ки ҳолати косташавии ахлоқи ҷавонон чун доғи рӯз дар солҳои соҳибистиқлолӣ зери пажӯҳиши доимӣ қарор гирифта, коршиносон сабаби асосии косташавии тарбияи хонандагонро гуногун шарҳ додаанд. Чунончи соли 2008 дар рӯзномаи “Қонун ва ҷомеа” матлабе таҳти унвони “Тарбияи хуби фарзанд, осоиштагии диёр” нашр гардидааст. Дар мақолаи мазкур, раванди ахлоқии ҷавонон инъикос гардида, муаллиф қайд намудааст, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ бо сабаби вайрону валангор гардидани муассисаҳои таълимӣ бархе хонандагон аз мактаб дур монданд, ва ин боиси косташавии ахлоқи хонандагон гардид. Чунин матлабҳо дар ВАО-и мамлакат хеле зиёд ба табъ расидаанд. Чунончи дар рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” мақолае бо номи “Бе

тарбия тифл ба ҷое намерасд” нашр гардид, ки дар он сухан дар бораи бояд фарзанд дар оила тарбия ёбад, меравад. Муаллиф қайд менамоояд, ки агар аз рӯзҳои аввал ба тарбияи фарзанд аҳамияти даркорӣ дода шавад, бештар кафолат ҳаст, ки онҳо дар рӯҳияи неку солим ба камол мерасанд.

Хушбахтона ба хотири бунёди ҷомеаи солим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул намуд, ки дар қонуни мазкур уҳдадориҳои падару модар бо таври мушаххас байён гардидааст. Аз ҷумла дар қонуни мазкур дарҷ гардидааст, ки ҳар як падару модар дар тарбияи фарзанди худ уҳдадориҳои зеринро

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд:
- фарзандро ба зигдагии мустақилона омода намоянд:
- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд:
- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд:
- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро маън намоянд:
- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусиятти шаҳвонӣ, зуроварӣ, экстреместӣ ва терроexternalистиро маън намоянд: доро мебошад. Мутаасифона дар шароити имрӯз бархе аз волидайн вазифа ва уҳдадориҳои худро нодида гирифта, дар тарбияи солими фарзанди худ ва бунёди ҷомеаии мутамаддин бепарвои зоҳир мекунанд, ки барои ҷомеа хатари бузург дорад. Барои бартараф намудани чунин камубдиҳо дар ҷомеа волидайнро зарур аст, ки равобити худро бо муассисҳои таълми зичтар намуда, пайваста аз вазъи мавҷудбудаи фарзандони худ бохабар бошанд. (6-7)

Дар баробари ин яке аз иқдомҳои наҷибе, ки Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷуумҳрии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш гирифт, ин ҷашни бузургдошти намояндагони илму адаби халқи тоҷик мебошад. Аз ҷумла, соли 1997 - 670 - солагии Камоли Хуҷандӣ, соли 2004-1000-солагии Носири Хусрави Қубодиёнӣ, соли 2009-1300 – солагии Имоми Аъзам, соли 2010 - 1150 - солагии Абуабдулоҳи Рӯдакӣ ва бузургдошти даҳҳо мутафаккирону шоирон ҷашн гирифта шуд. Ин агар аз як ҷиҳат, зинда гардидани номи ин шахсиятҳои таърихӣ бошад, аз ҷониби дигар дорои аҳамияти бузурги ахлоқӣ мебошад. Эҳтиром гузоштан бар бузургони худ яке аз суннатҳои деринаи мо мардуми тоҷик буда, танҳо дар ҳолате дар ниҳоди хонандагон ҷо карда мешавад, ки аз осори чунин шахсиятҳо бохабар бошанд. Ин раванди наҷиб имкон дод, ки осори ин шахситҳои барҷастаи илму адаби тоҷик аз нав нашр шуда ба тамоми гушаю канори мамлакат паҳн шавад,то ба тарбияи дурусти ахлоқию маънавии хонандагон мусоидат намояд.

Дар ганҷӯри фарҳангии халқи тоҷик чунин осори дорои хусусияти ахлоқидошта хеле зиёданд. Масалан, китоби «Қобусноам»-и Унсурамолии Кайковус аз зумраи он асарҳоест, ки пурра ба тарбияи фарзанд бахшида шудааст. Дар натиҷаи мутолиаи ин китоб хонанда метавонад як ҷаҳон ғизои маънавӣ гирад ва роҳи дурустро дар зиндагӣ муайян намояд.

Дигар иқдоми наҷибе, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ роҳандозӣ гардид, ин арҷ гузоштан бар суннатҳои миллӣ мебошад. Тавре, ки маълум аст, суннатҳои миллии мардуми тоҷик дар як марҳилаи муайяни таърихӣ то андозае ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд. Хушбахтона истиқлолияти давлати эҳёи дубораи онҳоро аз нав ба миён овард. Дар натиҷа ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, рӯзҳои Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Парчами давлатӣ роҳандозӣ гардиданд. Чунончӣ, соли 1992 дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» матлабе бо номи «Наврӯзатон муборак бод» ба табъ расидадааст. Дар маводи нашршуда изҳор гардидааст, ки Наврӯз ҷашни қадими ориёӣ буда, айёми фаррорасии он гузаштагони тоҷикон ба кишту кори баҳорӣ шурӯъ мекарданд. Инчунин дар рӯзномаи мазкур аксҳо аз анъанаҳои наврӯзӣ акси марди деҳқон ҳангоми ҷуфти замин дар саҳро, омода кардани хӯроки наврӯзӣ аз ҷониби занҳо, тозаву озода намудани хонаҳои истиқоматӣ, ба бар намудани либоси тозаи наврӯзӣ ва ғайраҳо оварда шудааст, ки дар таблиғи анъанаҳои ҷашни Наврӯз дар байни ҷавонон нақши бузург доранд. (3-5)

Ҳамчунин соли 1992 дар сартосари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни Наврӯз бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта шуд, ки дар ВАО-и мамлакат хеле васеъ инъикос гардидааст. Чуноне, ки рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» нишон додааст, дар майдони Озодии мамлакат дастаҳои ҳунарӣ, ки иборат аз сароянддагону раққосони ҷавон буданд, ҷамъ омада, намоиши идонаи наврӯзӣ нишон доданд. Дастаҳои ҳунарии «Гаҳвора» ва «Ҷаҳоноро» бахшида ба «Наврӯз - 92» ҳунарҳои зебои миллиро нишон додаанд. Қайд

кардан ба маврид аст, ки бо туфайли эҳё гардидани ҷашни Наврӯз арзишҳои маънавии гузаштагони тоҷикон зинда гардида, насли ҷавон дар асоси онҳо рушд ва нумӯ ёфта истодааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Сӯханронии Сарвари давлат бобати "Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум, 2009, 23 июн.
2. Эмомали Рахмон. «Паем Президенти Чумхурии Точикистон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон»-Душанбе. 24 апрели соли 2010.-15с.
3. Наврӯзатон муборак // Ҷавонони Тоҷикистон, 1992, 26 март.
4. Алимпур Ф. Наврӯз муборак бод! // Ҷавонони Тоҷикистон, 1992, 21 март.
5. Наврӯзи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2010, 28 мар.
6. Гулмадов Ф. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас аз нигоҳи мутафаккирони форсу тоҷик/Масъалаи маориф, 2014, декаб, нояб, С. 25-32
7. Хонов А. Ҷавонон ва рушди давлатдории миллӣ//Ҷавонони Тоҷикистон, 2013, 9 май.
8. Макаренко А.С. Лекции о воспитании детей. / А.С.Макаренко.1990. 194с.
9. Макаренко А.С. Методы воспитания. / А.С.Макаренко. М.Изд.Прогресс. 1990. 42с.
10. Кочетков А.И. Понятие о воспитания./А.И.Кочетков. - Минск. 1990. 15-18с.


**Зулфонов Б.**

**ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллиф диққати асосии хешро ба эҳёи арзишҳои миллӣ аз қабили Наврӯз, Сада ва Меҳргон равона карда, нақши онҳоро дар тарбияи маънавии ҷавонон нишон додааст.

Муаллиф таъкид мекунад, таълим ва тарбия аз рукнҳое мебошанд, ки дар ҳамбастагӣ амалӣ мегарданд ва дар доираи талаботи ҷамъият сурат мегиранд. Масъалаи ташаккул додани эхсоси нек ва хайрхоҳӣ вазифаи муштараки оила, мактаб ва аҳли ҷомеа мебошад. Ба ақидаи муаллиф ин омил аз оила ибтидо гирифта, дар мактаб ташаккул ёфта, дар ҷомеа бо таъсироти иҷтимоӣ нек ё бад мегардад.


***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, ватандӯстӣ, таълим, тарбия, арзишҳои миллӣ, осор, фарҳангӣ.*

**Зулфонов Б**

**НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ МОЛОДЕЖИ В ДУХЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ**


В статье автор, рассматривая значение национальных ценностей в воспитании учащихся, отмечает, что возрождение национальных праздников является важнейшим событием периода независимости Таджикистана и они являются важным фактором в нравственном воспитании моложёжи.

Автор также утверждает, что основным источником познания окружающего нас мира является воспитание и обучение и они не могут дать желаемого результата в отдельности. По мнению автора воспитание и обучение начинается в семье, формируется в школе и под влиянием общества становится добрым или негативным.


***Ключевые слова:*** *воспитание, ценность, учащихся, праздник, мораль, событие, независимость.*

**Zulfonov B.**

**MORAL EDUCATION OF YOUTH IN THE SPIRIT OF NATIONAL VALUES**


This article examines the importance of national values in the education of students, the author notes that the revival of a number of holidays is the most important event of Tajikistan's independence period.

Education as a tool and the basis of the theodry of dialectical materialism recognizes the knowledge of the world around us through education and training. Materialistic dialectics confidently asserts that the cognition of the world is directly related to education and upbringing and they can not give the desired result separately.


***Key words:*** *upbringing, value, students, holiday, morality, event, independence*


**Сведения об авторе: Зулфонов Бахрон** – ведущий исследователь Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 126.

**Information about the author**: **Zulfonov Baxron** - Leading Researcher, Abdurahmon Jami Institute for Education Development, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini Street.

Ҷ. САДИРОВА
Ш.КОТИБОВА

# МАВҚЕИ БОЗӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Зери мафҳуми бозӣ ҳамон роҳу усулҳое фаҳмида мешаванд, ки барои рафъи хасташвии кӯдакон хизмат намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба донишандӯзӣ зиёд мекунанд.

Бозӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи муносибат дар ҷараёни машғулият ва фориғ аз он мебошад. Ба ин маънӣ бозӣ тағйири ин ё он авомилро табиатан роиҷ медонад ва ҳамзамон муҳити озоди муносибатро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр фаъолияти кӯдакон дар ҷараёни бозӣ метавонад ба инкишофи нутқи онҳо мусоидат намояд.

Бозӣ қувваи бузург ва ниҳоят хубу ивазнашавандаи инкишофи ақли кӯдак аст. Атфол ба бозӣ бештар майлу ниёз доранд, ки ин табиатан хосси онҳост ва ин нуқтаро равоншиносон низ ёдрас шудаанд.

Бозӣ фаъолияти равонии кӯдаконро муътадил намуда, шавқу ҳавасашанро ба машғулият афзуда имконоти фарогирии маводро бештар сохта, хасташавиро рафъ менамояд ва ҷараёни омӯзишро осон мегардонад.

Ҳамин тавр яке аз роҳҳои муассири раванди беҳдошти сифати омӯзишу парвариш дар муассисаҳои томактабӣ истифодаи бозиҳост.

Зеро, бозӣ ҳамин гуна намуди фаъолияти таълим аст, ки кӯдак дар ҷараёни он имконияти аз назар гузаронидану ламс намудани ашё, тарзҳои гуногуни ҳаракат додани онҳо ва истифодаи малакаҳои ҳосилкардаашро ёд мегирад.

Ба ақидаи педагог Е. Аракин «бозӣ бояд яке аз воситаҳои бузург ва ниҳоят хуби ивазнашавандаи инкишофи тафаккури кӯдак ҳисобида шавад» [6].

Бисёр муҳим он аст, ки аз рӯзҳои аввал сар карда омӯзгор бо мақсади инкишофи нутқ ва тафаккури хурдсолон мақсаду вазифаҳои бозиро бо мақсаду вазифаҳои мавзӯи машғулият барои ҳар як лаҳзаи он муайян намояд.

Таҳқиқи илмии бозиҳои кӯдакон яке аз масъалаҳои мураккаб, печида, гуногунҷабҳаи психологияи бачагона ва педагогикаи томактабӣ мебошад. Дар психологияи бачагона он чун «фаъолияти пешбаранда»-и кӯдаки синни томактабӣ эътироф гардидааст.

Дар бозӣ ҳамаи талаботи кӯдак инъикос меёбанд, ки инҳо аз майлу хоҳиш ба мустақилият, иштироки фаъолона дар ҳаёти калонсолон, ки он дар ҳаёти воқеӣ ғайриимкон аст. Ҳангоми бозикунӣ кӯдак бо калонсолон тақлид мекунад, мустақилона амал менамояд, хоҳишу ҳиссиёти худро изҳор мекунад, орзуяшро амалӣ мегардонад. Дар вақти бозӣ дониста гирифтани олами гирду атроф, андешаронӣ оид ба ашёву ҳодисаҳои иҳотакарда таъмин мегардад, ба ҳаракаткуниҳо, ки барои сабзиш ва рушди ҷисму рӯҳ зарур аст, ба муошират ва муносибатҳо бо атрифиён ворид мешавад, ки барои рушди ахлоқӣ ва ақлию зеҳнӣ лозим ҳастанд имконият пайдо мешавад ва дар заминаи бозӣ дигар фаъолиятҳо ба вуҷуд омада, инкишоф меёбанд: яъне меҳнат, таълимгирӣ, муошират ба вуҷуд меояд. Бозӣ барои ба вуҷуд омадан ва шаклгирии навгониҳои психикӣ имконият медиҳад. Махсусан, дар рушди хаёл, тахаюлоти эҷодии кӯдак бозӣ нақши муҳим дорад. Кӯдак ба орзуву тасаввуроти хаёлии худ бовар дорад. Нишонаи аввалини бозӣ дар он аст, ки кӯдак вазъияти мавҷуда ва хаёлиро тасаввур мекунад. Ҳангоми бозикунӣ як ашёро дар ҷойи ашёи дигаре тасаввур менамояд, ки он дар олами воқеӣ чунин вазифаро иҷро карда наметавонад. Кӯдак дар вақти бозӣ эҳсосот ва ҳиссиёти гуногунро аз сар мегузаронад, ки ба мазмуни бозӣ, нақшҳои офаридашаванда, муваффақияту камбудяҳои онҳо алоқаманд аст. Бозӣ фаъолияти мустақилона ва эҷодии кӯдакон буда, дар он ташаббускорӣ, ҳушёрӣ, ҷусту ҷолокӣ ва дигар сифатҳои иродавӣ-ахлоқии онҳо инкишоф меёбад.

Бояд қайд кард, ки дар бозӣ хусусиятҳои фардии кудак зоҳир гардида, он ба мавқеи вай дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Муттаҳидшавии кӯдакон дар бозӣ якчанд зинаҳоро дар бар мегирад. Зинаи аввал бозиҳои «паҳлу бо паҳлу» аст, ки он ба кӯдакони 2-4 - сола хос аст. Дар ин зина кӯдакон бо бозиҳои ҳамдигар мароқ зоҳир мекунанд, аз бозии ҳамдигар қаноатманд мегарданд. Бозӣ

дар таҳти назорат ва роҳбарии калонсол баргузор гардида, амалу рафторҳои фардии кӯдак ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин давра бояд кӯдакон мустақилона бо бозичаҳо бозӣ кардан, бо кӯдаки дигар дӯстона, ақлона муносибат карданро ёд гиранд.

Дар зинаи дуюм бошад, мутаҳидшавии мустақилонаи аввалини кӯдакон ба вуҷуд омада, он хусусияти интихобӣ дорад (ки кадом бозиро дӯст медорад) ва кӯтоҳмуддат аст. Дар кӯдакон ташаккулдиҳии шавқу рағбати устувор ба бозикунӣ вазифаи мураббия мебошад.

Мутаҳидшавии кӯдакон дар асоси дустӣ ва эҳтироми байниҳамдигарӣ зинаи ҷамъбастӣ ва охирон ба ҳисоб меравад. Албатта, теъдоди кӯдакони муттаҳидшуда зиёд буда наметавонад, вале онҳо бо майлу хоҳиши худ бозӣ мекунанд, ба рафтору амалҳои ҳамдигар баҳо медиҳанд, ба ҳамдигар талаботи якхела пешниҳод менамоянд. Вазифаи мураббӣ таъмин намудани муҳити солими маънавӣ, ташаккулдиҳии заминаҳои маънавии муттаҳидшавӣ, сифатҳои ёрии байниҳамдигарӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ мебошад. Маҳз бозиҳо имконият медиҳанд, ки кӯдак ба доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардида, сифатҳои шахсии худро ташаккул диҳад. Дар бозӣ чунин намуди муносибатҳо дар байни кӯдакон шакл мегиранд:

- муносибатҳое, ки онро мазмуни бозӣ талаб мекунад. Масалан, дар «Мактаббозӣ» талабаҳо бояд ба муаллим, дар бозии «Оила» кӯдакон ба волидон итоат намоянд;

- муносибатҳое, ки онро қоидаи бозӣ талаб менамояд. Масалан, дар бозии «Офтоб ва борон», вақте ки мураббӣ «Офтоб баромад» мегӯяд, бояд ҳама ба «сайру гашт» бароянд. Баъди он ки боз мураббӣ «Борон борид» мегӯяд, бояд ҳама дар таги «чатр» паноҳ баранд;

- муносибатҳои воқеӣ, ки онҳо ҳангоми ташкили бозӣ, тақсим кардани нақшҳо, интихоби бозичаҳо, бартараф кардани низоҳо ва ғайра пеш аз бозӣ ва ё дар раванди он ба вуҷуд меоянд.

Эҳтироми ҳамдигарӣ, муносибати интихобӣ, дӯстӣ, дилсӯзӣ, гузашт карда тавонистан ва дигар сифатҳои шахсӣ ба муносибатҳои воқеии байни кӯдакон дар бозӣ, меҳнат, маишат, муошират таъсир мерасонанд. Ин сифатҳо метавонад мавқеи кӯдаконро дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ муайян намоянд.

Дар ташаккулёбии сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, ки онро **малакаҳои рафтори ҷамъиятӣ** номидан мумкин аст, таъсири саривақтии мураббӣ зарур аст. Кӯдакони шармгин, нутқашон нуқсондошта, ҷангара, серҳаракат ба мададу дастгирӣ ва корҳои ислоҳӣ-равонбахшии мураббӣ эҳтиёҷи доимӣ доранд.

Баробари эътироф намудани бозӣ чун шакли ташкили ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон, бояд дар реҷаи рӯз вақт ва макони ташкилу гузаронидани онҳо диққати махсус дода шавад. Таҳлили фаъолияти муассисаҳои томактабӣ нишон медиҳанд, ки дар реҷаи рӯз ба машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт ва дигар фаъолиятҳои маишӣ (хӯрокхурӣ, хоб) вақти муайян ҷудо карда мешавад, вале вақти ба бозиҳо ҷудокардашуда мушаххас нишон дода намешавад. Хуб мешуд, ки пеш аз варзиши пагоҳирӯзӣ, баъди хоби нисфирузӣ барои бозиҳо вақти махсус ҷудо карда шавад, то кӯдакон тавонанд оромона ва мустақилона ба бозиҳои дӯстдоштаи худ машғул гарданд.

Мураббӣ метавонад бозиҳоро ба ҳамаи лаҳзаҳои реҷаи рӯз ворид намояд. Масалан, бо истифодаи лухтак, хирсак бозӣ ташкил намуда, аз номи ӯ кӯдаки навомадаро ба гурӯҳ, қоидаҳои рафтор шинос намояд. Дар омӯзонидан ва мустаҳкам намудани малакаҳои худхизматрасонӣ, меҳнати маишӣ-хоҷагӣ низ аз бозичаҳо, таъмин намудани вазъияти махсуси бозикунӣ бо номи «Якҷоя бозӣ мекунем» истифода бурдан мумкин аст. Ин амал имконият медиҳад, ки алоқамандии иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ ҳам дар фаъоляти меҳнатӣ ва ҳам бозикунӣ таъмин гардад.

Бозӣ як шакли ташкили фаъолияти таълимии кӯдакон аст, ки онро хусусиятҳои равонӣ, синнусолии онҳо талаб менамояд. Бинобар ин, машғулиятҳои таълимӣ бо кӯдакони синни барвақтӣ дар шакли бозиҳои дидактикӣ, бозӣ-машқҳо ташкил ва гузаронида мешаванд. Бо кӯдакони 3-7 сола бошад, бозии дидактикӣ як қисми машғулият мегардад. Бозӣ- машғулятҳоро дар мавзӯъҳои «Саёҳат ба боғи ҳайвонот», «Дӯстони хориҷии мо», «Дар устохонаи кулолгарӣ» ва ғайра ташкил намудан мумкин аст. Дар бозӣ-машғулиятҳо мураббӣ ба донишу тасаввуроти кӯдакон такя менамояд, аз маводи аёнӣ,

бозичаҳо васеъ истифода мебарад, ки барои шавқовару хотирмон шудани онҳо мадад мерасонад. Мураббӣ ба машғулиятҳои меҳнати дастӣ (якҷоя тайёр кардан, таъмир намудани бозичаҳо), фаъолияти мусаввирӣ (тартиб додани шаклҳо, модулҳо) бозиҳои гуногунро ворид сохта метавонад.

Аллакай, дар гурӯҳҳои 2-3 - сола мураббия метавонад бо истифодаи бозӣ кӯдаконро бо ғундоштани бозичаҳо, нигоҳ доштани тартибу низом одат кунонад. Масалан, баъди бозикунӣ мегӯяд: «Лухтакҳо ба ҷойи худ рафтан мехоҳанд»; «Мошинчаҳо дар гараж бояд истанд» ва ғайра. Ин усул имконият медиҳад, ки дар давраи томактабӣ ҳисси масъулиятшиносӣ дар нигоҳ доштани тартибу низом, муносибати эҳтиёткорона бо ашёву бозичаҳо ташаккул дода шавад. Мураббия бояд ҳаёту фаъолияти кӯдаконро дар шакли бозӣ, бо истифодаи бозӣ иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ таъмин намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. А. М. Миралиев., М. Давлатов Педагогика ва психология. – Душанбе: Ирфон, 2007.
2. Б. А. Маҷидова., М.И. Иззатова Педагогикаи томактабӣ. Қ. 1 ва 2. – Душанбе: Ирфон, 2013.
3. Выготский Л.С. Мышление и речь. - М.: Педагогика, 1996. - 115с.
4. Йӯлдошбой Юнусов Педагогика Душанбе «Маориф ва фарҳанг» 2005.
5. Макаренко А. С. Пед. соч.: в 8-ми тт. Т. 4. М.: 1983.
6. М.Лутфуллоев, Ш.Котибова, Т. Каримов. Бозӣ ва инкишофи нутқ. Душанбе, 2009.


**Садирова Ҷ., Котибова Ш.**

## МАҚЕИ БОЗӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола сухан дар бораи мавқеи бозӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ меравад. Бозӣ ҳамин гуна намуди фаъолияти таълим аст, ки кӯдак дар ҷараёни он имконияти аз назар гузаронидану ламс намудани ашё, тарзҳои гуногуни ҳаракат додани онҳо ва истифодаи малакаҳо ҳосилкардаашро ёд мегирад. Ҳангоми бозӣ калима ва ашё, калима ва ҳаракати ашё ба кӯдак якбора пешниҳод карда мешаванд, чунки бо бозӣ принсипҳои аёният дар таълим амалӣ мегарданд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳангоми бозӣ кӯдакон бояд худро озод ҳис кунанд ва аз иштирокашон дар он қаноатманд бошанд. Бозиҳо асосан шавқовар буда, беихтиёр кӯдакро ба ҷараёни худ ҷалб менамоянд. Ба ӯ имконияти нишон додани ҷиҳатҳои хуби шахсиро медиҳад. Ҳавасмандии кӯдакро ҳангоми иштирок дар бозӣ таъмин менамояд ва аз нигоҳи равонӣ ӯро барои иҷрои фаъолияти минбаъда тайёр менамояд.


***Калидвожаҳо*:** бозӣ, кӯдакон, синни томактабӣ, таълим, тарбия, мақсад, вазифа, калонсолон, омӯзгорон.

**Садирова Ҷ., Котибова Ш.**

## РОЛЬ ИГРЫ В ОБУЧЕНИИ И ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА


В статье рассматривается роль игры в обучении и воспитании детей дошкольного возраста. Автор утверждает, что игра - это тип учебной деятельности, при которой ребенок учится смотреть на объекты и касаться их, а также различные способы их перемещения и приобретенные навыки. Во время игры слово и предмет, слово и движение предмета представляются ребенку сразу, потому что в игре принципы визуализации реализуются в образовании.

Играя, дети должны чувствовать себя свободно и довольны своим участием. Игры в основном являются веселыми и невольно вовлекают ребенка в себя. Игра дает ребёнку возможность показать свои хорошие личные качества, обеспечивает мотивацию ребенка на участие в игре и психологически готовит его к дальнейшей деятельности.


***Ключевые слова:*** *игра, дети, дошкольное образование, воспитание, обучение, цели, задачи, взрослые, учителя.*

**Sadirova J., Kotibova Sh.**

## THE ROLE OF THE GAME IN THE EDUCATION AND UPBRINGING OF PRESCHOOL CHILDREN

This article discusses the role of the game in the education and upbringing of preschoolers. A game is a type of educational activity in which a child learns to look at objects and touch them, as well as various ways of moving them and acquired skills. During the game, the word and the object, the word and the movement of the object are presented to the child immediately, because in the game the principles of visualization are realized in education.

When playing, children should feel free and satisfied with their participation.

Games are mostly funny and involuntarily involve the child in the game. This gives him the opportunity to show his good personal qualities. Provides motivation for the child to participate in the game and psychologically prepares him for further activities.

***Key words:*** *game, children, preschool education, upbringing, training, goals, objectives, adults, teachers.*

**Сведения об авторах: Садирова Ҷ. Ш.** – старший преподаватель кафедры педагогики, психологиии и развития человеческих ресурсов Дангаринского государственного университета. Тел: (992) 907 22 72 73

**Котибова Ш. П.** – к.п.н., зав. отделом дошкольного и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54

**Information about the author: Sadirova J. Sh.** - Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Psychology, and Human Resources Development, Dangara State University. Tel: (992) 907 22 72 73

**Kotibova Sh** – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54

Г. САРМИСОКОВА

## НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАРБИЯ ВА РУШДИ ШАХСИЯТИ НАВРАСОН

Дар ҳама давру замон таълиму тарбия ба ҳам пайвасту алоқаманд буд ва ҳаст. Дар ин самт дониш андӯхтан қуллаи орзуву муроди инсон ба ҳисоб меравад. Вале то ба он расидан хеле роҳҳои душворро тай намудан лозим аст. Ин душвориро он ҷавононе паси сар менамоянд, ки ҳамеша аз дастгирии калонсолон ва падару модари худ бархурдоранд.

Ба ҳамагон маълум аст ки вазифаи падару модар танҳо ба дунё овардани фарзанд нест, балки тарбияи дурусти фарзанд ва инсони бомаърифат, хушодобу хушахлоқро ба воя расонидан аст.

Дар моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷкистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" омадааст: "Вазифаи падару модар танҳо таълиму тарбия нест, балки фароҳам овардани шароити хуби моддию маънавӣ барои фарзанд мебошад"[2.67].

Таълиму тарбияи фарзандон ва водор кардани онҳо ба корҳои неку дуруст аз вазифаҳои ҳатмии падару модарон мебошад. Тарбияи насли наврас аслан аз оила оғоз меёбад. Масъалаи таълиму тарбияи насли наврас яке аз мавзӯъҳои муҳми ҷомеа мебошад, ки ҳамеша таҳти назорати масъулони соҳа қарор дорад. Гарчанде ки Ҳукумат ҳама шароитро барои кӯдакон ва насли нврас муҳаё карда бошад ҳам, волидайн низ дар тарбия ва таҳсили кӯдакон бояд беаҳамияти зоҳир нанамоянд.Тавре ки медонем, тарбияи фарзанд аз батни модар оғоз мегардад ва аз оила вобастагии зиёде дорад.

Аз таърих мо огоҳем, ки миллати тоҷик аз қадим ба тарбияи фарзанд аҳмияти ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи ҷавонмардӣ, ватандӯстӣ ба воя мерасонанд. Насли наврас ояндаи миллат буда, барои ояндаи неку дурахшони миллат ва тарбияи инсони оқилу доно ва бомаърифат бояд талош меаварзем, то ин ки фардо дар оянда номбардору муарифигари падару модар ва давлати хеш гарданд.

Оила ин муаррифкунандаи ҷомеаи хурде мебошад, ки қонуну қоидаҳои худро дорад ва дар ҳамин макон фарзанд тарбия мегираду ва маърифат меомӯзад. Яъне тарбияи фарзанд аз оила сарчашма мегирад. Тарбия ва таълими фарзанд равандест, ки бояд дар ҳамкории оила ва мактаб роҳандозӣ шавад, зеро он зина ба зина амалӣ гашта, самараи хуб диҳад. Тарбия инкишофи шахсият ва ахлоқи ҳар як наврасро таъмин менамояд. Он раванди аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ ташаккулёбии шуур ва рафторҳои ахлоқиро дорост. Бояд қайд кард, ки дараҷаи инкишофи тарбияи ахлоқии кӯдакон ба снну сол ва истифодаи усули мухталифи тарбия ва муҳити иҳотакарда вобаста мебошад. Зинаҳои аввалини ташаккули шахсият – инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, интизомнокӣ, рафтори маданӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, инсонгароӣ таҳаммулпазирӣ ва ғайра мебошад, ки аз давраи томактабӣ оғоз гардида минбаъд идома меёбад.

Мавқеи оила дар тарбияи ахлоқии наврасон бисёр муҳим буда, муносибати дӯстонаи падару модар, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории онҳо ба тарбияи онҳо таъсир мерасонад. Муносибати ғамхоронаву меҳрубононаи онҳо фарзанд ва дунёи маънавии онро рушд медиҳад. Аз ҳамин сабаб, муносибати аъзои оила аз рӯйи муҳаббат, ҳурмат ва ёрии ҳамдигарӣ бояд асос ёфта бошад, то ки фарзандон ба ҳамин гуна муносибати нек одат карда, онро дар ҳаёти хеш такмил диҳанд.

Таъмини фазои хуби маънавӣ дар оила яке аз омилҳои муҳим дар инкишофи ахлоқӣ ва психика ба шумор меравад. Барои ба вуҷуд овардани чуин муҳити мусбат бояд ҳар як аъзои оила кӯшиш намояд. Масъалаи мазкур волидонро маҷбур месозад, ки масъулиятнок бошанд, чунки онҳо асоси бавуҷудоварандаи фазои солими оилавӣ буда, тарзи муносибату муоширатшон барои фарзандон ҳамчун намунаи ибрати нек хизмат мекунад. Хурдсолон ҳамеша ба калонсолон тақлид мекунанд, пеш аз ҳама ба падару модар, хоҳару бародарон ва мураббию омӯзгорон пайравӣ менамоянд. Онҳоро аввалин идеали худ мешуморанд. Пас, ҳангоми тарбия талабот ва нозукиро ба эътибор гирифта, рафтор кардан зарур аст. Яъне ба онҳо намунаи бад шудан ё ибрати бад нишон додан лозим нест. Баръакс дар амал намунаи хуби ахлоқӣ ва меҳнатиро дар пеши назари онҳо ҷилвагар сохтан зарур аст, то дарк намоянд, ки кадом рафтору кирдорҳо хубанду кадомаш нодуруст мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас дар асоси талаботи “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ба ҳисобгирии хусусиятҳои синнусоли онҳо муайян карда мешавад. Ин навъ тарбия имкон медиҳад ки наврас рафтори маданиро аз худ намуда, арзишҳои маънавии миллӣ ва умумибашариро зери мафҳумҳои некӣ, ҳақиқат, зебоӣ, таҳаммулпазирӣ, адолат, инсонпарвариро дар раванди муошırату муносибат фаъолияту амалҳои бошуурона ва якҷоя бо калонсолон дар худ ташаккул диҳад. Чунки таҷрибаи ахлоқии ҳосилкарда минбаъд олами ботинии худро бой мегардонад. Бояд қайд кард, ки барои насли наврас мафҳуми ахлоқ дар рафтор, муносибат гуфтор ва амали хубе зоҳир мегардад ва дарк карда мешавад.

Воситаҳои зерини тарбияи ахлоқӣ чунинанд:

1. Ташкили фаъолияти пурмазмун, шавқовар ва натиҷабахш ҳангоми бозӣ, меҳнат машғулиятҳои таълимӣ, фаъолияти фарҳанги-фароғатӣ.

2. Шиносоӣ бо ҳаёти иҷтимоӣ ҳодисаю воқеаҳои гирду атроф фаъолияти меҳнатии одамон тарзи зиндагӣ ва ҳаёти намояндагони халқу миллатҳои гуногун анъанҳои миллӣ ва умумӣ.

3. Таъмини муҳити солимии маънавӣ, ки он барои наврасон гуворо дилкаш шавқовар ва барои беҳдошти солимӣ равона шуда бошад. Дар муҳити солими ҳамдигарфаҳмиӣ, хайрхоҳӣ ва инсонпарварона метавонем наврасонро таҳти таъсири ҳиссиёту муносибатҳои хуб тарбия намоем.

4. Истифода бурдан аз жанрҳои гуногуни адабиёти бадеӣ: афсона, ҳикоя, шеър чистону зарбулмасал, мақолҳо, тезгуяк, асарҳои гуногуни санъати тасвирӣ, санъати мусиқӣ, ки ҳамаи онҳо ба ташакулёбии сифатҳои шахсию ахлоқӣ таъсири мусбат мерасонад.

5. Истифода бурдан аз табиати зебою нотакрори кишвар, ки ҳисси инсонгароӣ, ватандӯстиро ба вуҷуд меоранд. Наврасон ба қоида ва меъёрҳои рафтори одамон диққат дода, кӯшиш менамоянд хуб ё бадро дониста гиранд ва мувофиқи фаҳмиш ва таҷрибаи ҳаётии худ аз онҳо истифода баранд.

Мусаллам аст, ки оила аз нигоҳи арзгузории фалсафаи иҷтимоӣ чун давлат аст. Аммо давлати хурд бояд донист, ки ҳамин давлати хурд ва ба худ хос. Мавқеи оила дар тарбтяи фарзандон басо калон аст. Агар фазои оила саршор аз меҳру муҳаббат фидокориву гузашт самимият ва гармӣ бошад дар ин ҳолат наврасон низ дар ҳамин рӯҳия ба воя мерасанд ҳамдигарро дӯст медоранд ва эҳтиром менамоянд. Нақши оила дар тарбияи бенуқсони насли наврас назаррас аст. Меҳру муҳаббат ва ахлоқи писандида дар пойдории оила нақши муҳим дорад. Наврасон мисли лавҳи тозаеанд, ки дар он чизе навишта нашудааст. Маҳз оила ва муҳити зист аст, ки дар он сифатҳои хуб ё бадро менависад. Оила шахсияти бачаро шакл дода, дар вуҷудаш рӯҳияи созанагиро эҷод менамояд.

Ҳофизи Шерозӣ дар шоҳбайти машҳури худ нақши тарбияро дар ҳаёти инсон зарур шуморида, чунин таъкид мекунад:

*Гуле, ки тарбият аз дасти боғбон нагирифт.*
*Агар ба чашмаи хуршед сар кашад худруст.*

Маълум аст, ки дар маркази фаъолияти омӯзгорон таълиму тарбия қарор дорад ва дар баробари ин аҳли таҳқиқ, мутахассисони соҳа ба тарбия нисбат ба таълим афзалият бахшидаанд. Ҳама машғулиятҳои омӯзгорон ҷанбаи тарбиявӣ доранд. Умуман омӯзгорон дар тарбияи ҳаматарафаю босамари шогирдон масъуланд вале дар ин миён чунин ба назар мерасад, ки мураббиёну омӯзгорони таълимгоҳҳо дар тарбияи насли наврас масъулияти бештареро ба душ доранд.

Омӯзгорон масъуланд, ки мунтазам бо шогирдон дарсҳои тарбиявӣ гузаронанд. Ба ин восита бояд шогирдонро барои бо якдигар хушмуомилаю хушрафтор будан, ба ҳамдигар бо эҳтиром ва самимона муносибат намудан ҳидоят кард. Муомилаи нек бо атрофиён аз умдатарин хислатҳҳои ҳар як шахс бояд бошад. Ин гуна хислатҳо наврасонро ба ҳам наздик мекунад, дӯсту рафиқ мегардонад ва дар байни онҳо дӯстиро ба вуҷуд меорад.

Бояд қайд кард, ки ба тарбияи комили наврасон фаъолияти меҳнатӣ низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Барои дар тарбияи инсонҳо муваффақ будан, бояд аз қонуният, усул ва воситаҳои самараноки тарбия огоҳии кофӣ дошт ва истифодаи дурусту самараноки онҳоро ба роҳ монд. Муҳим он аст, ки дар тарбияи наврасон алоқамандии тарбия бо ҳаёт ва фаолияти ҳамарӯза, этироми шахсият, пайдарҳамию мунтазамии омилҳои таъсиррасон, хусусияти синнусолӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонии онҳо пайваста ба эътибор гирифта шавад. Барои дуруст ба роҳ мондани фаолияти ҳамарӯза оид ба тарбияи насли наврас Консепсияи миллии тарбия доираи қонунӣ ва ояндаи дурахшони давлатдориамонро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, хусусан насли наврас муайян менамояд.

Педагогикаи муосир ҳамеша машварат, рафоқат ва некхоҳиро талқин менамояд. Ҳангоми тарбия шахси тарбиятгар бояд ба се амал таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд, зеро бе онҳо тарбияи шахсро таъмин намудан амри маҳол аст. Ба тарбиятгар лозим аст, ки таҳаммул, андеша ва мулоҳизаро сармашқи кори худ намояд, чунки гуфтаанд: Ҳар калимае, ки аз забон берун меояд, малҳамест, ки ба захме мерасад ё ханҷарест, ки дилеро мешикофад, ё насимест, ки дарёи эҳсосотро ба талотум меоварад..

Ба андешаи академик М. Лутфуллоев «Тарбия чизи дар як ҷо шахшуда нест. Вай дар робита бо дигар шудани ҷомеа тағйирпазир аст» [6]

Тарбия оташакест, ки бо ёрии нерӯи маънавии инсон афрӯхта мешавад. Муҳимтарин қуввае, ки одамро бояд тарбия намояд, ин худи инсон аст. Тарбия кори аз ҳама мушкил, мураккаб, пурташвиш ва муҳим ба шумор меравад. Барои дар рафти он ба комёбиҳо ноил шудан пуртоқатӣ, фикри солим, масъулиятшиносӣ, муҳаббат, оқилӣ, доираи васеи донишҳо талаб карда мешавад.

Меҳрубонӣ аз ҷониби падару модар ва омӯзгорон дар тарбия мавқеи хос дорад. Меҳру шавқат ба фарзандон аз муҳимтарин омилҳои пешрафт ва асоси инкишофи равонию ҷисмонии онҳо ба шумор меравад. Дар ин ҷода бояд омӯзгорон кӯшиш намоянд, ки дар тарбияи наврасон роҳи дурустро интихоб намоянд, то ин ки дар таълиму тарбия фоъолияти босамар дошта бошанд. Омӯзгорон ҳамеша бояд ба падару модарон алоқаи зич дошта бошанд, бо онҳо мунтазам ҳамкорӣ намоянд, то дар тарбия комёб бошанд.

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ин маврид хеле хуб фармудааст:

*Ҳар, кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад,*
*Одаме аз одамиён ӯ бувад.*
*Баҳори умри инсон аст фарзанд,*
*Сутуни рӯзгорон аст фарзанд.*
*Дар ин дунёи пурумеду армон,*
*Гули умеду ормон аст фарзанд.*

Тарбияи насли наврас омили муҳимми рушди такомули чомеа буда, ояндаи он аз ҷавонони имрӯза вобаста аст. Фарзанд новобаста ба синну сол дар ҳар давру замон ба тарбия ниёз дорад. Бинобар ин, волидон ва омӯзгоронро лозим аст, ки дар таълиму тарбияи насли наврас хело дақиққор ва бомулоҳиза бошанд.

Аз ин рӯ, дар ашъори шоирону мутафаккирони бузург, классикону шоирони муосир, дар боби насиҳат ба фарзандон ва тарбияи он гуфтаҳои судманд зиёданд. Мутолеаи асарҳои бузургони классику муосир аз манфиат холи нест.

## АДАБИЁТ:

1. ” Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. Душанбе, 2000.
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006 №94.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.08.2011. №762.
4. “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус. Душанбе, 2011.
5. Одобномаи барои синфҳои 3-4ва 5-6. Душанбе, 2002.
6. Осор. Ҷ.5. М. Лутфуллоев. Душанбе, 2013.
7. Тарбияи маънавӣ. А.В. Зоҳидов. Душанбе, 1989.

**Сармисоқова Г.**

## НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАРБИЯ ВА РУШДИ ШАХСИЯТИ НАВРАСОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи нақши оила дар тарбияи наврасон ва рушди шахсияти онҳо баррасӣ мегардад. Мафҳуми тарбия дар ҷараёни таърихи бисёрасраи инсоният ташаккул ёфтааст. Тарбияи инсони ташаккулёфта ҳадаф ва орзуи бузург ба шумор мерафт. Инсони рушёфтаро сифатҳо бисёранд ва падару модари хуб будан муҳимтарини онҳо дониста мешавад.

Оила роҳнамои асосии иҷтимоии наврасон аст. Онҳо тавассути оила вориди муносибатҳои хешутаборӣ мешавад. Шеваи рафтор, гуфтор, амал, ташаккули ахлоқу маънавиёт дар муҳити оила сурат сурат гирифта, ташаккул меёбанд. Оила ин ҷамъияти хурде мебошад, ки қонуну қоидаҳои худро дорад ва дар ҳамин макон фарзанд тарбияи дуруст ва ахлоқу маърифатро меомӯзад.

Оила дар ташаккул ва рушди шахсияти наврасон нақши якумрии худро мегузорад. Хонаводa ниҳодест, ки низоми он паҳлуҳои гуногун дорад ва ҳамкории падару модар ва фарзандро дар бар мегирад.

***Калидвожаҳо:*** *оила, фарзанд, падару модар, насли наврас, ташаккул, ахлоқ, усул,роҳ, таълим, тарбия, мактаб, ҷомеа.*

**Сармисокова Г.**

## РОЛЬ СЕМЬИ В ВОСПИТАНИИ И РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ ПОДРОСТКОВ

В данной статье рассматривается роль семьи в воспитании подростков и их личностное развитие. Концепция образования формировалась на протяжении многих веков человеческой истории. Воспитание развитого человека было великой целью и мечтой. У развитого человека много качеств, и самое главное - быть хорошим родителем.

По мнению автора, семья является основным социальным ориентиром для подростков. Они вступают в родственные отношения через семью. Поведение, речь, действия, нравственное и духовное развитие происходят и формируются в семейной среде. Семья - это маленькое государство со своими законами и правилами, где дети учатся правильному воспитанию, нравственности и воспитанию.

Семья играет пожизненную роль в формировании и развитии личностей подростков. Семья - это институт, система которого многогранна и предполагает сотрудничество родителей и детей.

***Ключевые слова:*** *семья, ребенок, родитель, подросток, образование, этика, метод, способ, воспитание, воспитание, школа, общество.*

**Sarmisokova G.**

## THE ROLE OF THE FAMILY IN THE UPBRINGING AND DEVELOPMENT OF THE PERSONALITY OF ADOLESCENTS

This article discusses the role of the family in the education of adolescents and their personal development. The concept of education was formed over many centuries of human history. The education of a developed person was a great goal and dream. A developed person has many qualities, and most importantly - to be a good parent.

The family is the main social benchmark for adolescents. They enter into kinship through the family. Behavior, speech, actions, moral and spiritual development occur and are formed in the family environment. The family is a small state with its own laws and regulations, where children learn the right education, morality and upbringing.

The family plays a lifelong role in the formation and development of personalities of adolescents. The family is an institution whose system is multifaceted and involves the cooperation of parents and children.

***Keywords:*** *family, child, parent, teenager, education, ethics, method, method, education, upbringing, school, society.*

**Сведения об авторе: Сармисокова Г.** – старший преподаватель кафедры педагогики, психологиии и развития человеческих ресурсов Дангаринского государственного университета. Тел: (992) 901434346

**Information about the author: Sarmisokova G.** - Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Psychology, and Human Resources Development, Dangara State University. Tel: (992) 901434346

**Ш. ХОЛИҚОВА**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

Дар шароити рушди босуръати илму техника, дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, таърихию фарҳангӣ ва илмию адабӣ дар тамоми соҳаҳо тағйироти куллӣ ба вуқӯъ омада истодаанд. Таҷрибаи байналмилалӣ ва кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки заминаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар ин рушди таҳсилоти миллӣ буда, он яке аз вазифаҳо ва омилҳои муҳимтаринро дар стратегияи пешрафти кишварҳо ба иҷро мерасонад. Пӯшида нест, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони муосир низ иқтидори зеҳнӣ ва то кадом андоза баланд будани сатҳи таҳсилот ва маърифати фарҳангии миллат ва таъминот бо кадрҳои баландихтисоси огаҳ аз навгониҳои илму техника ва технологияи иттилоотӣ ва ҳамкадам бо замона будан аз унсурҳои муҳимтарини рушди он мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи ҶумҳурииТоҷикистон то соли 2020 нақши маорифро ҳамчун манбаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони он муайян менамояд ва рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ, дастгирӣ ва инкишоф додани барномаю технологияҳои инноватсионии таҳсилоти олии касбиро дар асоси ҷорӣ ва таъмин намудани технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин ташкили таълими фосилавиро зарур меҳисобад [7].

Таҳсилоти фосилавӣ, чӣ хеле ки ба ҳамагон маълум аст, дар кишвари мо ва дигар давлатҳои собиқ шӯравӣ шакли нави рушди таҳсилоти ғоибона ва усули таълим барои шакли рӯзонаи таҳсил мебошад, ки дар он амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон, аз қабили машварат ба воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online имконпазир мегардонад.

Унсури муҳимми фазои таълими фосилавӣ технологияи интернет мебошад. Шакли омӯзиш бо шабакаҳои компютерӣ ва мултимедиявиро таҳсилоти асри XXI номидан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро дар айни замон, ба туфайли Интернет дар саросари ҷаҳон дастрасии мустақим ба захираҳои гуногуни мултимедия мавҷуд аст. Интернет, воситаҳои зарурии коммуникатсия ва технологияи компютерӣ омӯзиши фосилавии мултимедиро ҷолибтар ва дастрастар менамоянд. Бартарии он на танҳо дар тағйирпазирии ҷараёни таълим, балки дар ба вуҷуд омадани сатҳи нави таҳсилот ва инчунин дар пайдо кардани маҳорату малакаҳои компютерӣ ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи донишҷӯ зоҳир мегардад.

Таҳсилоти фосилавӣ бояд ба муносибати босалоҳият ба таълим асос ёбад. Умуман эътироф карда мешавад, ки салоҳият амалияи рефлексивии истифодаи донишҳои бадастомада мебошад. Салоҳият таҷриба ва дониш, қобилияти нав кардани онҳоро ҳангоми амалисозии вазифаҳои касбӣ талаб мекунад ва барои ҳамаи қарорҳо ва амалҳо масъулияти шахсӣ дорад. Шахси дорои салоҳият қобилият дорад, ки дар ҳалли масъалаҳои касбӣ чандирӣ ва мустақилият нишон диҳад.

Бояд таъкид намуд, ки дар замони муосир ба рушди таҳсилоти фосилавӣ ду омили асосӣ: дастрасӣ ба Интернет ва сифати иртибот таъсир мерасонад. Дар таълими электронӣ раванди таълим бо истифода аз маълумоти дар пойгоҳи додаҳо (захираҳои электронӣ) ташкилёфта ва дар амалисозии барномаҳои таълимӣ сурат мегирад, ки коркарди онро тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои техникӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ барои интиқоли иттилооти мазкур тавассути хати алоқа ва ҳамбастагии иштирокчиёни ҷараёни таълим таъмин менамояд [4].

Ташкил ва фаъолияти системаҳои омӯзиши электронӣ ба истифодаи васила интиқоли иттилоот ба технологияҳои мубодилаи иттилоот асос ёфтааст. Дар доираи лоиҳаҳои гуногун дар як қатор муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ барои таълими донишҷӯён технологияҳоро барои таълими фосилавӣ муҳайё сохтаанд. Айни замон ба востиаи шабакаҳои интернетӣ аз шаклҳои нави дарс-тренингҳои таълимӣ васеъ ба кор бурда мешавад, ки ба тариқи зайл сурат мегиранд: дарсҳои онлайнӣ бо истифодаи

нармафзори Skype, дарсҳои фосилавӣ бо истифода аз интернет (масалан, дар ВКонтакте) ва ғ.

Афзалиятҳо ё омилҳои мусбати таҳсилоти фосилавӣ пеш аз ҳама дар муносибати инфиродӣ ба таълим ва баъд аз он мустақилона интихоб кардани вақт ва макон барои омӯзиши фанни таълимӣ, инчунин истифодаи технологияи навтарин дида мешавад. Илова бар ин, бояд дар назар дошт, ки таҳсилоти фосилавӣ намунаи ташкили ҳамкориҳои донишҷӯ ва омӯзгор бо технологияи иттилоотӣ мебошад. Курсҳои босифати онлайн бо истифода аз системаҳои таълимии онлайн (LMS) таъсис дода мешаванд. Системаҳои MMS дар асоси Moodle барои густариши ҷузъҳои омӯзиши шабака васеъ истифода мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷорӣ намудани унсурҳои таълими фосилавӣ вобаста ба интихоби ҷой ва вақти муносиби корҳои таълимӣ васеъ гашта, омӯзиши онлайнӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим бо тарзи ҳаёти муқаррарӣ тавъам гардад. Дар системаи таълими электронӣ донишҷӯён пайваста бо асбобҳои таълимӣ, корҳои лабораторӣ, супоришҳои амалӣ, дастурҳо оид ба омӯзиши фанҳо, супоришҳои ҳисоббарорӣ, лексияҳо дар шакли мултимедия, руйнамоиҳо, модулҳои интерактивӣ дар асоси маводи таълимӣ таъмин карда мешаванд.

Технологияҳои фосилавии таълимӣ, аз як тараф, яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ҷараёни таълимро аз ҷиҳати анъанавӣ истисно карда, тамоси шахсӣ ва муколамаи донишҷӯ бо муаллимро, аз ҷониби дигар, таъмин месозанд. Муошрати дуҷониба дар масофа тавассути эҷоди самараи «ҳузур» -и омӯзгор ва «муоширати дидактикии мақсаднок» ба даст оварда мешавад. Омӯзгоре, ки таҳсилоти фосилавиро роҳбарӣ мекунад, усул ва воситаҳои таълимро барои пешниҳоди дастрас ва маводи визуалии дахлдори таълимӣ, аз қабили хулосаҳои электронӣ, энсиклопедия, глоссарий, анкета, лабораторияҳои виртуалӣ ва ғайра интихоб мекунад [4].

Ҳангоми таҳияи курси фосилавӣ меъёрҳои дақиқи баҳодиҳии дониши донишҷӯён муайян карда мешаванд: баҳоҳо бе иштироки омӯзгор дар режими худкор ҳисоб карда мешаванд, ки ғаразнокиро бартараф мекунад ва таълимгирандагон ба назорати ҷории дарсҳо ва кори хонагӣ баҳои оқилона медиҳанд. Дар баробари ин, василаи фароҳам овардашудаи алоқаи электронии байни донишҷӯ-шунаванда ва омӯзгор-роҳбарикунада муносибати инфиродиро ташаккул медиҳад ва бо ёрии омӯзиши электронӣ шаклҳои рамзӣ ва шифоҳӣ - садо, графика, видео, аниматсия, почтаи электронӣ, навигариҳои гурӯҳ барои пешниҳоди мавод истифода мешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвари мо технологияҳои мултимедиявӣ бештар дар шаклҳои зерин васеъ истифода бурда мешаванд:

***1. Таҳияи презентатсия, яъне муаррифинома.*** Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои нав, барои ҷалб намудани диққати донишҷӯён самаранок истифода шуда, он имкон медиҳад, ки мазмун ва ғояи масъалаи баррасишаванда дар миқёси гуногун намоиш дода шавад ва салоҳияти эҷодии шахси муаррификунанда дар таҳқиқ ва таҳлили мавзӯъ равшан инъикос ёбад.

***2. Арзёбии дониш.*** Вазифаҳои тестӣ, аз ҷумла супоришҳои тасвирӣ, инчунин кори амалӣ дар компютер, имкон медиҳанд, ки самаранокии таълим дар сатҳи сифатан нав назорат карда шавад ва донишу малакаи донишҷӯ бо истифодаи барномаҳои махсус арзёбӣ карда шавад.

***3. Лоиҳаҳои донишҷӯйӣ.*** Корҳои мустақил бо PowerPoint ё муҳаррирони видеоӣ оғози қавии фаъолияти эҷодӣ барои донишҷӯ мебошад. Шояд на ҳама рассом ҳастанду тасвирҳои зебо меофаранд, вале ҳар як шахс метавонад, ки тарзи сохтори иттилоотро омӯхта, ҷузъҳои мантиқӣ ва дурусти намудҳои гуногуни даркро интихоб кунад ва ҳамзамон маҳорат ва захираҳои зеҳниии худро баланд бардорад. Яъне инкишофи эҷодкорӣ дар иҷрои лоиҳаҳои донишҷӯйӣ мақсаднок мегардад.

Бояд қайд кард, ки барои рушди минбаъдаи таҳсилоти олии касбӣ ва пурра ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ, инчунин истифодаи технологияҳои мултимедӣ, ки он дар оянда механизми таъмини талаботи ҷорӣ ва минбаъдаи ҷомеаро такон бахшида, ба рушди босуръати иқтисодӣ мусоидат менамояд, зарур аст, ки:

- ба дараҷаи таъминоти аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо заминаи моддию техникӣ, адабиёти таълимию методӣ, компютерҳои замонавии ба шабакаи Интернет пайвастшуда диққати ҷиддӣ дода шавад;

- барномаҳои таълимии ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ таҳия шаванд; фаъолияти илмии умумидонишгоҳӣ дар ҷумҳурӣ робитаи ногустанӣ пайдо намояд;

- низоми дақиқи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ташкил карда шавад; низоми таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи бозори меҳнат равона ва ҷавобгӯ бошад;

- ба идоракунӣ ва арзёбии сифати таҳсилот таваҷҷӯҳи кофӣ дода шавад ва ҳамзамон низоми таҳсилоти фосилавӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ тибқи талаби замон ба роҳ монда шавад.

Дар таҳсилоти фосилавӣ бештар модулҳои гуногун истифода бурда мешаванд ва усули модулӣ одатан ҳамчун тарҳрезии маводи таълимӣ дар шакли воҳидҳои тайёр бо назардошти хусусиятҳои атрибутӣ тафсир карда мешавад. Модул дорои хусусиятҳои маърифатӣ (иттилоотӣ) ва таълимӣ-касбӣ (фаъолият) мебошад, ки вазифаи онҳо ташаккули донишҳои назариявӣ ва малакаҳои касбӣ дар асоси донишҳои бадастовардашуда мебошад. Намунаи модули фаъолият метавонад лаборатория бошад. Самти амалии ҷараёни таълим дар он аст, ки омӯзиши курсҳо бо ҳалли масъалаҳои абстрактӣ не, балки бо мушаххасот алоқаманд аст. Танзими доимии маводи электронии таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки маводи дахлдорро азхуд кунанд ва дар бозори муосири меҳнат мутахассис шаванд.

Ба ақидаи мо дар шароити кунунии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ бояд чунин тадбирҳо дар мадди аввал гузошта шуда, ҳатман амалӣ карда шаванд: 1) таъмин бо таҷҳизоти техникӣ; 2) таъминоти барномавӣ ва усули таълимии таҳияшуда; 3) таъмини дастрасии доимӣ ба Интернет.

Ҳамин тариқ, дар шароити нави тамаддуни иттилоотӣ, системаҳои омӯзиши электронӣ метавонанд мафҳуми раванди таълимиро бори дигар таҳлил намоянд. Умуман, технологияи таҳсили фосилавӣ як раванди банақшагирифташуда мебошад, ки вазифаи асосии он дар ниҳояти кор омӯзонидани малакаҳои фаъолияти мустақилона мебошад. Омӯзиши электронӣ барои амиқсозии дониши назариявӣ ва баланд бардоштани малакаҳои амалӣ, инчунин ташаккули фарҳанги техникию технологӣ имкони хуберо фароҳам меорад.

Хулоса, дар самти таълиму тадриси кишвари мо дигаргуниҳои сифатӣ, шаклӣ ва мазмунӣ ба миён омада истодаанд, ки дар асоси онҳо дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва технологияи таълими ин ё он фан низ аз нигоҳи имрӯз таҷдиди назар мехоҳад ва тақозо менамояд, ки дар ин самт тозагиҳо, падидаҳои нав,ислоҳоту навгониҳои ба талаби замон мувофиқ ворид гарданд.

**АДАБИЁТ:**


1. Авво Б.В. Методология компетентностного подхода в высшем образовании //http://www.emissia.org/offline/2005/978.htm (дата обращения: 27.02.2018).
2. Косевска Н.В. Преимущества использования мультимедийных технологий в образовательном процессе дистанционного обучения //Современная педагогика. 2015. № 5 [Электронный ресурс]. URL: http://pedagogika.snauka.ru/2015/05/4345 (дата обращения: 09.04.2019).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" аз 26.07.2014 с.
4. Леонтьева И.А. Дистанционное обучение как одно из средств повышения качества образования студентов в вузе //https://cyberleninka.ru/article/n/viewer (дата обращения: 13.02.2020).
5. Мультимедиа технология. Основные понятия, представление мультимедийной информации, функции и области применения. - URL: http://5fan.ru/wievjob.php?id=36279 (дата обращения 12.05.2019),
6. Образование: сокрытое сокровище. Основные положения Доклада Международной комиссии по образованию для XXI века. - Издательство ЮНЕСКО, 1996 // http://www.ifap.ru/library/book201.pdf (санаи мурочиат: 13.02.2018).
7. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст.

**Холиқова Ш.Қ.**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

Дар мақола яке аз бартариҳои асосии истифодаи технологияҳои мултимедӣ ҳамчун шакли қобили қабул барои гирифтани таҳсилоти олӣ дар масофа ё ба тариқи фосилавӣ баррасӣ шуда, муаллиф таъкид намудааст, ки технологияҳои мултимедиявӣ дар ҷаҳонишавии таҳсилот ҳамчун як раванди ташаккули фарҳангии нноватсионии асри XXI ба ҳисоб меравад. Инчунин муаллиф қайд мекунад, ки яке аз шаклҳои таъсирбахши таълим ин таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Он шароит фароҳам меорад, ки доираи раванди педагогиро тавассути истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ тавсеа дода, омӯзиши мустақил, баландсифат, шавқовар ва ба шахсият нигаронидашуда дар ҳама ҷо ва дар вақти дилхоҳ дастрас бошад, зеро ин аз хусусияти асоситарини таҳсилоти фосилавӣ мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *Интернет, технология, мультимедиа, таҳсилоти фосилавӣ, раванди таълим, маълумати олӣ.*

**Холикова Ш.К.**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В статье представлены основные преимущества применения технологий мультимедиа как наиболее приемлемая форма при получении высшего образования дистанционно. Мультимедийные технологии выходят на первый план в условиях глобализации образования, как процесса формирования инновационной культурыXXI века. Автор отмечает, что одной из самых эффективных образовательных форм является дистанционное обучение, которое позволяет расширить границы педагогического процесса за счет использования мультимедийных технологий. Именно мультимедиа дает возможность самостоятельного, качественного, увлекательного и личностно ориентированного обучения в любом месте и в любое удобное время. В этом основная особенность дистанционного обучения.

***Ключевые слова:*** *Интернет, технология, мультимедиа, дистанционное обучение, учебный процесс, высшее образование.*

**Kholikova Sh. K.**

## USE OF MULTIMEDIA TECHNOLOGIESIN THE PROCESS OF REMOTE LEARNING

This article presents the main advantages of using multimedia technologies as the most acceptable form for obtaining higher education remotely. Multimedia technologies come to the fore in the context of the globalization of education, as a process of formation of an innovative culture of the XXI century. The author notes that one of the most effective educational forms is distance learning, which allows you to expand the boundaries of the pedagogical process through the use of multimedia technologies. It is multimedia that enables independent, high-quality, exciting and personality-oriented learning in any place and at any convenient time. This is the main feature of distance learning.

***Keywords****: Internet, technology, multimedia, distance learning, educational process, higher education.*

**Сведения об авторе: Холиқова Шоира Кодировна** – научный секретарь Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистан, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айнӣ, 45.

**Information about the author: Kholikova Shoira Kodirovna** - Scientific Secretary of the Institute of Educational Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Ain, 45.

**А. ФАЙЗАЛИЕВА**
**Ҷ. САДИРОВА**

# ТАРБИЯ – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ НАСЛИ НАВРАС

Дар ҷомеаи имрӯза тарбияи насли наврас омили муҳими рушди ҷомеа мебошад. Тарбияи насли наврас аз оила оғоз ёфта, муҳит ва муассисаҳои таълимию касбии олӣ таъсир мерасонад. Чӣ хеле, ки бузургони мо гуфтаанд: «Аз гавҳора то гӯр дониш биҷӯ». Тарбияи оилавӣ оғози тарбияест, ки онро машъали тарбия гӯянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Тарбияи насли наврас кори басо муҳиму заҳматталаб аст, зеро ояндаи миллату Ватан ба насли ҷавон вобастагӣ дорад. Моро лозим аст, ки дар ин кори хайр ягон чизро дареғ надошта, оқилу дурбин бошем». Дар ин бобат Шайх Саъдӣ мефармояд.

***Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,***
***Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.***

Зимнан бояд таъкид кард, ки чун фарқияти психикаи кӯдакон вобаста ба шароити тарбия рӯх медиҳад, барои ташаккули такомули минбаъдаи онҳо беасар намемонад.

Кӯдак ҳамеша бо калонсолон, падару модар, бо ҳамсолон пайравӣ ё тақлид менамояд. Пас, ба ӯ рафтори бад ё сухани бад нишон додан лозим нашояд.

Маорифпарвари барҷастаи фаронсавӣ Ж. Ж. Руссо (1712-1778) тавсия медиҳад, ки тарбия бояд озод бошад, то ки бачагон бо таври табиӣ инкишоф ёбанд. Инчунин ишора менамояд, ки барои тарбияи кӯдак, донистани олами рӯҳии онҳо муҳим аст.

Тарбияи оилавӣ оғози тарбияест, ки онро машъали тарбия гӯянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифаҳои волидонро равшан муайян кардааст. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад [].

Педагог ва психологи бузурги рус К. Д. Ушинский (1824-1871) таъкид менамояд, ки «коркарди масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва мактабӣ дар алоқамандии назарияҳои педагогӣ бо амалӣ ва дар асоси санъати тарбия, ки хусусиятҳои таърихи миллиро доранд, бояд ба роҳ монда шавад» [44-45].

Олим таълиму тарбияро аз ҳам ҷудо накарда, таълимро муҳимтарин воситаи тарбия меҳисобид. Дар таълиму тарбияи бача фаъолияти муташаккилро шарти муҳим дониста, усулу воситаҳои инкишофи фаъолиятмонии бачаро нишон медиҳад.

Аксарияти педагогони маъруфи Аврупо ақидаи вобаста ба қонуниятҳои табиат, таълиму тарбия додани бачаро пеш бурдаанд. Ба ин гурӯҳ Я. А. Каменский ҳамчун асосгузори илми педагогика, дар асари безаволи худ «дидактикаи бузург» барои тарбияи кӯдакон андешаҳои хешро иброз доштааст. Дар асари «Мактаби модарон» ва китобҳои таълимии «Дарҳои кушоди забонҳо», «Физика», «Астрономия» оид ба нозукиҳои таълиму тарбияи насли наврас маълумоти аниқу муфидро пешниҳод менамояд.

Тарбияи наврасон дар сатҳҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Сараввал, тарбия дар оила оғоз мегардад, сатҳи дигар бошад, ин муассисаҳои таълимии то донишгоҳӣ ва донишгоҳӣ мебошад. Кӯдак аз калонсол бо шаклҳои аз сар гузаронидани ҳиссиёт, тарзи ифодаи фикр, фаҳму фаросат ва шаклҳои муошират фарқ мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки тарзҳои рафтори имрӯзаи бача аз фардои ӯ фарқ мекунад. Кӯдак дар ҳар як зиннаи синну солӣ ба таври номутаносиб инкишоф меёбад ва дар ниҳоди ӯ тағйироти куллии анатомию физилогӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ ба вуҷуд меояд.

Инҷо ба арзишҳои ахлоқӣ, ба мақсади маънӣ бардоштан аз таълимоти бузургон дар боби вазифаҳои падару модар бар фарзанд, рӯ меорем, ки фармудаанд: «Ҳаққи фарзанд ба падар ин аст, ки ӯро бо беҳтарин ваҷҳ адаб омӯхта, беҳтарин илмҳоро таълимаш бидиҳад». Тарбияи оилавӣ оғози тарбияест, ки онро машъали тарбия мегӯянд.

Нақши омӯзгор дар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо падару модар оид ба тарбияи наврасон ни хоят бузург аст. Омӯзгор аст, ки баъд аз оила марҳилаи дуюми ташаккули тарбияро дар мактаб амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки омӯзгор нисбат ба бачаҳо меҳрубону хайрхоҳ, бо диққату самимият будани худро ифода кунад ва дар дилу дидаи

бачаҳо роҳ ёбад, ҳаргиз бачаҳоро аз душвориҳои таълимӣ натарсонад ва ба онҳо муомилаи дурушт накунад. Омӯзгор бачаҳоро бовар кунонад, ки дар ҳолате аз уҳдаи иҷрои тамоми фаъолиятҳои таълимӣ мебароянд, ки агар дар ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми якдигар фаъолият намоянд.

Оид ба қисматҳои алоҳидаи тарбияи фарзанд ва масъалаҳои баҳс талаби он дар гузашта, мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумлаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Носири Хисрав, Унсурмаолии Кайковус, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Фаридуни Аттор, Саъдии Шерозӣ ва дигарон асарҳои гаронбаҳоеро эҷод намудаанд, ки дар онҳо мавзӯъҳои таълиму тарбия, одобу ахлоқ омӯхтани илму маърифат ва монанди инҳо таҷассум ёфтаанд. Эҷодиёти онҳо то ба ҳол оид ба таълиму тарбия, рушди камоли инсонӣ, давраҳои синну солӣ, аҳамияти таҷрибаҳои ҳаётӣ, ақлу хирад ва монанди инҳо арзиши илмию тарбиявии худро нигоҳ дошаанд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, асосгузори адабиёти классикии тоҷик дар ҳаёт мавқеи ба худ хос доштани донишро, ки сарчашмаи асосии тарбия мебошад, ба таври зайл овардааст.

***Дониш андар дил чароғи равшан аст,***
***В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.***

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ доир ба ташаккули шахсияти инсон, хусусиятҳои психикӣ ва тарбияи дурусти онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад.

Тавре ки дар боло қайд кардем, оид ба масъалаи ташаккули шахсияти наврасон мутаффакирон, бузургон ва гузаштагони мо ибрози ақида намудаанд, ки яке аз онҳо Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Мутафаккир дар қисми сеюми «Захирот-ул-мулук» ном асараш навиштааст: «Дар ҳолати тавлудшавии фарзанд дар ниҳоди ӯ ҳеҷ гуна хислатҳои некию бадӣ вуҷуд надорад ва олами ботинии ӯ чун оина пок аст. Падару модар ва атрофиён бачаро чи хеле, ки тарбия кунанд, ӯ ҳамон тавр меъёрҳои ахлоқӣ, тарзи рафтор ва муоширатро аз онҳо меомӯзад».

Яке аз роҳҳои муътадил ташаккул додани шахсияти наврасон дар ҷараёни тарбия, ташкил намудани муоширати солим мебошад. Муоширати хубу солим дар оила имконият медиҳад, ки ҳодисаҳои гуногуни психологии ба вуҷудомада фаҳмида мешавад ва тарзи дуруст бартараф намудани онҳо низ амалӣ карда шавад. Ба воситаи муошират ҳисиёти манфӣ бароварда мешавад, ки дар натиҷа шахсияти наврас мутаъдил ташаккул ёфтан мегирад, инчунин ба воситаи муоширати солим он нофаҳмиҳое (низоъ) ки байни аъзоёни оила пайдо мешавад, онҳоро бартараф намудан боиси пешравӣ дар ташаккули ӯ мегардад. Агар калонсолон тарзи дуруст муносибат карданро донанд, пас дар наврас имкониятҳои васеъ барои нишон додани хусусияти шахсияти худ пайдо мешавад. Дар ин мавридҳо ӯ кӯшиш мекунад, ки муносибати худро бо ашёву ҳодисаҳо ва одамон барқарор дуруст намояд, муаммоҳое, ки дар муҳити иҳотакарда аст дониста гирад. Барои иҷро намудани ин амалу хоҳишҳо калонсолон ба ӯ ёрӣ мерасонанд. Тарзи муоширати калонсолон ба насли наврас на танҳо ба тарзи рафтор, балки ба саломатии рӯҳӣ ва камолоти зеҳнии вай таъсир мерасонад.

Роҳи дигаре, ки боиси ташаккули шахсияти наврасон мегардад ин барои онҳо таъмин намудани имконияти мустақилона иҷро кардани корҳо мебошад, яъне наврас то дараҷаи муайян озод ва мустақил бошад. Дар баъзе оилаҳо ин озодиро ба дараҷаи баландаш истифода мебаранд. Насли наврас дар ин намуди оилаҳо то он дараҷае озоданд, ки ҳар хоҳише дошта бошанд онро худашон иҷро мекунанд, аз назорати падару модар дур мондаанд, ки оқибати ин амал хуб нест. Масалаи дигаре ҳаст, ки падару модар барои иҷрои коре фарзандашонро маҷбуран сафарбар менамоянд ва барои онҳо чорчӯбаи рафтору амалҳоро номбар мекунанд ва таъкид менамоянд, ки аз ин гуфтаҳои онҳо берун набароянд. Натиҷаи рафтори чунин волидон ба он анҷом меёбад, ки наврас мустақилиятро аз даст диҳад ва мибаъд худро вобаста ё мутеъи дигарон ҳис мекунад, ба қувваю имкониятҳо ва эҷодкории худ бовариро гум мекунад, доимо муҳтоҷи мададу дастгирии атрофиён мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки барои ташаккул ёфтани насли наврас пеш аз ҳама оила, муҳит ва муассисаҳои таълимӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, насли наврасро дар фазои озод ва ба табиат шинос намудану тарбия кардан басо муҳим аст. Ҳар як оила ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, ба муассисаҳои таълимӣ равона созанд ва кӯшиш ба

харҷ диҳанд, ки дар баробари инкишофи психологӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва шахсияти наврасон барои дуруст ба камол расидани фарзандон заҳмату қувваи худро сарф намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Выготский Л.С. Педагогическая психология М., 1991
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006 №94.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02.08.2011. №762.
4. Лутфуллоев М. Осор. Ҷ.5. - Душанбе, 2013.
5. Зоҳидов А.В. Тарбияи маънавӣ. - Душанбе, 1989.


**Файзалиева А., Садирова Ҷ.**

## НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАРБИЯ ВА ТАШАККУЛИ НАСЛИ НАВРАС


Дар мақолаи мазкур масъалаи тарбияи наврасон ва роҳҳои ташаккули онҳо баррасӣ мегардад. Дар таълиму тарбияи бача фаъолияти муташаккили мактаб ва оила шарти муҳим буда, усулу воситаҳои инкишофи фаъолгардонии бачаро нишон медиҳад.

Мавқеи оила дар тарбияи ахлоқии наврасон бисёр муҳим буда, муносибати дӯстонаи падару модар, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории онҳо ба тарбияи онҳо таъсир мерасонад. Муносибати ғамхоронаву меҳрубононаи онҳо инкишофи фарзанд ва дунёи маънавии онро рушд медиҳад. Аз ҳамин сабаб муносибати аъзои оила аз рӯи муҳаббат, ҳурмат ва ёрии ҳамдигарӣ бояд асос ёфта бошад, то ки фарзандон ба ҳамин гуна муносибати нек одат карда, онро дар ҳаёти хеш такмил диҳанд.

Ҳар як оила ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, ба муассисаҳои таълимӣ равона созанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар баробари инкишофи психологӣ, ҷисмонӣ, физиологӣ ва шахсияти наврасон барои дуруст ба камол расидани фарзандон заҳмату қувваи худро сарф намояд.


***Калидвожаҳо:*** *таълим, тарбия, оила, мактаб, ҷомеа, фарзанд, падару модар, насли наврас, ташаккул, ахлоқ, усул,роҳ.*

**Файзалиева А., Садирова Дж.**

## РОЛЬ СЕМЬИ В ВОСПИТАНИИ И ФОРМИРОВАНИИ ПОДРОСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ


В статье рассматривается проблема воспитания подростков и пути их развития. В воспитании и обучении ребенка организованная деятельность школы и семьи являются важным условием и показывает методы и средства активного развития ребенка.

Автор утверждает, что роль семьи в нравственном воспитании подростков очень важна, а дружеское отношение родителей, взаимопонимание и сотрудничество со школой влияют на их воспитание. Их заботливое и любящее отношение способствует развитию ребенка и его духовного мира. По этой причине отношения членов семьи должны основываться на любви, уважении и взаимопомощи, чтобы дети привыкли к такому доброму отношению и улучшали его в своей жизни.

Каждая семья должна обратить пристальное внимание на воспитание подрастающего поколения и наряду с психологическим, физическим, физиологическим и личностным развитием подростков приложить все усилия на обеспечение всесторенного развития детей.


***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, семья, школа, общество, ребенок, родитель, подросток, формирование, этика, метод, способ.*

**Sadirova J., Fayzalieva A.**

## EDUCATION IS AN IMPORTANT FORMATION FACTOR TEEN GENERATION


This article discusses the problem of educating adolescents and how to develop them. In the upbringing and education of the child, the organized activities of the school and the family are an important condition and shows the methods and means of active development of the child.

The role of the family in the moral education of adolescents is very important, and the friendly relations of parents, mutual understanding and cooperation with the school affect their education. Their

caring and loving attitude contributes to the development of the child and his spiritual world. For this reason, the relations of family members should be based on love, respect and mutual assistance, so that children get used to such a good relationship and improve it in their lives.

Each family should pay close attention to the upbringing of the younger generation, focus on educational institutions and make every effort to ensure the correct development of children along with the psychological, physical, physiological and personal development of adolescents.

***Keywords:*** *education, upbringing, family, school, society, child, parent, teenager, formation, ethics, method, method.*

**Сведения об авторах: Садирова Ҷамила Шарофовна** – старший преподаватель кафедры педагогики, психологиии и развития человеческих ресурсов Дангаринского государственного университета. Тел: (992) 907 22 72 73

**Файзалиева Адолат Маҳмадуллоевна** – старший преподаватель кафедры педагогики, психологиии и развития человеческих ресурсов Дангаринского государственного университета. Тел: (992) 88843060

**Information about the authors: Sadirova J. Sh.** - Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Psychology, and Human Resources Development, Dangara State University. Tel: (992) 907 22 72 73

**Fayzalieva A. M.** - Senior Lecturer, Department of Pedagogy, Psychology, and Human Resources Development, Dangara State University. Tel: (992) 88843060

**М. ҚУРБОНОВ**

# МАЗМУН ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДОИР БА ТАТБИҚИ НЕРӮИ ПЕДАГОГИИ МУҲИТИ БИСЁРФАРҲАНГАИ ТАҲСИЛОТӢ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ТАҶРИБАИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН

Ҳадафи озмоиши педагогии мо ин муайян кардани самарабахшии маҷмӯи шароити педагогии татбиқи амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ мебошад.

Дар рафти татқиқот хусусият ва вазифаҳои мушаххаси зерин муайян карда шуд:

– таҳияи барномаи кори озмоишӣ;

– эҷоди абзори ташхисии санҷиши натиҷнанокии кори озмоишӣ (меъёрҳо, методҳои ташхис);

– муайянсозии вазъи воқеии сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи маънавии донишҷӯён;

– санҷиши озмоишии шароити педагогии самарабахшии амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишгоҳ, ки дар ҷараёни таҳқиқ таҳия шуд;

– ошкор кардани хатари имконпазири педагогӣ дар раванди ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён тавассути муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ.

Мантиқи ташкили озмоиши педагогӣ дар ҷадвал пешниҳод мегардад.

Ҷадвали 1. Мантиқи ташкили озмоиши педагогӣ

| **Марҳила** | **Вазифаҳои марҳила** | **Методҳои асосӣ** | **Натиҷаҳо** |
|---|---|---|---|
| | **Кори пешакӣ** | | |
| – муайянсозии соҳаи таҳқиқот;<br>– интихоби мавзӯи таҳқиқот;<br>– тарҳрезии фарзия;<br>– гузориши ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот;<br>– омӯзиши амалияи воқеӣ доир ба ҳалли масъалаи мазкур;<br>– омӯзиши тадбирҳои мавҷуда дар назария ва амалия, ки ба ҳалли масъала мусоидат менамоянд;<br>– омӯзиши нерӯи педагогии муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ, захираҳо ва имкониятҳои он, таҳияи амсила. | – таҳлили назариявӣ;<br>– таҳлили таҷриба;<br>– амсиласози назариявӣ | Эҷоди амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷри баи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ | |
| **Марҳилаи омодасозӣ** | | | |
| – муайянсозии стратегия ва таҳияи барномаи озмоиши педагогӣ, дақиқсозии фарзия;<br>– ташаккули гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ;<br>– омодасозии донишҷӯён ва омӯзгорон ба иштирок ба сифати коршиносон ва татбиққунандагони барномаи озмоишӣ;<br>– таҳияи хусусиятҳои меъёрию сатҳии ташаккулёбии таҷрибаи маънавии донишҷӯён; | Гурӯҳбандӣ, омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, таҳлили назариявии адабиёти илмӣ, арзёбии таҳлилии таҷрибаи педагогӣ, низомбандӣ, қиёс, индуксия, дедкусия, муҷаррадсозӣ, амсиласозӣ, мушоҳида. | – хусусиятҳои меъёрию сатҳии ташаккулёбии таҷрибаи маънавии таълимгирандагон муайян карда шуданд;<br>– ҳадафҳо ва мазмуни фаъолияти озмоишӣ дақиқ карда шуданд;<br>– фарзияи таҳқиқот мушаххас карда шуд;<br>– қисми семинарҳои таълимӣ бо таълимгирандагон ва омӯзгорон гузаронида шуд. | |
| 1. Интихоби методикаҳо | Гузаронидани | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| барои омӯзиши ибтидоии объекти озмоиш, гузаронидани пурсишнома, мусоҳиба, барои эҷоди вазъиятҳои дахлдор, арзёбии коршиносӣ;<br>2. Муайянсозии нишонаҳое, ки аз рӯйи онҳо дар бораи тағйирот дар объекти озмоишӣ таҳти таъсири дахлдори педагогӣ муҳокима рондан мумкин аст. | пурсиш, гузаронидани тест, коркарди омории маълумот, пешбинӣ. | | |
| **Марҳилаи 1** | Ташхиси сатҳи ташаккулёфтагии ибтидоии таҷрибаи маънавии таълимгирандагон | Гузаронидани пурсиш, методҳои коркарди оморӣ, методи арзёбиҳои коршиносӣ, шарҳу тавзеҳи маълумоти бадастомада, мушоҳидаи ҳадафмандаона, суҳбатҳо, мусоҳиба бо таълимгирандагон ва омӯзгорон. | – абзори таҳқиқотӣ мавриди тасдиқ қарор гирифта, маводи ибтидоии ба даст оварда шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтанд;<br>– сохтори мантиқии фаъолияти таълимгиранда гон ва омӯзгорон доир ба омӯзиши масъала. |
| **Марҳилаи 2** | Татбиқи барномаи озмоиш; дақиқсозии мазмуни кор доир ба ҳар як шарт, ислоҳсозии методҳои ғанигардонии таҷрибаи маънавии таълимгирандагон дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ, ҷудо кардани ҷанбаҳои методии самарабахшии шароити педагогие, ки дар ҷараёни таҳқиқи назариявӣ асоснок карда шуданд. Гузаронидани санҷишҳои фосилавӣ ва таҳлили натиҷаҳо. | Амсиласозӣ, гузаронидани пурсиш, тест, суҳбат, гурӯҳбандӣ, муқоиса, озмоиши ташаккулдиҳанда, ҷамъбасткунӣ ва низомбандии маълумот, методи индуктивии хулосаҳо. | – амсилаи сохторию функсионалии ғанигардонии таҷрибаи маънавии таълимгиранда гон дар муҳити бисёрфарҳанга и таҳсилотӣ тарҳезӣ шуда, мавриди тасдиқ қарор гирифт;<br>– шароити педагогие ки ба самарабахшии тарбиявии он мусоидат менамоянд, татбиқ гардиданд. |
| Марҳилаи 3 | Ҷамъбасткунӣ ва иҷрои таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ (мушаххассозии хулосаҳои назариявӣ | Таҳлили миқдорӣ ва миқдории натиҷаҳои таҳқиқот: коркарди математикӣ ва омории маълумоти бадастомада; низомбандӣ, идеализатсия, | Тавсияҳои илмию амалӣ барои педагогҳо оид ба ҳалли масъалаи ғанигардонии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ва амалиявӣ, нигориши маълумоти бадастомада. | ҷамъбасткунӣ. | таҷрибаи маънавии донишҷӯён таҳия ва ҷорӣ карда шуданд; – лоиҳаи «Ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар донишҷӯён тавассути рушди таҳаммулпазрирӣ» таҳия ва татбиқ карда шуд. |

Дар ҷараёни кори пешакӣ мо доираи таҳқиқотро муайян намуда, вобаста ба мавзӯи таҳқиқот фарзия ва гузориши ҳадаф ва вазифаҳои таҳиқотро доир ба татбиқи неруи педагогии муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ дар ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён муайян намудем .

Аз ҷониби мо пурсиши 300 донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Натиҷаҳо нокифоягии фаҳмиши мазмуни мафҳумҳои «таҷрибаи маънавӣ», «ғанигардии таҷрибаи маънавӣ» аз ҷониби донишҷӯёнро (камтар аз 14%) нишон доданд, 1% посухдиҳандагон зарурати зоҳиркунии чунин сифатҳо дар ҷомеа, ба мисли: адолат, дилсӯзӣ, таҳаммулпазириро нисбат ба намояндагони миллатҳо, динҳо, назарҳои гуногун дарк мекунанд. Дар 28% посухдиҳандагон дар сохтори арзишҳо иҷрокунандагӣ, масъулиятнокӣ, ҳаёти фаъолона мушоҳида карда шуд; 31,6% донишҷӯён арзишҳои маънавиро асосӣ намешуморанд, мақоми муҳимро дар онҳо вақтхушиҳо, озодӣ ва боварӣ ба худ ишғол менамоянд; 25,5% донишҷӯён худро истеъмолкунандагон мешуморанд, яъне дар сохтори арзишҳо онҳо «айфонҳо», «планшетҳо», таъминоти модӣ («доштани миқдори кифояи пул»)-ро ҷудо мекунанд.

Маълумоти аз ҷониби мо бадастомада, ки вазъияти воқеии номусоидии маънавиро дар муҳити ҷавонон нишон додааст, имкон дод тахмин карда шавад, ки дар раванди таҳсилоти ҳадафмандона масъалаи таҷрибаи маънавии донишҷӯён пурра мавриди баррасӣ қарор гирад. Дар ин робита, масъалаи ҷустуҷӯйи воситаҳо, методҳо, шаклҳои мусоидаткунандаи педагогӣ ба ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ имоният медиҳанд, то таъсири манфии омилҳои муҳити беруна ба раванди васеъшавии тасаввуроти маънавӣ ба ҳадди ақал расонида шавад.

Омӯзиши тадбирҳои дар назария ва амалия мавҷуда ба ҳалли масъалаҳо, имкониятҳо ва захираҳои муҳити таҳсилотии донишгоҳҳо, ки дар пояи онҳо таҳқиқот гузаронида шуд, мусоидат мекунанд, ки шакли пешакии амсилаи ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи донишгоҳӣ таҳия карда шавад. Бисёрфарҳангӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти муҳити таҳсилотии донишгоҳ, ки ба озмоиш фаро гирифта шуда буданд, муайян сохт, вале дар соҳаи педагогӣ он маънои махсусро касб намуд. Зеро касби омӯзгорӣ, ки донишҷӯёни донишгоҳҳо ба он самт гирифтаанд, бо интиқоли арзишҳои фарҳанги маънавӣ ҳамроҳӣ дошта, мавҷудияти фарҳанги фаъолияти педагогӣ [14, с. 78] ва таҷрибаи маънавӣ [13, с. 45]-ро пешбинӣ менамояд, ки самтнокии фаъолияти педагогӣ ва худрушддиҳии педагогии донишҷӯёнро муайян месозанд.

Таҳқиқи назариявии муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ имкон дод захираҳо ва имкониятҳои воқеии донишгоҳро, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок мекунанд, мубрам карда шаванд ва шароити педагогии татбиқи самарабахши асмилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ ислоҳ карда шавад.

Дар марҳилаи омодасозӣ стратегия муайян карда шуда, барномаи озмоиши педагогӣ таҳия гардида, кор бо гурӯҳҳои педагогӣ ва ҷомеаи донишҷӯён доир ба омодашавӣ ба

иштирок дар озмоиш гузаронида шуд. Омодасозии донишҷӯён ва омӯзгорон ба иштирок дар кори озмоишӣ ба сифати коршиносон ва татбиқкунандагони барномаи озмоишии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар шакли мусоҳибаи инфиродӣ бо ҳар як омӯзгор ва дар шакли гурӯҳӣ бо донишҷӯёни ҳар як гурӯҳе, ки дар озмоиш иштирок мекарданд, гузаронида шуд.

Кори таҷрибиавӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисосҳои педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ, филологияи рус, филологяи тоҷик гузаронида шуд.

Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои таҷрибаи маънавӣ (ваҷҳҳои ҳавасмандсозии худрушддиҳии маънавӣ, иштирок дар фаъолияти аз ҷиҳати маънавӣ муҳим, худогоҳии арзишии маънавӣ, муносибати арзишӣ ба ҳаёт; шинохтӣ – донистани мазмуни рафторҳои ахлоқӣ, меъёрҳои маънавият ва ахлоқ, ки дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ қабул шудаанд; тасаввурот дар бораи арзишҳои фарҳанги маънавӣ, принсипҳои муносибати арзишӣ ба одамон; амалӣ (иштирок дар фаъъолияти самтноки маънавидошта) – аз мавқеи имконияти ғанигардони онҳо дар муҳити бисёрфарҳангаи донишгоҳӣ мушаххас карда шуданд.

Мо нишондиҳандаҳои ташаккулёбии таҷрибаи маънавии донишҷӯёнро ҳамчун нишонаҳое баррасӣ мекунем, ки аз рӯйи онҳо дар бораи тағйирот дар объекти озмоишӣ таҳти таъсири шароити дахлдори педагогӣ муҳокима рондан мумкин аст. Зимни гузароннидани озмоиши педагогӣ вазифаҳое ҳал шуданд, ки ба ҳар як марҳила дахл доштанд.

Марҳилаи муқарраркунанда (соли 2015) – интихоби абзори ташхисии таҳқиқот, муайянсозии ҳадафҳо, вазифаҳо, таҳияи алгоритм ва шароити гузаронидани кори озмоишӣ, ошкоркунии сатҳи таҷрибаи маънавии таълимгирандагон доир ба меъёрҳои арзишӣ, ҳавасмандсозӣ, ва амалӣ; муҳокима ва дақиқсозии шароити педагогии ғанигардии таҷрибаи маънавии донишҷӯёни донишгоҳ бо гурӯҳи омӯзгорон ва маъмурияти донишгоҳ, ҷомеаи падару модарон, таҳияи ҳамроҳкунии методи ғанигардонии таҷрибаи маънавии таълимгирандагони донишгоҳ ва назорати минбаъда аз болои татбиқ, муайянсозии сифат ва теъдоди таълимгирандагон ва педагогҳое, ки ба озмоиш шомил карда мешаванд.

Маҳилаи ташаккулиҳанда (солҳои 2015 – 2018) – тасдиқи маҷмӯи шароити педагогии амсилаи сохтории ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишгоҳро дар бар гирифт.

Марҳилаи назоратӣ (солҳои 2018 – 2020) – арзёбии натиҷаҳо аз рӯйи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ҷудо кардашуда, ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, ифодаи хулосаҳоро ташкил дод.

Ҳадафи таҳқиқот дар марҳилаи муқарраркунанда муайянсозии сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи маънавии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ буд. Фаъолият доир ба ғанигардонии таҷрибаи маънавии таълимгирандагон дар гурӯҳи назоратӣ дар ҷаҳорчӯби низоми анъанавии таҳсилотӣ гузаронида шуда, таълимгирандагони гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи барномаи озмоишӣ машғул шуданд, ки ба шомилшавии даркшуда ба фаъолияти маънавию амалӣ ва таҳсилотӣ самт медиҳад. Интихоби методҳои таҳқиқоти илмию педагогӣ, ки сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи маънавии таълимгирандагонро ташхис мекунанд, бо меъёрҳои ҳавасмандсозӣ, арзишӣ, эътирофнокӣ, амалиявӣ ва баробари онҳо: бошууронаю муассир (баланд), бетараф (миёна), бефаъолият (аз миёна паст), буҳронӣ (паст) муайян карда шуданд, ки бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ тавассути гурӯҳбандии объектҳо, равандҳо, падидаҳо, вазъиятҳои самтнокии маънавӣ аз ҷониби донишҷӯён андозагирӣ карда шуданд. Дар зери сатҳ мо арзёбии миқдорӣ ва сифатии ҷузъҳои сохторию мазмунии сифатҳои маънавии шахсияти донишҷӯё ва зоҳиршавии онҳоро дар рафтор ва фаъолият мефаҳмем.

Сатҳи бошууронаю муассир (баланд)-и ташаккулёфтаи таҷрибаи маънавӣ бо он тавсиф меёбад, ки донишҷӯ донишро ҳамчун воситаи болоравӣ ба тамомияти худ истифода бурда, ба маърифат ва истифдаи намунаҳо ва мисолҳои рафторҳои маънавӣ (одамони воқеӣ, ҳодисаҳо, далелҳои таърихӣ) барои худрушддиҳӣ саъю талош мекунад; дорои идеалҳо ва таҷрибаи гузориши мустақилонаи ҳадафи худрушддиҳии маънавӣ мебошад; ба фаъолияти маънавию амалӣ мароқ ва майл зоҳир карда, ба арзишҳои

фарҳанги маънавӣ самт гирифта, хислати идеалии ҳавасмандиро ба кирдорҳо зоҳир мекунад, ки аз рӯйи мазуни ботинии психологӣ ба қаҳрамонӣ шабоҳат дорад [1, с. 162]; ваҷҳҳо ва тамоилоти фаъолияти маънавию амалӣ дорои хусусияти ботинӣ мебошанд; дорои эҳсосоти ҳамдардонаи ҳолати рӯҳии инсони дигар (ҳамдардӣ, дилсӯзӣ, шодишарикӣ) мебошад; дорои усули дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташудае мебошад, ки ба арзишҳои фарҳанги маънавии инсоният зид нестанд; ҷидду ҷаҳди иродавӣ инкори пурраро аз нигариши худмарказӣ пешбинӣ менамояд; накшаҳои худрушддиҳиро тарҳрезӣ мекунад; дурнамои инкишофи маънавии худро муайян мекуанд; табъ, вазъ ва муносибати худро ба атрофиён ба танзим медарорад. Ин сатҳ бо мавҷудияти самтгириҳои арзишие муайян мешавад, ки ба фаъолияти маънавию амалӣ, муқобилияти фаъол ба кирдорҳое, ки ба қоидаҳо ва меъёрҳои маънавӣ зиданд, нигаронида шудаанд.

Донишҷӯе, ки дорои сатҳи бетарафи (миёнаи) ташаккулёфтаи таҷрибаи маънавӣ мебошад, донишҳои ҷамъбастиро дар бораи арзишҳои фарҳанги маънавии инсоният намоиш медиҳад; ӯ ба арзишҳои фарҳанги маънавӣ марок зоҳир карда, кӯшиш мекунад дар бораи арзишҳое бештар донад, ки ба худрушддиҳии шахсият мусоидат менамоянд, ӯ дар бораи идеалҳои маънавӣ маълумот дорад, самтнокии маърифатиро ба мазмуни таҷрибаи худ, ба фаъолияти маънавию амалӣ зоҳир мекунад; арзишҳо шакли ваҷҳҳои «донисташуда»-ро касб мекунанд [Ф. Василюк с. 162], вале онҳо ҳанӯз қоидаҳои рафтор намебошанд, балки ба интихобии вазъият такя мекунанд; усули дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда аз рӯйи мантиқи меъёрнокии иҷтимоӣ ва интизороти иҷтимоӣ инкишоф ёфта, донишҷӯ дорои таҷрибаи гузориши мустақилонаи ҳадафи худрушддиҳии маърифатӣ буда, медонад, ки чӣ тавр табъи худ, муносибатро бо атрофиён ба танзим дарорад, вале на ҳамеша метавонад инро бо вазъияти мушаххас нисбат диҳад. Сатҳи мазкур бо тамоюл ба худрушддиҳии маънавӣ тавсиф меёбад, ки дар кушодагӣ ба дигаргуниҳо ва таҷрибаи нави ҳаётӣ ва маънавӣ зоҳир меёбад.

Сатҳи бефаъолият (аз миёна паст) бо он тавсиф меёбад, ки асосҳои фарҳанги маънавӣ аз ҷониби донишҷӯён азхуд карда шудаанд, вале талабот ва ваҷҳҳои маънавӣ заиф ифода ёфтаанд; сатҳи дарки аҳамияти эътрофи ҷамъиятӣ ва худэҳтиромкунӣ баланд нест; донишҳои намунаҳо ва мисолҳои кирдорҳои маънавӣ дар таълимгирандгон барои он кифоя нест, то ки онҳо фаъолона худро рушд дода, татбиқ намоянд, арзишҳо дар асоси эҳсоси иҷтимоидошта (мутобиқшавии иҷтимоӣ) ташаккул меёбанд; танзими рафтор тавассути тақлиди бевосита ба одамони атроф аз тариқи талқин, иҷборкунӣ ва нусхабардории шаклҳои ташаккулёфтаи рафтор амалӣ карда мешавад.

Худрушддиҳиро таълимгиранда аз мавқеи «худи будан» баррасӣ намуда, таҳти таъсири далелҳои беруна ва ботинӣ қарор мегирад, ки раванди худрушддиҳии шахсиятро душвор месозад. Сатҳи мазкур бо зоҳиршавии эҳсосоти худӣ тавсиф меёбад, ки бо ақидаи атрофиён ба миён омада, имкон намедиҳад, ки накшаҳои худрушддиҳӣ тарҳрезӣ шуда, дурнамои инкишофи маънавии худ муайян карда шавад.

Сатҳи буҳронӣ (паст) бо он тависф меёбад, ки дониши намунаҳо ва мисолҳои рафторҳои маънавӣ дар донишҷӯ хусусияти парокандагиро дорад; донишҷӯ қаноатмандиро бо таҷрибаи мавҷуда зоҳир мекунад, вале ҷидду ҷаҳд ба маърифат вуҷуд надорад; донишҷӯ ба қонеъгардонии талаботе, ки ҷидду ҷаҳдҳои маънавиро пешбинӣ наменамоянд, саъй мекунад; тамоюлоти носолим (худпарастона) бартарият дорад; дар чорабиниҳои гуногун беғайратона иштирок мекунад, танҳо он чизеро иҷро мекунад, ки аз ӯ хоҳиш карда мешавад, муносибат ба атрофиён бо бесуботӣ тавсиф меёбад, ки таҳти таъсири омилҳои беруна ба миён омадааст, ва ин ба худрушддиҳӣ ва зоҳиркунии иродавии шахсият мусоидат наменамояд. Сатҳи мазкур бо рафторе фарқ мекунад, ки психологҳо онро ҳамчун танбалӣ – дар намуди тоза ё дар намуди ғайримустақилият, бефаъолиятӣ будан, беазмӣ ва дигар тавсиф медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои меъёри шинохтии ташаккулёбии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфаҳангаи таҳсилотии донишгоҳ аз ҷониби мо бо кумаки методи луғатномаи мафҳумӣ; ҳавасмандсозӣ – бо кумаки гузаронидани пурсиш, гузаронидани тест, методикаи арзёбии сатҳи рушди худогоҳии маънавӣ, методикаи ҳавасмандсозии рушди маънавии донишҷӯён; самтгириҳои арзишӣ, гузаронидани пурсиш; мавриди ташхис қарор гирифтанд. Барои гузаронидани тест ва пурсиши таълимгирандагон аз ҷониби мо варақаҳои махсус барои ҷавобҳо бо рӯйхати ҷавобҳо, ки имкон медиҳанд тамоюлоти

маънавию арзишӣ ва афзалиятҳои ҷавонони муосир омӯхта шаванд, ва дастурамалҳо барои посухдиҳандагон, «калидҳои» коркарди иттилоот таҳия карда шуданд. Вақти пуркунии варақаҳо ҷавобҳо аз рӯйи ҳар як методика аз ҷониби посухдиҳандагон одатан аз 20 – 40 дақиқ зиёд набуд.

Методикаи арзёбии сатҳи худогоҳии маънавӣ имкон медиҳад, ки одамони дорои сатҳҳои маъмули қоидаҳои ахлоқии қабулшуда ва давраҳои инкишофи ахлоқи шуури маънавӣ ҷудо карда шаванд. Сатҳи худогоҳии маънавӣ ба инсон имкон медиҳад, ки аз чаҳорчӯби меъёрҳо ва қоидаҳои умуиқабулшудаи ҷамъиятии ахлоқии рафтор, ки аз болои риояи онҳо назорати ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, берун набарояд. Инчунин сатҳи худогоҳии маънавӣ инсонро ба тарҳрезии стратегияи ҳаётӣ аз рӯйи принсипи «худро шинос» самт медиҳад. Барои ин категорияи одамон ҷидду ҷаҳди доимӣ ба ғанигардонии таҷрибаи ҳаётии худ ва истифодаи он барои такмили ҳастии худ аҳамияти калон дорад.

Ба донишҷӯёни бо сатҳи миёнаи ахлоқнокӣ дастгирӣ намудани тартиби иҷтимоӣ, намоиш додани муносибати мусбат ба атрофиён, пайгирии қоидаҳои ҷамъиятӣ ва даъвати дигарон ба ин хосанд. Хусусияти хосси ин навъи одамон ба саъю кӯшиши онҳо ба ҷудокунии одамон аз рӯйи мақом, вазъияти моддӣ ва дараҷаи муҳиммият мебошад. Аз ин рӯ, онҳо аксар вақт ба онҳое пайваст мешаванд, ки мавқе, мақом, арзиши баландтар дорад. Дар ин зимн онҳо ба гурӯҳе, ки барои онҳо намунаи ибрат аст,. пайравӣ намуда, иҷрои бечунчарои вазифҳои гузоштташудаи ҳадафманд, принсиписалӣ будан, қатъият дар муҳокимаронииҳо, воқеъбин буданро дар амалҳо ба роҳбарӣ мегирад. Онҳо майл доранд, ки вазъияти бавуҷудомадаро аз он нуқтаи назар баррасӣ намоянд, ки дар дасти ки ҳокимияти бештар аст. Дар ин ҳолат сухан гуфтан дар бораи принсипҳои маънавӣ ва арзишӣ бефоида аст. Дар ин ҷо ба сифати принсипҳои пешбар мавқеи алимаи «мехоҳам» вуҷуд надорад, калимаи «лозим аст» вуҷуд дорад». Аз ин рӯ «ба мо лозим аст»-ро ҷудо кардан мумкин аст, зеро чунин одамон аксар вақт худро бо дигарон айният медиҳанд ва ба хайёлоти ягон хел маъниҳо, ормонҳо, ғояҳо фурӯ меравaнд. Дар ин замина дар ҷомеа намоишномаи ҳамаҷоя сурат мегирад, ки ҷомеаро «тамошобинона», «рамзӣ», «интерактивӣ», ва инсонро зуд ба фазои ноустувори иҷтимоию фарҳанӣ мутобиқ месозад.

Одамони бо сатҳи баланди пасти худогоҳии маънавӣ марҳилаи «робитаҳои байнишахсӣ» ва «нигоҳдории тартиб»-ро дар бар мегирад. Хусусияти асосии ин марҳилаҳо аз он иборат аст, ки зимни самтгирӣ ба робитаҳои байнишахсӣ фард саъй мекунад, ки муносибатҳои гарми эҳсосотиро танҳо бо одамони муҳим – хешу табор ва дӯстон, нигоҳ дорад ва ҳангоми хоҳиш қоидаҳо ва меъёрҳои рафторро, ки ба ақидаи ӯ бояд бо тарзи барои онҳо ягона татбиқ карда шаванд, риоя мекунад. Ҳаёти инсонӣ барои онҳо арзиши асосӣ буда, дорои дастнорасӣ ба таври истисно бино ба қонунҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Муайянкунандаҳо дар мавқеи таълимгирандагон бо сатҳи анъанавии шуур қавлҳои навъи зеринро дар бар мегиранд: «умедҳои падару модари худро сазовор шудан лозм аст, то ки онҳо бо сабаби ту сурх нашаванд», «танҳо ба наздикони худ бовар кардан лозим аст», «ба маслиҳатҳои калонсолон гӯш додан зарур аст, зеро онҳо таҷрибаи бештар доранд»; «ман ҳамеша медонам, ки кадом кирдор бад аст, ва кадом – хуб», «дар ман шубҳҳаҳо намешаванд», «ман шахси оқил ҳастам, ман ба таври воқеӣ вазъияте, ки дар он қарор мегирам, арзёбӣ мекунам», «ба якдигар кумак расонида, бо якдигар ростқавл будан даркор аст», «ба меъёрҳо зид баромадан мумкин нест», «агар ман ба чизе дастёб нашавам, ман ҳеҷ арзиш надорам! ».

Бартарияти таълимгирандгони бо сатҳи баланди худогоҳии маънавиро (65%) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пеш аз ҳама, бо он тавзеҳ додан мумкин аст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳи бештар ба донишҷӯёне зоҳир карда мешавад, ки дорои сифати баланди донишҳо буда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иширок карда, ҷоизадорон ва ғолибони олимпиадаҳо, озмунҳо мебошанд, ки бешубҳа мақоми онҳоро баланд бардошта, ба намудҳои гуногуни фаъолият ҳавасманд месозад. Муассисаи таҳсилотӣ дар навбати худ соҳиби эътиборе мешавад, ки барои ҷалби донишҷӯёни нав зарур аст.

Одамони бо шуури ғайрианъанавӣ бо қобилиятҳои назораткунӣ аз болои вазъи ботинии худ ва дар ин асос тарҳрезӣ намудани муносибатҳои маҳсулнок бо ҷомеа, ҳатто агар ин муносибатҳо дар инсон боиси нороҳатӣ ҳам шаванд, фарқ мекунанд. Дар айни замон, ин одамон қобиланд, ки танқиди созандаро қабул карда, ба кумаки атрофиён муроҷиат кунад. Дар онҳо қобилият ба худназораткунӣ рушд ёфта, ҳолати

барномарезишуда кумак мекунад, ки нобароориҳо оромона паси сар шуда, ба натиҷаи мусбати вазъиятҳои нохуш бовар кунанд. Бошуурона давраҳои инкишофи ахлоқиро паси сар намуда, ба фард имкон медиҳад, ки шарикии иҷтимоиро бо намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ сохта, робитаҳои навро муътақид сохта, иқдом кунад, то ба онҳое афзалият диҳад, ки мароқовар буда, аз нуқтаи назари ғанигардонии пояи донишӣ муфиданд.

Мо, дар таҳқиқоти худ сатҳи ташаккулёбии маънавии донишҷӯёнро тавассути методикаи самтгириҳои арзишӣ, мавриди ташхис қарор додем. Методикаи зикршуда ҳамаҷониба, чандир ва дорои дараҷаи баланди боваринокӣ ва эътимоднокӣ мебошад. Тавассути тестҳо мо самтҳои донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо ошкор кардем.

Тибқи ин методика «арзиш»- ин интихоби усули муайяни рафтор аз ҷониби шахсият мебошад, ки дар асоси он ҳам меъёри шахсӣ, ҳам ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Таснифи арзишҳо ба тариқи зайл аст: арзишҳои ниҳоӣ, ки дар эътиқод ба зарурати доштани мақсадҳои ҳаётӣ ва ҷидду ҷаҳд ба дастёбӣ ба он асос ёфтаанд; арзишҳои абзорӣ, ки дар афзалиятҳои шахсиятӣ ба тарзи муайяни амалҳо асос ёфтаанд. Аз ин ҷо ду сатҳи арзишӣ ба вуҷуд меоянд: арзишҳо – ҳадафҳо ва арзишҳо – воситаҳо, ки ба амалисозии муносибати бонизом дар омӯзиши самтгирии арзишии шахсият имкон медиҳад. Бо кумаки ин методика, ки аз ду қисм иборат аст, нишондиҳандаи арзишии шахсиятро дар сатҳи эътиқодот ва сатҳи рафтор андозагирӣ кардан мумкин аст. Ҷолиб дар методикаи мазкур имкониятиислоҳсозии рӯйхати арзишӣ ва нисбат доштани он бо вазифаҳои таҳқиқот мебошад.

Натиҷаҳои бадастомадаи ташхис аз нуқтаи назари хусусияти ҷанбаи мазмунии самтнокии шахсиятӣ, муносибати донишҷӯён ба ҷомеа ва ба худ, инъикоси самтҳои ҳастии онҳо, ки дар ниҳояти кор мафҳуми «таҷрибаи маънавӣ»- ро ташкил медиҳанд, боиси таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ барномаи озмоишӣ доир ба татбиқи шароити педагогии ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлолқии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилоти донишгоҳ мубрамсозии мавқеи субъектии таълимгирандагон дар фаъолияти аз ҷиҳати маънавӣ муҳим; пуррагии мазмунии муҳити бисёрзабонаи таҳсилотӣ бо маъниҳо ва арзишҳои аз ҷиҳати шахсиятӣ ва маънавӣ муҳим; дастгирии педагогии раванди ғанигардонии таҷрибаи маънавии таълимгирандагон дар асоси технологияҳои муосири инсоншиносӣ ва тасдиқи амсилаи сохторию вазифавӣ татбиқ гардиданд.

Амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишгоҳ дар шароити раванди воқеии таҳислотӣ бо иштироки фаъоли муаллифи таҳқиқот мавриди тасдиқ қарор гирифт. Ба сифати асоси технологии татбиқи амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишгоҳӣ технологияҳои инсоншиносӣ интихоб шуданд, ки имкон доданд, то раванди таҳсилотӣ бо маъниҳои фарҳангӣ ва ҷаҳонбинона пурра карда шавад.

Татбиқи ҳар як шарти педагогӣ бо дақиқсозии мазмуни кор, ислоҳсозии методҳои ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ, ҷудокунии ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самарабахшии ҳар яке аз шартҳо ҳамроҳӣ дошт.

Дар марҳилаи назоратии озмоиши педагогӣ натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ҷамъбаст гардида, таҳлили муқоисавии маълумоти бадастомада иҷро гардида, хулосаҳои назариявӣ ва амалиявӣ мушаххас карда шуданд.

Дар марҳилаҳои муқарраркунанда ва назоратии кори озмоишӣ барои ба даст овардани натиҷаҳи миқдорӣ методҳои коркарди математикии маълумот ба кор бурда шуданд. Хулосаҳо дар асоси маълумоти маҷмӯӣ, ки дар ҷараёни таҳлили назариявӣ, коркарди математикӣ ва омории натиҷаҳои озмоиш педагогӣ, таҳлили муоқисавӣ ба даст омаданд, бароварда шуданд.

Дар марҳилаҳои дар боло зикршуда пурсишҳо, тестҳо, мушоҳидаҳо дар ҷомеаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд, ки имкон доданд сатҳи начандон баланди мароқи таълимгирандагони донишгоҳҳо ба арзишҳои аслии фарҳанги маънавӣ сабт карда шаванд.

Таҳлили нақшаҳои кори тарбиявӣ, шиносоӣ бо хусусияти раванди таҳсилотии донишгоҳҳои зикргардида имкон доданд чунин натиҷагирӣ карда шавад, ки гурӯҳҳои таълимӣ ба кори муназзам, амиқ ва ҳадафманд доир ба ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён омода нестанд. Дар амалияи таҳсилотӣ ва тарбиявӣ парокандагӣ ва мавҷуд набудани таҳлили фаъолияти худ ҳузур доранд. Фаъолияти самтнокии маънавӣ дорои хусусияти гурӯҳӣ мебошад, ҳол он ки раванди ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии шаклҳои шахсикунонидашудаи дастгирии педагогии раванди дар боло зикршударо талаб мекунад.

Мушоҳидаи педагогии ҷомеаи донишҷӯён, шаклҳои гуногуни муошират имкон доданд, ки хислатҳои шахсиятии донишҷӯён ташаккул ёбанд, ки хусусияти фарқкнунади онҳо ҳолати бесуботи психикию эҳсосотӣ буданд. Аз нуқтаи назари ҷисмонӣ ин дар асабоният, безобитагӣ, зоҳиркунии ошкорои дағалӣ, изтиробнокии болорафта зоҳир меёфт. Аз нуқтаи назари маънавӣ хударзёбии ғайриобъективона (аз баланди беасос то пастшуда), ҳамдардӣ вуҷуд надошт, сатҳи тасаввурот дар бораи арзишҳои маънавӣ хеле тира мебошанд (донишҳо дар бораи арзишҳо бо сатҳи оддӣ маҳдуд мешаванд).

Далели ҳушдордиҳанда саъю талоши педагогҳое буданд, ки бо ҷомеаи донишҷӯӣ кор карда, мехостанд камбудиҳоро дар рушди маънавии таълимгирандагон тавассути методҳои авторитарӣ (мутеъгардонии маҷбурӣ), қолабӣ бе назардошти майлу рағбатҳои доншҷӯён, даъвоҳо ва омодагии онҳо барои иштирок дар раванди ғанигардонии таҷрибаи маънавӣ пурра созанд.

Таҳлили вазъияти бавуҷудомада имкон дод, ки минтақҳои раванди ғанигардии таҷрибаи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён муайян карда шуда, онҳо ба сифати хатарҳои педагогӣ мушаххас карда шаванд:

– сатҳи пасти самтнокии башардӯстии донишҷӯён ба арзишҳои фарҳанги маънавӣ, омода набудани гурӯҳи омӯзгорон ба ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар шароити падидаҳои буҳронӣ дар соҳаи маънавию ахлоқии ҷомеаи тоҷик, коркард ва татбиқи нокифояи шаклҳои муфиди педагогии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён;

– ҳолати бесуботи психикию эҳсосотии донишҷӯён: изтиробнокии баландшуда, хударзёбии ноустувор, асабоният, безобитагӣ, сатҳи пасти худтанқидкунӣ, ҳамдардӣ ва воқеият;

– самтгирии педагогҳо ба мавқеи авторитарӣ (мутеъгардонии маҷбурӣ) нисбати донишҷӯён, арзёбии субъектии ғанигардонии таҷрибаи маънавии онҳо.

## АДАБИЁТ:

1. Василюк, Ф. Н. Психология переживания. Анализ преодоления критических ситуаций /Ф.Е. Василюк. М.: Изд-во Москов. ун-та, 1984. 200 с.

2. Джуринский, АЛ. Педагогика межнационального общения: поликультурное воспитание в России и за рубежом. [Текст] / М.: Сфера, 2007.

3. Зотов. Н.Д. Духовная активность личности: сущность и этапы становления [Текст]/ Н.Д. Зотов. – М.: Просвещение. – 2010. 160 с.

4. Карпова, Е.М. Поликультурная образовательная среда как средство социального воспитания старшеклассников [Текст] / Е.М. Карпова Педагогика.– 2001. №4. – С.18. – 26.

5. Козырев В.А. Гуманитарная образовательная среда педагогического университета: сущность модель проектирование: ионография. – СбП.: Из-во РТПУ им. Герцена, 2004. – 327.

6. Колоницкая, О.Л. Реализации концепции поликультурного образования и её влияние на профессиональное становление личности обучаемого в вузе. Психологическая наука и образование. [Текст] / О.Л. Колоницкая №2– С. 14 – 19.

7. Леонтьев, Д.Н., Методика изучения ценностных ориентаций [Текст]/ Д.А. Леонтьев. – М.: СМЫСЛ, 1992. – 117 с.

8. Онушкин, В.Г. Огарёв, В.И. [Текст]/ Образование взрослых: междистиплинарных словарь терминологии. – Воронеж. – 2005.–232 с.

9. Полукарова, Н.К. Обогащение духовного опыта студента колледжа в прпоцессе приобщения к народной песенной культуре [Текст]/ Н.К. Полукарова. автореф. дис. ... канд. пед. наук. – Оренбург, 2008. – 25 с.

10. Русакова, Т.Г. Сущность характеристики духовного опыта в понятийно-терминологическом апарате теории воспитания [Текст] / Т.Г. Русакова Вестник высшей школы Almamater.-2005.-№7 49-54.

11. Рубинштейн, С.Л. Человек в мире [Текст]/ Л.С. Рубинштейн.– М.: Наука. – 1991. – 191 с.

12. Соколова, Л.Б. Идеи А.Н. Леонтьева и его школы о поступке как единице анализа личности в их значении для исторической психологии / Традиции и перспективи деятельностного подхода в психологии: Школа А.Н. Леонтьева; под ред. А.Е. Войскунского, А.Н. Ждан, О.К. Тихомирова. – Смысль, 1999. – С. 80-177.

13. Тарасов, С.В. Студент в современной образовательной среде: [Текст]/ В.С. Тарасов. – Спб:Образование – культура, 2001.–151 с.

14. Хайдметс, М. Феномен персонализации среды: теоретический анализ [Текст] / Средовые условия груповой деятельности. – Таллин, 1988. – С. 5 – 15.

15. Шуркова, Н.Е. Воспитание: новый вклад с позиции культуры [Текст]/ Н.Е. Щуркова. – М.: Педагогический поиск. – 1997. – 78 с.

**Қурбонов М.**

## МАЗМУН ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДОИР БА ТАТБИҚИ НЕРӮИ ПЕДАГОГИИ МУҲИТИ БИСЁРФАРҲАНГАИ ТАҲСИЛОТӢ ДАР ҒАНИГАРДОНИИ ТАҶРИБАИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола мазмун ва вазифаҳои таҳқиқоти педагогӣ доир ба татбиқи неруи педагогии муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишҷӯён муайян карда шуда, натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, амсиласозии раванди таҳсилотӣ, самарабахшии маҷмӯи шароити педагогии татбиқи амсилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ бо роҳи гузаронидани озмоиши педагогӣ ба низом дароварда шудааст.

Дар мақола дар асоси маълумоти дар натиҷаи озмоиш ба бадастомада вазъияти воқии номусоидии маънавӣ дар муҳити ҷавонон нишон дода шудааст, ки ин имкон дод тахмин карда шавад, ки дар раванди таҳсилоти ҳадафмандона масъалаи ғанигардонии шахсияти таълимгирандагон пурра мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин робита, масъалаи ҷустуҷӯи воситаҳо, методҳо, шаклҳои мусоидаткунандаи педагогӣ ба ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ имонийат медиҳанд, то таъсири манфии омилҳои муҳити беруна ба раванди васеъшавии тасаввуроти маънавӣ ба ҳадди ақал расонида шавад.

Таҳқиқи назариявии муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ имкон дод захираҳо ва имкониятҳои воқеии донишгоҳро, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок мекунанд, мубрам карда шаванд ва шароити педагогии татбиқи самарабахши асмилаи сохторию вазифавии ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯн дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ ислоҳ карда шавад.

***Калидвожаҳо**: муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотӣ, ғанигардонии таҷрибаи маънавии донишҷӯён, таҷрибаи маънавии донишҷӯн, ҷомеаи донишҷӯён.*

**Курбонов М.**

## СОДЕРЖАНИЕ И ЗАДАЧИ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ЭКСПЕРИМЕНТА ПО ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПОТЕЦИАЛА ПОЛИКУЛЬТУРНОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ В ОБОГАЩЕНИИ ДУХОВНОГО ОПЫТА СТУДЕНТОВ

В данной статье рассматрены содержание и задачи педагогического эксперимента по осуществлению педагогического потенциала поликультурной образовательной среды, также систематизированы результаты теоретического анализа и эффективного комплекса уловий для осуществления структуры и моделирования обогащения духовного опыта студентов в поликультурной образовательной среде путём проведения педагогического эксперимента.

Также, статья дает возможность предположить, что в образовательном процессе целенаправленно недостаточно полно рассматривается вопрос духовного обогащения личности обучающегося. В связи с этим актуализируется проблема поиска средств, методов, форм педагогического содействия обогащению духовного опыта обучающихся в поликультурной образовательной среде, позволяющих минимизировать негативное воздействие средовых и культурных факторов на процесс духовного взросления.

Автор отмечает, что изучение существующих в теории и практике мер, способствующих решению проблемы, возможностей и ресурсов образовательной среды колледжей поликультурного региона, на базе которых проводилось исследование, дало возможность разработать

предварительный вариант модели обогащения духовною опыта студента в поликультурной среде университета.

***Ключевые слова:*** *поликультурная образовательная среда, обогащение духовного опыта студентов, духовного опыта студентов, студенческого общества.*

**QurbonovMahmadi**

**THE CONTENT AND OBJECTIVES OF THE PEDAGOGICAL EXPERIMENT ON THE IMPLEMENTATION OF THE PEDAGOGICAL POTENTIAL OF THE MULTICULTURAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT IN THE ENRICHMENT OF STUDENTS ' SPIRITUAL EXPERIENCE**

This article defines the content and objectives of a pedagogical experiment to implement the pedagogical potential of a multicultural educational environment, also systematizes the results of theoretical analysis and an effective set of tools for implementing the structure and modeling of enriching the spiritual experience of students in a multicultural educational environment by conducting a pedagogical experiment.

Also, the article suggests that the educational process purposefully does not fully consider the issue of spiritual enrichment of the student's personality. In this regard, the problem of searching for means, methods, and forms of pedagogical assistance to enrich the spiritual experience of students in a multicultural educational environment, allowing to minimize the negative impact of environmental and cultural factors on the process of spiritual maturation, is being updated.

The study of existing measures in theory and practice that contribute to solving the problem, opportunities and resources of the educational environment of colleges in the multicultural region, on the basis of which the study was conducted, made it possible to develop a preliminary version of the model for enriching the student's spiritual experience in the multicultural environment of the University.

***Keywords:*** *content, tasks, educational environment multicultural environment, negative impact, opportunity*

**Сведения об авторе: Курбонов Махмади.** – преподаватель кафедры псхологии Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки. **Адрес: город Куляб,** улица Сангака Сафарова, 16.**Тел:** 919-7113-10

**Information about the author: QurbonovMahmadi** - Lecturer in the Department of Psychology at Kulyab State University named after Abuabdulokh Rudaki. Address: Kulob city, 16 Sangak Safarov street, Tel: 919-7113-10

**С. САФАРОВ**

# ВАЗИФАҲОИ ДИДАКТИКИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ

Илми геометрия ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳимми фарҳанги инсонӣ буда, калиди ташаккули системаи тафаккур мебошад, ки ҷаҳонро дар атрофи худ ба таври мувофиқ ва ҳамаҷониба дидан ва шинохтан қодир аст. Аз ин рӯ, ба ҷустуҷӯйи усули нав ба нави самараноки таълими геометрия эътибори калон дода мешавад. Яке аз инҳо методологияи таълими геометрия бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ ба шумор меравад. Проблемаи истифодаи технологияи информатсионӣ ва комуникатсионӣ дар раванди таълим ҳамеша дар маркази диққати олимони соҳаи мавсуф қарор дошт[2,с.7]. Аммо таваҷҷӯҳ ба он меафзояд, зеро тағирёбии шароити иҷтимоии ҳаёт боиси аз нав дида баромадани андешаҳои олимони мухталиф дар бораи ҳадафҳо ва мундариҷаи технологияи информатсионӣ ҳамчун воситаи рушди шахсӣ гардид. Барои татбиқи бомуваффақияти таълими компютерӣ дар таълими геометрия на танҳо таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо технологияи муосири компютерӣ, балки ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим низ зарур аст.

Мақола ба омӯзиши асосҳои дидактикии истифодаи технологияи информатсионӣ дар раванди таълими фанни геометрия бо дарки нави моҳият ва шаклгирии раванди таълим дар шароити нав бахшида шудааст. Истифодаи технологияи информатсионӣ, ки равишҳои навро ба таълими муосир, тағйир додани шаклҳои гуногуни омӯзиш ва дарки мафҳумҳо ва пешниҳоди иттилоотӣ зарурирo дар таълим таъмин менамояд, ба самаранокии таълим ва татбиқи визуализатсия аз моҳияти функсионалии худи ТИК вобастагӣ дорад. Технологияи информатсионӣ ҳамчун воситаи дидактикии таълим бо мақсади воситаи иртибот, манбаи дониш, рушди инфиродӣ ва воситаи баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ истифода мешавад. Компонентҳои иттилоотӣ пеш аз ҳама имкониятҳои васеъ ва фарогири пешниҳод, интиқол ва кор бо иттилооти визуалӣ дар раванди таълим мебошанд. Ҷузъҳои иттилооти визуалӣ чунин коркард шудаанд:

- Ҷузъи коммуникатсионӣ, таъмини каналҳои гуногун ва роҳҳои интиқол ва табодули иттилооти дидактикӣ дар байни субъектҳои раванди таълим;
- Ҷузъи интерактивӣ, имконоти робитаи иттилоотӣ, ҳамбастагӣ, таъсири мутақобила, мубодила, тамоси доимии устод ва шогирд дар ҷараёни таълим[8,с.3];
- Ҷузъи дарк, фаъоли равандҳои дарк ва дониши фарогири мундариҷаи таълим ва дониши байнишахсии субъектҳои ҷараёни таълим;
- Ҷузъи эприкӣ, тавсия додани имконоти шомилкунии эҳсосотӣ, таъмини ҳиссӣ ба раванди таълим аз ҳисоби воситаҳои возеҳи намоёни ТИК;
- Ҷузъи эстетикӣ, маҷмӯи принсипҳои ороиши воситаҳои аёнӣ;

Мақсади истифодаи дидактикии технологияи информатсионӣ ин ба таври назаррас ва пай дар пай тағйир додани тафаккури шахс ва иваз намудани равишҳои кӯҳна ба нав мебошад. Дар шароити кунунии иттилоотсозии васеи системаҳои таълимӣ дар амалияи педагогӣ аз технологияи информатсонӣ оқилона ва самаранок истифода бурда мешавад, ки дар ин робита талаботи иҷтимоии шахс ташаккул меёбад. Системаи таълими муосир ба шахсе, ки қобилияти мустақилона фикр кардан ва дорои тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ дорад ниёзманд аст. Инкишофи босуръати технологияи информатсионӣ ба имкониятҳои системаи мавҷудаи маориф ва истифодаи самараноки он вабаста мебошад[1,с.6].

Ҳадафҳо ва вазифаҳои педагогии технологияи информатсионӣ дар таълими муосир аз инҳо иборат аст:

1. Инкишофи шахсияти донишомӯз, омодасозии шахс барои ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ: рушди тафаккур(визуалӣ – таъсирбахш, визуалӣ – тасвирӣ, зеҳнӣ, эҷодӣ, назариявӣ); таълими эстетикӣ (тавассути истифодаи графикаи компютерӣ ва технологияи мултимедиа); рушди малакаҳои муоишрат(тавассути иштирок дар конфронсҳои интернетӣ, мессенҷерҳо, форумҳо, таҳияи вебсайт ва ғайра); ташаккули малакаҳои қабули хулосаҳои беҳтарин дар шароити кунунӣ(тавассути истифодаи бозиҳои дидактикии компютерӣ, ки ба беҳбудии фаъолият нигаронида шудаанд); ташаккул додани малакаҳои иҷрои корҳои

илмию таҳқиқотӣ(аз ҳисоби истифодаи имкониятҳои моделсозии компютерӣ); ташаккули фарҳангӣ умумӣ ва иттилоотӣ, қобилияти коркарди иттилоот(тавассути бастаҳои муҳаррирони матнӣ, графикӣ ва видеоӣ)

2. Пурзӯр кардани тамоми сатҳҳои чараёни таълим: баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати чараёни таълим тавассути татбиқи имкониятҳои технологияи информатсионӣ; таъмини ангезаҳои ҳавасмандкунӣ, ки фаъолнокии маърифатиро шарҳ медиҳад(чунончи визуализатсияи компютерии маълумоти таълимӣ, омилҳои мухталифи бозиҳои компютерӣ, қобилияти назорат, интихоби усули фаъолиятӣ таълимӣ);

Алтернативаи истифодаи технологияи информатсионӣ дар таълими геометрия набояд қудрати компютерро, балки қудрати шахсро ошкор кунад.

Ҳаҷми вазифаҳои методологӣ ва педагогикӣ, ки метавонанд бо истифода аз технологияи информатсионӣ ҳаллу фасл карда шаванд, гуногун мебошад. Компютер воситаи олии универсалӣ буда, онро ҳамчун калкулятор, симулятор, воситаи назорат ва баҳогузории дониш ва воситаи моделсозӣ истифода бурдан мумкин аст[1,с.4]. Вазифаи муҳими методологӣ, дар робита бо истифодаи технологияи информатсионӣ, омӯзиши ҳаллу фасли мушкилот, инчунин баъзе усули асосии амалиёти геометрӣ ва алгоритмҳо мебошад. Имкониятҳои дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба дараҷаи ҳалкунанда аз ташкил ва коркарди маводи таълим вобастаанд. Бо истифода аз воситаҳои барномавӣ ва педагогӣ муаллим вазифадор аст то дар ҳар як ҳолат муайян кунад, ки мувофиқи он истифодаи онҳо дар давоми дарс мувофиқи мақсад мебошад, то фаъолияти рӯҳии хонандагонро бедор кунад.

Имкониятҳои методии технологияи информатсионӣ дар раванди таълими курси геометрияи мактабӣ, муҳити геометрияи интерактивиро тавсиф мекунад. Татбиқи он ба амалисозии равишҳои таҳқиқотӣ, тақвияти ҳавасмандӣ, мустақилият ва маърифатӣ мусоидат мекунад. Ҳангоми тарҳрезии чараёни таълим мувофиқи талаботи замонавӣ, технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ нақши афзояндаро мебозад, ки бо омилҳои зерин вобаста аст:

- Имкониятҳои васеи ТИК барои фардикунонии таълим;
- Баланд бардоштани ҳавасмандӣ бо истифодаи ТИК ва мустаҳкам намудани заминаи эҳсосии таҳсил;
- Фароҳам овардани имконоти васеъ барои фаъолияти мустақил;
- Дараҷаи баланди аёнии маводи таълимӣ, хусусан ҳангоми моделсозии зуҳурот;
- Рушди ҳамаҷонибаи интерактивии ТИК;

Консепсияи динамизатсияи объектҳои геометрӣ ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти фаъолонаи ақлонӣ ба моделсозӣ зич алоқаманд аст[6,с.4]. Динамизатсия, пеш аз ҳама раванди омӯзиши объектҳои геометрӣ ва сохторҳои онҳоро тавассути тағир додани унсурҳои асосӣ ё параметрҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, ба роҳ мондани муносибатҳои функсионалӣ ва инвариантҳо, фаҳмида мешавад. Доираи васеи динамизатсияи объектҳои геометрӣ дар платформаи компютерӣ вуҷуд дорад, бо мақсадаи сохтанҳои иншооти геометрӣ ва бо истифода аз ашёи геометрӣ анҷом дода мешавад ва муносибати байни онҳоро ба танзим медарорад. Дар айни замон дар амалияи таълими геометрия чунин платформаҳо: GeoGebra, PlaneFree, Tablet Geometric, CaR, CaRMetal, Cinderella 2.0, DrGeo, GEUP, KSEG ва ғайра дар фазои дученака(2D) ва сеченака(3D) истифода бурда мешаванд. Платформаҳо имкон медиҳанд, ки шаклҳои оддиро тасвир кунем, онҳоро захира кунем ва прототипҳои тайёрро истифода намоем. Платформаҳои компютерӣ чунин эффектҳоро дар таълими геометрия фароҳам меоваранд:

- Таҳия ва тағир додани моделҳои сохти геометрӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои моделҳои тайёр ва робитаи объектҳои геометрӣ;
- Иҷрои амалиёт бо истифода аз воситаҳои графикӣ;
- Бо истифода аз воситаҳои махсус ташхиси дониш ва амалиёте, ки анҷом дода мешавад(аз ҷумла дурустии корҳои анҷомдодашуда);
- Сохтани модели объектҳои мураккаб, аз ҷумла тағироти автоматии намуди зоҳирӣ дар шароити муайян(тағири ранг, пинҳон кардан ё нишон доданӣ элемент, намоиши аниматсионӣ);

- Содир кардани моделҳои сохташуда ба модулҳои мустақил, ки метавонад дар муҳите иҷро карда шаванд, ки аз системаи оператсионӣ ё барномаеро, ки дар он модел корбаст шудааст, вобаста намебошад;

Аз имкониятҳои дидактикии платформаҳои компютерӣ дар муқоиса бо геометрияи “дар рӯи коғаз” маҷмӯи васеи амалиётҳоро дидан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки чунин натиҷаҳо тавлид шаванд:

1. Таъмини гузариши марҳалавӣ аз тафаккури визуалӣ(визуалӣ - тасвирӣ) ба тафаккури шифоҳӣ - мантиқӣ;
2. Ҳамгироии усули визуалӣ – таҷрибавӣ ва дедуктивии азхудкунии геометрия;
3. Рушди ҳавасмандӣ ва ҳавасмандии маърифатӣ;
4. Фаъолсозии кори мустақилона[2,с.6];

Истифодаи технологияи компютерӣ имкон медиҳад, ки раванди азхудкунии геометрия ҳамчун фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ дар гирифани донишҳои амалӣ ва назариявӣ дар бораи объектҳои геометрӣ дар асоси моделсозӣ, таҳқиқот ва таҷриба шароит фароҳам ояд.

Сохтори фаъолияти илмию тадқиқотӣ аз чунин ҷузъҳо иборат аст: вазифаи таълимӣ; фаъолияти тадқиқотӣ ва амалиётҳои таълимӣ; мониторинг ва арзёбӣ; мундариҷаи он бо усулҳои умумии фаъолияти таълимӣ ва илмӣ барои ҳалли мушкилот ифода ёфтааст. Ба онҳо ҳамчунин методҳо оид ба тағир додани шароити масъала бо мақсади муайян кардани муносибати умуми(асосӣ) – и объекти омӯхташаванда дохил мешаванд.

Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омӯзиши геометрия, бешубҳа, ҳавасмандии омӯзишро афзун мекунад. Ҳамзамон дастраси ба иттилооти тоза пайдо мешавад ва муколама бо манбаи дониш анҷом дода мешавад. Омезиши рангҳо, аниматсия, моделҳои динамикӣ ва васеъ намудани пешниҳоди иттилоотии таълимро воситаҳои ТИК таъмин менамоянд [3,с.5].

Яке аз мақсадҳои истифодаи ТИК дар таълим ташаккули муносибати фаъолона ба раванди таълим, яъне қобилияти мустақилона гирифтани иттилооти нав, коркард(систематизатсия, таҳлил) ва ҳалли вазифаҳои мушкил мебошад.

Дар дидактикаи муосир исбот шудааст, ки принсипи визуализатсия на танҳо ба объектҳои мушаххас ва таркиби онҳо, балки ба моделҳои онҳо низ такя мекунад, визуализатсия дар таълим ба равандҳои физиологӣ, неврологӣ, психологии коркард ва азхудкунии иттилоот аз ҷониби инсон мувофиқ аст. Нақши моделҳои таълимӣ(ҳамчун як навъ тасвир) дар ташаккули мафҳумҳои назариявӣ бениҳоят бузург аст [2,с .5]. Моделҳои омӯзишӣ ҳамчун як навъ визуализатсия ва консепсия, конкретӣ ва абстрактӣ буда, моделсозиро ҳамчун принсипи дидактикӣ пешниҳод менамоянд. Моделсозии компютерӣ, ки бо визуализатсияи моделҳои геометрӣ алоқаманд аст, воситаи муфид дар таҳқиқоти геометрӣ мебошад, ки тавассути он таҷриба ва далелҳои ҷолибро ба назар мегиранд.

Интерпретатсияи динамикии мафҳумҳои геометрӣ равиши нававарона дар таълими геометрия мебошад. Тасвири динамикӣ ин тавассути ба технологияи информатсионӣ татбиқ кардани таъсири ҳаракати объектҳои тасвирӣ мебошад. Принсипи динамика асоси системаҳои геометрияи динамикӣ ё муҳити геометрияи интерактивиро ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза муҳити интерактивии геометрӣ на танҳо як технологияи нави инноватсионии омӯзиши маводи геометрӣ, балки технологияи маъмулӣ ва табии коркарди иттилооти графикӣ мебошад[1,с.4]. Такмилдиҳӣ ва таҳияи ба шароит мувофиқ воситаҳои электронии таълим дар мадди назари олимони соҳа меистад. Хулоса мақсадҳои дидактикии технологияи иттилоотию коммуникатсиониро ҳар чи бештар аз худкунии маводи таълими ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дар таълими геометрия ТИК бо мақсади аёнигардонии равандҳои таълимӣ, шарҳи графикии мафҳумҳои омӯхташаванда ба "воқеият - модел" ва баръакс натиҷагири кард шудааст.

**АДАБИЁТ:**

1.Chazan, D.: High school geometry students’ justification for their views of empirical evidence and mathematical proof, Educational Studies in Mathematics, 24,4, 359–387.

2.Graf, K.-D.: Using software tools as additional tools in geometry education to ruler and compasses, Education & Computing, 4, 171–178.

3.Hamrakulov A. K., Tubaev G. M. Vozmozhnosti ispol'zovanija komp'juternyh tehnologij v obuchenii nachertatel'noj ty geometrii / A. K. Hamrakulov, G. M. Tubaev// Nauka. Mysl'. - № 4.-2016.

4.Анисимов П.Ф. Новые информационные и образовательные технологии как фактор модернизации учебного заведения. // Среднее профессиональное образования. Москва. №6. 2004. стр.2-5

5.Каххаров А. А. Особенности преподавания начертательной геометрии и инженерной графики с использованием современных компьютерных технологий //nauka-rastudent. ru. - 2015. - №. 6 (18).

6.Мадумаров К., Хамракулов А. Самостоятельное изучение начертательной геометрии. // «Проблемы образования» научно-методический журнал. Министерства высшего и средне-специального образования Республики Узбекистан. 2005 г. №1-4, стр.69-70.

7.Нургалиева Ю.Ф., Солощенко М.Ю. Использование информационно-коммуникационных технологий в обучении геометрии // Международный студенческий научный вестник. – 2015. – № 6.

8.Полежаева Л.Н., Полежаев В.Д., Полежаева М.В. Система тестирования по дисциплине «Начертательная геометрия» // Успехи современного естествознания. – 2006. – № 10. – С. 77-80.

9.Тубаев Г. М., Хамракулов А. К., Уматалиев М. А. Особенности оперирования наглядными изображениями при решении учебных графических задач //Science Time. -2015. - №. 1 (13).

**Сафаров С.**

## ФУНКСИЯҲОИ ДИДАКТИКИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИЮ КОМУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯ

Мақолаи мазкур бо мақсади омӯзиши асосҳои дидактикии истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанни геометрия бо дарки нави моҳият, шаклгирии раванди таълим дар шароити нав бахшида шудааст. ТИК ҳамчун воситаи дидактикии таълим барои воситаи иртибот, манбаи дониш, рушди инфиродӣ ва воситаи баланд бардоштани сатҳи фарҳангии шахс истифода мешавад. Дар мақола функсияҳои дидактикии технологияи иттилоотию коммуникатсиониро барои азхудкунии геометрия, ҳамчун фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ дар гирифани донишҳои амалӣ ва назариявӣ бораи объектҳои геометрӣ дар асоси моделсозӣ, таҳқиқот ва таҷриба таҳқиқ анҷом додашудааст. Таҳқиқ нишондод, ки принсипи визуализатсияи ТИК на танҳо ба объектҳои мушаххас ва таркиби онҳо, балки ба моделҳои онҳо низ такя мекунад, визуализатсия дар таълим ба равандҳои физиологӣ, неврологӣ, психологии коркард ва азхудкунии иттилоот аз ҷониби инсон мувофиқ аст.

***Калидвожаҳо:*** *ТИК, муҳити интерактивии геометрӣ, динамизатсияи объектҳои геометрӣ, платформаи компютерӣ, модел, интерпретатсияи динамикӣ, визуализатсия.*

**Сафаров С.**

## ФУНКЦИИ ИНФОРМАЦИОННО - КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБУЧЕНИИ ГЕОМЕТРИИ

Данная статья посвящена дидактическим основам использования информационно-коммуникационных технологий в преподавании геометрии с новым пониманием сути и становления процесса обучения в новых условиях. ИКТ используются в качестве дидактического средства коммуникации для общения, источников знаний, развития личности и средства повышения своего культурного уровня. В статье исследуются дидактические функции информационных и коммуникационных технологий для изучения геометрии как учебной и исследовательской деятельности по получению практических и теоретических знаний о геометрических объектах на основе моделирования, исследований и практики. Как показывают исследования, визуализация ИКТ основывается не только на конкретных объектах и их содержании, но и на их моделях, визуализация в процессе обучения согласуется с физиологическими, неврологическими, психологическими процессами обработки информации и получения информации людьми.

***Ключевые слова:*** *ИКТ, интерактивная геометрическая среда, динамические геометрические объекты, компьютерная платформа, модель, динамическая интерпретация, визуализация.*

**Safarov S.**

## INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY FUNCTIONS IN GEOMETRY TRAINING

This article is devoted to the didactic basis of the use of information and communication technologies in the teaching of geometry with a new understanding of the essence and the formation of the learning process in new conditions. ICTs are used as a didactic means of communication for communication, sources of knowledge, personal development and a means of improving one's cultural level. The article explores the didactic functions of information and communication technologies to study geometry as an educational and research activity to obtain practical and theoretical knowledge about geometric objects based on modeling, research, and practice. Studies show that the visualization of ICT is based not only on specific objects and their contents, but also on their models, visualization in the learning process is consistent with the physiological, neurological, psychological processes of processing information and obtaining information by people.

***Key words:*** *ICT, interactive geometric site, dynamic geometric object, computer platform, model, dynamic interpretation, visualization.*

**Севедения об авторе: Сафаров Самандар Сафарбоевич -** Таджикский педагогический институт, г. Пенджикент, старший преподаватель кафедры математики - информатики. **Адрес:** 735500, Республика Таджикистан, Пенджикент, проспект Рудаки 106. Телефон (+992) 927-41-08-60. E-mail: **Samandar_ss@mail.ru**

**Information about the author: Safarov Samandar Safarboevech** - Tajik Pedagogical Institute, Penjikent, Senior Lecturer, Department of Mathematics - Computer Science. **Address:** 735500, Republic of Tajikistan, Panjakent, Rudaki Avenue 106. Phone (+992) 927-41-08-60. E-mail: **Samandar_ss@mail.ru**

**С. РАСУЛОВ**
**А. ҶУРАЕВА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИДРОКИ ВАҚТ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дарк – яке аз зинаҳои ибтидоии фаъолияти маърифатӣ буда, ба воситаи он образи ашёю ҳодисаҳои олами иҳота карда, дар шакли яклухт инъикос карда мешавад.

Идрок протсесси мураккабест, ки одам бо ёрии он олами иҳотакардаро чуқур дониста мегирад, объектҳои даркшавандаро тадқиқ мекунад. Ҳаракати чашме, ки предметро мебинад, ҳаракати дасте, ки предметро ламс мекунад ё бо он кореро иҷро менамояд ва ғайра қисми таркибӣ ва муҳимми фаъолияти идрок мебошанд. Предмет ва ҳодисаҳои олами беруна дар протсесси идрок бо тамоми гуногуншаклии ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои худ инъикос меёбанд. Ҳатто предметҳои ҷудогона ҳам аксар вақт дар алоқамандии байниҳамдигарӣ идрок карда мешаванд.

Тадқиқот исбот намудаанд, ки идрок характери модарзодӣ надошта, дар рафти онтогенез пайдо мешавад ва инкишоф меёбад. Дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ ба инкишофи идрок амал ва омилҳои гуногун мусоидат мекунанд. Ба андешаи аксар муҳаққиқон яке аз омилҳои муайянкунандаи тавсифи инфиродӣ доштани идроки вақт маҳз синну сол маҳсуб меёбад.

Идроки кӯдак дар рафти фаъолияти ашёӣ инкишоф меёбад, ки онро Ж. Пиаже марҳилаи «идроки амал бо ашё номида буд ва асоси инкишофи психики кӯдакони 1-3-соларо маҳз дар ин медид. Масалан, кӯдак ашёи аз ҷиҳати ранг, шакл, бузургӣ якхелабударо аз байни фигураҳои геометрӣ интихоб мекунад ва бо ҳамин дар ӯ амали зоҳирӣ (берунӣ) ва ориентирӣ (муайянкунӣ) ташаккул меёбад. Кӯдак ба воситаи амалҳои зоҳирӣ ашёро бо ҳам муқоиса карда, баъд ба идроки онҳо мегузарад. Кӯдак шаклҳои гуногуни тарзҳои амалро аз худ мекунад [6].

«Курсиро идрок кардан ин маънои дидани онро надорад, ин ашё ҳамчун ашё барои нишастан индрок мешавад» - навишта буд Ж. Пиаже. Дар вақти идроки ашё ҳамаи анализаторҳои одам фаъолона иштирок мекунанд, аммо анализаторҳои кинестикӣ ва шунавоӣ нақши пешбаранда доранд. Бо тағйир ёфтани синну сол мазмуни идрок тағйир ёфта, мураккаб, равшан ва аниқ мегардад. Масалан, агар кӯдаки 3-4 сола дар секунҷа боми хона, конус, дар росткунча тирезаро идрок кунад, бачаҳои 5-6 сола шаклҳоро бо ашё монанд карда, доираро ба ҳалқа, кубро ба пораи собун, силиндрро ба стакан монанд мекунанд. Шаклҳои геометриро номбар карда, шакли ашёро аз мазмуни он дур мекунанд. Масалан, дарро ба росткунҷа, офтоборо ба доира ва ғ. монанд карда метавонанд.

Дар адабиёти илмӣ идрок аз рӯйи меъёрҳои гуногун таснифот карда мешавад. Идрокро аз рӯйи иштироки анализаторҳо ба идроки биноӣ, маза, шунавои, бӯй, ламс ва аз рӯйи шакли мавҷудияти материя ба идроки фазо, вақт ва ҳаракат ҷудо мекунанд.

Агар кӯдак дар рафти идроки амал бо ашё идроки биноӣ, шунавоӣ, бӯй, мазза ва ломисавро дар худ инкишоф диҳад, инкишофёбии идроки фазо, вақт ва ҳаракат махсусияти худро дорад. Дар ин радиф бо сабаби хусусияти субъективӣ доштанаш инкишофи идроки вақт мураккабтар мегузарад. Зеро вақт гузаранда буда, одам дар як ҳолат хурдтарин воҳиди вақтро идрок карда наметавонад ва танҳо пайдарпайии он: аввал, баъд ва дар охир (сония, дақиқа, соат)-ро идрок менамояду халос.

Идроки вақт – ин дар шуури одам инъикос шудани давомнокӣ, пайдарпайӣ, зудӣ ва такророшавандагии ҷоришавии равандҳо, зухурот ва амалҳо мебошад [7, с.6]. К.Н. Предеин қайд мекунад, ки "вақт- объекти бениҳоят мураккаби маърифат мебошад. Вай фаҳмиши фалсафӣ буда, ҳамчун шакли мавҷудияти материя дида баромада мешавад, ки инкишофи беинтиҳои табиат, ҷамъият ва шуури одамиро инъикос мекунад. Вақт ҳаёту фаъолияти моро ташкил ва танзим мекунад, мо ба ҷараёнгирии он тобеъ ҳастем, ҳачанд баъзан ба он эътибор намедиҳем" [10, с.81].

Доир ба табиат, моҳият, хусусиятҳо ва дигар ҷанбаъҳои инкишофи идроки вақт дар кӯдакон олимони зиёде аз қабили психологҳо А.П. Усов, А.В. Запорожетс, А.Г. Рузская, Н.А. Ветлугин, Л.А. Венгер, В.П. Зинченко, П. Сакулин, Э.Г. Пилюгин, Е.И. Тихеев ва

дигарон, инчунин педагогҳо Я.А. Каменский, Ф. Фребел, М. Монтессори, О. Декроли ва дигарон тадқиқот илмӣ гузаронида, асарҳои пурарзиши илмӣ ба чоп расонидаанд.

Доир ба хусусиятҳои вақт тадқиқоти Л.М. Маневсова қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ дар тадқиқот худ чунин хусусусиятҳои вақтро шарҳ додааст:

– хусусияти ҷоришавандагӣ дорад;
– баргарданда нест;
– ба идроки бевосита дастрас нест;
– баъд аз гузашти вақт дигар амалеро иҷро карда намешавад;
– ифоданамоии шифоҳии вақт хусусияти шартӣ, нисбӣ ва ноустувор дошта, гузаранда аст. [4, с.40].

Барои идроки вақт дар одам анализаторҳои махсус вуҷуд надоранд. Вақт тавассути ҳаракат ва ритми фаъолияти ҳаётӣ, набз, нафаскашӣ ва ё бо ёрии асбоби махсус – соат чен карда мешавад. Шахсони калонсол вақтро ба воситаи анализаторҳои биноӣ мешиносанд, ки ин анализатор ҳоло дар томактабиён ба таври кофӣ инкишоф наёфтааст.

Бошуурона идрок намудани лаҳзаҳои вақт барои кӯдакон аз он ҷиҳат лозим аст, ки онҳо фаъолияти худро ба нақша мегиранд, ба низом медароранд, суръати иҷрои амалро тез ё суст мекунанд. Маҳорати ба нақша даровардан ва ба тартиб даровардани фаъолият дар кӯдакон сифатҳои ташкилотчигӣ, мақсаднокӣ, аниқ амал намудан ва муташаккилиро ташаккул медиҳад, зеро сифатҳои дар боло номбаршуда дар рафти фаъолияти таълимии бача дар мактаб ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи вай зарур ва муҳим мебошанд. Вақт тағйирёбанда буда, доимо дар ҳаракат аст. Аз ин рӯ, кӯдакони синни томактабӣ вақтро ҳамчун воқеияти ҳақиқӣ дуруст идрок намекунанд. Вақт як ченак дорад ва он баргарданда нест, ҳамеша ба пеш ҳаракат менамояд. Барои калонсолон ва мураббия лозим аст, ки дар кӯдакон идроки вақтро тарбия намоянд. Малакаҳои аниқ муайян кардани вақт ба дониш, таҷрибаи шахсии ҳар як бача ва ҳаёти ҳаррӯзаи ӯ вобастагӣ дорад. Бача дар рафти фаъолият ба мазмуни ченаки вақт ва пайдарпайии он сарфаҳм меравад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки дар кӯдакони синни томактабӣ идроки вақт характери бавосита дошта, тавассути фаъолияти муайян, тавассути якдигаривазкунии ҳодисаҳо ва такроршавндагии онҳо ба амал меояд. Тадқиқот дар озмоишгоҳи инкишофи когнитивии кӯдакон гузаронидашуда исбот намуданд, ки барои инкишофи идроки вақт синни томактабӣ давраи сензитивӣ маҳсуб меёбад. Дар ин синну сол ҷамъшавии дониш доир ба ашёҳо ва ҳодисаҳои воқеият сурат мегирад, ки дар замон ва макон арзи ҳастӣ доранд [2].

Дар ин зинаи синнусолӣ чаҳор марҳилаи инкишофи идроки вақтро ҷудо мекунад:

1. Марҳилаи якум - 0-2 солагӣ. Вақт тавассути таҷрибаи ҳиссӣ идрок карда шуда, бо фаъолияти мушаххасӣ кӯдак алоқамандӣ дорад (хоб, қабули ғизо ва ғ.).

2. Марҳилаи дуюм – 2-4 солагӣ. Кӯдакон имконият пайдо мекунанд, ки дар нутқашон категорияи вақтро ифода кунанд. Онҳо ҳоло замони гузашта ва ояндаро фарқ карда наметавонанд, нисбияти вақтро вайрон мекунанд. Фосилаи вақтро бо ҳодисаҳои доимо такроршаванда ё аз ҷиҳати эмотсионалӣ ҷаззоб алоқаманд мекунанд.

3. Марҳилаи сеюм – 4-6 солагӣ. Кӯдакон дар нутқашон категорияҳои вақтро фаъолона истифода мебаранд, аммо мафҳумҳои ифодакунандаи давомнокӣ ва пайдарҳамии ҳодисаҳоро суст аз худ мекунанд. Онҳо вақтро аз рӯйи фаъолияти дигар одамон ва зуҳуроти объективии табиӣ инъикос мекунанд.

4. Марҳилаи чорум – баъд аз шашсолагӣ. Кӯдакон ба меъёрҳои умумиқабулшудаи инъикоси вақт рӯ меваранд.

Ченаки вақт аз сония, дақиқа, соат, шабонарӯз, ҳафта, моҳ, сол ва аср иборат аст, ки системаи муайяни меъёри вақтро дар бар мегиранд. Ҳар як ченаки вақт ба идроки ҳодисаҳои гузашта, ҳозира ва оянда нигаронида шудааст. "Ченакҳои вақт (сония, дақиқа, соат, шабонарӯз, ҳафта, моҳ, сол) системаи муайяни эталонҳои вақтро пешниҳод мекунанд, ки ҳар як ченак аз нишондиҳандаҳои ченаки қабли иборат аст ва барои ба вуҷуд омадани ченаки минбаъда ҳамчун асос хизмат мекунад. Аз ин рӯ, шинос намудани кӯдакон бо ченакҳои вақт бояд қатъиян дар доираи система ва пайдарпайии муайян сурат гирад, ки дар он донистани як фосилаи вақт, имконияти муайян кардан ва чен кардани он ҳамчун асос барои шинос шудан бо ченаки минбаъда хизамат кунад: ҷоришавӣ, мутассилӣ,

барнагардандагии он”[3]. Аз ин ҷиҳат, дар рафти шинос намудани кӯдакон бо меъёри вақт ба мураббӣ ва калонсолон лозим аст, ки новобастагии вақтро ба шахс фаҳмонанд. Маълум аст, ки кӯдакон хеле барвақт дар бораи ҷоришавии лаҳзаҳои вақт тасаввуроти муайян пайдо мекунанд. Махсусан ҳангоми бо калонсолон муошироти нутқӣ барқарор намудан, кӯдак на танҳо бо мафҳумҳои «пагоҳирӯзӣ», «нисфирӯзӣ», «бегоҳӣ» ва «шаб» шинос мешаванд, инчунин дар нутқаш аз ин мафҳумҳо истифода мебарад. Масалан, «Ман имрӯз барвақт аз хоб хестам», «Шаб шудааст, ман хоб меравам», «Пагоҳ ба боғча намеравам, чунки пагоҳ рӯзи истироҳат аст» ва ғ.

Кӯдакони синни хурди томактабӣ дар нутқашон аз мафҳумҳои ба қисмҳои алоҳидаи шабонарӯз вобаста буда, истифода баранд ҳам (пагоҳирӯзӣ, нисфирӯзӣ, шаб), ҷоришавии вақтро нодуруст идрок менамоянд. Кӯдакон дар ин давра мафҳумҳои ифодакунандаи дирӯз, имрӯз, фардоро дуруст идрок накарда, дар нутқашон истифода бурда наметавонанд. “Чун бача ҳоло идроки вақтро бо чорчубаи объективии вақт таносуб карда наметавонад, дар ин синну сол падидаи “омехтанамоии тасаввуроти вақт” равшантар зоҳир мешавад, яъне тасаввурот дар бораи тавсифоти вақт дар шуури кӯдак хусусияти ҷузъиётӣ дошта, дараҷаҳои гуногуни фаҳмидашавандагиро доро аст”[1]. Масалан, ба ҷойи дирӯз метавонад гӯяд: «Мо пагоҳ ба хонаи бибиям рафтем».

Кӯдакони синни миёнаи томактабӣ доир ба қисмҳои алоҳидаи вақт ва пайдарпайии он маълумотҳои аниқ ҳосил менамоянд. Масалан, ба саволи «Ин воқеа кай шуда гузашт?», бачаҳо чунин ҷавоб доданд: «Саҳарӣ, вақте ки ман аз хоб бедор шудам» ё «Бегоҳӣ, вақте ки ман аз боғча ба хона бармегаштам» ва монанди ин.

Кӯдакони синни калони томактабӣ ва ё омодагӣ ба мактаб ҳангоми гутӯгӯй на танҳо аз қисмҳои алоҳидаи шабонарӯз, балки аз рӯзҳои ҳафта ва моҳҳо истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ҳангоми ба қисмҳои алоҳидаи рӯз шинос кардани кӯдакон ба мураббия ва калонсолон зарур аст, ки ба онҳо сабабҳои ивазшавии шабонарӯзро фаҳмонанд, яъне он ба ҷойивазкунии офтоб вобастагӣ дорад, зеро рӯзона офтоб бо нурҳои худ қисми болоии заминро равшан мекунад ва ба мо гармӣ медиҳад. Вақте ки замин оҳиста-оҳиста дар гирди меҳвари худ чарх мезанад, ҷойи офтобро моҳ ва ситораҳо ишғол мекунанд ба ҷойи рӯз шаб мешавад. Чунин тарзи фаҳмондадиҳӣ дониши бачаҳоро оид бо ивазшавии шабу рӯз бой мегардонад. Яъне ҳангоми инкишоф додани идроки вақт дар кӯдакон ба онҳо фаҳмонидани алоқаҳои сабабу натиҷагии байни ашёҳо нақши калон дошта, бо ин васила на танҳо идроки вақт, балки амалҳои фикрӣ низ инкишоф дода мешаванд, ки дар маҷмуъ ба инкишофи когнитивӣ мебарад.

Т.Д. Рихтерман чунин омилҳои ба ташаккулёбии идроки вақт дар бачаҳои синни калони томактабӣ таъсиррасонро ҷудо кардааст:

– донистани эталонҳои вақт (тасаввуроти умумӣ дар бораи онҳо);
– азсаргузаронии давомнокии фосилаи вақт;
– дар кӯдакон инкишоф ёфтани баҳогузорӣ ба фосилаи вақт бе истифодаи соат, дар асоси ҳис кардани вақт. [5,с.87]

Тадқиқот исбот намудаанд, ки идроки вақт дар кӯдакони синни томактабӣ бо фаъолият ва амалҳои мушаххаси он алоқаманд аст. Масалан, ба кӯдакон расмеро намоиш доданд, ки дар он духтарча бо варзиши пагоҳирӯзӣ машғул аст ва баъд ба онҳо бо саволи зерин муроҷиат намудаанд: «Дар ин расм шумо чиро мебинед?», «Духтарча чӣ кор карда истодааст?», «Кадом лаҳзаи вақт дар расм тасвир шудааст?». Қисми зиёди кӯдакон ҷавоб доданд, ки духтарча пагоҳирӯзӣ ба варзиши бадан машғул аст. Ё ин ки кӯдакон расми писарбачаеро, ки хоб аст тамошо карда, ҷавоб доданд: «Шабона, вақте ки ҳаво торик мешавад, бачаҳо ва калонсолон хоб мекунанд». Гарчанде бо кӯдакони синни калони томактабӣ дар кӯдакистон як қатор корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба қисмҳои алоҳидаи шабурӯз бурда шавад ҳам, танҳо 35% онҳо қисми алоҳидаи шабонарӯзро дуруст муайян карда, ба хотир гирифта тавонистанду халос.

Бояд гуфт, ки кӯдакони синни томактабӣ ашё ва расмҳои зебою серрангро бештар идрок мекунанд ва ҳатто нисбат ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, лаҳзаҳои таъсирбахшро дар хотир нигоҳ медоранд. Ҳамин ҷиҳати масъаларо мураббӣ ба эътибор гирифта, бояд дар рафти корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба қисмҳои алоҳидаи шабонарӯз аз расмҳои зебою

серранг истифода барад. Дар яке аз тадқиқот барои муайян намудани сатҳи идроки шабонарӯзии кӯдакони синни калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб расми рангаро пешниҳод карданд, ки ба қисмҳои алоҳидаи шабонарӯз тааллуқ дошт. Дар расми якум манзараи пагоҳирӯзӣ тасвир шуда буд. Ранги осмон кабуд тасвир шуда, аз паси кӯҳҳо офтоб нурҳои зарди худро ба фазои беканор паҳн мекард. Дар расми дуюм манзараи нисфирӯзӣ тасвир шуда буд. Осмон ранги кабуди зардчатоб дошта, офтоб дар мобайни осмон ҷойгир шуда буд. Дар расми сеюм манзараи бегоҳирӯзӣ тасвир шуда, осмон ранги хокӣ дошт ва офтоб ба паси кӯҳҳо фурӯ мерафт. Нурҳои офтоб ранги лочуварди хеле равшанро ба хотир меовард. Дар расми чорум манзараи шаб тасвир шуда буд. Осмонро пардаи сиёҳ фаро гирифта, моҳу ситораҳо медурахшиданд.

Ҳамин тавр, чор намуди расмҳоро ба кӯдакон дар як вақт нишон дода, аз онҳо хоҳиш карданд, ки фарқияти расмҳоро нишон диҳанд ва гӯянд, ки ин манзараҳо ба кадом лаҳзаҳои шабонарӯз рост меоянд. Инчунин ба кӯдакон расмҳоеро нишон доданд, ки бо фаъолияти мушаххаси одамон алоқаманд буд. Масалан, писарбача аз хоб хеста истодааст, ҷавонзан ба кор меравад, духтарча аз боғча бар мегардад ва пирамард хоб меравад. Махсусан диққати кӯдаконро ба ивазшавии ранги осмон ҷалб намуданд ва бо саволи зерин муроҷиат карданд: Вақте ки Офтоб дар нимаи осмон бошад, ранги осмон чӣ гуна мешавад?». Аз рӯйи тағйирёбии ранги осмон кӯдакон дар бораи қисмҳои алоҳидаи шабонарӯз маълумоти муайян ҳосил намуданд. Минбаъд озмоишҳо давом дода шуд ва дар машғулияти минбаъда ба ҳар як расм бо тағйирёбии ранги осмон доираҳои ранга часпониданд: ба расми ифодакунандаи манзараи пагоҳирӯзӣ доираи ранги кабуд, ба расми ифодакунандаи манзараи нисфирӯзӣ доираи ранги зард, ба расми ифодакунандаи манзараи бегоҳирӯзӣ доираи ранги хокӣ ва ба расми ифодакунандаи манзараи шаб доираи ранги сиёҳро часпониданд.

Натиҷаи озмоиш нишон дод, ки кӯдакони синни томактабӣ рангҳоро нисбат ба худи расм хубтар идрок мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд. Масалан, кӯдакон доираи ранги кабудро идрок карда гуфтанд, ки ин ранг қисми пагоҳирӯзиро ифода мекунанд, ё ин ки доираи ранги сиёҳро ба шаб, ранги зардро ба нисфирӯзӣ ва доираи ранги хокиро ба бегоҳӣ алоқаманд намуданд [8, с.45].

Асосан дар барномаи таълимию тарбиявии кӯдакистон идроки вақт тавассути машғулияти «Инкишофдиҳии тасаввуротҳои оддитарини математикӣ» ташкил ва гузаронида мешавад. Дар рафти ин машғулият кӯдаконро бо рӯзҳо, ҳафта ва моҳҳо шинос карда, дар бораи як ҳафта чанд рӯзро дар бар мегирад, як моҳ аз чанд ҳафта иборат аст, як сол аз чанд моҳ ва сол аз чанд фасл, ҳар як фасли сол аз чанд моҳ иборат аст шинос намуда, тасаввуротҳои онҳоро дар бораи вақт бой мегардонанд. Тадқиқотҳо нишлн медиҳанд, ки 50%-и кӯдакони синни калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб ба саволи «Як ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?» ҷавоби дуруст дода тавонистанд. Ба саволи «Шумо кадом рӯзҳои ҳафтаро медонед?» ба таври гуногун чавоб доданд. Бачаҳо рӯзҳои якшанбе, душанбе ва ҷумъаро нибат ба рӯзҳои сешанбе, чоршанбе, шанбе ва панҷшанбе хубтар медонанд ва дар хотир нигоҳ медоранд, зеро ин рӯзҳо ба ҳаёти ҳаррӯза, фаъолият ва ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакон вобастагӣ доранд, яъне рӯзи якшанбе рӯзи истироҳат аст ва рӯзи душанбе ҳатман ба кӯдакистон раванд. Рӯзи ҷумъа бошад, рӯзи охири ҳафта буда, дар пеш ду рӯзи истироҳат шанбе ва якшанбе ҳаст.

Ба саволи "Дар зери мафҳуми ҳафта Шумо чиро мефаҳмед?" кӯдакони синни калони томактаби ҷавоб доданд, ки «Мо фақат рӯзҳоро медонем, ҳафтаро намедонем». Танҳо 30 – 34 % бачаҳои гурӯҳи омодагӣ ба мактаб рӯзҳои ҳафтаро дуруст ва пайдарпай номбар карда тавонистанду халос. Бачаҳои ин синну сол рӯзи гузаштаро нисбат ба имрӯз ва рӯзи оянда дуруст дарк мекунанд. Дар барномаи таълимию тарбиявии кӯдакистон пешбинӣ шудааст, ки ба бачагони синни калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб на танҳо оид ба рӯзҳои ҳафта, балки дар бораи моҳҳо маълумоти муайян додан зарур аст [9, с.57]. Аз ин рӯ, ба мураббӣ ва шахсони калонсол лозим аст, ки донишҳои андӯхтаи кӯдакони ин синнусолро оид ба рӯзҳо ва ҳафта мустаҳкам карда, дар бораи моҳҳо ва фаслҳои сол маълумоти мушаххас диҳанд.

Психологҳо бо мақсади муайян кардани дониши кӯдакон оид ба мафҳуми сол, фаслҳои сол аз кадом моҳо иборат аст, бо чунин саволҳо муроҷиат намуданд: «Баъди ин моҳ кадом моҳ мешавад?». Бачаҳои синни калони томактабӣ ба саволи «Ҳозир кадом моҳ аст?» ҷавоби дуруст дода натавонистанд, вале 20%-и бачаҳои давраи омодагӣ ба мактаб ба савол дуруст ҷавоб гардониданд. Инчунин аз бачагони ин синну сол хоҳиш карданд, ки номи моҳҳоро номбар кунанд. Танҳо 5%-и бачаҳои синни калони томактабӣ ва 20%-и бачаҳои давраи омодагӣ ба мактаб моҳҳоро дуруст номбар карда бошанд ҳам, вале ба пайдарпайии он риоя накарданд.

Бояд зикр кард, ки дар синни томактабӣ ба кӯдакон идроки дурусти ҷоришавии вақт, яъне дақиқаю соат низ бояд омӯзонида шавад. Давомнокии вақт дар ташкили иҷрои фаъолияти кӯдакон аҳамияти калон дорад. Дуруст идрок намудани вақт ба кӯдакон имконият медиҳад, ки онҳо фаъолияти худро ба нақша гирифта, дар рафти иҷрои фаъолият вақтро самаранок истифода баранд. Идроки дурусти вақт ба кӯдакон аз он ҷиҳат низ зарур аст, ки онҳо ба мафҳумҳои «баъд», «сонӣ», «пагоҳ», «пас аз як ҳафта», «моҳи дигар» ва ғайра сарфаҳм рафта, дар рафти муоширати нутқӣ ин мафҳумҳоро дуруст истифода баранд. Албатта идроки дурусти вақт тасаввуроти кӯдаконро оид ба фаслҳои сол низ бой мегардонад. Онҳо мефаҳманд, ки моҳҳо ба фаслҳои сол вобаста буда, ҳар як фасли сол аз моҳҳои алоҳида вобаста аст. Ин имконият медиҳад, ки кӯдак ченакҳои вақтро ҳамчун унсури таркибии якдигар ва худи вақтро ҳамчун система дарк кунад.

Умуман, ташаккули тасаввуроти бачагон оид ба вақт ба фаъолияти таълимии мактабии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Дар натиҷа ин имкон медиҳад, ки бачаҳо ба реҷаи рӯз риоя кунанд ва дар вақти муайян ба мактаб раванд, 45 –дақиқа тоқат карда, дар паси партаҳо нишаста машғули ин ё он фаъолият шаванд ва ё рӯзҳои истироҳатии худро пурсамар гузаронанд. Р.А. Непомняший қайд мекунад, ки “рӯоварӣ ба вақт барои кӯдак ҳамчун аъзои ояндаи ҷомеа ҳаётан муҳим буда, барои фарҳанги шахсии ӯ унсури зарурӣ маҳсуб меёбад. Маҳорати баэътиборгирии вақт ба кӯдак имконият медиҳад, ки муваффақона инкишоф ёбад, намудҳои гуногуни фаъолиятро аз худ кунад, олами атрофро дониста гирад ва ҳамин тавр, барои таҳсил дар мактаб омода шавад. Дараҷаи инкишофи тасаввуроти вақт дар кӯдакон яке аз нишондиҳандаҳои муҳими омодагии интелектуалӣ ба мактаб буда, бо воситаи ташхиси педагогӣ ва психологӣ ошкор карда мешавад” [7,с.3].

Хулоса, омӯзиш ва тадқиқи хусусияти инкишофи идрок дар бачагони синни томактабӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи имрӯза маҳсуб меёбад, чунки давраи томактабӣ заминаи рушди психикӣ ва ташаккулёбии шахсият ба шумор меравад. Гуфтан мумкин аст, ки ин давра давраи мусоид (сензетивӣ) барои рушди фаъолияти маърифатии кӯдакон мебошад ва албатта нақши калонсолон, аз ҷумла мураббиён ва волидон дар ин самт хеле бузур аст. Асосан идроки бача ҳангоми сайругашт дар табиат, осорхонаҳо, шиносоӣ бо ашёҳои табиат, расмкашӣ ва ғайра инкишоф меёбад. Бо назардошти махсусияти инкишофи идроки вақт дар барномаи таълимию тарбиявии кӯдакистон доир ба идроки вақт як қатор чорабиниҳои муайян пешбинӣ карда шудааст, ки онҳо барои идроки вақти ба кӯдакон кӯмак мерасонад. Барои роҳандозӣ кардани ин чорабиниҳо мураббияҳо ва волидайнро зарур аст, ки бо маҳорату малакаи гузаронидани бозиҳои инкишофдиҳанда мусаллаҳ бошанд ва ин бозиҳоро бо кӯдакон ба таври мақсаднок гузаронанд.

## АДАБИЁТ:


1. Friedman W. J. The development of children's knowledge of the times of future events //Child Development. 2000. V. 71 (4)
2. Friedman W.J. Development Perspective on the Psychology of time //Psychology of time / Ed. S. Grondin. NY., 2011.
3. Артамонова О. Предметно-пространственная среда: её роль в развитии личности //Журн. дошкольное воспитание. - 2005. - №4. - С. 17-23
4. Болотова А. Формирование восприятия времени //Дошкольное воспитание, 2015, №11. –С. 40
5. Лысенко А.В. Психолого-педагогические условия формирования профессионально-ценностных ориентаций будущего учителя музыки: дис. канд. пед. наук. - Майкоп, 2005. – С. 87

6. Нарзуллоева М, Ғуломова Н. Шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фаслҳои сол. – Душанбе, 2006
7. Непомняший Р. Л. Развитие представлений о времени у детей дошкольного возраста. - СПб.: Детсво-ПРЕСС, 2004. - С. 3.
8. Раҳмонова Д. Практикум психологияи умумӣ. – Хуҷанд, 2015. – С. 45
9. Рок.И Введение в зрительное восприятие. Кн 1. – М.: Педагогика, 1980. С 57
10. Рубинштейн С.Л. О восприятии времени и пространства //Мир психологии, 2009, №4.- С.81
11. Смирнова Е. Ребенок у экрана //Дошкольное воспитание. - №7, 2002

**Расулов С.,Ҷураева А.**

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ВОСПИРИЯТИЯ ВРЕМЕНИ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В данной статье рассматриваются природа и сущность восприятия времени и особенности его развития у детей дошкольного возраста. Определено, что восприятие не имеет врожденный характер, а проявляется и развивается в процессе онтогенеза. На разных возрастных этапах развитию восприятия способствуют различные действия и факторы и одним из факторов, определяющих индивидуальную характеристику восприятия времени, является возраст.

Выявлено, что сензитивным возрастом для развития восприятия времени является дошкольный возраст. В этом возрасте идет интенсивное накопление знаний о предметах и явлениях действительности, организованных во времени. Опираясь на периодизацию развития восприятия времени в научной литературае, авторы, анализировали четыре периода развития восприятия времени у дошкольников и выявили его особенности на каждом этапе. Акцентируясь на развитии восприятия времени у дошкольников, авторы дали оценку развития временных представлений у детей как одного из важных показателей интеллектуальной готовности к школе.

Также авторы, анализируя различные пути и методы развития восприятия времени у дошкольников, предлагают продуктивные пути его развития на каждом этапе данного возрастного периода.

***Ключевые слова**: восприятие, восприятие времени, дошкольный возраст, сензитивный период, развитие, познавательное развитие.*

**Расулов С., Ҷураева А.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИДРОКИ ВАҚТ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақолаи мазкур табиат ва моҳияти идроки вақт ва хусусиятҳои инкишофёбии он дар кӯдакони синни томактабӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки идрок характери модарзодӣ надошта, дар рафти онтогенез пайдо мешавад ва инкишоф меёбад. Дар марҳилаҳои гуногуни синнусолӣ ба инкишофи идрок амал ва омилҳои гуногун мусоидат мекунанд ва яке аз омилҳои муайянкунандаи тавсифи инфиродӣ доштани идроки вақт маҳз синну сол маҳсуб меёбад.

Ошкор карда шудааст, ки барои инкишофи идроки вақт синни томактабӣ давраи сензитивӣ маҳсуб меёбад. Дар ин синну сол ҷамъшавии дониш доир ба ашё ва ҳодисаҳои воқеият сурат мегирад, ки дар замон ва макон арзи ҳастӣ доранд. Муаллифон дар такя ба даврабандии инкишофи идроки вақт дар адабиёти илмӣ чаҳор марҳилаи инкишофи идроки вақтро дар кӯдакони синни томактабӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, хусусиятҳои инкишофи онро дар ҳар як марҳила ошкор намудаанд. Ба инкишофи идроки вақт дар бачаҳои синни калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб диққати махсус дода шуда, инкишофи тасаввуроти вақт дар кӯдакон ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳими омодагии интелектуалӣ ба мактаб баҳогузорӣ карда шудааст.

Инчунин, муаллифон роҳу усули гуногуни инкишоф додани идроки вақтро дар кӯдакони синни томактабӣ мавриди таҳлил қарор дода, роҳҳои самараноки онро барои ҳар як марҳилаи ин зинаи синнусолӣ пешниҳод намудаанд.

***Калидвожаҳо**: идрок, идроки вақт, синни томактабӣ, давраи сензитивӣ, инкишоф, инкишофи маърифатӣ.*

**Rasulov S., Juraeva A.**

## FEATURES OF DEVELOPMENT OF TIME PERCEPTION PRESCHOOL CHILDREN

This article discusses the nature and essence of the perception of time and features of its development in children of preschool age. It is determined that perception does not have an innate nature, but is manifested and developed in the process of ontogenesis. At different age stages, the development of perception is promoted by various actions and factors and one of the factors determining the individual characteristic of the perception of time is age.

Revealed that the sensitive age for the development of perception of time is the preschool age. At this age there is an intensive accumulation of knowledge about objects and phenomena of reality, organized in time. Based on the periodization of the development of time perception in the scientific literature, the authors analyzed four periods of the development of time perception in preschoolers and revealed its features at each stage. Focusing on the development of time perception among preschoolers, the authors assessed the development of temporary ideas in children as one of the important indicators of intellectual readiness for school.

Also, the authors, analyzing various ways and methods of developing perception of time among preschoolers, suggest productive ways of its development at each stage of a given age period.

***Key words:*** *perception, perception of time, preschool age, sensitive period, development, cognitive development.*

**Сведения об авторах: Расулов Сайфидин Худоиевич** – к.п.н., доцент кафедрой психологии Таджикского национального Университета. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru

**Джураева Азиза Давроновна** - докторант PhD Таджикского национального Университета. 917 67 85 08. azizajuraeva95@gmail.ru

**Information about authors: Rasulov Saifiddin Khudoievich** - Candidate of Political Sciences, Associate Professor of Psychology Tajik National University. 918 80 68 07, sayf76@mail.ru

**Juraeva Aziza Davronovna** - PHD Tajik National University. 917 67 85 08. azizajuraeva95@gmail.ru

Ҳ. ҚАЮМОВА

## АСОСҲОИ РАВОНӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Таълими босалоҳият истифодаи технология ва шакли ташкили самараноки ҷараёни таълим ва методҳои ба он мувофикро талаб менамояд. Барои муайян кардани технологияи равонӣ- педагогӣ, шакл ва методҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бояд ба тамоили муносибати босалоҳият такя намояд.

Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти олии касбӣ сифатан дигар хел муносибатро дар байни устодону шогирдон тақозо менамояд. Мақсади ин технология аз он иборат аст, ки донишҷӯ омӯзад, аз худ кунад ва дар амал татбиқ намояд.

Он диққате, ки дар солҳои охир махсусан ба истифодабарии технологияи нав дар раванди таҳсилот дода мешавад, хусусиятҳои оммавиро дар таҳсилоти олии касбӣ пайдо намудааст. Ин таваҷҷуҳ,бо мақсади омода намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат гардидан, муассисаҳои таълимии кишварро водор месозад, ки дар татбиқии он таваҷуҳи хоса зоҳир намоянд. Ин мушкилотро бе истифодаи технологияи нав тибқи маълумоти коркардшуда ва дар таҷрибаи оммавӣ санҷидашуда ҳал намудан номумкин мебошад. Раванди истифодаи технологияи нав дар ҷараёни таълим ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро кафолат дода метавонад.

Нишонаҳои асосии технологияи навин дар ҷараёни таҳсилот дар замони муосир инҳоянд:

- мақсади пурраи таҳсилот;

-номгӯйи пайдарҳамии тарзи ба даст овардани натиҷаи супоришҳо;

- истифода бурдани алоқаи баргарданда бо мақсади ислоҳ намудани ҷараёни таҳсилот;

- кафолати ба даст овардани натиҷа;

-самаранокии ҷараёни таҳсилот аз маҳорати омӯзгор вобастагии кофи дорад. (1,34)

Нишонаҳои фарққунандаи технологияи муосири таълим ифодакунандаи хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор мебошад, ки дар он ҳамчун дар нақши ташкилотчии шаклҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯён баромад мекунад. Дар ин технология омӯзгор дар нақши -менеджер ва режиссёри таълим баромад намуда, аммо намоишдиҳандаи ахбори таълим мебошад.

Шогирдон дар баробари фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим ба субъекти фаъолият табдил меёбанд. Шахсияти омӯзгор ва инкишофи касбии ӯ, ҳамчун ба яке аз мақсадҳои асосии таҳсилотӣ табдил меёбад. Дар шароити муосир воситаҳои ахбор ва технология ҳамчун воситаи ташкили фаъолият истифода бурда мешаванд, на ҳамчун мақсадираванди таълим.

Дар робита ба афзоиши талабот ба технологияи инноватсионии таълим миқдор ва шаклҳои гуногунии онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Махсусан, дар шароити кунунӣ ин ҷараён ба инкишофи технологияи ахборӣ- коммуникатсионӣ ва технолгияи фаъол ва шавқовари таълим (яъне чизҳои офаридаи омӯзгор дар якҷоягӣ бо донишҷӯён) табдил ёфта, вазифаҳои мушаххасро иҷро менамояд. Дар робита ба инкишофи онҳо имконияти интихоб намудани технологияи як қадар мувофиқ ба ҷараёни таълим ва ҳал кардани супоришҳо васеъ мегардад. (4,3-12)

Дида баромадани аспекти технологии ташаккули умумӣ ва махсуси салоҳиятнокӣ, инчунин истифода намуданро дар мафҳуми ***методҳои таълим,*** ки дар навбати худ ба методҳои дарсгузарӣ ва таълимдиҳӣ тақсим мешаванд зарур мешуморем.

***Методҳои дарсгузарӣ*** – ин аз рӯйи талаботи дидактикӣ, системаи усул ва мувофиқ ба он қоидаҳо, фаъолияти педагогие мебошанд, ки истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим самаранок истифода бурда шаванд. Яъне дар ҷараёни таълим донишҷӯ фаъолтар аз омӯзгор эҳсос карда шавад.

***Методҳои омӯзиш*** – ин аз хисоби талаботи дидактикӣ, усул ва қоидаҳои мувофиқ ва ҷавобгӯе мебошанд, ки мақсади онҳо ба баланд бардоштани худидоракунии донишҷӯён дар тамоми шакли фаъолият ва муошират дар ҷараёни ҳалли шаклҳои муайяни вазифаҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Хамин тавр, методи омӯзиш ҳамчун тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён диниста мешавад. Ин метод ҳамчун тарзи

фаъолияти робитаманди омӯзгор ва донишҷӯён баҳри ба даст овардани салоҳиятнокӣ дар барномаи таҳсилотӣ донистамешавад.

Дар ҷараёни татбиқи низоми фаъолияти таълимӣ донишҷӯён, чизи асоси ба таври воқеъи интихоб намудани технология ва методҳои таълим мебошанд. Чӣ қадаре бештар миқдори соҳаҳои таълим ба эътибор гирифта шаванд, ҳамон қадар натиҷаи таълим баланд мегардад. Интихоби ин ё он намуди технологияи кор бо донишҷӯён, бояд дар хотир дошт, ки дар натиҷаи самаранок истифода бурдан аз он, агар мақсади таълим ба инобат гирифта шавад, ин технология ба татбиқи он равона мегардад. Мазмун, ки бо ёрии он технология дар шароити мавҷудаба донишҷӯён бояд дода шавад ва дар он мавриди истифода қарор гирад, бояд ба инобат гирифта шавад. (3,4-9)

*Мақсади* мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтани ин андешаҳо оид ба технология салоҳиятнокӣ, баҳри ба салоҳияти баланди касбӣ ноил гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.Танҳо тавассути ҳамин технология онҳо метавонанд, муносибат дар ҳалли вазифаҳои касбӣ, муносибати педагоги дар коллектив, инкишофи шахсӣ дар бозори меҳнат гарданд. Мақсади ҳар кадоме аз технологияҳои номбурда, дар худ вазифаҳои зиёди ташаккули намудҳои гуногуни фаъолиятро фаро мегирад.

Дар нақшаи мазмуннок ҳар як салоҳият дар худ се омили асосиро муттаҳид менамояд: донишгирӣ, майлкунӣ, амалиётӣ, ки барои фаъолиятро амалӣ гардонидан роҳ мекушояд. Шахси ба ин се чизи ташаккулдиҳандаи салоҳият ноил буда, дар бозори меҳнат рақобатпазир буда, дар масъалаи пайдо намудани ҷои кор ва шуғли меҳнатӣ варзидан бо мушкилот рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

***Се дараҷае, ки дар он салоҳиятнокӣ ташаккул меёбад:***

- ***дар дараҷаи якуми*** ташаккул ёфтани салоҳияти инсон, афзоиши иқтидори ҳал намудани вазифаҳои бамиёномада пайдо мегардад. Маҳдудияти майлгирӣ ба шароити раҳоӣ ёфтан, аз мушкилот бо методҳои дар ихтиёраш буда, бароиислоҳи хаттогӣ истифода барад;

- ***дараҷаи дуюми*** ташаккули салоҳият ҳал намудани гурӯҳи муайяни супоришҳоро дар фаъолият бо дарки шароит ва сарҳади истифодаи тарзҳои умумии ҳалли он талаб менамояд. Дар ин ҳолат ба ҳама маълум аст, ки инсон қудрати ҳалли тамоми супоришҳоро надорад, танҳо он гурӯҳи супоришҳоеро ҳал карда метавонад, ки дараҷаи ҳалли онҳоро аз худ намудааст. Чӣ қадаре дараҷаи умумият баланд бошад, ҳамон қадар шумораи вазифаю супоришҳои ҳалнамудаи инсон меафзояд.

- ***Дараҷаи сеюми*** дараҷаи олии умумияти ҳодисаю зуҳурот мебошад, ки ба дараҷаи сеюми ташаккули салоҳият рост меояд. Чунин салоҳият ҳалли тамоми масъалаҳои чунин намудро бо методҳои гуногун таъмин менамояд. (7.20-21)

Тамоми мақсадҳои номбурда ва унсурҳои мазмунии онҳо ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳо барои низоми таҳсилоти Тоҷикистон хусусиятҳои инноватсионӣ доранд. Татбиқи онҳо бевосита навсозии низоми анъанавӣ ва истифода бурдан аз технологияи нави таълим ва методҳои омӯзонидани донишҷӯён мебошад.

Таҳлили табъу нашри муосир нишон медиҳад, ки салоҳияти хатмкунандагон, дар навбати аввал дар касбияти онҳо, дар мазмуни таҳсилот мавкеъ гирифта, ба такмил додани барномаи таълим асос меёбад. Таҳлилу озмоишҳо нишон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ (хусусан салоҳиятнокии касбии онҳо) моро қаноатманд гардонида наметавонад. Яке аз сабабҳои баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҷойҳои кори таъингардида ҳозир нашудани хатмкунандагон дар паст будани салоҳияти касбии онҳо дарак медиҳад. Онҳо бояд ҳарчӣ бештар ба мазмуни барномаи таълим ва навсозиҳо дар методикаи таълим ошно бошанд. Дар баробари ин, муттамарказ намудани тамоми имкониятҳои таълимӣ тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар ҳалли вазифаи ташаккул додани салоҳияти касбӣ ва умумимадании мутахассисони оянда мусоидат намояд. (8.С.14-15)

Муносибати мазкур талаб менамояд, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии донишҷӯро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ, ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода

мешаванд. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фасли ҷудогона маълумот гирифтед, аз ҷониби дигар дар муошират, дар суҳбати расмию касбӣ мо ифодаи "шахсияти салоҳиятнок"-ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додан зарур аст. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малака ва маҳорати фанни таълимӣ ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ, низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешаванд. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунан, мо дарк менамоем, ки салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

*1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ*

– истифода бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълим;

– таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он, ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо баҳамдигар ва сохтани чизи том;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

*2. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ*

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии донишҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;

– ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб;

– сохтан ё бозсозии ашёро ёд гирифта, ақидаҳоро тавассути тағйирот ворид намудан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.(

*Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ инҳоянд:*

– тавоноии таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;

– дарёфти фарқи байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

*Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахс инҳоянд:*

– донишҷӯ эътироф намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ба рафтор таъсир мерасонанд;

– ташаккул додани малакаҳо, фаҳмишҳо ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамояд;

– таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият;

– бедор намудани боварӣ ба қобилияти худ, худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан;

– ташаккул додани инкишофи шахсии хонандагон ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки эҳтиром, эҳтироми хеш ва ҳифз намудани ҳурмату эҳтироми дигарон:*

– равшанфикр ва озодбаён будан;

– омӯхтани маданият ва фарҳанги одамони гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба онҳо;

– эътироф ва эҳтиром кардани арзиш ва қиматҳои гуногун, ки на ҳамеша ба ақидаи шумо рост меоянд. (6.19-20)

*Дарк ва эҳтиром кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯхтани вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғ.;

– ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонда метавонад;

– таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

– эътимоднок нишон додани он, ки рафторҳои одамон чӣ тавр метавонанд ба некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбӣ мерасонанд.

*Ташаккули саводнокӣ. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ:*

– дарки аҳамияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

– саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборат аст, ки ҳар яки он шарҳ ва мазмуни гуногун дорад;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳо;

– аз бар намудани ақидаҳо ва ахборҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

*Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути донишҳои муайян:*

– ҷустуҷӯи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

– истифода аз дониши мавҷуда дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣҷамъ оварда шудаанд;

– истифодаи ақидаҳо ва технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

*Баёни натиҷаи фаҳмиш ва маън намудани донишҳои муайян:*

– дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират кардан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

– истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;

– пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

– интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муошири самаранок ва боодобона.

*Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:*

– таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;

– ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароити дигар;

– риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;

– нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди “эҳтироми ҳар як шахс”;

– таҳқиқи он, ки арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар бой гардонидани ахлоқи башарӣ васеъ истифода мешаванд.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:*

– нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан;

– имконият додан барои саҳмгузории ҳар як шахс;

– ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод карда тавонистани ақидаҳои гуногун;

– истифода аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матрахшаванда;

– зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳс.(9.25-26)

Салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳаё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа мебошад.

Донишҷӯи босалоҳият ба атрофиён ёрӣ расонида, дорои мустақилият, фарҳангу маданияти баланд буда, қобилияти дигаронро ба эътибор мегиранд. Барои ба мақсади гузошташуда расидани дигарон ёрию мадади беғаразона мерасонад, муносибатҳои ғаразнок ва ноодилонаро нисбат ба худ ва дигарон раво намебинад.

## АДАБИЁТ:


1. Веселовская Н.С. Компетентностный подход в образовании – основа подготовки высококвалифицированного специалиста. Омск. 2004. С-34

2. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования [Электронный ресурс] //Интернет-журнал "Эйдос". - 2006. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm.

3. Кузьмина Н.В. К вопросу о системном подходе исследования педагогической деятельности. Ученые записки. Ивановского гос.пед. ин-та.1971. Т.86. С.4-9

4. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании [Электронный ресурс].// Школьные технологии. -2004. -№5. -С.3-12. - Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/ lebedev.htm.

5. Селевко Г.К. Компетентности и их классификация // Народное образование, 2008. - № 4. С.7-8.

6. Серякова С.Б. Компетентностный подход как направление модернизации российского образования / С.Б. Серякова // Пед. образование и наука: науч.-метод. журн. - 2004. - №1. С.19-20.

7. Кравец В.Н., Нижегородский государственный технический университет(НГТУ г.Н. Новгород). Организация и контроль самостоятельной работы студентов. -1990.С.20-21.

8. Леонтьев А.А. Психологические предпосылки раннего овладения иностранным языком //Иностранный язык в школе. - 1985.С.14-15.

9. Магаева М.В., Плеханова А.Ф., Донишгоҳи давлатии техникии Нижегород (ДДТН дар шаҳри Новгород) Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар мактабҳои олии Нидерландия. С.25-26.


**Қаюмова Ҳ.**

## АСОСҲОИ РАВОНӢ- ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур асосҳои равонӣ-педагогии ташаккули салоҳияти касбиии донишҷӯён бо истифодаи технологияи нав ва шакли ташкили самараноки ҷараёни таълим инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, муаллиф роҷеъ ба истифодаи методҳои гузаронидани дарс, усулҳои омӯзиш ва се дараҷае, ки дар он салоҳиятнокии донишҷӯён ташаккул меёбад, маълумоти муфассал ироа кардааст.

***Калидвожаҳо**: равонӣ –педагогӣ,самаранокӣ, салоҳиятнокӣ, робитамандӣ, низоми анъанавӣ, рақобатпазирӣ*

**Каюмова Х.Т.**

## ПСИХОСОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ

В статье отражены психолого-педагогические основы формирования профессиональной компетентности студентов в использовании новых технологий и формы эффективной организации

учебного процесса. Также, автор в статье подробно рассматривает пути использования методов ведения инструкций, методологии и трех уровней, в которых развивается компетенция студента.

***Ключевые слова:*** *психология, педагогика, эффективность, компетентность, надежность, традиционная система, конкурентоспособность*

**Hurliko Kayumova**

**PSYCHOSOCIAL ASPECTS OF THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF STUDENTS**

According to this article, the psychological and pedagogical foundations of the formation of the professional competence of students are reflected in the use of new technologies and the form of effective organization of the learning process. Use of methods of conducting instructions, methodology and three levels in which the competence of the student develops.

***Keywords:*** *psychology, pedagogy, efficiency, competence, reliability, traditional system, competitiveness*

**Сведения об авторе: Каюмова Хурлико Тагайевна** - кандидат педагагических наук, начальник отдела высшего профессионального образования и последипломного образования Института развития образования имени А.Джами АОТ, индекс- 734024 г. Душанбе, улица Айни 45, E-mail: prmatt@ mail.ru. Телефон 227-05-13,+(992)904406690,

**Information about the author: Kayumova Hurliko Tagayevna** - candidate of pedagogical sciences, head of the department of higher professional education and postgraduate education of the Institute of Education Development named after A. Jami AOT, index -734024 Dushanbe, Aini Street 45, E-mail: prmatt @ mail.ru. Phone 227-05-13 + (992) 904406690,

Ҷ. МИРЗОЕВ
Б. ФАЙЗАЛИЗОДА

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ БА ВОСИТАИ ТАЪЛИМИ ЛОИҲАВӢ

Ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, ки ба қавли Ф.С. Комилиён "Парадигмаи нави натиҷаҳои таълимӣ," ки ба даст овардани онҳо дар мактаби муосир ҷараёни хело мураккаб ва коркарднашуда мебошад, ҷавоб ба дархостҳои рушди ҷомеа мебошад [2]. Дар таълими технологияи иттилоотӣ низ як қатор мушкилоти тезутунд ба вуҷуд омадаанд, ки ба он хоссагиҳои фан, инчунин рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мусоидат менамоянд. Ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда дар дурнамои наздиктарин заруранд, чунин норасоиҳо ва қафомониҳо дар соҳаи маълумот ба шакли қафомониҳо дар иқтисодиёт ва соҳаи илмӣ-техникӣ ногузир зоҳир меёбанд.

Бо назардошти он ки салоҳиятҳои калидӣ худ ба худ ташаккул намеёбанд, балки фаъолияти махсуси муташаккилро талаб мекунанд, дар рафти кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон масъалаи омӯзиши имкониятҳои ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон дар ҷараёни таълими лоиҳавӣ [1] гузошта шуда буд. Омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Бохтар кушиш ба харҷ доданд, ки амсилаи ҷараёни мазкурро зимни таълими технологияи иттилоотӣ созанд.

Зимни ташаккули ба ҳисоб гирифта шуд, ки амсилаи илмӣ ифодаи мавҳуму моҳияти ҳодисаи таҳқиқшавандаро дар бар мегирад. Дар ҷараёни тадқиқот дараҷаи мушобеҳсозии амсила ба воқеият бо мақсади тадқиқот мувофиқ карда шуд ва типи амсилаи балоиҳагирифташаванда чун амсилаи типи сохторӣ-мазмунӣ, ки бо мақсади мушаххас ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ тавассути таълими лоиҳавӣ нигаронида шудааст, муайян гардид.

Мувофиқи амсилаи пешниҳодшуда дар фаъолияти муаллим давраҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон ҷудо карда шудаанд: таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, гузаронидани ташхиси комплексии педагогӣ, азнавсозии мазмуни маводи таълимӣ, ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар ҷараёни татбиқи методи лоиҳаҳо, арзёбии коплексии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон ва ислоҳсозии ҷараёни таълим

**Расми 1. Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Бохтар**



Давраи омодагӣ. Вазифаи асосии сатҳи базавии МТМУ дар омузиши қонуниятҳои умумии ташкилу истифодаи системаҳои иттилоотии бештар автоматикунондашуда ифода меёбад.

Аз нуктаи назари мазмун ин ба рушд додани асосҳои биниши системаи олам, васеъсозии имконияти амсиласозии иттилоотӣ имкон дода, бо ин роҳ васеъсозӣ ва амиқсозии алоқаҳои байнифаннии технологияи иттилоотиро бо фанҳои дигар таъмин менамояд [3, 5, 9]. Дар асоси стандарти давлатии таҳсилот ва барномаи намунавии маълумоти миёнаи умумӣ мувофиқи коплекси таълимӣ-методии Ф.С. Комилиён ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ тавассути таълими лоиҳавӣ равонааст, банақшагирии тақвимӣ- мавзӯӣ коркард карда шуд.

***Давраи якум.*** Гузаронидани ташхиси комплексии педагогӣ, ки ба ошкорсозии талаботи таълимии хонандагон, сатҳи ташаккули қисмҳои сохтории салоҳиятҳо (донишҳо, маҳоратҳо, таҷрибаи фаъолият ва самтҳои арзишнок), захираҳои муҳими таълим (оила, муҳити наздиктарини берун аз мактаб, ҷиҳозоти методӣ ва техникии мактаб дар умум ва аз ҷумла ӯтоқи технологияи иттилоотӣ [5, 3, 2] нигаронида шудааст. Барои муайянсозии талаботи таълимии хонандагон гузаронидани мушоҳидаҳо аз болои хонандагон, анкетаронӣ, тестиронӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Барои гирифтани натиҷаҳои саҳеҳ ба ташхис ҷалб кардани ҳамсинфон, гузаронидани суҳбат бо волидайни хонандагон зарур аст. Дар рафти гузаронидани ташхис сарҷадвали талаботҳои таълимии хонандагон, ки рағбатҳои маърифатии ҳар як хонандаро инъикос менамояд, пур карда мешавад. Барои дар хонандагон ошкор сохтани қисмҳои сохтории салоҳияти муаллим анкетаронӣ ва суҳбат гузаронида мешавад. Ба баланд бардоштани саҳеҳияти натиҷаҳои ташхис истифодаи варақаҳои худташхискунии хонанда имкон медиҳад. Хонанда якҷоя бо волидайн варақаҳои худташхискуниро пур карда, дар худ мавҷудият ё номавҷудияти салоҳиятҳои калидии мувофиқи донишҳо, маҳоратҳо, самтҳои арзишнок, таҷрибаи фаъолияти амалӣ ва ғайраро қайд менамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси донишҳо, маҳоратҳо, самтҳои арзишнок, таҷрибаи фаъолияти амалӣ, ки салоҳиятҳои калидии хонандаро ташкил медиҳанд, муаллим сарҷадвалеро пур мекунад, ки дастовардҳои хонандагонро инъикос менамоянд. Сарҷадвалро дар таҳриргари ҷадвалҳои электронӣ (масалан, дар MS Excel) пур кардан мувофиқи мақсад аст, зеро ки ташхискунӣ хусусияти мониторингӣ, иловаю тағйироти мунтазам дорад, инчунин баҳисобгирии сатҳи ташаккулёбандагии салоҳиятҳои калидиро дар компютер ба қайд гирифтан қулайтар аст.

Унсури муҳимми ташхиси педогогӣ омӯзиши вазъи муҳити таълим мебошад. Бо ин мақсад муаллим пурсиши хонандагон ва волидайни онҳоро гузаронида, дар хонанда мавҷуд будани китобхонаи хонагӣ, компютер, имконияти кор бо интернетро муайян менамояд; инчунин захираҳои МТМУ (мавҷудияти синфхонаҳои компютерӣ, ки бо воситаҳои зарурӣ барои гузаронидани лоиҳаҳо ҷиҳозонида шудаанд) ва шаҳр (маркази компютерӣ)-ро меомӯзад ва дар ин асос дар бораи имкониятҳои истифодаи муҳити таълим барои ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон хулоса мебарорад.

***Давраи дуюм.*** Батартибдарории мазмуни маводи таълимӣ.

**Мазмун:** стандарти таълимӣ ва барномаи намунавӣ доир ба технологияи иттилоотӣ барои таълими базавӣ.

**Шаклҳои кори таълимӣ:** синфӣ-дарсӣ, беруназдарсӣ (курсҳои элективӣ), рӯзона, фосилавӣ, инфиродӣ, гурӯҳӣ.

**Методи асосӣ:** лоиҳавӣ, ки ба рушди маҳорати азхудкунии олами атроф дар принсипҳои методологияи илмӣ асос ёфтааст [5, 3, 2].

Лоиҳаи таълимӣ-тадқиқотӣ дар асоси муносибати умумиилмӣ, методологии зерин ба тартиб дароварда мешавад:

- ✓ муайянсозии проблемаҳо ва вазифаҳои аз он бармеомадаи тадқиқот;
- ✓ пешниҳоди фарзияи ҳалли онҳо;
- ✓ муҳокимаи методҳои тадқиқот, роҳҳои имконпазири ҳалли проблема;
- ✓ муҳокимаи тарзҳои тасвияти натиҷаҳои ниҳоӣ (муаррифӣ, ҳимоя, ҳисоботи эҷодӣ, муоинаҳо ва ғайра);
- ✓ таҳлили маълумотҳои гирифташуда;

- хулосабарорӣ, тасвияти натиҷаҳо, муаррифии онҳо;
- хулосаҳо, пешниҳоди проблемаҳои нави тадқиқот.

Васоити асбобӣ-барномавӣ барои татбиқи лоиҳаҳо:

- системаи амалиётии Windows;
- барномаи зиддивирусӣ;
- барнома-архиватори WinRar;
- рӯнамосозӣ;
- системаи дарки биноии матни ABBVV Fine Reader;
- ҷадвалҳои электронӣ;
- виросторони (матнӣ, графикӣ);
- технологияҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо;
- технологияҳои коркарди рӯнамосозӣ;
- системаҳои гипертекстӣ.

***Давраи сеюм.*** Ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон дар ҷараёни татбиқи таълими лоиҳавӣ дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ. Барои амалгардонии давраи мазкур системаи дарсҳо-лоиҳаҳо барои хонандагони синфҳои 10-11 тибқи доираҳои таълимии барномаи намунавии маълумоти асосии умумӣ доир ба технологияи иттилоотӣ, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст, коркард шуда буд [5, 3, 2].

Салоҳиятҳои калидӣ донишу маҳоратҳои гуногуни мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, таҳлил, рефлексия, худбаҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Хонанда малакаҳои креативии фаъолияти маҳсулнок, ҳосилкунии донишҳои воқеиро аз худ мекунад.

*Ҷадвали 1. Таносуби доираҳои таълимӣ ва системаи дарсҳо-лоиҳаҳо*

| Доираҳои таълимӣ | Фаъолияти асосӣ дар лоиҳа ба инҳо равонааст: | Мавзӯи лоиҳа |
|---|---|---|
| Иттилоот ва ҷараёнҳои иттилоотӣ | Азхудкунии малакаҳои таҳлил ва баҳодиҳии интиқодӣ ба ахбори гирифташуда аз мавқеи хусусиятҳо, саҳеҳият, аҳамияти амалӣ ва шахсии он; маҳорати таҳлилу муқоисаи манбаъҳои иттилоот; омодагӣ ба истифода аз воситаҳои муаррифисозанда зимни ташкилу гузаронидани маърӯзаҳо, такмили малакаҳои дар мактаби асосӣ гирифташуда. | Ахбори ҷаҳонӣ. Фалсафа ва технологияи иттилоотӣ |
| Компютер чун воситаи автоматикунонии ҷараёнҳои иттилоотӣ | Донистани тавсифоти асосгузори коммуникатор, компютер, суперкомпюютери муосири фардӣ; фаҳмидани схемаҳои вазифавии сохтори онҳо | Ибора тартиб деҳ. “Сохтори КФ”. Гӯша аз қисмҳои корношоями КФ “Сохтор” |
| Технологияи коркарди иттилооти графикӣ ва рӯнамоӣ | Маҳорати истифодабарӣ аз воситаҳои ТИИ барои ҳалли масъалаҳо аз соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ; маҳорати истифода аз таҳриргарони матнӣ барои ташкилу тавсияти ҳуҷҷатҳои матнӣ (шаклсозӣ, нигоҳдорӣ, нусхабардории қисмҳо ва ғайра) | Ҳуҷраи технологияи оянда. Ташкили муаррифии чадрасонаӣ ба мавзӯи лозима |
| Кодсозӣ ва коркарди иттилооти матнӣ | Маҳорати истифодабарӣ аз воситаҳои ТИИ барои ҳалли масъалаҳо аз соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ; маҳорати сохтану таҳрири расмҳо, нақшаҳо, суратҳо, сабтҳои аудио ва видео, занҷираҳои слайдҳо | Ман ба Шумо нақл кардан мехоҳам. Рӯзномаи мактабӣ |
| Кодсозӣ ва коркарди иттилооти рақамӣ | | Кроссворд. Пурсиши иҷтимоӣ. Корхонаи ман. |
| | Ҳосил кардани тасаввурот дар бораи имкониятҳои гирифтану интиқоли иттилоот бо ёрии воситаҳои электронии алоқа, дар бораи тавсифоти муҳимтарини шабакаҳои алоқа; азхудкунии малакаҳои татбиқи интиқоли иттилоот тавассути почтаи электронӣ ва ғайра | |
| Тарҳрезӣ ва шаклсозӣ | | Биоритмҳо. Амсилаҳои биологӣ. Амсилаҳои иқтисодӣ. Амсилаcозии ҷараёнҳои физикӣ |
| Технологияи нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва навъҳо тақсим кардани иттилоот | | Ташкили лоиҳаҳои гурӯҳии “Базаи маълумот” |

Истифодаи методикаи таълими технологияи иттилоотиро, ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон равонааст, дар асоси корбурди комплексии шаклҳои

дарсӣ ва беруназдарсии таълим ва васеъсозии доираи субъектҳои ҳамкориҳои таълимдиҳанда амалӣ гардонидан мумкин аст [11]. Дар ҷараёни таълим аз шаклу методҳо бояд истифода бурд, ки хусусияти проблемавӣ-тадқиқотӣ дошта, ба рушди мустақилиятнокии хонандагон ва шароити муҳити таълим мувофиқанд.

Дар ҷадвали 2 намудҳои афзалиятноки фаъолият барои ташаккули ҳар як салоҳияти калидӣ зимни таълими технологияи иттилоотӣ дар шароити муассисаи таълимии “Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12”-и шаҳри Бохтар пешниҳод шудаанд.

***Давраи чорум.*** Санҷиши ташаккулёбандагии салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон. Баҳодиҳии коплексӣ ба сатҳи ташаккулёбандагии салоҳиятҳои калидӣ дар рафти таълими технологияи иттилоотӣ дар МТМУ дар асоси якҷоясозии методҳои сифатии ташхис амалӣ мегардад. Барои санҷиши донишу маҳоратҳои хонандагон муаллим корҳои назоратӣ, пурсиши фронталӣ, тестиронӣ, анкетаронӣ, гузаронида, таҳлили корҳои амалиро ба роҳ мемонад, ба хонандагон варақаҳои худташхискуниро пешниҳод менамояд; самтҳои арзишноки хонандагон дар рафти мушоҳидаҳо аз болои фаъолияти онҳо ва гузаронидани пурсишу суҳбаҳо ошкор мегарданд; барои баҳодиҳӣ ба таҷрибаи истифодаи амалии донишҳо ва маҳоратҳо варақаҳои худташхисдиҳӣ истифода ва таҳлили маҳсули фаъолияти таълимии хонандагон гузаронида мешавад [5, 3, 2]. Дар ҷараёни баҳодиҳӣ худи хонандагон рефлексияи фаъолияти хеш (муҳокимаи шифоҳӣ, анкетаронии хаттӣ, пуркунии варақаҳои худташхисдиҳӣ) ва ҳамигарбаҳодиҳиро амалӣ гардонида, фаъолона иштирок мекунанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхис муаллим якҷоя бо хонандагон чорабиниҳои ислоҳкунанда ва роҳҳои минбаъдаи рушди талаботи таълимии хонандаро барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар онҳо ба нақша мегиранд.

***Ҷадвали 2.***

| **Салоҳият** | **Тавсифи салоҳият** | **Ташаккули салоҳият** | |
|---|---|---|---|
| | | ***аз тарафи муаллим*** | ***аз тарафи хонанда*** |
| **Иртиботӣ** | Азхудкунии намудҳои асосии баромадҳои оммавӣ, риояи меъёрҳои эстетикӣ ва коидаҳои ташкили муколама | Кор бо ташаккули малакаҳо дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ | Муаррифии натиҷаҳои фаъолияти маърифати ва амалӣ |
| | Азхудкунии малакаҳои ташкил ва иштирок дар фаъолияти коллективӣ | Роҳбарӣ зимни машғулиятҳои амалӣ | Тақсимоти вазифаҳо дар гурӯҳҳо ва бригадаҳо, баҳодиҳӣ ба ҳамдигар ва худбаҳодиҳӣ |
| | Азхудкунии малакаҳои автоматикунонии фаъолияти иртиботӣ | Корҳо доир ба ташаккули малакаҳо дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ | Истифода аз васоити ТИИ дар ҳаёти ҳамарӯза зимни иҷрои лоиҳаҳои инфиродӣ ва коллективӣ |
| **Умумимаданӣ** | Маҳорати бошууронаи асосноккунии муҳокимаҳо, додани маърифат, исботкунӣ (аз ҷумла аз самти муқобил), истифодабарӣ аз донишу маҳорату малакаҳо дар ҳаёт. | Таълими асосҳои самтмуайянкунӣ дар фазои иттилоотӣ, корҳо бо системаҳои паҳншудаи автоматикунонидашудаи иттилоотӣ. Назорат ва кӯмак ҳангоми машғулиятҳои амалӣ | Дарки таъинот ва вазифаҳои технологияҳои истифодашавандаи иттилоотӣ ва иртиботӣ. Коркарди малакаҳои дар машғулиятҳои амалӣ гирифташуда |
| **Самти арзишнокӣ** | Ҷустуҷӯ ва гирифтани ахбори лозимӣ доир ба мавзӯи додашуда аз манбаъҳои гуногун. Маҳорати амалигардонии фаъолияти инфиродӣ, ҷустуҷӯӣ зимни кор аз болои лоиҳа: интихоби мавзӯъ, муҳимият, фаъолияти тадқиқотӣ. | Кӯмак зимни интихоби мавзӯи лоиҳа ва ҳангоми ташкили он | Ҷустуҷӯ ва интиқоли иттилоот ба шабакаҳои иртиботӣ. Фаъолияти тадқиқотӣ зимни ташкили лоиҳа ба таври инфиродӣ ва дар гурӯҳҳо |
| **Иттилоотӣ** | Истифодаи захираҳои | Коркарди малакаҳои кор | Ташкили объектҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мултимедӣ ва технологияҳои компютерӣ барои коркард, интиқол, банизомдарории иттилоот, ташкили базаи маълумотҳо, муаррифии натиҷаҳои фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ. | бо маълумотномаҳо ва манбаъҳои гуногуни ахбор, аз ҷумла электронӣ. Коркарди малакаҳои кор бо васоити ахбор. | иттилоотӣ, аз ҷумла: матни мураттабшуда (ба тартиб дароварда шуда), шаклҳои гуногуни пешниҳоди иттилоот, пешниҳоди графикии объекти воқеӣ, маълумотҳо, муаррифӣ дар асоси қолаб. |
| **Иҷтимоӣ- меҳнатӣ** | Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ зимни кор бо ахбор. Шиносоӣ бо маданият, кишвари худ, бо маданияти халқҳои дигар. | Истифодаи хоссагиҳои маҳал дар таълим | Омузишӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ. Фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ зимни ташкили лоиҳаҳо |
| **Таълимӣ- маърифатӣ** | Шарҳи қоидаҳои омӯхташуда аз рӯи мисолҳои мушаххаси мустақилона интихобшуда. Алоқаи байнифаннӣ: биология дар маводшиносӣ; нақшакашӣ, математика- зимни риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва тасияҳои гигиенӣ ҳангоми истифода аз васоити ТИИ | Машғулиятҳои назариявӣ. Истифодаи маводи намоишӣ | Маҳорти истифодабарӣ аз харитаи дастурӣ, муратабсозии ахборот ва лоиҳаҳои эҷодӣ, кори тадқиқотӣ аз рӯи интихобот. Гузаронидани озмоиши компютерӣ |
| **Худтакмилдиҳии шахсӣ** | Азхудкунии тарзҳои расонидани кӯмаки аввалини тиббӣ | Дастурдиҳӣ доир ба техникаи бехатарӣ, гигиенаи санитарӣ, таълими методҳои расонидани кӯмаки аввалини тиббӣ. | Риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ зимни кор дар синфи компютерӣ ва бо васоити техникӣ. |

Бо мақсади санҷишӣ амсилаи коркардшуда омӯзиши сатҳҳои фаъолнокии маърифатии хонандагон, ки натиҷаҳои онҳо дар диаграммаи 2 пешниҳод гардидааст, гузаронида шуд. Аз диаграмма аён аст, ки миқдори хонандагони фаъолияти баланди маърифатидошта афзуду миқдори хонандагони фаъолияти миёнаву пасти маърифатидошта кам шуд. Азбаски дар хонандагон майлу рағбат ба дарс меафзояд, дар натиҷа баландшавии сифати таълим ба вуҷуд меояд [14]. Пайгирии таҳарруки ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон дар рафти озмоиш аз маълумоте, ки дар диаграммаи 3 оварда шудааст, мумкин аст.

Аён мегардад, ки малакаҳои ҷамъоварӣ, басистемадарорӣ, таснифу таҳлили иттилоот, маҳорати пешниҳоди ахбор ба шакли дастрасу эстетикӣ, маҳорати ифода намудани фикри худ, исбот кардани ақидаҳои хеш, маҳорати кор дар гурӯҳ, даста, маҳорати мустақилона кор кардан, қабули қарор ба рушд тамоюли устувор доранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи муносибати босалоҳият ба татбиқи иқтидори дидактии фанни "Технологияи иттилоотӣ" доир ба ташаккули ҳаҷми муайяни тамоми сутунҳои салоҳиятҳои калидӣ (ташкилӣ, таълими-маърифатӣ, креативӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ, умумимаъданӣ, арзишӣ-мазмунӣ, ва худтакмилдиҳии шахсӣ), ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешниҳод гардидаанду мазмуни фанни мазкурро муайян месозанд, имкон медиҳад. Ядрои амсилаи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни таълими технологияи иттилоотӣ таълими лоиҳавӣ мебошад.




*Диаграммаи 1. Сатҳҳои фаъолнокии маърифатии хонандагон*




*Диаграммаи 2. Тағирёбии сатҳи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ*

## АДАБИЁТ:


1. Комилов Ф.С. Истифодаи технологияи бозиҳо дар шакли таълими проблемагаро ва таҳкими технологияҳои педагогӣ / Комилов Ф.С., Мирзоев Ҷ.Х., Тағоев Ш.Х., Файзуллоев Ф.Р., Шарапов Д.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - №2. – С.296-304.
2. Комилов Ф.С. Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Комилов Ф.С., Мирзоев Ҷ.Х., Тағоев Ш.Х., Файзуллоев Ф.Р., Шарапов Д.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018. - №1/1 (51). – С.162-169.
3. Комилов Ф.С. Ҷанбаҳои омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар гузариши мактаб ба муносибатҳои босалоҳият ба таълим / Комилов Ф.С., Мирзоев Ҷ.Х., Тағоев Ш.Х., Файзуллоев Ф.Р., Шарапов Д.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2018. - №1 (73). – С.27-37.
4. Дастури методӣ оид ба таҳсилоти салоҳиятнок барои муаллифони стандарт, роҳнамо ва китобҳои дарсӣ. – Душанбе, 2017. – 32 с.
5. Комилов Ф.С. Роль мультимедийных игровых технологий в образовательной среде виртуального общения / Ф.С.Комилов, Ш.Х.Тагоев // Вестник педагогического университета. – 2015. – №6 (67). – С.60-66.
6. Ф.С. Комилиён (Комилов). Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе, 2017. – 160 с.
7. Ф.С. Комилиён (Комилов). Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 6. – Душанбе, 2017. – 179 с.

8. Ф.С. Комилов, Д.С. Шарапов, З.Ф. Раҳмонов. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, 2014. – 200 с.
9. Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2005. – С.58
10. Ниёзов Ф. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим (Модули таълим) / Ниёзов Ф., Алиев А., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. – Душанбе. – 2017. С.140.
11. Болотов В. А., Сериков В. В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – № 10. – 2003. – С.26.
12. Зимняя И. А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования // Интернет-журнал «Эйдос». – 2006. [Электронный ресурс]. URL: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm (Дата обращения: 12.09.2019).
13. Сафонова О. Ю. Возможности реализации метапредметного подхода на уроках информатики // Интернет-журнал «Эйдос». 2011, № 11. [Электронный ресурс]. URL: http://www.eidos.ru/journal/2011/1130–09.htm (Дата обращения: 26.08.2019).
14. Черных Н. П. Формирование ключевых компетенций по предмету «Информационные технологии». [Электронный ресурс] // Вопросы Интернет образования. URL: http://vio.uchim.info/Vio_38/cd_site/articles/art_3_5.htm (Дата обращения: 11.08.2019).
15. Чапаев Н. К., Чошанов М. А. Креативная педагогика: проблемы, противоречия, пути их разрешения // Образование и наука. – 2011. – № 10. – С.3–12.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ БА ВОСИТАИ ТАЪЛИМИ ЛОИҲАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, салоҳиятнокии иттилоотӣ-иртиботӣ, салоҳиятҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, сатҳи рушди салоҳиятҳои ИИ, омилҳои шахсиятӣ, мотиватсионӣ ва когнетивӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ КЛЮЧЕВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ У УЧАЩИХСЯ СТАРШЕЙ ШКОЛЫ НА УРОКАХ ИНФОРМАТИКИ И ИКТ ПОСРЕДСТВОМ ПРОЕКТНОГО ОБУЧЕНИЯ

***Ключевые слова:*** информационно-коммуникационные технологии, информационно-коммуникационная компетентность, информационно-коммуникационные компетенции, уровни развития ИК-компетенций, личностные, мотивационные и когнитивные факторы.

## FORMATION OF KEY COMPETENCIES FOR PUPILS OF SENIOR SCHOOLS IN THE LESSONS OF INFORMATICS AND ICT BY MEANS OF DESIGN TRAINING

***Key words:*** *information and communication technologies, information and communication competence, information and communication competencies, development levels of IR competencies, personal, motivational and cognitive factors.*

**Сведения об авторах: Мирзоев Джамшеджон Хуршедович** – ассистент кафедры информационной технологии государственного университета им. Н.Хусрава. **Адрес:** Таджикистан, 735140, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел. (+992) 551005003, E-mail: immirzoev@mail.ru,
**Файзализода Бахрулло Файзали –** кандидат педагогических наук, доцент, кафедры информационной технологии Бохтарского государственного университета им. Н.Хусрава. **Адрес:** Таджикистан, 735140, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Тел. (+992) 915444949, 988220033, E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

**Х. БОБОЁРОВ**

# САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ УСТОДИ ДОНИШГОҲ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ РАҚОБАТПАЗИР

Вазифаи асосии имрӯзаи устоди донишгоҳ тарбия кардани шахсони босалоҳият мебошад, ки онҳо бояд донишу маҳорат ва малакаҳои худро дар шароити тағйирёбанда истифода бурда тавонанд, яъне салоҳияти асосии онҳо азхуд карда тавонистани таҷрибаи таълим ва тарбия бо мақсади худтакмилдиҳӣ дар раванди гузариши тамоми ҳаёти худ ҳисобида мешавад.

Дар системаи муосири маориф сифати муҳимми устоди донишгоҳ бояд салоҳиятнокии касбии ӯ, яъне назаррас будани вуқуф ва ваколат дар ин ё он соҳаи фаъолият бошад. Салоҳияти касбии педагогии омӯзгор ҳамчун маҷудияти ҳаҷми зарурии дониш, маҳорат ва малакаҳои ӯро муайян мекунад, ки нишондиҳандаи ташаккулёбии фаъолияти педагогӣ, муошırати педагогӣ ва шахсияти муаллим, ҳамчун дорандаи арзишҳои муайян, идеал ва шуури педагогӣ тавсиф дода мешавад.

Дар мувофиқа бо тамоилҳои муосири таҳсилот ба салоҳиятҳои педагогӣ чунин хусусиятҳо мутааллиқанд: мустақилона омӯхтан, баланд бардоштани тахассус ва ё пурра аз нав омӯхта баромадан, ба зудӣ баҳо додан ба вазъият ва имкониятҳои худ, қабули қарор ва барои иҷроиши он ҳис намудани масъулият, мутобиқ шудан ба вазъиятҳои тағйирёбандаи ҳаёт ва меҳнат, кор карда баровардани воситаҳои нави фаъолият ва барои амалигардонии онҳо ворид намудани тағйиротҳо.

Қадамҳои нахустин дар ташаккули салоҳиятҳо ба андешаи мутахассисон омӯзиши малакаҳои ҳаётӣ (аз ухдаи иҷрои мушкилоту шиддатнокии равонии шахсии худ баромадан; вақти худро ба низом даровардан; хондани дастурамал ва риоя намудани қоидаҳо; ба расмият даровардани ҳуҷҷатгузории расмӣ) ва маҳоратҳои назорати фаннӣ (коркард ва ба танзим даровардани иттилооти матнӣ ва рақамӣ; навиштани матн ва аз рӯйи он баромад намудан; ба роҳ мондани робитаи корӣ, ташаббускор будан, муҳокимаи номутаносиб пешниҳод кардан, нуктаи назари худро бо далел изҳор карда тавонистан).

Ташаккули салоҳиятҳои номбаршуда дар сатҳи назариявӣ ба амал меояд, аммо қисми асосии онҳо дар амалия ташаккул меёбад. Мушкилоти такмилдиҳии тайёрии мутахассисон барои муассиса боиси ба вуҷуд омадани тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ дар шароити Тоҷикистон мегардад. Дар давраи муосири инкишофи ҷумҳурӣ таҳсилот дар робита бо алоқамандии зичи он бо илм қувваи ҳаракати босуръати афзоиши самти иқтисодиёт, баланд рафтани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии хоҷагидории мардумро арзёбӣ мекунад.

Воридшавӣ ба таҳсилоти салоҳиятнок иҷрои як қаттор амалҳои мунтазамро аз ҷониби тамоми субъектҳои раванди таълимӣ ва пеш аз ҳама омӯзгорон пешбинӣ менамояд. Мушкилоти муқаррароти салоҳиятнокии касбӣ ва таносуби он бо мафҳуми салоҳият то инҷониб предмети муҳокимаҳо дар доираи илмии педагогӣ вуҷуд дорад. Барои ноил гаштан ба салоҳиятҳои касбӣ чунин масъалаҳо ба пешбурди фаъолияти корӣ зарур дониста мешаванд ва бояд дар сатҳи омодасозии мутахассисон дида баромада шаванд: а) Кадом методика ва технологияҳоро устоди донишгоҳ бояд истифода барад, то ин ки дар донишҷӯён қобилияти ҳисси масъулият инкишоф ёбад, дар қабули муҳокимаҳои якҷоя иштирок намоянд, аз таҷрибаи фаъолияти корӣ истифода бурда, ба ҳодисаҳои табиату ҷамъият бо назари танқидӣ муносибат карда тавонанд, инчунин салоҳиятҳои асосиро дар худ ташаккул диҳанд? б) Кадом салоҳиятҳои касбию педагогиро устод бояд соҳиб бошад, то ин ки пешрафт ва инкишофи касбии худро таъмин карда тавонад? в) Дар кадом шароит салоҳиятҳо ба дараҷаи салоҳиятҳои касбӣ табдил меёбанд?

Дар мувофиқа бо Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои асосии таҳсилоти касбӣ тайёр намудани корманди соҳибкасб ва рақобатпазир ба бозори меҳнат, масъулиятшинос, соҳибтаҷриба дар ихтисоси худ ва дигар соҳаҳои ба он наздик, қобилияти ба итмом расонидани кори маҳсулнок аз рӯйи ихтисос дар сатҳи меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр будан ба пешрафтҳои доимии касбӣ, тағйирёбиҳои

иҷтимоию касбӣ мебошад. Гуфтан ҷоиз аст, ки соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020"-ро ба тавсиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои таълимӣ таҷдиди назар шуда, дар асоси таълими салоҳиятнокӣ таҳия карда мешаванд.

Дар стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва зинаҳои амалисозии он роҷеъ ба салоҳиятҳои омӯзгор дарҷ гардидааст. Дар Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

- «Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон, ки рӯй ба муносибатҳои нави иқтисоди бозаргонӣ овардааст, ба хотири ҷавобгӯ будани таълим ва тарбияи насли наврас талаб мекунад, ки таҳсилот бо дарназардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ монда шавад.

- Дар чунин шароит низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба низоми таҳсилоти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мутобиқ кунонида шавад».

Мафҳуми салоҳият якумин бор дар ШМА дар солҳои 60-уми асри гузашта дар контекти таҳсилот истифода шудааст, ки мақсади он тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар фаъолияти касбӣ мебошад. Мафҳуми умумии салоҳиятнокӣ мувофиқат ба талаботҳои пешбинишуда, ба меъёру стандартҳои муқарраргашта дар соҳаҳои муносиби фаъолият ва ҳангоми ҳалли навъи муайяни супоришҳо, доштани малакаҳои фаъоли зарурӣ, қобилияти бо боварӣ ба даст овардани натиҷаҳо ва идора карда тавонистани вазъият.

Бинобар ин, салоҳиятнокиро ҳамчун хусусияти шахсӣ дида баромада метавонем. Мутахассиси салоҳиятнокро бо мавқеи усули муосир дар ташкили фаъолияти меҳнатӣ бояд аз рӯйи тафаккури танқидӣ, қобилияти аз байни якчанд масъалаҳо интихоб намудани аз ҳама зарурӣ ва муносиб, кор карда тавонистан бо иттилоот ва маҷмӯи маҳоратҳои таҳлилию пешгӯйикунанда барои ҳали бомуваффақияти масъалаҳои касбӣ фарқ кард.

Дар рафти фаъолияти касбӣ якчанд муқаррароти мафҳуми салоҳиятнокии устоди донишгоҳро аз нигоҳи муҳақиқон чунин шарҳ додан мумкин аст:

1.Салоҳиятнокӣ – ин дониш, маҳорат, малака, инчунин роҳу воситаҳои амалигардонии онҳо дар фаъолият, муошират ва худинкишофдиҳии шахсият мебошад. (Митина Л.М.)

2.Он тарзи фаъолияти меҳнатии устод салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар он ба дараҷаи кофӣ фаъолияти педагогӣ, муошироти педагогӣ амалӣ мегардад, шахсияти устод муарифӣ гашта, дар рафти таълиму тарбияи донишҷӯён натиҷаҳои хуб ба даст оварда мешаванд. Аз ин рӯ, салоҳиятнокии устод инчунин таносуби донишу маҳоратҳои касбӣ аз як тараф ва аз дигар тараф, мавқеъҳои касбию сифатҳои психологии ӯ муайян карда мешаванд. (Маркова А.К.)

3.Салоҳиятнокӣ – ин қобилияти корманд дар иҷроиши босифат ва бехатои вазифаҳои худ дар шароити муқаррарӣ ва озмоишӣ, инчунин бомуваффақият аз худ кардани чизи нав ва ба шароити тағйирёбанда тез мутобиқ гаштан ба шумор меравад. (Веснин В.Р.)

4.Салоҳиятнокӣ – ин таҳсилоти мураккаб, ки ба маҷмӯи донишу маҳорат, хусусияту сифатҳои шахсият равона шудааст, мувофиқат ва маҳсулнокии сохтори раванди таълиму тарбияро таъмин менамояд. (Адольф В.А.)

Салоҳиятнокӣ – ин маҷмӯи салоҳиятҳои касбию педагогӣ мебошад. Барои ба таври возеҳ шарҳ додани мафҳуми салоҳиятнокӣ чунин салоҳиятҳои касбию педагогӣ фарқ карда мешаванд:

- Салоҳияти иҷтимоию психологӣ, ки бо тайёрии ҳали масъалаҳои касбӣ алоқаманд аст.

- Салоҳияти касбӣ-иртиботӣ, ки дараҷаи муваффақияти муошироти педагогӣ ва таъсири мутақобила бо субъектҳои раванди таълимиро муайян мекунад.

- Салоҳияти умумипедагогии касбӣ, ки дорои тайёрии психологию педагогӣ ба такмили хусусиятҳои инфиродии равандҳои маърифатии шахсият мебошад.

- Салоҳияти фаннӣ дар доираи соҳаи фанӣ: дониш дар соҳаи фани таълимӣ, методикаи таълимдиҳии он.

- Салоҳияти идоранамоӣ, маҳорати гузаронидани таҳлили педагогӣ, гузоштани мақсад, банақшадорорӣ ва ташкили фаъолият.
- Салоҳияти рефлексивӣ, маҳорати дида тавонистани раванд ва натиҷаи фаъолияти шахсии педагогӣ.
- Салоҳияти иттилоотӣ-иртиботӣ, ки бо маҳорати кор кардан дар самти технологияҳои иттилоотӣ- иртиботӣ алоқаманд аст.
- Салоҳият дар самти фаъолияти инноватсионӣ, устодро ҳамчун озмоишгар тавсиф медиҳад.
- Салоҳияти эҷодӣ, маҳорати устод дар самти такмил додани фаъолият ба зинаи назариявӣ, таҳқиқотӣ.

Дар айни ҳол, методикаҳои гуногунҷабҳаи ташхисӣ вуҷуд доранд, ки то як андоза барои ҳали мушкилоти асосии арзёбии касбияти устод ва дараҷаи салоҳиятнокии касбии ӯ истифода мешаванд. Аз як тараф, устодро ба қоидаи “дониш-маҳорат-малака” ворид карда наметавонем ва таҷҳизоте нест, ки ба туфайли он тамоми бартарии руҳияи омӯзгор, лаҳзаҳои такрорнашавандаи эҷодиёти ӯ дар раванди таълим чен карда шавад. Аз дигар тараф, дар кори устод маҷмӯи комёбиҳо ҷамъ мегарданд, ки дар он тамоми ҳолатҳои хушҳолкунанда, шавқовар ва ҷалбкунанда инъикос мегарданд ва дар ҳаёти рузмарраи омӯзгор ба вуҷуд меоянд.

Ташхис ин намуди махсуси маърифат аст, ки ҳамчун муайяннамоӣ ва шинохтагирӣ шарҳ дода мешавад. Мафҳуми таҳлил, худтаҳлилкунӣ, омӯзиши шахсият дар вақтҳои охир беш аз ҳама истилоҳи ягонаи ташхисро гирифтаанд. Ташхиси педагогӣ то якчанд муддат ба ҳали масъалаи яққаттор нишондиҳандаҳои таълимгирӣ, таълимдиҳӣ ва тарбиядиҳӣ, инчунин ба ташхиси мушкилоти оддитарини арзёбии ягон навъи нишонаҳои шахсӣ равона шуда буд.

Дар шароити инсонпарварӣ ва озодихоҳии таҳсилот роҳбар ва омӯзгор, омӯгор ва донишҷӯ тағйир меёбанд. Дар тағйирёбандагии ҳаёти таълимӣ бо ҳам дар робита ҳастанд ва якҷоя фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, ташхиси педагогӣ ҳамкории онҳоро мазмуннок ва маҳсулнок мегардонад, ки чунин навъи ташхис дар асоси методикаҳои аз ташхиси психологӣ гирифташуда ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми истифодаи методҳои субъективӣ дар фарқият аз методҳои объективӣ, ки ҳангоми истифодаи онҳо кору фаъолияти устод аз рӯйи нишондиҳандаҳои сатҳи таълим ва тарбияи донишҷӯён баҳо дода мешавад. Ҳангоми арзёбии ҳар як муаллим худбаҳодиҳии шахсӣ ва касбии ӯ бояд омӯхта шавад. Вазифаи асосии ташхиси комёбии омӯзгор дар водор кардани худи муаллим ба мулоҳизаю ҳали мушкилоти касбии худ ифода меёбад. Фаромуш набояд кард, ки устоди муваффақ ҳамеша ба худтакмилдиҳӣ ва худташхискунӣ машғул аст. Танҳо аз хоҳиши худи муаллим раванди худшинохтагирӣ, худтакмилдиҳӣ ва худфаъолкунӣ вобаста аст. Омӯзгоре ки ба такмилу амалисозӣ ва мукаммалгардонии моликияти зеҳнӣ ва касбии худ саъю кӯшиш мекунад, ӯ алаккай барои гузаштани дарсҳои таълимӣ масъулият ҳис намуда, ба ҳамаи дарсҳо фаъолона иштирок мекунад. Ӯ барои ҳар як дарс тайёрӣ дида, ҳолати хуби психологиро фароҳам меорад ва барои шогирдон ҳолат ва роҳҳои комёбиро нишон медиҳад.

Заҳмати устод ин воқеъияти мураккаби равонӣ мебошад, ки дар худ фазои бисёрҷамбаи иборат аз се омили фаъолкунандаи ба ҳам алоқамандро дорад: -шахсияти устод; -фаъолияти педагогӣ; - муоширати педагогӣ, ки ин се омили фаъолкунанда бо вазифаҳои асосии инкишофи шахсияти донишҷӯ пайваст ҳастанд. Онҳо дар рафти кори омӯзгор ба сифати муносибатҳои мураккаби диалектикӣ баромад мекунанд ва боиси натиҷаи инкишоф мегарданд. Тағйироти баамаломада дар соҳаи муосири таҳсилот баланд бардоштани такмили ихтисос ва касбияти омӯзгор, инчунин салоҳияти касбии уро такмил медиҳанд. Мақсади асосии таҳсилоти муосир мувофиқати шахсият, ҷамъият ва давлат ба талаботи аввалиндараҷа ва муҳим, тайёрии шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, қобилиятнок ба мутобиқати иҷтимоӣ дар ҷамъият, оғози фаъолияти меҳнатӣ, худтакмилдиҳӣ ва донишомӯзӣ мебошад. Шахси озодандеш, ки натиҷаҳои пешгӯйикунандаи фаъолияти худ ва раванди таълимии омӯзгорро дида метавонад, кафолати ба даст овардани мақсадҳои гузошташударо таъмин мекунад.

Вобаста ба талаботи муосир роҳҳои асосии инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгорро муайян кардан мумкин аст:

1.Кор дар гурӯҳҳои фаъоли бо дастовардҳои эҷодӣ машғулбуда;

2.Фаъолияти таҳқиқотӣ;

3.Фаъолияти инноватсионӣ, азхудкунии технологияҳои нави педагогӣ;

4.Шаклҳои гуногуни дастгирии педагогӣ;

5.Иштироки фаъол дар озмун ва чорабиниҳои педагогӣ;

6.Додани таҷрибаи шахсии педагогӣ;

7.Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ ва ғ.

Агар худи устод аҳамияти такмили салоҳиятнокии касбии худро дарк карда натавонад, на яке аз ин воситаҳои иброзшуда маҳсулнок шуда наметавонанд,. Аз ин рӯ, зарурияти маромнокӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои раванди педагогӣ ба амал меояд. Шароитеро фароҳам овардан зарур аст, ки муаллим мустақилона аҳамияти баланд бардоштани сатҳи сифатҳои касбии худро дарк карда тавонад. Таҳлили таҷрибаи шахсии педагогӣ худинкишофдиҳии касбии омӯзгорро фаъол гардонида, дар натиҷаи он малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ инкишоф меёбанд ва баъдан онҳо ба фаъолияти педагогӣ ворид мегарданд. Устод бояд ба раванди идоранамоии инкишофи муассиса ҷалб шуда бошад, ки он ба инкишофи тахассуси ӯ оварда мерасонад.

Инкишофи салоҳиятнокии касбӣ – ин раванди босуръати азхудкунӣ ва навсозии таҷрибаи касбӣ мебошад, ки ба инкишофи сифатҳои инфиродии касбӣ имконият медиҳад, таҷрибаи касбиро ташаккул дода, барои инкишофи пайдарпай ва худтакмилдиҳӣ шароит фароҳам оварда, давраҳои ташаккули салоҳиятнокии касбиро ба вуҷуд меорад ва онҳоро бо мақсади худтакмилдиҳӣ ба таври зерин фарқ кардан мумкин аст:

- худтаҳлилкунӣ ва дарки зарурият;
- банақшагирии худинкишофдиҳӣ (мақсад, вазифа, роҳҳои ҳал);
- худшиносӣ, таҳлил, худислоҳкунӣ.

Ташаккули салоҳиятнокии касбӣ раванди даврӣ мебошад, инчунин дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ такмили доимии касб зарур аст ва ҳар вақт давраҳои зикргардида бо сифатҳои нав ба нави худ ба вуҷуд меоянд.

Раванди худинкишфёбӣ бо иҷтимоигардонӣ ва инфиродикунонии шахсият алоқаманд аст, ки он бошуурона ҳаёти шахсиро, яъне инкишофи шахсиро ташкил мекунад. Ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбӣ инчунин аз муҳит низ сахт вобастагӣ дорад ва махсусан муҳит бояд ба худтакмилдиҳии касбӣ нигаронида шуда бошад. Дар муассисаи таълимӣ бояд низоми озодонаи идоранамоӣ фароҳам бошад. Чунин низом омӯзгоронро ҳавасманд мекунад, шаклҳои гуногуни машғулиятҳои педагогиро ба роҳ меандозад, ки ба онҳо метавон пурсишнома, саволнома, суҳбатгузаронӣ, гузаронидани ҷамъомадҳо, санҷишҳо, озмунҳо, пешниҳоди дастовардҳои шахсиро мутааллиқ донист. Чунин шаклҳои пешбурд имконият медиҳанд, ки сатҳи шиддатнокии эмотсионалии устод паст гардад ва ба дигаргунии фазои мусоиди психологӣ дар коллективи корӣ таъсир мерасонанд. Устоди донишгоҳ бояд маҷмӯи хусусиятҳои салоҳиятнокии касбии шахсии худро дошта бошад. Маҷмӯи хусусиятҳои салоҳиятнокии касбӣ инъикоси фаъолияти касбӣ мебошад, ки дар ҷараёни ташаккули он худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд ва зарурияти худинкишофдиҳӣ фаҳмида мешавад. Ба туфайли чунин хусусиятҳо мушкилоти педагогии омӯзгор ҳал мегардад. Чунин хусусиятҳо дар рафти натиҷаҳои фаъолияти касбӣ дигаргун мегарданд. Мавҷудияти онҳо аз инкишофи салоҳиятнокии касбии муаллим шаҳодат медиҳад.

Дар шароити гузариш ба манбаи иттилоотӣ талабот ба тайёрии касбии устод, махсусан ба дараҷаи салоҳиятнокии иттилоотии ӯ ба амал меояд. Салоҳиятнокии иттилоотӣ ҳамчун қисми таркибии салоҳиятнокии касбии омӯзгор чунин истилоҳотҳои фаъолияти касбиро муайян мекунад:

- доштани малакаҳои кор бо иттилоот, ки дар шакли электронӣ пешниҳод мегардад;
- дониш ва маҳорати истифода бурдани методҳои ҷустуҷӯӣ ва нигоҳдошти иттилоот дар маҷмуаҳои муосири иттилоотӣ;
- маҳорати пешкаш намудани иттилоот дар Интернет;

- доштани малакаҳои ташкилнамоӣ ва гузаронидани дарсҳо ва ҷамъомадҳои беруназсинфӣ бо истифодабарии технологияҳои иртиботӣ;

- маҳорати ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯён ба воситаи Интернет-технологияҳо;

- доштани малакаҳои истифодабарии технологияҳои иртиботӣ аз рӯйи фанни мушаххас.

Бо назардошти тамоми истилоҳоти фаъолияти касбӣ салоҳиятнокии иттилоотии устод ҳамчун навъи махсуси ташкили машғулиятҳои махсуси фаннӣ фаҳмида мешавад, ки дар қабул намудани муҳокимаҳои маҳсулнок дар фаъолияти касбӣ-педагогӣ имконият медиҳад.

Дастоварди маҳсулноки кори худ ва маҳорати баҳо додан ба он салоҳиятнокии касбии муаллимро тавсиф медиҳад. Натиҷагирӣ дар кору фаъолияти устод ин мавҷудияти тағйироти сифатӣ (мусбӣ, манфӣ, пешбаранда) дар инкишофи психикии донишҷӯён ва худи омӯзгор мебошад. Маҳсулнокӣ мувофиқати натиҷаи бадастоварда ба вазифаҳои гузошташуда ба шумор меравад. Маҳсулнокии педагогӣ дорои дараҷаи амалигардонии мақсадҳои таълимӣ бо супоришҳои додашуда ва имконпазир аст.

Маҳсулнокӣ ин дастоварди натиҷаҳои мусбати банақшагирифташуда мебошад. Аз ҳамин рӯ, агар мо маҳсулнокии меҳнати муаллимро арзёбӣ кардан хоҳем, пас бояд на танҳо худи натиҷаро баҳогузорӣ кунем, балки бояд таносуби онро бо мақсадҳои гузошташуда фарқ кард. Зарур аст аз болои омӯзиши объективии натиҷаҳои кори муаллим (таълиму тарбияи донишҷӯ бо ёрии корҳои назоратӣ) амал кард ва баъдан ин натиҷаҳоро бо мақсадҳои гузошташуда муқоиса кард.

Маҳсулнокии кори омӯзгорро дар шароити гуногун омӯхтан мумкин аст, масалан, ҳангоми истифода бурдани методҳои гуногуни таълим натиҷаҳои гуногун ба даст оварда мешаванд. Ба маҳсулнокии кори устод чунин тавсифотро ворид кардан мумкин аст: ҳолати муҳити водоркунанда ва ҷалби шахсии муаллим ба кори худ; соҳиби технологияҳои муосири ташкилнамоӣ ва шиддатнокии психологии кори худ будан; мавҷудияти муносибатҳои инсонпарварона дар кор; маҳсулнокии инкишофи равонии донишҷӯён; дастовардҳои сатҳи олӣ дар маҳорати корӣ; ба инкишофи баъдинаи касбӣ қадам гузоштан (омӯзиши касбӣ).

Умуман, устоди салоҳиятнок бояд ихтисоси худро дӯст дорад ва иҷрои корро фавран ба сомон расонад. Бо методҳои гуногуни таълим муҷҷаҳаз гардида, шавқу рағбати шогирдонро ба вуҷуд оварда тавонад. Рафти таълимро бо суръати азхудкунии дониш чен карда, диққати онҳоро ҷалб карда тавонад. Ба дониш ба таври объективӣ баҳо бояд диҳад, ба донишҷӯён эҳтиром гузорад, худро ба ҷойи онҳо гузошта тавонад. Консепсияи таълимии худро дошта бошад ва ҳамеша ба инкишоёбӣ майл дошта бошад.

## АДАБИЁТ:

1.Тлеубердиев Б.М., Рысбаева Г.А., Медетбекова Н.Н. Профессиональная компетентность педагога // Международный журнал экспериментального образования. – 2013. – № 10-1. – С. 47-50;

2.Жарылгасова П.Е., Кокшеева З.Т. Профессиональная компетентность педагога // Современные наукоемкие технологии. – 2013. – № 7-2. – С. 142-143;

3.Активизация творческого потенциала студентов // Сборник научных трудов научно-практической конференции “Гуманизм и духовность в образовании”. Нижний Новгород: Изд-во НГЛУ им. Н.А. Добролюбова. 1999. С. 220-222.

4.Кушин В.С. Общие основы педагогики. - Р-н/Д.: Март, 2002.

**Бобоёров Х.**

## ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ КОМПОТЕНТНОСТИ ПРЕПОДАВАТЕЛИ ВУЗА НА ПОДГОТОВКЕ КОНКРУНТНОСПОСОБНЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ

В статье автор утверждает, что компетентный преподаватель должен любить свою дисциплину и вовремя исполнить свою работу. Владея разнообразными методами обучения, вызывает и удерживает интерес обучающихся, соизмеряет темп обучения с темпом усвоения знаний, управляет их вниманием. Он должен объективно оценивать знания студентов, уважать

обучающихся и поставить себя на его место, имеет личную концепцию обучения и постоянно развивается.

***Ключевые слова:*** *компетентность, профессиональные компетенции, концепция обучения, эффективность, учебная концепция.*

**PROFESSIONAL COMPETENCIES OF UNIVERSITY TEACHERS IN THE PREPARATION OF COMPETITIVE SPECIALISTS**

A competent teacher must love his discipline and complete his work on time. Possessing a variety of teaching methods, arouses and retains students' interest, measures the rate of learning with the rate of assimilation of knowledge, and controls their attention. He must objectively evaluate the knowledge of students, respect students and put himself in his place, has a personal teaching concept and is constantly evolving.

***Key words:*** *competence, professional competencies, the concept of training, efficiency, educational concept.*

**Сведения об авторе: Бобоёров Холмаҳмад Холиқович** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126.

**Information about the author: Boboyorov Kholmahmad Kholiqovich** - leading officer of the Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni.

**ФАРЗОНАИ ШУХРАТ**

# ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

Сегодня наша республика переживает большие перемены на всех сферах жизни, так как меняются приоритеты и выдвигаются новые ценности, что ведет к коренным изменениям не только в области политики и экономики, но и в системе общего и профессионального образования.

В всемирной Конференции по высшему образованию ( Париж - 1998г.) был отмечен, что любому обществу необходимо обновленное образование (высшее в частности) для решения задач XXI века, для обеспечения своей интеллектуальной независимости, для выработки и продвижения знаний, и для подготовки и формирования ответственных и просвещенных членов общества и квалифицированных специалистов, без которых невозможен ни экономический, ни социальный, ни политический прогресс никакой нации [2].

Как известно последние десятилетия в области изучения и преподавания иностранных языков происходят глобальные изменения.

В системе высшего профессионального образования, без сомнения, целью языковой подготовки является не только овладение знаниями, умениями и навыками, но и также способствованию формирование у студентов использовать иностранный язык не только в диалоге культур, но и как средство профессионального научного общения. Возможность выхода на международную арену контакты с носителями других языков предполагает необходимость свободного общения с представителями других культур. Исходя, из этого в современных условиях обучение иностранному языку должно основываться на формировании и развитии иноязычной коммуникативной компетентности.

В педагогической и лингвистической науке под иноязычной коммуникативной компетенцией выпускников высших профессиональных учебных заведений имеется в виду способность осуществлять диалог посредством языка, то есть передавать мысли и обмениваться ими в различных ситуациях в процессе взаимодействия с другими участниками общения, правильно используя систему языковых и речевых норм и выбирая коммуникативное поведение. Коммуникативная компетенция сформируется в процессе общения и является частью (иноязычной) коммуникативной компетентности языковой личности.

Глобализация человеческой и образовательной деятельности все больше требует развития межкультурной коммуникативной компетентности. Существует много факторов, влияющих на формирование личности человека, и само культура также является одной из наиболее могущественных сил в этом формировании [1].

Спрос на специалистов, владеющих иностранным языком, резко возрастает и будет возрастать по мере экономического развития страны. Происходящие изменения в экономической, общественной, социальной и культурной сферах нашей страны ведут тому что пора расширять и создавать новые контакты между другими народами. Поэтому целью высшего образования является воспитание профессионалов, способных действовать в меняющейся деловой ситуации, готовых к профессиональному росту в условиях информатизации общества и развития новых информационных технологий. Проблема формирования коммуникативной компетентности в процессе высшего образования является ключевым аспектом в повышении уровня профессионализма и преподавателей и выпускников.

Основной целью преподавания любого иностранного языка является научение умению общаться устно и письменно. В процессе коммуникации происходит обмен сообщениями, то есть осуществляется передача информации от одного участника коммуникативного события к другому. Культурные факторы охватывают три основных компонента: знание социокультурных особенностей носителей языка, понимание собственных национальных особенностей, осознание межкультурных различий.

Личностная компетентность состоит, главным образом, из личностных качеств и ресурсов субъектов коммуникации. Компетентность - это интегративное качество, оно

включает индивидуальные особенности, стили общения, характер, темперамент личности, может включать в свою структуру когнитивный, мотивационный, регулятивный и рефлексивный компоненты.

Коммуникативная компетентность является профессионально значимым интегративным личностным качеством, обеспечивающим человеку эффективность общения. Однако многие выпускники в высших учебных заведениях готовящие специалистов иностранных языков не обладают достаточно сформированной коммуникативной компетентностью, чтобы в дальнейшей профессиональной деятельности строить общение и взаимоотношения с коллегами и людьми [5].

Для того чтобы подготовить выпускников - профессионалов для работы в изменчивых условиях в процессе обучения в вузе иностранным языкам, по нашему мнению, должны быть созданы условия:

- обогащение смыслов содержания образования по иностранному языку и для развития творческого мышления;
- для формирования коммуникативной компетентности и для воспитания потребности в личностно-профессиональном саморазвитии;
-- развитие профессионально значимых коммуникативных навыков;
- приобщение к деловому этикету как элементу культуры страны изучаемого языка.

Обеспечивающими успешность педагогического влияния на формирование коммуникативной компетентности изучения иностранного языка являются сформированные на начальном этапе обучения в вузе установка на профессию, придающая профессиональному становлению личности определенную профессиональную устойчивость и толерантное отношение к иноязычной культуре, являющееся показателем образованности человека. А также благоприятный психологический климат в студенческой группе, основанный на взаимном уважении, поддержке и понимании, побуждающий к свободному речевому высказыванию. Как известно, обучение это двухсторонний процесс общения между преподавателем и студентом средствами преподаваемого языка. Поэтому эффективность обучения иностранному языку непосредственно определяется уровнем профессионального владения языком будущих преподавателей.

Необходимо создавать такие условия при обучении, чтобы студенты имели возможность реализовывать собственные намерения в ходе решения тех или иных коммуникативных задач. В интеллектуальной и творческой переработке материала и его правильной интерпретации заключается главная суть обучения иностранному языку.

Исходя вышесказанному мы пришли к такому выводу, что для того чтобы учить язык и научиться общению на иностранном языке, эффективно и лучше всего создать различные жизненные ситуации, которые будут стимулировать изучение материала, а также нужно готовить студентов в условиях иноязычного общения, созданных в аудитории. Так как различные ситуации нуждаются в разных типах выражений, а также в различных убеждениях, взглядах, верованиях, отношениях, то социокультурная компетентность имеет неоценимое значение для развития коммуникативной компетентности.

Коммуникативный подход очень сильно мотивирует, а коммуникативные задания обладают высокой степенью наглядности и предоставляют студентам возможность ощутить работу языка как средства живого общения. Они обеспечивают разнообразие языковых тем, что обусловлено самой ситуацией общения, предполагающей вступление в контакт, поддержание беседы, реакцию на собеседника, выражение своей точки зрения и т.д. Эффективность преподавания иностранного языка зависит от умения преподавателя организовывать ситуативную речь и умело управлять ею.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Деккушева А.У. Межкультурная коммуникативная компетентность как основа изучения иностранных языков // https://cyberleninka.ru/article/n/mezhkulturnaya-kommunikativnaya-kompetentnost-kak-osnova-izucheniya-inostrannyh-yazykov/viewer (дата обращения: 05.012.2019).
2. Букин С. Б. Профессиональная компетентность учителя как условие реализации требований ФГОС //https://урок.рф/library/professionalnaya_kompetentnost_uchitelya__kak_uslovi_175156.html (дата обращения 14.03.2019).

3. Иванов Д.А. Компетенции и компетентностная модель современного учителя.- С. 34 // kna-g9.edu.27.ru (дата обращения: 6.03.2018).

4. Машрабекова А. М. Современные подходы в формировании коммуникативнойц компетенции будущего преподователя иностранного языка/ А. М Машрабекова. // Молодой ученый.- 2014.- №1(60).- С.557-559.- URL: https://moluch.ru/archive/60/8609/ (дата обращения: 08.06.2020).

5. Супрунов С.Е. Коммуникативная компетенция в преподавании иностранных языков / С. Е. Супрунов. — Текст: непосредственный // Инновационные педагогические технологии: материалы VI Междунар. науч. конф. (г. Казань, май 2017 г.). — Казань: Бук, 2017. — С. 143-145. — URL: https://moluch.ru/conf/ped/archive/214/12327/ (дата обращения: 16.02.2019).

6. Methoden für Deutsch als Fremdsprache // Wikipedia: сайт. URL:https://wiki.zum.de/wi-ki/ (дата обращения: 06.03.2018).

7. Widdowson H. G. Aspects of language teaching. Oxford: Oxford University Press, 1990. 213 с.

**Фарзонаи Шухрат**

## ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

В представленной статье автор показывает важность изучения иностранного языка в современном обществе, и отмечает, что язык используется для самовыражения, творческого мышления, решения проблем, но наиболее значителен язык для коммуникации. Успешное применение языка в целях коммуникации предполагает развитие коммуникативной компетентности пользователей этого языка. Культура представляет собой совокупность явлений, связанных с человеческими ценностями и формируемых ради этих ценностей.

***Ключивые слова:*** иностранный язык, культура, компетенция, профессиональнось, творческое мышление, формирования коммуникативной компетентности,

**Farzonai Shukhrat**

## FORMATION OF COMMUNICATIVE COMPETENCE IN THE PROCESS OF LEARNING A FOREIGN LANGUAGE

In the presented article, the author shows the importance of learning a foreign language in modern society, and notes that the language is used for self-expression, creative thinking, problem solving, but the most significant is the language for communication. The successful use of a language for communication purposes involves the development of the communicative competence of users of this language. Culture is a set of phenomena associated with human values and formed for the sake of these values.

***Key words:*** *foreign language, culture, competence, professionalism, creative thinking, the formation of communicative competence,*

**Сведения об авторе: Юсуфи Фарзонаи Шӯхрат** – докторантка второго года обучения Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистан, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айнӣ, 45.

**Information about the author: Yusufi Farzonai Shukhrat** - second-year doctoral student at the A. Jami Institute for Education Development of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Ayni, 45.

**Б. МАҶИДОВА**
**Г. ҶАЛОЛОВА**

## ХУСУСИЯТҲОИ ШАКЛГИРИИ ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Раванди шаклгирии сифатҳои ахлоқии инсон ба ҳаёти иҷтимоӣ, фаъолиятҳо ва муошировати ӯ зич алоқаманд аст. Ҳанӯз аз давраи томактабӣ инсон ҳангоми муошират ба калонсолону ҳамсолон ахбор мегирад, таъсироти эмотсионалӣ – ахлоқӣ, ақлию зеҳниро қабул карда, бо хурду бузурги атроф муошираату муносибат барқарор мекунад, ки дар раванди он аз ӯ риоя намудан и қоида ва меъёрҳои одоб талаб карда мешавад. Ин амал имконият медиҳад, инсон на танҳо ҳолату руҳияи ҳамсуҳбати худро дарк намояд, инчунин мувофиқи қоида ва меъёрҳои одоб муошират барқарор намуда, ба доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардад.

Маҳдудияти одоби муошират худи кӯдакро низ ба ҳолати ногувор мегузорад, мавқеи шахсии ӯро дар байни ҳамсолону калонсолон паст карда, метавонад сабаби шаклгирии сифатҳои дамдузд будан, боварӣ надоштан ба худ, канораҷуйи ва ғайраҳо (Т.А.Репина, А.А.Рояк, Л.В.Лидак ва дигарон) гардад. Барои пешгирӣ ва бартарафсозии чунин сифатҳо бояд таъсиррасонии мақсадноки тарбиявии волидон дар оила ва мураббияҳо дар муассисаи томактабӣ мунтазам роҳандозӣ карда шавад.

Тарбия намудани одоби муошират раванди мураккаб, печида ва дурударoз буда аз давраи тифлӣ оғоз кардида то охири умри инсон идома меёбад. Он аз калонсолон на танҳо донистани қонунияту хусусиятҳои таълиму тарбия ва инкишофи кӯдак, инчунин сабру таҳаммул, меҳнату заҳмати зиёд, таъмин намудани муҳити солими маънавӣ – психологӣ, намунаи ибрати нек, ҳаётдӯстиву фарзанддӯстии махсусро талаб мекунад, ки онҳо бояд самти ояндабинӣ дошта бошанд.

Маълум аст, ки кӯдакон хурсандию хушҳолӣ, бозикунию донистагирии олами гирду атрофро дуст медоранд, ба қудрату тавоноии волидону мураббиёни худ боварӣ доранд, барои ноил шудан ба мақсади дарпешгузошта кӯшиш менамоянд, хоҳишу рағбати ба атрофиён мадад расонданро зоҳир мекунанд, ҷаҳони ботинии худро доранд, ки он пур аз умеду орзуҳо буда дар худ некӣ, накукорӣ, дӯстдорию муҳаббат ба оламу одамонро таҷассум мегардонад. Муҳим он аст, ки калонсолон ҳангоми муошираату муносибат руҳияи хурсандию хушҳолии кӯдакро пазироӣ намуда дар ҷараёни азхудкунии қойда ва меъёрҳои одобу рафтори хамида, арзишҳои маънавии фарҳангии миллию умумибашарӣ имконият диҳанд.

Нутқ воситаи асосии барқароркунии муошират буда, ифодагари ба таври фардӣ истифодабарии забон аст. Чунки маҳз забон ҳамчун воситаи барқароркунии муошират буда, бо мадади он фикр, андеша, ғоя аз одам ба одам дода мешавад. Дигар воситаҳои муошират ба забон робитаи зич дошта, онҳо мустақилона фикрро аз як одам ба каси дигар дода наметавонад (А.А.Леонтев, А.А.Бадалев).

Дар илми забоншиносӣ ва психологияи муосир якчанд намуди муоширати нутқӣ арзёбӣ гардидаанд: робитавӣ – фосилавӣ, ба восита – бевосита, шифоҳӣ – хаттӣ, гуфтугӯӣ – мураттаб (диалогӣ - монологӣ), шахсӣ – расмӣ, байнишахсӣ – оммавӣ (Н.И.Формановская).

Ҳамон вақт муоширати нутқӣ шуури кӯдакро инкишоф дода метавонад, ки агар ӯ шахси дигарро фаҳмад, маънои нутқи ӯро дарк намуда тавонад. Фаҳмидани фикри мусоҳиб ҳангоми муоширати байни ду шахс на танҳо ба онҳо мутааллиқ аст, балки ҳамаи иштирокунандагони раванди муоширатро дар бар мегирад.

М.И.Лисина таъкид менамояд, ки барои кудакони то 7 сола азхудкунии нутқ ҳамчун воситаи муошират се давраро дар бар мегирад: айёми то азхудкунии нутқ яъне давраи омодагӣ ба азхудкунии нутқи шифоҳӣ (товербалӣ); ба вуҷуд омадани нутқ ва рушди муоширати нутқӣ. Ба ҳар як давраи номбаршуда омилҳое зиёде таъсир мерасонанд, ки барои бо нутқронӣ ва иҷрои амалҳо бо истифодаи нутқ таъсир мерасонанд. Махсусан, дар давраи муоширати нутқӣ мазмун ва идоракунии гуфтори кӯдак тағйир ёфта, ӯ кӯшиш менамояд ба ҳамсуҳбати худ ахбори муҳимму мураккабтарро дастрас намояд.

Ҳангоми муошират бо ҳамсолон кӯдак кӯшиш менамояд аз калимаю ибораҳои амиқ, дастрас ва якмаънодошта истифода барад. Инчунин дар нутқи кӯдакон бисёртар калимаю ибораҳои ифодакунандаи ҳолати руҳӣ – эмотсионалӣ, суханбозӣ бо истифодаи калимаҳои

такрорӣ ва талаффузи онҳо бо оҳанги махсус дида мешавад. Ин амал як шакли истифодаи қофиябозӣ аст, ки намунаи онҳоро шоира Л.Кенҷаева дар маҷмӯаи шеърҳои худ «Сандуқчаи зулбия» (Душанбе, 2017) нишон додааст. Инчунин маҳорату қобилияти эҷодкории кӯдакон дар суханбозию ҳозирҷавобӣ аз тарафи К.И.Чуковский дар асараш, ки натиҷаи мушоҳидаю таҳлилҳои чандинсолаи шахсии ӯст, «От двух до пяти» оварда шудааст.

Баробари азхудкунии муошират нутқӣ кӯдак ба расидан қоида ва меъёрҳои истифодаи таркибӣ овозӣ, хазинаи луғавӣ ва тарзи ҷумласозии забони модарии худ то андозае муваффақ мегардад.

Азхудкуни забони модарӣ ва истифодаи рангу тобишҳои овозию маъноии он имконият медиҳад, то кӯдак ҳангоми муошират амалу фаъолиятҳои худро ба калонсолон мувофиқ гардонад, ки онро омили иҷтимоишавии кӯдак ҳисобидан мумкин аст.

Дар кӯдакони синни томактабӣ азхудкунии одоби муошират вобастагии зич дорад ба инкишофи нутқ ва дараҷаи азхудкунии қойда ва меъёрҳои забони модарӣ, ранги тобишҳои овозию калимагӣ, сермаъноии калимаю ибораҳои забон. Дар ҳолати дар сатҳи паст қарор гирифтани нутқфаҳмӣ ва аз худкунии амалии забони модарӣ кӯдак наметавонад фикру ақида, хоҳишу андешаи худро ҳангоми муошират ба ҳамсуҳбати худ дақиқ, фаҳмо, боэҳтиромона, дилкашу зебо, бо оҳангу самимияти махсус иброз намояд, бо муколамаю муошират дилкашу ҳаловатбахш дохил гардад. Набояд фаромӯш кард, ки нутқи амиқу фаҳмо ифодагари фикри амиқу фарҳанги тафаккури шахс аст, яъне мо бо баробари тарбия намудани одоби муошират, маҳорату малакаҳои суханвариро ташаккул медиҳем.

Одоби муошират ва маданияти нутқронӣ на танҳо маҳорати амиқу равшан, саҳеҳу ифоданок суханронӣ намудан, инчунин сифату қобилияти то охир гӯш кардани ҳамсуҳбат, гирифтани маълумоту тасаввуроти наву зарурирo аз суханронии ҳамсуҳбат дар назар дорад. Суҳбату муколама ба ҳамдигар метавонад сабаби баҳсу мунозираҳои ҷиддӣ ҳам бошанд. Бинобар ин дар баҳсу мунозираҳо ҳамсӯҳбат на танҳо афзалиятноку арзишманд будани фикру андешаҳои шахсиро истодагарӣ намояд, балки ӯ бояд аз рӯйи одоби муошират фикри дигаронро то охир шунида ба маданияту одобу муоширатро риоя намояд, оҳанги хайрхоҳонаю некбинонаро истифода барад.

Мувофиқи ақидаи Л.С.Виготский инкишофи тафаккур ва нутқ бо ҳам алоқаманд буда ҳар як сухан, калимае, ки кӯдак истифода мебарад, ин ифодакунандаи ашё ва ҳодисаҳо буда он ҳамчун фаъолияти тафаккур дар нутқ зоҳир мегардад. Кӯдаки синни томактабӣ дар навбати аввал рисолати рамзии нутқро дарк намуда, баъд дар ҳар як калима вуҷуд доштани маънoро фаҳмида, онро ҳамчун воситаи муошират истифода мебарад ва маънояшро дониста мегирад. Минбаъд ӯ онҳоро на танҳо барои иттилоот, инчунин иҷрои вазифаҳои муайян истифода мебарад. Дар аввал бо истифодаи як калима метавонад ашёҳои гуногунро номбар намояд, ки ин амал ифодагари азхудкунии мафҳумҳо мебошад. Аз ҷиҳати амалӣ ба кӯдак аҳамияти ҳар як калима бо маънои хос дастрас мегардад. Л.С.Рубинштейн нутқро як шакли мавҷудияти шуур ҳисобида таъкид менамояд, ки нутқ ҳамон вақт ба амали бошуурона мубаддал мегардад, ки агар гӯянда мақсади нутқронии худро фаҳмида тавонад.[2;105]

Дар ҳақиқат ҳар як одам дар ҳамаи давраҳои синнусолии худ кӯшиш менамояд, ки мазмуни калимаю мафҳумҳои истифодашавандаро дуруст интихоб намуда, сипас дар раванди нутқронӣ ва муошират онро истифода барад. Татқиқоти психологии олимон Н.Х.Швачкин, О.М.Дьяченко ва дигарон нишон медиҳанд, ки ифоданокӣ, образнокӣ, амиқу мантиқан дуруст истифодабарии нутқ омили муҳимми фарҳанг ва одоби муошират мебошанд.

Татқиқоти олимон Л.С.Виготский, Д.Б.Элконин, Е.О.Смирнова ва дигарон нишон медиҳанд, ки муносибату муошират кӯдак ҳанӯз дар соли якуми ҳаёт характери иҷтимоӣ пайдо карда инкишофи психикии ӯ ба мавҷудияти одамони гирду атроф вобаста аст. Ӯ бо воситаи онҳо олами гирду атрофро дониста мегирад. Робита бо модар ба кӯдак эҳсоси ҳифзшуда будан аз хавфу хатар, қаноатмандии эмотсионалӣ ва қонеъ гардидани талабот ба муоширатро таъмин мегардонад. Кӯдак метавонад ба модар тавассути муносибату муошират фаъолона ворид шуда, талаботи худро бо таассуроти нав қонеъ гардонад. Калонсолон дар навбати худ бо табассум, чеҳраи кушод, навозиши ҷисми кӯдак (молиш додан, сила кардан), гуфтугӯ намуда муошират эмотсионалӣ ягонагии муошират нутқӣ ва ғайринутқиро барқарор менамоянд, ки барои кӯдак он хеле ҳаловатбахш аст. Дар охири яксолагӣ фаъолияти якҷояи кӯдак ва калонсол ба вуҷуд меояд, ки дар ҷараёни он тарзи

амалкунӣ бо ашёи атроф омӯзонида мешавад. Ба андешаи Л.С.Виготский аҳамияти азхудкунии маънои калима «на танҳо ягонагии тафаккур ва нутқ, инчунин раванд ягонагии муошират ва хулосакунӣ, иртибот (коммуникатсия) ва тафаккур аст», яъне нутқ аз воситаи муошират ба воситаи зоҳиршавии тафаккур мубаддал мегардад. Дар ин раванд нутқ ба шакли тамоман нави ҳаёти инсон – нутқронӣ, тафаккури нутқӣ мубаддал мегардад, ки он маҳз ба инсон хос буда имконияти ӯро барои донистагирӣ, муошират бемаҳдуд сохтааст.

Азхуд намудани дараҷаи муайяни захираи луғавӣ ва сохти грамматикии нутқ дар 2 – 3 солагӣ заминаҳои нутқи гуфтугӯӣ ва ситуативӣ гардида ба идоракунии рафтору амалҳои кӯдак имконият медиҳад, талабот ба муошират ба калонсолону ҳамсолонро зиёд менамояд. Хусусияти психологӣ – педагогии муошират дар кӯдакони то 3 соларо чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Мушоҳида, муоина кардани ашёҳои гирду атроф ва равона кардани диққат, пайдо намудани шавқу рағбат ба амалҳои якҷоя, ки он асосан бо истифодаи нутқ иҷро карда мешавад.
2. Характери эмотсионалӣ, ҳаловатбахш доштани нутқ, ки давомнокии муоширатро муайян менамояд.
3. Ҳаракату амалҳо, нутқронӣ дар заминаи тақлидкунӣ иҷро карда шуда ҳосил намудани ҳисси қаноатмандӣ арзишманд ҳисобида мешавад.
4. Муошират кӯдакони то 3 соларо таъсири байниҳамдигарии эмотсионалӣ – амалӣ номидан мумкин аст, ки дар ҷараёни он кӯдаку калонсол ҳиссиёти хурсандӣ, қаноатмандиро аз сар мегузаронанд ва дар бораи худ, имконияту тавоноии шахсӣ (маҳорату малакаҳо) маълумот ҳосил менамоянд.
5. Меҳвари асосии барқарорсозии муошırату муносибатҳои байнишахсии кӯдак дар муассисаи томактабӣ бо ҳамсолон ва мураббия, дар хонавода бо волидону пайвандон нутқ буда дар ҷараёни он шаклгирии меъёрҳои одоби муошират, рафтору муносибати кӯдак таъмин мегардад.
6. Зиёд шудани майлу рағбати донистагирӣ, ки он дар саволдиҳии беохиру саршумори кӯдак ифода мегардад ва майлу рағбат ба донистагирӣ ва мустақилнокӣ ба вуҷуд меояд. Кӯдак дар ҷараёни муошират иҷрои амалу муносибатҳои байниҳамдигарӣ мехоҳад «Ман» - и худро тасдиқ намояд, «Ман худам», «Ман метавонам», «Ман мехоҳам», «Ман иҷрои менамоям» - ро зиёд истифода мебарад, ки тибқи ақидаи Л.И.Божович «системаи МАН» ва қонеъ гардондани талаботҳо ва тасдиққунии шахсии «МАН» афзалият пайдо мекунад. Кӯдак ба доираи васеи муошırати нутқӣ (вербалӣ) ва ғайринутқӣ ворид мегардад. Қонеъ гардондани талаботҳо, хоҳиши худтасдиққунӣ ва дигар навташкилиҳо (новообразование) гузоштани кӯдакро на танҳо аз синни барвақти бачагӣ ба томактабӣ таъмин менамояд, балки ворид шудан ба доираи васеи муошırату муносибатҳои иҷтимоиро талаб менамояд. Ин раванд азхуд намудан ва риоя кардани қойда ва меъёрҳои одобро талаб мекунад.

Гузаштан ба давраи томактабӣ (аз 3 то 6 – 7 солагӣ) аз кӯдак барқарор намудани муошırату муносибати махсусро бо калонсолону ҳамсолон талаб менамояд. Дар навбати худ шакл ва мазмуни муошират низ тағйир меёбад. М.И.Лисина ва пайравони ӯ ба нимаи аввали давраи томактабӣ (3 – 7 солагӣ) мутааллиқ будани ду шакли муоширати ғайриситуативиро таъкид менамояд: 1) маърифатӣ; 2) ва ба синни 3 – 7 солагӣ муоширати шахсиятӣ. Шакли муоширати ғайриситуативии маърифатӣ бо калонсолон барқарор карда мешавад ва он ба қонеъ гардондани талаботи маърифатӣ - донистагирӣ равона карда мешавад. Дар ин давра шавқу завқи кӯдакон ба донистагирии ҳодисаҳои атроф зиёдтар мегардад, ки дар он талабот ба ҳурмату эҳтиром кардани калонсолон ҳамчун шахсияти соҳиби донишу маҳоратҳои гуногун мавқеи хоссаро пайдо мекунад.

Дар синни калони томактабӣ (5 – 7 солагӣ) кӯдакон бисёртар дар бораи қоида ва меъёрҳои одобу рафтор, дар бораи худу рафиқон, волидону дигар аъзои оила, мураббӣ, муносибатҳои дохилиоилавӣ сухан гуфтанро дӯст медоранд. Ин гувоҳи он аст, ки мароми (ваҷҳи) муоширатро сифат ва мавқеи шахсиятӣ ва дарк кардани арзишмандии одамони атроф ташкил медиҳад: Чунин шакли муошират ҳамчун **муоширати шахсиятӣ** эътироф карда шудааст, яъне шахси конкретӣ (ҳамсолон, волидон, мураббиён, хешовандону пайвандон, образҳои қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ, филмҳои бадеию тасвирӣ) ҳамчун шахси арзишманд ва аъзои ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи кӯдак меистад. Ӯ ба шахсони калонсол на танҳо хайрхоҳӣ, эҳтирому эътироф зоҳир мекунад, инчунин кӯшиш менамояд бо онҳо

ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ, дилсӯзӣ зоҳир намояд, ки дар ин раванд нутқ воситаи асосии муошират мегардад.

Ба андешаи мо муошири шахсиятии кӯдак бо калонсолон дар самтҳои зерин афзалиятнок аст: аввало, кӯдак ҳангоми муошират қойда ва меъёрҳои одобу рафторро бошуурона, яъне дар асоси фаҳмидани зарурияти иҷрои онҳо аз худ мекунад; сониян, ҳангоми муошири шахсиятӣ кӯдак кӯшиш менамояд ба қувваю имкониятҳои худ баҳо доданро ёд гирад, ки он воситаи муҳимми инкишофи худшиносӣ ва худназораткунии ӯ гардад: охирон, дар раванди муошири шахсиятӣ нақш ва мавқеи калонсолонро муайян намуда(падар, модар, мураббия, духтур ва дигарон) мувофиқи он қойда ва меъёрҳои одоби муошрату муносибатҳои байниҳамдигарию иҷтимоиро барқарор месозад. Е.О.Смирнова таъкид менамояд, ки ин ду шакли муошират, яъне муошири маърифатӣ ва шахсиятӣ метавонад ҳудуди синнусолӣ вуҷуд надошта бошад. Меъёри шаклгирии чунин муоширатҳо метавонад маром ва ҳавасмандии эмотсионалӣ нисбати ҳамдигар бошад. [126:246]

Муошири кӯдакони то 3 сола бо ҳамсолони худ хусусияти ба худ хос дорад. Дар кӯдак ҳануз дар синни 3 – 4 солагӣ нисбат ба рафиқи бозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, ки он дар татқиқотҳои зери роҳбарии М.И.Лисина ва А.Г.Рузская баргузор гардида муайян карда шудаанд. Дар татқиқои онҳо муайян карда шуданд, ки а) кӯдак амалҳои иртиботиро дар доираи васеъ (ором кардан, фиреб додан, дилсузӣ намудан, фармонфармоӣ, қатъиян талабкунӣ ва ғайраҳо) нисбат ба ҳамсолу хурдсолтар истифода бурда иҷрои вазифаҳои иттилоотиро таъмин менамояд; б) муошири кӯдакон бо ҳамсолон рангу тобишҳои эмотсионалӣ дошта, онҳо аз воситаҳои ғайристандартӣ ва ғайримаъмул истифода мебаранд, ки маҳз ба ҳамон синнусол ва хусусияти фардии онҳо мутааллиқ аст; в) муошират вақти кӯтоҳро дар бар гирифта метавонад он тез оғоз ёбад ва тез қатъ гардад ва ё шаклашро тағйир диҳад.

Дар синни 3-7 солагӣ бошад, мазмун, талабот, маром ва воситаҳои муошират бо ҳамсолон тағйир меёбанд. Кӯдак кӯшиш мекунад аввал дар асосии баҳисобгирии синну соли рафиқ ва бештар мехоҳанд бо шахсони аз худашон синнусоли болодошта (калонсол) муошират барқарор намоянд. Дар кӯдакон асоси барқароршавии муоширатро муносибати интихобӣ дар заминаи ҳисси дилбастагӣ ташкил менамояд, ки он минбаъд сабаби шаклгирии муносибатҳои дӯстонаи байни кӯдакон гардад. Чунин шаклҳои муоширати кӯдакон бо ҳамсолон ба вуҷуд меояд, ки онҳо дар тарбияи одоби муошират нақши муҳим доранд:

- муошири эмотсионалӣ-амалӣ, ки дар он кӯдак мехоҳад иштирок намояд ва худнишондиҳиро ифода созад (2-4 солаҳо).
- муошири ситуативӣ-расмӣ, ки дар асоси он бозии нақшофарӣ ба вуҷуд омада, раванди бозиро ҳамкорӣ мувофиқи сюжети бозӣ (духтур-бемор, волидон-фарзандон, фурӯшанда-харидор ва ғайраҳо) ташкил мекунад. Чунин ҳамкориҳо дар раванди бозӣ риоя намудани қойда ва меъёрҳои одоби муошрату муносибатҳо, эътироф ва ҳурмат намудани рафиқи бозиро талаб менамояд. Бо ҳамсолон нутқ ҳамчун воситаи асосии муошират боқӣ монда ифодагари фикру андешаҳо таассуроту тасаввурот оид ба ашё, ҳодисаю воқеаҳо, қоида ва меъёрҳои одоби муошрату муносибат боқӣ мемонад (4-5 солаҳо).
- муошири ғайриситуативӣ – расмӣ, ки он ба барқароргардии робитаҳои ғайриситуативӣ дар байни кӯдакон алоқаманд аст. Кӯдакон метавонанд вобаста ба рӯҳияи шахсӣ, хоҳиш, ҳисси дилбастагӣ бо ҳамдигар, тарзи интихобии рафиқ ва ғайраҳо дар бораи ашёву ҳодисаҳои дидаи худ, таасуротҳои шахсӣ, эҳсосоту ҳаяҷони азсаргузаронидаи шахсӣ, нақшаю андешаҳои худ ва ғайраҳо сӯҳбату муҳокимаронӣ намоянд, ки дар онҳо донишу тасаввурот, маҳорату малакаҳои одобу рафтори шахсию одамони атроф, сифатҳои ҷисмонии образҳои бадеӣ ва ғайраҳои мавқеи хоса доранд.

Масъалаи шаклгирии намудҳои гуногуни муошират дар раванди фаъолиятҳои гуногун ва омилҳои таъсиркунанда ба шахсияти кӯдаки алоҳида, гурӯҳи кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ дар татқиқоти М.И.Лисина, Т.А.Репина, Т.В.Антонова, Е.О.Смирнова, Т.Авдулова ва дигарон пайгирӣ карда шудаанд, ки онҳо яке аз заминаҳои илмӣ – назариявӣ ва илмӣ – амалии масъалаи тарбия ва таълими кӯдакон дар раванди муошират шуда метавонанд.

Аз нигоҳи психологӣ тарбия омили муҳимми ташаккулдиҳии худшиносӣ дар кӯдакони синни томактабӣ мебошад, ки самти инкишофи минбаъда ва вазифаҳои тарбиявии онҳоро муайян менамояд. Методҳои тарбия ва инкишофдиҳии худшиносии

кӯдакон ба хусусиятҳои миллӣ – фарҳангӣ ва анъанаю одатҳои оилавию миллӣ то андозае вобаста мебошад. Фарҳангу анъанаҳои аврупоӣ ба хусусияти ба худ хос доштан ва беҳамто будани кӯдак ҳамчун шахсият асос ёфтааст ва мувофиқи он калонсолон ба кӯдак бо таври махсус муносибат менамоянд. Аз хурсолӣ дар онҳо тарбия намудани мустақилнокӣ, мақсаднок будан парастиш карда мешавад. Калонсолон ба кӯдак имконияти озодона иброз кардани фикру ақидаро медиҳанд. Волидон кӯшиш менамоянд барои кӯдак ҳуҷраи алоҳида ҷудо намуда теъдоди зиёди бозичаҳоро харидорӣ намоянд ва талаботи маънавию моддии ӯро қонеъ гардонанд. Чунин услуби муносибату муошират ба кӯдакон имконият медиҳад, ки онҳо кӯдакон худро як ҷузъи ҷудонашавандаи гурӯҳи иҷтимоӣ (оила, гурӯҳи ҳамсолон ва ғайра) ҳис намоянд. Дар чунин фарҳангҳо нақши иҷтимоии ҳар як одам ва аҳамияти ӯ ҳамчун шахсияти нотакрор эътироф мегардад, ки ба иҷтимоишавии кӯдакон мадад мерасонад.

Дар заминаи таҳлили татқиқоти илмии психологӣ, педагогӣ ва таҷрибаи амалии таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ ва оила муайян карда шудааст, ки дар давраи томактабӣ кӯдак мафҳумҳои «МАН», «МО», «ОИЛА», «ОИЛАИ МО», «МАН ВА ДИГАРОН», «МАН ВА ТАБИАТ» ва ғайраҳо дар муошırату муносибатҳои шахсию байниҳамдигарӣ ва иҷтимоиро фаҳмида мегирад. Ин мафҳумҳо дар дохили худ маъноҳои хосро дошта онҳо вобаста синнусол, вазъият ва доираи муносибатҳои иҷтимоӣ истифода бурда мешаванд. Дар синни барвақтӣ (то 3 солагӣ) кӯдак дар мафҳуми «МАН» - сухани равонакардашударо нисбати талаботи шахсии худ (ман хӯрок мехӯрам, бозӣ мекунам, либос мепӯшам ва ғайраҳо) ва ҳолатҳои эмотсионалии аз сар гузаронидааш (ман хурсанд, тарсидам ва ғайраҳо) дарк менамояд. Минбаъд ӯ дар заминаи шаклгирии сифатҳои ақлию зеҳнӣ ва ахлоқӣ – иродавӣ муносибати худро бо ашё, одамони атроф, ходисаҳо дар заминаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ пайгирӣ намуда мавқеи шахсии худро чун «Ман - консепсия», яъне шахсияти дорои фикру андешаи шахсӣ муаррифӣ менамояд.

Дар мафҳуми «МО» вобаста ба вазъият мо – дар оила падару модар, бобою бибӣ, бародару хоҳарони хурду бузург; дар муассисаи томактабӣ «МО» - ин ҳамсолон, мураббӣ, ёрдамчии мураббия, кӯдакони кӯдакистон; дар куча (маҳалла) «МО» - ин рафиқони ҳамсолу нисбатан хурду калон, ҳамсояҳо ва ғайраҳоро ифода мекунад. Дар маҷмӯъ аз худ намудани ин мафҳумҳо заминаи ба вуҷуд омадани ҳиссиёти худшиносӣ, худогоҳӣ, муносибатҳои мусбату арзишманд бо одамону ашё, ҳодисаю воқеаҳо, арзишҳои моддию маънавӣ мегардад, ки дар шаклгирии кулли онҳо муошират ва муносибатҳои байнаҳамдигарӣ нақши муҳим доранд. Дар асоси баҳисобгирии чунин хусусиятҳо ҳамкорию ҳамдастии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва волидон дар тарбия ва шаклдиҳии меъёрҳои одоби муошırату муносибатҳои байниҳамдигарӣ таъмин карда мешаванд.

Вақте ки калонсолон нисбат ба шахсияти кӯдак, шавқу ҳавас, талаботу эҳтиёҷоти ӯ бетафовутӣ зоҳир мекунанд, ӯ худро ҳамчун радшуда, нодаркор, камарзиш ҳис менамояд. Дар натиҷа дар кӯдак сифатҳои изтиробнокӣ, бадхашмӣ, дамдуздӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд омада, минбаъд ин сифатҳо метавонанд ба хислату одатҳои бад мубаддал гарданд, сабаби рафтору амали асотсиалӣ, ё худ рафтори девиантӣ бошанд. Дар айёми томактабӣ рафтори девиантии кӯдак дар шаклҳои якравӣ, худбинӣ, агрессивӣ, гапдароӣ ва ғайраҳо зоҳир гардида метавонад дар давраи мактабхонӣ, махсусан, наврасӣ сабаби «душвортарбия» гардидани онҳо гардад. Одатан зуҳури рафтору одатҳои девиантии кӯдак дар риоя накардани қоида ва меъёрҳои одоби муошırату муносибатҳои байнишахсӣ ва иҷтимоӣ дида мешавад (Раттер М., Хоментаускас Г.Т., Маҷидова Б.) ва бо онҳо дар ҷомеа он тамғаи «кӯдаки душвортарбия» насиб мегардад, ки метавонад минбаъд ба дунёи ботинӣ ва мавқею муносибати одамон нисбати ӯ ҳамчун шахсияти арзишманд таъсири манфӣ расонад. Чунин вазъиятро дар кӯдакон аз оилаҳои нопурра низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар натиҷаи пошхурии оила кӯдак дар чорраҳаи зиндагӣ осеби психологӣ (шиканҷаи ҷудо будан яке аз волидон ва норасоии меҳру муҳаббат, навозишу дӯстдорӣ) ва иҷтимоӣ (нимятим, аз оилаи ҷудошуда, дар тарбияи бобою бибӣ монда ва ғайраҳо) мегирад, ки он ба руҳия, ҳолати эмотсионалӣ, рушди ақлию зеҳнӣ ва иҷтимоишавии ӯ таъсир мерасонад.

Мушоҳидаҳо, суҳбат бо мураббиёну волидон нишон медиҳанд, ки кӯдакон дар натиҷаи беадолатии калонсолон низ метавонанд аз иҷрои қоида ва меъёрҳои одоби муошират, талабот ба рафтори ахлоқӣ руи тобанд. Масалан, баҳодиҳии нодурусти мурабби ва ҷалб накардани кӯдак ба дар фаъолиятҳои якҷоя (бозикунӣ, машғулиятҳои

таълимӣ, сайругашт, саёҳат), хурдагирию эродҳои беасосу доимӣ, ҷазодиҳии ноҳақона, мондашавии психикию ҷисмонӣ ва ғайраҳо. Чунин вазъиятҳо кӯдаконро ба ҳолати асабоният, ҳаяҷоннокӣ, изтиробнокӣ оварда мерасонад ва онҳо бо риоя накардани қойда ва меъёрҳои одоби муошират эътирозу норозигӣ ӯ нисбати муомилаю муносибати калонсолон намоиш медиҳанд. Кӯдак арзишмандии худро барои волидон ҳангоми сазовор шудан ба меҳру навозиш, дилсузию дилбастагии онҳо нисбати бурду бохти худ дарк мекунад.

Ба андешаи мо муҳим он аст,ки дар навбати аввал бо кӯдак волидон дар ҳамаи лаҳзаҳои фаъолияти оилавию ҳоҷагидорӣ ва мураббия дар раванди ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои якҷоя ҳамчун намунаи одоби муошират ва рафтори маданӣ бошанд. Чунки намунаи ибрат ва доимо дар муошırату муносибат будан яке аз восита ва методи тарбия ва ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ, одоби муошırату муносибати арзишманд аз тарафи калонсолон мебошад.

Аз нигоҳи психологӣ – педагогӣ тақлидкунӣ яке аз роҳҳои азхудкунӣ, ёдгирии одату меъёрҳои одобу рафтори шахсию иҷтимоӣ мебошад. Кӯдакон ҳангоми муошırату муносибат бо тарзи суханварӣ, оҳанги нутқ, истифодаи калимаю ибораҳои махсус, ҳаракату истифодабарии имою ишораи мураббия, волидон ва ғайраҳо тақлид менамоянд.

Ба ҳиссиёт, шуур ва одобу рафтори ахлоқии кӯдакон тарзи анъанавии миллии меҳрубонию дӯстдории модар, бибӣ, хоҳарони калон таъсир мерасонанд. Дар этнопсихология ва этнопедагогикаи халқи тоҷик таъсири суруди алла, таронаҳои навозишию дӯстдорӣ, қофиябозӣ, шумуракҳо дар тарбия ва таълими кӯдакон қайд карда шуданд (Б.Раҳимов, А.Нуров, Б.Маҷидова, Г.Қурбонова ва дигарон). Онҳо чун жанри махсуси фолклорӣ аз тарафи муҳаққиқони адабиёти шифоҳии бачагона Р.Амонов, Б.Шермуҳаммадов, Д.Обидзода ва дигарон мавриди таткиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Бояд қайд кард, ки шунидани суханҳои гуворо, ҳаловатбахш бо оҳангу тобишҳои навозишию дӯстдорӣ барои кӯдак боварию эътимод барои эътироф шудани арзишмандии ӯ дар назди пайвандон аст, ки он омили муҳим дар инкишофи равонӣ – маънавии шахсият мегардад. Ибрози ҳиссиёту эмотмионалию маърифатии кӯдак арзишманд буда он ба вай қаноатмандии маънавию бовари эътимод ба худ, нерую имкониятҳои шахсӣ мебахшад. Муҳим боз он аст, ки кӯдак дар ин раванд мактаб дарс намунаи ибрат барои муошırату муносибатро азхуд мекунад, дар навбати худ мехоҳад бо истифодаи оҳангу тобишҳои лафзи модарӣ меҳру дӯстдории худро иброз намояд, яъне аксуламали ҷавоби гардонад, ки барои волидайн низ ҳаловатбахшу гуворо аст.

Эҳсос намудани меҳру муҳаббат ва дӯстдории калонсолон ба шаклгирии худмонандкунии ҷинсии кӯдакон, ба азхудкунии одобу рафтори мардона ва занона низ таъсири худро мерасонад. Дар педагогика ва психологияи миллӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон раҳёфти гендерӣ (мувофиқ ба ҷинсияти кӯдак) роҳандозӣ карда мешавад. Раҳёфти гендерӣ дар тарбия намудани одоби муошират ва муносибатҳои байниҳамдигарии дохилиоилавӣ низ дар таҷрибаи тарбиятии халқи тоҷик мавқеи махсус дорад (Б.Раҳимов, А.Нуров, М.Лутфуллоев, М.Бобоева ва дигарон). Мазмуни калимаю ибораҳои истифодашаванда ҳангоми дӯстдорию навозиши писарҳо хусусиятҳои ба худ хос дошта онҳо ҳангоми зуҳуроти сифату хислатҳои мардона зиёдтар истифода бурда мешаванд. Оҳангу тобиши онҳо омирона, қавӣ ва таъкидшаванда буда ҳама вақт мард будани кӯдак, оянда пурқуввату ҷасур, паҳлавону нотарс, хушёру зирак будани ӯ таъкид карда мешавад. Махсусан, ҳангоми муошırату муносибат доимо таъкид карда мешавад, ки писар ин фарди ҷанговар, муҳофизатгари оила, шахсутуни хонавода, таъмингари пайвандон ва номбардори падар мегардад, бинобарин бояд ӯ намунаи ибрат дар одобу рафтор, кору фаъолияти мардона бошад.

Изҳор кардани боварӣ ба қувваю тавоноии кӯдак, ҳангоми муошırату муносибат бо ҳамсолону калонсолон ба ӯ имконият медиҳад аз дағалӣ, дурӯғгӯӣ, дуруягӣ, хабаркашӣ, бадгуфторӣ, напурсида чизеро нагирифтан ва дигар одату хислатҳои бад худдорӣ намояд. Ин амал ба кӯдак имконият медиҳад дар назди мураббияву волидон сазовори меҳру дӯстдорӣ, арзишманд будани худро бори дигар дарк намояд ва кӯшиш кунад ба қойда ва меъёрҳои одоби муошırату муносибат риоя намояд. Ӯ дарк менамояд, сазовори тахсину бовари калонсолону ҳамсолон будан вобаста аст, ба одобу рафтор, амалу кирдори арзишманди ӯст. Ин бо он мусоидат менамояд, ки дар кӯдак сифатҳои худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ шакл гирад, амалҳои «хуб», «бад»-ро мантиқан дарк намуда вобаста ба муошират ба онҳо риоя намояд.

Сабаби сари вақти шакл нагирифтани одоби муошират вуҷуд надошта талаботи ягона аз тарафи волидону мураббиён ба шахсияти кӯдак аст. Кӯдакон мувофиқи синнусол ва аз ҷиҳати психофизиологӣ хуб инкишофёфта ташаббускорӣ, мустақилияти худро зоҳир менамоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз волидон барои арзишмандии андешаю муносибати худро ба кӯдак нишон додан, бисёр вақт ба ҳар як амалу ҳаракати ӯ хурдагирӣ намуда усули манъкуниро истифода мебаранд, яъне ҳудуди иҷрои амалҳои «мумкин», «даркор» ва «нолозим», «зарурнабуда», «манфиатбахш» ва «бефоида»-ро мегузаронанд. Махсусан бобою бибӣ аз кӯдак ба ҳамсояҳо, рафиқону шиносҳо ҳатман салом додан, аҳволпурсӣ намудан, миннатдорӣ карданро зарур, ҳатмӣ, аломати боодобу тарбиядида будани кӯдак ҳисоб мекунанд. Падар бошад иҷрои ин амалро ба хоҳишу ташаббуси кӯдак ҳавола намуда ба ин масъала бетафовутӣ зоҳир мекунад. Модарони ҷавон бошад, ӯ одамони атрофро ба шахсони «худӣ», «бегона», «лозимӣ», «арзанда» ва ғайраҳо ҷудо мекунанд ва ба киҳо чи тавр муошırату муносибат намуданро таъкид менамоянд ва ҳатто ҳаракату амалҳои кӯдакро зери назорат мегиранд.

Педагоги рус Е.А.Аркин таъкид менамояд, ки кӯдак маҳз дар оила бо таври табии ва дастрас дарси ҳаётӣ мегирад, чунки «ҳар рӯз, субҳу бегоҳ, баъзан то бевақти шаб дар симои волидон, бародару хоҳарони калонӣ, бобою бибӣ намунаи гуногуни шаклҳои рафтор сурат мегирад. Онҳо хелҳои гуногуни намуна, сухан, имою ишора, тарзи рафтор, муносибат ба меҳнат, одамонро дар бар мегирад» (Аркин -12 с).

Бояд қайд кард, масъалаи муошират ва хусусиятҳои он дар кӯдакони таълиму тарбиягиранда дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон солҳои 80 – ӯми асри гузашта аз тарафи Р.И.Деревянко ва Т.М.Землянухина мавриди таткиқоти илмӣ гардида буд. Дар асоси кори озмоишӣ дар муассисаҳои томактабии ш.Душанбе хусусиятҳои мароми муошırати кӯдакони синни томактабиро бо мураббия ва ҳамсолонро Р.И.Деревянко таткиқ намуда муайян кард, ки барои кӯдак мураббия бо сифатҳои шахсии худ метавонад таъсир расонад. Т.М.Землянухина хусусиятҳои муттаҳид гардонии муошират ва фаъолияти маърифатии кӯдакони синни барвақтиро дар гурӯҳҳои яслигӣ (ширхоргоҳ) ва сағирхонаҳо (хонаҳои кӯдакон) мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода муайян намуд, ки новобаста ба таъмин будани шароитҳои моддии инкишофи ҷисмонӣ (хӯрок, реҷаи рӯз, нигоҳубину назорати саривақтии тиббӣ ва ғайраҳо) бо сабаби маҳдуд будани доираи муошират тарбиягирандагони хонаҳои кӯдакон дар инкишофи маърифатӣ аз ҳамсолони дар яслӣ – ширхоргоҳ тарбиягиранда ақиб мемонад. Ин исботи он аст, ки кӯдаки дар муҳити оила ва муассисаи томактабӣ тарбиягиранда ба доираи васеи муносибатҳо бо волидон, ҳамсолон, мураббия, ҳамшираи тиббӣ ворид гардида дар инкишофи равандҳои маърифатӣ афзалияти худро нишон медиҳанд.

Албатта фарҳангу одоби муошират хислату хусусияти муносибатҳои дохили оилавӣ, робитаю андешаҳои иҷтимоию психологии шахсро ба одамони атроф ва кулли аҳли ҷомеа нишон медиҳад. Дар ҷараёни муошират кӯдак меъёрҳои таъсири мутақобилаи байниҳамдигариро аз худ мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. М., 1969 – 464 с.
2.Выготский Л.С. Мышление и речь. Собр.сочинений в шести томах. Том шестой. М., 1982 – 10 – 361 с.
3.Лисина М.И. Развитие общение у дошкольников. М., 1989 – 174 с.
4.Маҷидова Б. фаъолиятҳои кӯдакон. Душанбе, 2015 – 9 – 27 с.
5.Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии. Москва, Просвещение, 1973 – 433 с.
6.Смирнова Е.О. Детская психология. Спб; Питер, 2009 – 304 с.
7.Формановская Н.И. Вы сказали «Здравстуйте». Речевой этикет в нашем общении. М., 1989 – 160 с.

**Маҷидова Б., Ҷалолова Г.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ШАКЛГИРИИ ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Шаклгирии одоби муошират раванди мураккаб ва дуру дароз буда он аз айёми тифлӣ оғоз гардида то охири умри инсон идома меёбад. Он имконият медиҳад инсон ба доираи васеи

муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардад. Муаллифони мақола кӯшиш намудааст, шаклгирии одоби муоширатро дар кӯдакони синни томактабӣ дар зерхати таҳлили татқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ таҳлил намояд, алоқамандии инкишофи нутқ ва тафаккурро, пайдоиш ва шаклгирии муоширатро дар кӯдакон вобаста ба давраҳои инкишофи психикии кӯдак (то 3 солагӣ, аз 3 – то 5 солагӣ ва аз 5 то 7) нишон додааст. Вобаста ба синнусоли кӯдакон хусусиятҳои шаклгирии одоби муошират пайгирӣ карда шудааст. Инчунин омилҳои таъсиркунанда ба шаклгирии одоби муошират дар кӯдакон баррасӣ гардидааст.

**_Калидвожаҳо:_** *кӯдакон одоби муошират, сифатҳои ахлоқӣ, давраи томактабӣ, таҷрибаи фарҳангӣ – таърихӣ, хусусиятҳои шаклгирӣ, муҳаққиқон, маромҳо, калимаҳо, ибораҳо, тафаккур, инкишоф, меъёрҳо, калонсолон, ҳамсолон, ҳиссиёт, шуур, рафтор.*

**Маджидова Б., Джалолова Г.**

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ЭТИКЕТ ОБЩЕНИЯ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В статье излагается, что формирование этикета общения является сложным и долговременным процессом, который начиная с младенческого возраста продолжает на всей период жизни человека. Оно способствует включение человека в широкий круг общественных отношений.

Авторами осуществлена попытка рассмотреть вопросы формирования этикета общения детей дошкольного возраста в контексте анализа исследований зарубежных и отечественных учений, взаимосвяз освоения и развитие речи с мышлением, возникновение и развитие общение детей с учетом развитие детей в разных периодов психического развития ребенка (до 3 года жизни, от 3 – 5 лет до 5 – 7 лет).

С учетом возраста раскрыто особенности формирования этикета общения, также представлено факторы, влияющие на этикет общения у детей.

**_Ключевые слова:_** *дети, этикет общения, моральные качества, дошкольный период, культурно – исторический опыт, особенности формирования, исследователи, мотивы, понятий, фразы, мышление, развитие, нормы, взрослые, сверстники, чувств, сознание, поведение.*

**Majidova B., Jalolova G.**

## FEATURES OF THE FORMATION OF COMMUNICATION ETIQUETTE IN PRESCHOOL CHILDREN

Formation of etiquette of communication is a complex and long-term process which, starting from infancy, continues throughout the life of a person. It contributes to the inclusion of a person in a wide range of social relations.

The authors attempted to formulate communication etiquette for preschool children in the context of analyzing studies of foreign and domestic teachings, the relationship between the development and development of speech and thinking, the emergence and development of children's communication, taking into account the development of children in different periods of the child’s mental development (up to 3 years of age, from 3 - 5 years to 5 - 7 years).

Taking into account age, the features of the formation of etiquette of communication are disclosed, factors that affect the etiquette of communication in children are also presented.

**_Key words:_** *children, communication etiquette, moral qualities, preschool period, cultural and historical experience, features of formation, researchers, motives, concepts, phrases, thinking, development, norms, adults, peers, feelings, consciousness, behavior.*

**Сведения об авторах: Маджидова Б.** – доктор педагогических наук, профессор кафедры общей и педагогической психологии ТГПУ имени Садриддина Айни

Тел: +992 985 83 19 02 E-mail: Bibihafiza@mail.ru

Адрес: Республика Таджикистан город Душанбе улица Т.Пулоди3 кв 1

**Джалолова Г.С.** – ассистент кафедры общей и педагогической психологии ТГПУ имени Садриддина Айни Тел: +992 002 55 82 82 E-mail: Jalolova@bk.ru

Адрес: Республика Таджикистан город Душанбе улица Гиссарская 19/1 кв 2

**Information about authors: Majidova B.** - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of General and Pedagogical Psychology of TSPU named after Sadriddin Aini Tel: +992 985 83 19 02 E-mail: Bibihafiza@mail.ru Address: Republic of Tajikistan

Dushanbe city T.Pulodi street3 sq. 1

**Jalolova G.S.** - Assistant of the Department of General and Educational Psychology of TSPU named after Sadriddin Aini Tel: +992 002 55 82 82 E-mail: Jalolova@bk.ru

Address: Republic of Tajikistan Dushanbe city Gissarskaya street 19/1 apt. 2

**С. НУРАЛИХОНЗОДА**

## НАҚШИ МЕҲНАТ ДАР ТАШАККУЛИ НЕРӮИ ЗЕҲНИИ ШАХС ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Меҳнат сарчашмаи асосии сарвати моддию маънавии инсон ва ҷамъият аст.

Давраи сангро олимон даврае меҳисобанд, ки инсоният ҳанӯз тарзҳои гудозиши металлро намедонист ва танҳо аз олатҳои сангӣ истифода мебурд. Илова бар ин, олатҳои сангӣ бо мурури замон тавре такмил дода мешуданд, ки олатҳои дар марҳилаҳои ниҳоии давраи сангӣ истеҳсолгардида на танҳо ба талаботи гуногуни истеҳсолӣ, балки ба услубҳои муайяни зебоипарастии истеҳсолкунандагон низ ҷавобгӯ буданд.

Ташаккул ва такмили мафкураи инсон, ки якчанд миллион солро дар бар гирифт, ҷаҳиши бузург дар инкишофи табиат аст. Инсон на танҳо ба истеъмол, балки ба меҳнати бошуурона низ қобилият пайдо намуд. Сабаби пайдоиши меҳнати бошуурона чӣ буд: тағири муҳити географӣ, интихоби ҷинсӣ дар гурӯҳи маймунҳои дорои интизоми баланд ё тағироти ирсӣ, ки дар натиҷаи тағири вазъияти радиатсионӣ дар якчанд минтақаҳои Африкаи Шарқию Ҷанубӣ рӯй доданд? Чунинанд фарзияҳои асосие, ки то ба имрӯз ҷавоби ягонаю мушаххас надоранд. Вале меҳнати инсон замоне ба вуҷуд омада, ба ҳалқаи асосӣ дар занҷири таҳаввулоти инсон табдил ёфт, ки он меҳвари рушди минбаъдаи сатҳи олии ҳаёт дар замин – инсони андешаманд буд.

Одамони давраи санг, хусусан замони палеолит, дар айёме умр ба сар мебурданд, ки ҷаҳони набототу ҳайвонот, иқлим ва манзараи табиат аз ҷаҳони имрӯзаи инсони муосир фарқи зиёд дошт. Ба иқтисоди истеҳсолӣ (заминдорӣ, чорводорӣ) инсон танҳо дар ибтидои замони неолит рӯй овард, ки дар он айём аллакай сохтани зарфҳои гилӣ, истеҳсоли олатҳои суфтаи сангӣ, киштукори замин ва бунёди манзилҳои воқеӣ - деҳаҳои давраи сангро омӯхта буд. То ин вақт асоси ҳаёти қабилаҳои палеолит ва мезолитро шикор ва ҷамъоварӣ, яъне хоҷагии истеъмоли яклухт ташкил медод. Дар давоми давраи санг ҳамаи шаклҳои инсон аз гомогабилис (инсони уҳдабаро), ки аввалин шакли инсон ба шумор меравад, то инсони шакли муосир тағир меёфтанд. Илм, аниқтараш фаслҳои дахлдори аксари илмҳое, ки ба “тулӯи инсоният” – давраи санг бахшида шудаанд, чунин мураккаб, сермуаммо ва бештар нофаҳмоянд [3,47].

Аввалҳо меҳнат хусусияти инфиродӣ дошт ва ба зарурати қонеъ гардондани талаботи шахсии одами ибтидоӣ вобаста буд. Тадриҷан баробари пайдоиши оила ва ҷамъият мазмуни нави меҳнат – аҳамияти тарбиявии он шакл гирифт. Аллакай дар ҷамъияти ибтидоӣ илм чунин шаклҳои тарбия, ба мисли нигоҳубини кӯдакон, омӯхтани тарзу усули дарёфти ризқу рӯзӣ, дӯхтани сару либос ва бунёди манзилро муқаррар намудааст, ки ин шаклҳои тарбия дар асоси тақлид ба калонсолон дар раванди ҳаёт ва меҳнати тамъинкунандаи ҳастии одамон татбиқ мегардиданд. Меҳнат бевосита ба тарбия алоқаманд буда, чун тарбия абадист.

Ҳадафу вазифа ва мазмуни тарбияи меҳнатӣ вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ муайян мегарданд. Дар ҷамъияти ибтидоӣ меҳнат хусусияти коллективӣ дошт. Дар ҷамъияти ғуломдорӣ меҳнат ба намудҳои зерин ҷудо мешуд: меҳнати фикрӣ барои кӯдакони ғуломдорон ва меҳнати ҷисмонӣ барои кӯдакони ғуломон. Ин ду намуди меҳнат дар ҷамъияти феодалӣ низ мавҷуд буданд.

Азбаски сатҳи рушди истеҳсолот дар марҳилаи аввали рушди феодализм хеле паст буд, аз деҳқонон доштани донишҳои махсус талаб карда намешуд. Аз ин рӯ, деҳқонон дар ин марҳила аксар вақт дар мактаб таҳсил намекарданд. Ҳаёт ва таҷрибаи оиладорӣ барои онҳо мактаб буд. Онҳо маҳорату малакаҳои меҳнатиро дар раванди меҳнат аз худ менамуданд. Анъанаҳои таълиму тарбияи меҳнатӣ аз оила ба оила ва аз насл ба насл интиқол ёфта, дар урфу одатҳои мардумӣ зоҳир мегаштанд.

Ҷиҳати татбиқи ҳамаи шаклҳои асосии тарбия, аз ҷумла тарбияи меҳнатӣ, дар ин давра калисо (дар Аврупо) ва ислом (дар Шарқи исломӣ) нақши асосиро мебозиданд.

Тақсими меҳнат ба меҳнати фикрӣ ва меҳнатӣ ҷисмонӣ ба ҷамъияти ғуломдорӣ хос буд ва дар ҷамъияти феодалӣ бо ҳам устувортар гашт. Дар ин давра низ кӯдакони

феодалҳо чун роҳбар ва ҳокимони кордону матинирода тарбия меёфтанд, бо илму санъат фаро гирифта мешуданд ва аз иҷрои ҳамагуна меҳнати ҷисмонӣ озод буданд. Тарбияи онҳо дар рӯҳияи нафрат ба меҳнати ҷисмонӣ сурат мегирифт. Дар ин замина, аз кӯдакони аҳли дин роҳибони оянда калисо ва рӯҳониёни роҳнамои халқи меҳнаткашро тарбия мекарданд.

Тарбияи кӯдакони деҳқонон ба тайёрии онҳо ҷиҳати иҷрои намудҳои гуногуни меҳнати ҷисмонию хизматрасонӣ равона гардида буд ва ин тайёрӣ дар раванди меҳнат амалӣ мегардид. Ба онҳо фармонбадорӣ ва итоаткориро таълим медоданд. Ягон хел муассисаҳои махсуси омӯзишӣ барои таълиму тарбияи меҳнатии онҳо дар он замон вуҷуд надошт. Ҷамъияти феодалӣ ба ду синфи антагонистӣ (ба ҳам зид) ҷудо шуда буд: бой ва камбағал. Дар дохили синфи бой табақаҳои зерин мавҷуд буданд: рӯҳониён, бойҳои дунявӣ ва ашрофон, ки мансубияти онҳо аз насл ба насл чун мерос идома меёфт. Дар ин давра барои кӯдакони синфи бой низоми муассисаҳои таълиму тарбиявӣ - мактаб ва мадраса ташкил гардида, онҳо бо таҳсилоти динӣ фаро гирифта мешуданд ва чун ходимони дин – кормандони масҷид, мадраса ва дигар ташкилоту муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷамъият тарбия меёфтанд. Ба туфайли рушду пешрафти шаҳрҳо табақаи нави иҷтимоии истисморшавандагон – косибон ва тоҷирони хурд ба вуҷуд омад, ки онҳо расман озод буданд.

Дар раванди инкишофи касбу ҳунарҳо ва ҷудошавии истеҳсолоти косибӣ талабот ба сарчашмаҳои таҳсили ибтидоӣ - хат, савод, ҳисоб, мубодила ва рушди тиҷорат ба вуҷуд омад. Дар чунин шароит ба кӯдакони косибони озод ва тоҷирони хурд иҷозат дода шуд, ки дар мактабҳои динию гилдӣ (дар Аврупо) ва қуттабҳо (дар Шарқ) таҳсил кунанд.

Миқдор ва намуди муассисаҳои таълилимӣ хеле маҳдуд буд. Дар Осиёи Марказӣ, масалан, дар Тоҷикистон (Аморати Бухоро) то аввали асри XX се намуди мактабҳои оммавӣ маълум буданд: қуттаб – мактаб (мактаби саводомӯзӣ), далоилхона (мактаби таълими асосҳои дин) ва қорихона (мактаби азёдкунии сураҳои Қуръон). Мадраса муассисаи таҳсилоти миёна ва ҳамзамон олӣ ба шумор мерафт.

Ба фарқ аз сохти ғуломдорӣ, вақте ки дар кишварҳои тамаддуни қадим – Миср, Ҳиндустон, Хитой ва Юнон тарбия функсияи давлат буд, ба ин корҳо танҳо рӯҳониён сарикор доштанд. Дар ин давра дар кишварҳои Шарқ давлат ба масъалаҳои тайёрии кадрҳо машғул намешуд. Ҳолатҳое, ки давлат шахсан бо мақсади роҳбарии кори интихоби касб ва муайян намудани коршоямии касбии довталаб ба таҳияи саволҳои санҷишӣ барои довталаботи мансабҳои давлатӣ ё динӣ машғул шуда бошад, мушоҳида намешавад.

Дар ин давра дар Шарқ вобаста ба зарурати тайёрии кормандони соҳибтахассуси меҳнати фикрию ҷисмонӣ, тарбияи шахси аз ҷиҳати зеҳнӣ инкишофёфта, хусусан вобаста ба аҳамияти дониш дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҷамъият дар маҷмӯъ, аҳамияти меҳнати деҳқонон, косибон ва интихоби касб, пеш аз ҳама, шоирону нависандагон ва файласуфону мутафаккирон андеша баён намудаанд. Хусусиятҳои усули эҷодии мутафаккирони тоҷик ва мулоҳизаҳои онҳо дар бораи касбу меҳнат аз он иборат буд, ки ин мулоҳизаҳо дар қолаби панду андарзҳои ахлоқию маънавии дорои тобиши динӣ (тариқати тасаввуф) баён мегаштанд. Зеро аксар шоирону нависандагон ва файласуфони хушфикр, ки одатан дар дарбори амирони гуногун хизмат мекарданд ва аз расму оинҳои дарбор, зиддиятҳои феодалӣ хуб огоҳ буданд, рафтори ҳукуматдорон ва муносибати онҳоро ба заҳматкашони оддӣ мушоҳида мекарданд, вале азбаски имкони бевосита ба ҳукуматдорон таъсир расонданро надоштанд, кӯшиш менамуданд, ки бо ягон роҳ ба онҳо таъсир расонанд, оқибати манфии фаъолияти сиёсии онҳоро фаҳмонанд ва аз содир намудани рафтори беадолатона нисбат ба деҳқонону косибон ва дигар табақаи заҳматкаш боздоранд. Онҳо, ки аз имкони бевосита таъсиррасонӣ ба амир ва аҳли дарбори ӯ маҳрум буданд, ногузир барои ифодаи ҳиссиёти худ аз неруи сухан истифода мебурданд. Ҳамин тавр, панду андарзҳои зиёде эҷод шуданд, ки онҳоро ба инсондӯстӣ, васфу ситоиши дониш, касбу ҳунар ва намудҳои гуногуни фаъолияти ҷисмонӣ даъват мекарданд. Одатан, бисёре аз панду андарзҳо ба ҳукуматдорон равона гардида, тамоилҳои одобу ахлоқро дар бар мегирифтанд ва на танҳо ба ҳаёти сиёсии иқтисодии кишвар, балки ба муҳити маънавию ахлоқии он низ вобаста буданд.

Дар панду андарзҳои ахлоқию маънавии худ шоирон масъалаҳои тарбияи меҳнатиро баррасӣ намуда, мардумро ба таълиму тарбия ва ёд гирифтани касбу ҳунарҳои барои ҷамъият зарурӣ даъват мекарданд.

Мутафаккирони тоҷик дар панду андарзҳои ахлоқию маънавӣ ва мулоҳизаҳои фалсафии худ асосҳои таҳкими давлат, пешрафти ҷамъият, такмили симои маънавии он ва тарбияи шахси аз ҷиҳати зеҳнӣ инкишофёфтаро хирад, илм, дониш ва меҳнати ҳалол ба фоидаи ҷамъият меҳисобиданд. Дар мулоҳизаҳои худ онҳо ба китоби муқаддаси зардуштиён "Авасто" такя мекарданд, ки ин тасодуфӣ нест. Зеро маҳз дар "Авасто" бори аввал меҳнат сарчашмаи хушбахтии инсон зикр гардида, сифатҳои асосии инсони хирадманд, ба мисли меҳнатдӯстӣ, муносибати эҷодкорона ба меҳнат, поквиҷдонӣ, зебоипарастӣ, хушахлоқӣ, ҳурмату эҳтироми устод ва ғ. васф гардидаанд. Тавре дар "Авасто" омадааст: "хушбахт нафарест, ки меҳнат мекунад ва ҳамеша ба сӯи ҷои кор мешитобад" [1,27].

Мувофиқи фармудаи "Авасто" аз ҳашт касб барои ҳар як касби мулозимони ибодатгоҳ ҳаҷми муайяни дониш муайян гардида буд, ки бе он шахс ҳуқуқи ишғол намудани ин ё он мансабро надошт. Масалан, муфтӣ бояд на танҳо қонунҳои илоҳӣ, балки якчанд илмҳои дигари замони худро медонист. Барои мулозимони ибодатгоҳ қоидаҳои қатъии ҳаёт муқаррар гардида буданд: хӯроки оддӣ, қаноатмандӣ, садоқат ба дин, ахлоқи пок, кори доимии такмили зеҳни худ.

Чунин талабот ба шахси аз ҷиҳати зеҳнӣ ташаккулёфта минбаъд дар шакли ақидаи "пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек" ифода гардид, ки он дар асрҳои миёна шоирону олимон ва мутафаккирони тоҷикро барои эҷоди шоҳасарҳо илҳом бахшид ва ба шарофати чунин шоҳкориҳо номи онҳо таи садсолаҳо дар хотираи мардум абадӣ ҷой гирифт.

Ҳамин тавр, ақидаи меҳнат, дурустараш ғайриимкон будани ҳаёти хушбахтона бе меҳнати ҳалол, боинсофона ва эҷодкорона, ки дар осори хаттии бостонии халқи тоҷик "Авасто" ифода ёфтааст, бо гузашти ҳазор сол дар асрҳои миёна дар Қуръон ба уҳдадории инсон табдил гашта, то сатҳи қонун эътибор пайдо мекунад.

Дар асрҳои миёна тарбияи меҳнатии ҷавонон масъалаи асосии амалан ҳамаи осори маъруфи хаттии адабӣ, фалсафӣ ва афкори педагогии халқи тоҷик ба шумор мерафт. Шоиру адиб ё олиму файласуфе нест, ки дар асарҳои худ ба андозаи муайян ба масъалаи тарбияи меҳнатии айёми худ аҳамият надода бошад.

Мутафаккирони тоҷик бо тарзҳои гуногун ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ диққат додаанд. Гурӯҳи якум андешаҳои худро вобаста ба ин масъала дар шакли тарбияи меҳнатӣ ва меҳнатдӯстӣ баён намудаанд, гурӯҳи дуюм ин масъаларо зимни тавсифи илму дониш баён доштаанд, гурӯҳи сеюм кӯшиш намудаанд, ки ин масъаларо ба таври хос омӯхта, асосҳои назариявӣ ва амалии тарбияи меҳнатӣ, аҳамияти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва умумидавлатии онро муқаррар намоянд. Эътирофи аҳамияти иҷтимоию педагогӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва психофизиологии тақсими меҳнат ба намудҳои фикрӣ ва ҷисмониро дар мулоҳизаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи таълиму тарбия ва самти касбӣ бештар хос шуморидан мумкин аст.

Сардафтари назми классикии тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ умуман мавҷудияти ду намуди асосии меҳнат – фикрӣ ва ҷисмониро дар ҳаёт фарқ мекунад. Вале барои Рӯдакӣ ин ҳарду намуди меҳнат ба ҳам зич вобаста буда, якдигарро такмил мебахшанд. Рӯдакӣ ба масъалаи тарбияи инсони меҳнатдӯст, ҳаматарафа инкишофёфта, соҳибкасбу босавод ва кордону уҳдабаро диққати зиёд дода, таъкид менамояд, ки чунин инсон бояд донишманд ва донандаи касби худ бошад. Илму дониш, ба андешаи Рӯдакӣ, қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ҷамъият, кафолати рушди кишвар ва некӯаҳволии ҳар як инсон дар алоҳидагӣ аст:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз рози дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Рози донишро ба ҳар гуна забон*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*

*Дониш андар дил чароғи равшан аст*
*В-аз ҳама бад бар тани ту равшан аст* [6,52].

Рӯдакӣ, ба тасдиқи шарқшиноси маъруфи советӣ И.С. Брагинский, "баёнгари ақидаҳо ва муаррифгари фарҳанги шаҳрии замони худ, аниқтараш, тарғибгари табақаи донишманд ва зиёиёни хосси асрҳои миёна (табибон, олимон, котибон, меъморон, шоирони дарбор ва ғ.) дар шаҳрҳои калон буд, ки бо меҳнати фикрӣ зиндагии худро таъмин мекарданд" [10,12].

Маҳз ба ҳамин сабаб ӯ меҳнати шоиронро аз ҳама муҳим, арзишманд ва гаронбаҳо шуморида, шоиронро бо хирадмандон ва дониши онҳоро бо ганҷина қиёс менамояд:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ* [6,52].

Бо тағйир ёфтани ҳаёти иҷтимоӣ муносибати Рӯдакӣ низ ба меҳнати шоирон дигар мешавад. Ба сабаби нобиноӣ ва рондашавӣ аз дарбори амир муносибати Рӯдакӣ ба меҳнати шоирон тағир меёбад. Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,

Асо биёр, ки вақти асову анбон шуд [10,12].

Ин байт, аз як тараф, аксуламали шоирро ба шароити тағирёфтаи иҷтимоӣ дар кишвар инъикос менамояд (ба тахт нишастани Нуҳ ибни Насри II Сомонӣ ва аз дарбор ронда шудани шоир). Аз тарафи дигар, нишон медиҳад, ки Рӯдакӣ хушбахтии инсонро дар "меҳнати пуртоқат" мебинад ва меҳнати кишоварзон, косибон ва дигар коргарони меҳнати ҷисмониро зимнан дар назар дорад. Зеро, ҳарчанд онҳо зиндагии камбағалона ва бе карруфар доштанд, вале бо меҳнати ҳалол соҳиби рӯзгори худ ва, ба андешаи шоир, хушбахт буданд. Бинобар ин, Рӯдакӣ баъди баргаштан ба зодгоҳи худ деҳаи Рӯдаки Панҷакент дар айёми пирӣ пурра ба васфи меҳнат ва касбу ҳунари заҳматкашони накӯкору диловар – деҳқонон, косибон ва шикорчиён рӯ меорад:

*То зиндаам маро нест ҷуз мадҳи ту дигар кор,*
*Кишту дурудам ин аст, хирман ҳамину шудгор* [10,12].

Мулоҳизаҳои шоир дар бораи пайвастагии дониши назариявӣ бо таҷрибаи амалӣ низ арзиши зиёд доранд:

*Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,*
*Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.*

Ҷанбаи муҳимму муайянкунандаи ақидаҳои Фирдавсӣ даъват ба меҳнатдӯстӣ ва такмили доимии маҳорати худ, омӯхтани амиқу ҳаматарафаи илму ҳунар аст:

*Бимонад дуто ҷовидон як гуҳар,*
*Ҳунармандию донишу додгар.*

Ақидаҳои педагогии Носири Хусрав дар рисолаи фалсафии ӯ "Кушоиш ва раҳоиш" ифода ёфтаанд [11,451].

Дар ин рисола Носири Хусрав вобаста ба масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб андешаҳои файласуфона баён доштааст. Ба саволи аз ҷаҳолат чӣ гуна раҳо ёфт, Носири Хусрав чунин ҷавоб медиҳад, ки раҳоӣ аз ҷаҳолатро дар дониши маънавӣ бояд ҷуст. Зеро он, ба андешаи файласуф, бо меҳнати ҷисмонӣ зич алоқаманд аст. Мувофиқи назарияи Носири Хусрав, озодиро инсон тавассути хотираи солим ва ҷисми солим ба даст оварда метавонад. Ӯ менависад: "Бидон, дӯстам, раҳоии одамон ба дониши онҳо вобаста аст ва одамон донишро бо ду роҳ омӯхта метавонанд: қалб ва ҷисм". Ин ба инсоне монанд аст, ки ҳунар меомӯзад. "Ба инсони ҳунаромӯз, пеш аз ҳама, хотираи солим ва ҷисми солим лозим аст, то ин ки ҳунарро ҳаматарафа омӯхта тавонад".

Андешаҳои аслии педагогии Носири Хусрав дар асари назмии ӯ "Сафарнома" баён гаштаанд. Муаллиф дар ин асар дар қатори масъалаҳои ахлоқу одоб ва панду андарз ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ бештар медиҳад.

Ба андешаи Носири Хусрав, асоси некӯаҳволии давлатро деҳқонон ташкил медиҳанд ва ба шарофати меҳнати вазнини онҳо мамлакат бо неъмати бебаҳо – нон таъмин мегардад. Деҳқонон, ба таъкиди шоир, ҳаётбахши ҳамаи мавҷудот – инсон, ҳайвонот ва парандагон мебошанд. Ӯ чунин меҳисобад, ки калиди сарнавишти халқ дар дасти деҳқонон аст ва меҳнати онҳо сарчашмаи ҳаёт ба шумор меравад. Хуррамии ҷаҳон ба деҳқон вобаста

аст ва ба шарофати меҳнати ӯ хористон бӯстон мешавад. Шоир маҳз ба ҳамин хотир меҳнати деҳқонро васф менамояд:

*Беҳ аз санои олам деҳқон аст,*
*Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.*
*Зи сонеъ ройгон нафъе нахезад,*
*Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.*

Байтҳои шоир аҳамияти амиқи иҷтимоию педагогӣ доранд. Ин байтҳо ҷавононро дар рӯҳияи эҳтироми ҳамаи касбу ҳунарҳо тарбия намуда, онҳоро ба касбу ҳунаромӯзӣ ҳавасманд мегардонанд. Дар шароити зулму ситами асримиёнагӣ, вақте деҳқонон табақаи поёнии ҷамъият ба шумор мерафтанд, меҳнати деҳқон арзиши ночиз дошт. Замоне деҳқон "бандаи Худо ва подшоҳ воломақом" эълон гардид, "саробони мамлакат" эътироф гаштани деҳқон аз инсондӯстии зиёди Носири Хусрав дарак медиҳад. Шоир мувофиқати меҳнатро бо дарки ҳастӣ хеле муҳим мешуморад. Ин андешаҳо дар ҳикматҳои мардумӣ ифода ёфтаанд: «Укрась себя знанием, потому, что некрасив тот, кто украшен только парчой», «Стремись к знанию и прикрой свою слабую наготу».

Барои чунин хулосагирӣ дар шароити ҷаҳолатпарастии асрҳои миёна ҷасорати зиёд лозим буд, ки шоир чунин ҷасоратро нишон дод. Носири Хусрав танҳо одамонеро озоду хушбахт меҳисобид, ки бо меҳнати худ умр ба сар мебаранд. Ба ин тоифаи одамон ӯ косибону деҳқононро мансуб медонист.

Дар мулоҳизаҳои педагогии худ вобаста ба арзиши меҳнати ҷисмонӣ ва аҳамияти он барои ҷамъият Носири Хусрав танҳо бо васфи меҳнати деҳқон маҳдуд намешавад. Дар мисоли меҳнати косибон шоир соҳибихтиёрии иқтисодии онҳоро аз феодалҳо, поквиҷдонию ростқавлӣ ва саъю талоши онҳоро бахри дарёфти ризқи ҳалол ва танҳо бо меҳнати ҳалол таъкид менамояд. Ин ҷанбаи афкори Носири Хусрав дар замони муосир, вақте рафтори ношоиста дар байни ҷавонон зиёд ба назар мерасад, аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад:

*Беҳ аз санноъ ба гетӣ муқбиле нест,*
*Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.*
*Ба рӯз андар паи сомони хеш аст,*
*Чу шаб дар хона шуд, султони хеш аст.*
*Хӯрад хуш бо аёлу хешу пайванд,*
*Расад сад баркат аз касби ҳалолаш.*

Дар солҳои охири ҳаёт Носири Хусрав аз ақидаҳои фалсафии пештараи худ дар бораи тақсими меҳнат ба намудҳои фикрию ҷисмонӣ ва эътирофи афзалиятҳои намуди фикрии меҳнат канораҷӯӣ мекунад. Дар ин давра Носири Хусрав ҳамаи намудҳои меҳнатро баробар муҳим ва зарур шуморида, меҳнаткашонро ба такмили ҳамешагии ҳунару маҳорати худ ва ҷаҳоншиносӣ даъват менамояд. Зеро, ба андешаи шоир, дониш воситаи ягонаест, ки инсонро аз ҷаҳолат наҷот медиҳад:

*Бикун ту ҷаҳд, то дониш пазирӣ,*
*Ки нодон хезиву нодон намирӣ.*
*Бани одам агар раҳдон набудӣ,*
*Умураш бар ҳама ҳайвон набудӣ.*

Ақидаҳои педагогии олими барҷастаи асрҳои миёна, донишманди фозил, мутафаккир, табиб, файласуф ва шоир Абӯалӣ ибни Сино дар бораи тарзу усулҳои ташкил ва татбиқи тарбияи меҳнатии кӯдакон дар асарҳои гуногуни ӯ баён гаштаанд, аз ҷумла: "Ал-қонун фи-т-тиб", "Китоб-уш-шифо" ва хосатан дар "Рисолаи тадбири манзил". Дар ин асарҳо Сино дар қатори масъалаҳои асосии соҳаи тиб ба масъалаҳои тарбияи меҳнатии кӯдакон ва интихоби касб бештар диққат медиҳад.

Дар назарияи Сино оид ба тарбияи меҳнатӣ мавзӯи касбу ҳунар ва зарурати ҷамъиятии он аҳамияти хоса дорад. Ба ҳалли ин масъалаҳо ӯ аз нуктаи назари материалистӣ муносибат мекунад. Мувофиқи таълимоти Сино, пайдоиши касб дар ҷамъияти инсонӣ ба талаботи ҳаётии инсон ва ба муборизаи ӯ барои ҳастӣ вобаста аст. Ӯ менависад: "талаботи зарурии инсон барои зиндагӣ неруи ҳавасманкунандае буд, ки ӯро ба омӯхтани касбу ҳунар водор намуд" (7, 45).

Олим ҳангоми муайян намудани ҳадафҳои асосии омӯзиши касбу ҳунар низ аз нуқтаи назари материалистӣ тасдиқ мекунад, ки онҳо аз офариниши неъматҳои моддӣ барои ҳамаи ҷамъият иборат мебошанд ва бо ҳамин далел аҳамияти ҷамъиятии касбу ҳунарро таъкид менамояд.

Мутафаккир дар байни касбу ҳунарҳои замони худ косибӣ ва тоҷириро асосӣ мешуморад. Сино хосияти ҳар як касбу ҳунарро таҳлил намуда, ба чунин хулоса мерасад, ки косибӣ нисбат ба тоҷирӣ эътимоднокии бештар дорад. Барои таълиму тарбияи косиби хуб, ба андешаи Сино, ба хусусиятҳои муҳими зерин диққат додан лозим аст:

- ба фарзанд гузоштани номи зебо;
- интихоб намудани дояи солим ва оқилу донишманд;
- тарбияи дуруст ва мақсаднок;
- ба кӯдак ёд додани касбу ҳунар;
- интихоб намудани устоди муносиб, ки бо донишу маърифат ва эътиқоду виҷдон фарқкунанда бошад ва мувофиқати манфиатҳои ҷамъиятию инфиродии шогирдро таъмин карда тавонад (8, 147).

Дар назарияи Сино оид ба тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунар таълимоти ӯ дар бораи ташхиси касбӣ мавқеи хоса дорад. Ба таъкиди Сино, устод пеш аз оғози омӯзиши ҳунари худ ба кӯдак бояд ба солимӣ, рӯҳия, хотира ва қобилияти ӯ эътибор диҳад ва танҳо баъд аз ин мувофиқи маҳорату истеъдод ва шавқу ҳаваси касбу ҳунари ба ӯ ва ба ҷамъият заруриро интихоб намояд.

Барои ёд гирифтани касбу ҳунар, ба андешаи Сино, меҳнатдӯстии зиёди шогирд зарур аст. Меҳнат, мегӯяд олим, на танҳо фикрронии эҷодии кӯдакро мустаҳкам менамояд, балки онро инкишоф ва обутоб дода, кӯдакро ба ҳаёти мустақилонаи оянда омода месозад.

Таълимоти Сино дар бораи тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунар дар замони муосир аҳамияти зиёд дорад. Ба андешаи олим, ҷавони ҳунаромӯз барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худ ба як қисми музди меҳнат ҳуқуқ дорад, ки ин ӯро ба кори хуб ҳавасманд мегардонад. Ӯ ҳақиқатеро дарк менамояд, ки барои таъмини зиндагии хуб мунтазам ва софдилона меҳнат кардан лозим аст.

Ба осонӣ метавон мушоҳида намуд, ки Сино дар таълимоти худ оид ба тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунар ҷонибдори андешаҳои гузаштагон аст. Бо тарафдорӣ аз тақсими меҳнат ба ҷисмонӣ ва фикрӣ, Сино ба мисли мутафаккирони асрҳои гузашта чунин мешуморад, ки меҳнати фикрӣ хоси намояндагони синфи доро ва меҳнати ҷисмонӣ насиби халқи оддист. Дар таълимоти худ оид ба меҳнат ва тарбияи меҳнатӣ олим сабабҳои объективии нобаробарии иҷтимоии одамонро ба назар намегирад. Сино дар таълимоти худ чун фарзанди замони худ зоҳир мегардад, ки ҳама чизро ба иродаи Худо вобаста медонад. Чунончӣ, аз нуқтаи назари материалистӣ, зимни баррасии масъалаҳои иҷтимоию педагогии тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунар Сино шарҳи идеалистии сабабҳои ҷой доштани фарқро дар байни гурӯҳҳои касбу ҳунар пешниҳод менамояд.

Шоир ва мутафаккири забардаст Саъдии Шерозӣ аҳли захматро васф намуда, одамонро ба дӯст доштани ҳаёт ва ба таъмини рӯзгори шоиста бо меҳнати ҳалол даъват мекард. Ба шахси танбалу муфтхӯр нафрат дошт. Саъдӣ мефармояд:

*Чу мардон бубар рашъу роҳат расон,*
*Муханнас хӯрад дастранҷи касон.*

Ин мисраҳо баёнгари онанд, ки Саъдӣ аз ҳар як нафар талаб менамояд, то бо меҳнати худ ба дигар эҳтиёҷмандон ёрӣ расонад. Ин андеша дар мисраҳои зерин ифода ёфтааст:

*Бигир, эй ҷавон, дасти дарвеши пир!*
*На худро бияфкан, ки «дастам бигир».*

Сайидои Насафӣ, ба фарқ аз дигарон, одобу ахлоқ ва симои маънавии инсони меҳнаткашро ба табақаи тавонои ҷамъият муқобил мегузорад. Ба андешаи ӯ, меҳнат зеби инсон буда, инсони меҳнаткаш разил, сангдил, беинсоф шуда наметавонад, ӯ ҳатман олиҳиммат, сахӣ, меҳрубон ва, албатта, ба шарофати меҳнат инсондӯст аст. Яъне, Сайидо меҳнатро омили муҳимми тарбия, аз ҷумла тарбияи инсондӯстӣ мешуморад.

Дигар фарқи асосии ақидаҳои педагогии Сайидо аз он иборат аст, ки ӯ лутфу саховат ва муносибати инсондӯстонаро аз ҳокимон барои халқ дархост накардааст. Ӯ аз онҳо талаб

ва ҳамзамон онҳоро огоҳ мекард, ки аз бедодгарӣ, ноҳақӣ ва бераҳмӣ нисбат ба инсони меҳнаткаш даст кашанд, вагарна халқ аз онҳо рӯй гардонда, золимонро ҷазо дода метавонад. Дар "Баҳориёт" Сайидо бо хитоб мепурсад: "Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар?!" Ин аст ғамхорӣ, инсондӯстӣ ва огоҳии Сайидо, ки аҳамияти бузурги педагогӣ дорад.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар ҳикояҳои худ ба тарбияи меҳнатӣ ва интихоби бошууронаи касбу ҳунар диққат медиҳад. Ба андешаи Восифӣ, инсон бояд ба манфиати одамон меҳнат кунад ва дастгири эҳтиёҷмандон, ятимону бепарасторон ва камбағалон бошад. Дар тавсияҳои Восифӣ тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи эҳтирому дӯстдории меҳнат аҳамияти хоса дорад. Дар бораи аҳамияти интихоби касб сухан ронда, Восифӣ таъкид менамояд, ки ҳунармандӣ барои зиндагии шоиста шароитҳои мусоид фароҳам меорад. Ӯ ҷавононро бо касбҳои заргар, челонгар, рассом, ихтироъкор, ресанда, дӯзанда, сангтарош, танвингар, кишоварз ва ғ. ошно месозад. Ба андешаи Восифӣ, пеш аз омӯзондани ягон ихтисос ба шогирдон қобилиятҳои онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Зеро устод бе риояи ин талабот дар омӯзондани ихтисос ба шогирдон муваффақ намешавад. Тавре Восифӣ дар ҳикояи "Ёқут ва Ҳиндухоҷа" мефармояд, интихоби бошууронаи касбу ҳунар баъди омӯхтани ихтисоси интихобгардида мақоми инсонро баланд мебардорад. Агар кӯдак ихтисоси интихобгардидаро дар асоси шавқу ҳавас омӯзад ва дар кори худ муваффақ гардад, ӯ барои дигар ҳамсолони худ ба намунаи ибрат табдил меёбад. Ба туфайли чунин усули таълим Ёқут ва Ҳиндухоҷа ҳунарҳои хаттотӣ ва сохтани камони ҷангиро омӯхтанд, соҳиби ҷои кор шуданд, рӯзгори худро таъмин намуда, дар ҷамъият обрӯю эътибор ба даст оварданд.

Дар эҷодиёти Соиб масъалаи тарбияи меҳнатӣ мавқеи назаррас дорад. Ба андешаи ӯ, меҳнат шарти муҳимми ҳаёт ва сарвати моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонии инсон аст. Соиб одамонро даъват менамояд, ки ба меҳнат машғул шаванд. Зеро меҳнат сарчашмаи ҳаёт ва ҳамаи неъматҳост:

*Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,*
*Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.*

Ба андешаи Соиб, ҷаҳон арсаи бурду бохт буда, ҳар як нафар уҳдадор аст, ки дар ин арса барои таъмини зиндагӣ, некӯаҳволӣ ва хушбахтӣ талош варзад. Зеро ин беҳтар аз бекорист. Инсон бояд танбалиро канор гузошта, ба меҳнат рӯй орад:

*Ба матлаб мерасад ҷӯёи ком оҳиста-оҳиста,*
*Зи дарё мекашад сайёд дом оҳиста-оҳиста.*
*Ба Мағриб метавон рафт дар як рӯз аз Машриқ,*
*Гузорад ҳар кӣ чун хуршед гом оҳиста-оҳиста.*

Андешаҳои педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунар дар панду андарзҳои ӯ ба писараш Зиёвуддини Юсуф дар панҷ достони шоир баён гардидаанд: "Туҳфатулаҳрор", "Сабҳатулаброр", "Юсуф ва Зулайхо", "Лайлӣ ва Маҷнун" ва "Хираднomaи Искандарӣ".

Дар ин панҷ достони худ Ҷомӣ барои писари ягонаи худ Зиёвуддини Юсуф, ки дар миёни чор писари дигараш зинда монда буд, мехоҳад дастури ҳаёти ояндаро таҳия намуда, ӯро ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар ва ҳосил намудани маҳорату малака раҳнамун месозад.

Аз таҳлили асарҳои Ҷомӣ бармеояд, ки ӯ ҷонибдори тақсими меҳнат ба намудҳои фикрӣ ва ҷисмонӣ, эътирофи бартарии намояндагони табақаи ҳукмрони ҷамъият ва ба онҳо хос донистани меҳнати фикрӣ аст. (5.168)

Дар байни шоироне, ки сифатҳои наҷиби инсонро васф намудаанд, эҷодиёти адиб Ҳусейн Воизи Кошифӣ мавқеи назаррас дорад. Андешаҳои маънавию ахлоқии ӯ дар шакли саволу ҷавоб дар "Футувватномаи султонӣ" (74) ифода ёфтаанд. Ин асар ба андозаи муайян ҷамъбасти афкори педагогии халқи тоҷикро аз замони "Авасто" (асри VII то мелод) то давраи Ҷомӣ ва Биноӣ (асри XV) дар бар мегирад.

Ҷиҳати фарққунандаи андешаҳои Кошифӣ вобаста ба тарбияи ахлоқии одамон аз он иборат аст, ки ӯ меҳнатро ба намудҳо (фикрӣ ва ҷисмонӣ) тақсим намекунад. Барои ӯ

ҳамаи касбҳо муҳим ва заруранд. Талаботи асосии ӯ: ҳалолкорӣ, поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ ва доштани самимияту илтифот ҳангоми муошират бо одамон.

Чунин меъёрҳои асосии одобу ахлоқро ба назар гирифта, Кошифӣ хусусиятҳои дигар касбҳо – тарозубон, кишоварз, фурӯшанда, машкоб, қолинбоф, қиссагӯй, гӯштингир, ҳаммол, дорбоз, сеҳргар ва монанди инро муфассал тасвир менамояд.

Кошифӣ низ ба мисли дигар гузаштагони худ ҷонибдори вобастагии зичи илм бо амал ва назария бо таҷрибаи фаъолияти инсон аст. Ҳарчанд асарҳои Кошифӣ оҳангу тобиши сӯфиёна доранд, вале талаботи ба касбу ҳунар пешниҳоднамудаи адиб амалан имрӯз ҳам аҳамияти худро аз даст надодаанд.

Анъанаи баёни ақидаҳои инсондӯстӣ бо тобиши сӯфиёна баъди Кошифӣ дар эҷодиёти дигар шоирону олимон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷик, аз ҷумла дар осори асосгузори ҷараёни маорифпарварӣ, олими табиатшинос, файласуф, муаррих ва адиби маъруф Аҳмад Махдуми Дониш таҷассум ёфтааст.

Дониш тарғибгари фаъоли фарҳанги пешқадами рус буд. Ӯ мардуми худро ба дӯстӣ бо халқи рус ва ба омӯхтани забони русӣ даъват мекард. Самимияти худро нисбат ба Россия баён дошта, талош меварзид, ки таваҷҷуҳи насли наврасро ба омӯхтани дастоварду навовариҳо бедор намояд. Ӯ даъват мекард, ки насли наврас дар рӯҳияи эҳтироми илму дониш таълиму тарбия ёбанд ва шахсонеро, ки молу сарватро аз ҳама болою воло медонистанд, маҳкум намуда, озодӣ ва иззати нафсро арзиши олии инсонӣ меҳисобид.

Аҳмади Дониш аз худ мероси бои илмию адабӣ боқӣ гузоштааст, ки асарҳои табиатшиносӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва педагогиро дар бар мегирад.

Андешаҳои Дониш дар бораи интихоби касбу ҳунар диққатҷалбкунандаанд. Ин андешаҳоро адиби маорифпарвар дар асари "Наводир-ул-вақоеъ" асосан дар фасли "Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо" баён доштааст. Дониш дар бораи зарурати муносибати ҷиддӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда дар дастгоҳи Аморати Бухоро дар рисолаи "Таърихи сулолаи манғит" ва "Рисолаи сиёсӣ" низ мулоҳиза рондааст. Андешаҳои педагогӣ ва тавсияҳои ӯ вобаста ба интихоби касбу ҳунар панду андарзҳои адиб ба фарзандонашро дар бар мегиранд, ки дар фасли махсуси "Наводир-ул-вақоеъ" ҷой дода шудаанд. Дар ин қисми асар Дониш чун давомдиҳандаи анъанаҳои гузаштагони худ зоҳир гардида, мулоҳизаҳои маънавию ахлоқии худро дар шакли панду андарзҳо ба фарзандон баён менамояд.

Дониш дар тавсияҳои худ ба амир Музаффар зарурати таъсиси мақоми машваратӣ "мушоваратхона", яъне шӯроеро, ки аз ҳисоби ходимони босавод ва соҳибтаҷрибаи давлатӣ новобаста ба мансубияти иҷтимоии онҳо ташкил ёфтааст, талқин мекард. Ба андешаи Дониш, ҳангоми пешбарии номзадҳо ба кори дастгоҳи давлатӣ санҷиши сатҳи саводнокӣ, истеъдод, маҳорату малака, таҷриба ва дигар сифатҳои хоси онҳо ҳатмист. Танҳо баъди чунин санҷиш дар асоси хулосаи комиссияи ҳукуматӣ номзадҳоро бо тартиби зерин ба умури давлатдорӣ ворид намудан мумкин аст: зираку суханварро ба сафарот, далеру ҷасурро ба лашкар, шӯху зарифро ба мулозиматии амир, ҳисобдон ва поквиҷдону беғаразро ба хазина ва ғ.

Ин тавсияҳо далели онанд, ки Дониш бошуурона ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо қонунигардонии низоми ташхис ва интихоби касбу ҳунарро пешниҳод менамояд. Чунин тавсияҳоро адиби маорифпарвар дар мавриди ташкили кори мақомоти маҳаллии ҳокимият низ баён доштааст. Хусусан, Дониш талош меварзид, ки дар муассисаҳои таълимии Аморати Бухоро дар баробари фанҳои динӣ фанҳои дунявӣ низ таълим дода шаванд.

Панду андарзҳои Аҳмади Дониш ба фарзандони худ хусусияти анъанавӣ доранд. Ӯ дар асоси фармудаҳои Авасто ва Қуръон масъулияти таълиму тарбияи фарзандонро баён менамояд. Дониш мехоҳад, ки фарзандаш роҳбари маънавии халқ бошад. Ба андешаи ӯ, мақсад аз омӯхтани шариат на ба даст овардани мансаб, балки тарбияю роҳбарии одамон ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо бояд бошад. Дар назарияи Дониш вобаста ба касбу ҳунар нуқтаи назари гузаштагони ӯ, ки меҳнатро ба намудҳои фикрӣ ва ҷисмонӣ тақсим карда буданд, бартарӣ дорад.

Аз таҳлили панду андарзҳои Дониш ба фарзандон чунин хулоса ҳосил мешаванд:

Дониш дар шароитҳои асримиёнагии Аморати Бухоро тавонист, ки андешаҳои ояндабинона баён дошта, якчанд сарчашмаҳои муҳими касбу ҳунарро пешакӣ дарёбад, ба мисли: ташхиси касбу ҳунар, интихоби озодона ва бошууронаи касбу ҳунар, озмоиши касбу ҳунар ва ғ.

Дониш низ дар пайравӣ ба мутафаккирони Шарқ меҳнатро ба ду намуд – фикрӣ ва ҷисмонӣ тақсим мекунад. Ба намудҳои олии меҳнати фикрӣ ӯ илм дар бораи шариат ва ҳамаи илмҳоеро, ки симои маънавии инсонро ташаккул медиҳанд, мансуб медонад. Ба намудҳои оддии меҳнат ӯ ҳамаи намудҳои меҳнати ҷисмониро нисбат медиҳад.

Аз таҳлили андешаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик бармеояд, ки онҳо дар шароити ҷаҳолатпарастии феодалии асрҳои миёна доҳиёна масъалаи интихоби касбу ҳунар ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ, психофизиологӣ, ҷамъиятӣ ва умумидавлатии онро пешакӣ дарк карда тавонистанд. Ҳамзамон, омӯзиши андешаҳои педагогии онҳо далели он аст, ки теъдоди бештари онҳо дар масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касбу ҳунари ҷавонон ҷонибдори андешаҳои ирсият дар инкишофи инсон ва гузариши сифату хусусиятҳои муайян аз волидон ба фарзандон (аз насл ба насл) мебошанд.

Дар назарияи мутафаккирони тоҷик дар бораи меросӣ будани ҳунар, истеъдод ва дониш таъсири шароити зиндагии инсон ва муҳите, ки дар он инсон ташаккул меёбад, ба назар гирифта нашудаанд. Ба майлу хоҳиш ва соҳибихтиёрии кӯдак ҷиҳати интихоби ин ё он намуди меҳнат ё касбу ҳунар низ таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст. Маҳз ба ҳамин сабаб баъзе аз мутафаккирон бо таассуф ба соҳибихтиёрӣ зоҳир намудани кӯдакон барои интихоби касбу ҳунар ё намуди меҳнат муносибат мекунанд. Масалан, Рӯдакӣ чунин фарзандонро "бехирад" меномаду Фирдавсӣ хоси табақаҳо будани тақсими меҳнат ва меросӣ будани гузариши касбро аз падар ба писар талқин менамояд.

Новобаста ба он ки то куҷо чунин даъватҳои мутафаккирони тоҷик самаранок буданд, бояд эътироф намуд, ки онҳо дар панду андарзҳои худ дар бораи афзалиятҳои меҳнати ҳалол, хирад, илм, дониш ва касбу ҳунарҳои гуногун сухан ронда, кори бузурги тарбиявиро ба сомон расондаанд ва даъватҳои онҳо дар ташаккули инсони комил нақши муайян бозидаанд. Онҳо ақидаи мувофиқати зебоии ботинию зоҳириро васф намудаанд.

Мутафаккирони тоҷик дар такя ба неруи хирад ва иқтидори азими созандаи он бовар доштанд, ки агар сардори давлат подшоҳи доно бошад ва сатҳи саводнокии ҳамаи мардумро баланд бардорад, дар сохти мавҷудаи ҷамъият тарбия ва мувофиқати зебоии ботинию зоҳириро ба осонӣ метавон таъмин намуд. Онҳо орзу доштанд, ки бо ташкили дурусти тарбия ҷамъияти адолатпарвар ва хирадсолорро метавон бунёд намуд. Вале ин ҳама орзуе беш набуд. Онҳо бо орзуи худ дар бораи ҷамъияти адолатпарвар ва хирадсолор андешаю афкори пайравони сотсиализми хаёлӣ Томас Мор, Т. Кампанеллу, Р. Оуэн, Сен-Симон ва Ш. Фурйеро, ки тимсоли инкишофи ҳаматарафаю мутаносиби тарбияро на барои табақаи алоҳида, балки барои ҳама пешниҳод намуда буданд, пешакӣ сарфаҳм рафтанд. Маҳз ҳамин ҷиҳат бузургии мутафаккирони тоҷикро исбот месозад.

**АДАБИЁТ:**


1. Авеста. Избранные Гимны. Пер. с авестийского. Душанбе, «Адиб», 1990. с.176. с. 27.
2. Булгакова Н.Ф. Подготовка школьников к профессиональному самоопределению в процессе учебной и профессиональной деятельности. Автореферат КПН. М., 1984. с. 19.
3. Кадыров С. Политехнические основы профильной подготовки учащихся сельской средней школы Таджикистана. Душанбе, «Дониш», 1991.с.47.
4. Пословицы и поговорки народов Востока. М., 1961.
5. Психологические основы трудового воспитания школьников. М., 1988. с. 168.
6. Рудаки и его современники. Советский писатель. Ленинградское отделение. 1985. с. 52.
7. Сино А.(Абуали ибн Сино) Книга исцеления. В кн. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961.с.45.
8. Сино А.(Абуали ибн Сино) Трактат «О разумном устройстве жилья».
9. Фирдоуси. Похвала разуму. Душанбе, 1988. с.147
10. ХисравН. Избраннее. Сталинабад., 1954.
11. Хисрав Н. Освобождение и избавление. 4.1. Душанбе, «Ирфон», 1991. с. 451.

С. Н. Нуралихонзода

## НАҚШИ МЕҲНАТ ДАР ТАШАККУЛИ НЕРӮИ ЗЕҲНИИ ШАХС ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Дар маколаи мазкур меҳнат чун таъсири ҳалкунанда дар ташаккули шахси аз ҷиҳати зеҳнӣ инкишофёфта дар асарҳои мутафаккирони тоҷику форс инъикос ёфтааст. Мутафаккирон бо тарзҳои гуногун ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ диққат додаанд. Гурӯҳи якум андешаҳои худро вобаста ба ин масъала дар шакли тарбияи меҳнатӣ ва меҳнатдӯстӣ баён намудаанд, гурӯҳи дуюм ин масъаларо зимни тавсифи илму дониш баён доштаанд, гурӯҳи сеюм кӯшиш намудаанд, ки ин масъаларо ба таври хос омӯхта, асосҳои назариявӣ ва амалии тарбияи меҳнатӣ, аҳамияти ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ ва умумидавлатии онро муқаррар намоянд. Эътирофи аҳамияти иҷтимоию педагогӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва психофизиологии тақсими меҳнат ба намудҳои фикрӣ ва ҷисмониро дар мулоҳизаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи таълиму тарбия ва самти касбӣ бештар хос шуморидан мумкин аст.

***Вожахои асосӣ**: Мутафаккир, касбу ҳунар, мерос, меҳнат, мулоҳизаҳои маънавию ахлоқи, мулоҳизаҳои мутафаккирон.*

С. Н. Нуралихонзода

## РОЛЬ ТРУДА В ФОРМИРОВАНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА ЛИЧНОСТИ В ТРУДАХ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

В данной статье труд рассматривается как решающее влияние на формирование умственного развития личности в трудах таджикско-персидских мыслителей. Мыслители обратили внимание на проблему трудового воспитания по-разному. Первая группа излагает мысли, связанные с проблемой трудового воспитания и трудолюбия, вторая группа данную проблему связывают согласно описании науки и знания, третья группа стремилась изучить этот вопрос и его специфические особенности, а также устанавливать теоретические и практические основы развития труда, его общественную, социальную и общегосударственную значимость. Признавая социально-педагогическое, социально-экономическое и психофизиологическое значение разделения труда на мышление и физические формы, можно считать более конкретным в рассуждениях таджикских мыслителей в учебно-воспитательном процессе и в профессиональном направлении.

***Ключевые слова***: мыслитель, специальность (профессия), наследие, труд, моральные и этические мнения, мнения мыслителей.

S. N. Nuralikhonzoda

## THE ROLE OF LABOR IN THE FORMATION OF INTELLECTUAL (MENTAL) PERSONAL DEVELOPMENT IN THE WORKS OF TAJIK-PERSIAN THINKERS

In this article, labor is considered as a decisive influence on the formation of the mental development of personality in the works of Tajik-Persian thinkers. Thinkers drew attention to the problem of labor education in different ways. Thinkers drew attention to the problem of labor education in different ways. The first group sets forth thoughts related to the problem of labor education and industriousness, the second group connects this problem according to the description of science and knowledge, the third group sought to study this issue and its specific features, as well as to establish theoretical and practical foundations of the development of labor, its social, social and national significance. Recognizing the socio-pedagogical, socio-economic and psychophysiological significance of the division of labor into thinking and physical forms, it can be considered more specific in the reasoning of Tajik thinkers in the educational process and in the professional direction.vb

***Keywords:** thinker, specialty (profession), heritage, labor, moral and ethical opinions, thinkers' opinions.*

**Сведения об авторе: Нуралихонзода Саодат Нуралихон** - Заведующий отдела по делам молодёжи и женщин Управления воспитания и социального развития Таджикиского государственного университета коммерции индекс- 734024 г. Душанбе, улица Деҳоти 1/2 , E-mail: nuralikhonzoda 81@ mail.ru. Телефон 227-05-13 +(992) 985788514,

**About the author: Nuralikhonzoda Saodat Nuralikhon -** The Head of Department on youth and women leading education and development of Tajik State University of Commerce, index – 734055 Dushanbe, Dehoti st.,1\2, E-mail: nuralikhonzoda 81@mail.ru. Phone:227-05-13;+992985788514.

**Д. ЯРБОБОЕВА**

# ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ТАФАККУР

Ҷараёни ислоҳоти системаи таҳсилот дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити пешрафти илму техника ва технология ислоҳоти мактабу маориф яке аз омилҳои арзишманди маърифатнокии ҷомеъа гардида, саҳми он дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, пешрафти иқтисодии кишвар, сатҳи маърифатнокии ҷомеа ба маротиб меафзояд. Зеро насли донишманд ва дорои малака ва маҳорати баланд метавонад дар тараққиёти ҳамаҷонибаи кишвари хеш саҳми босазо гузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли ҷавон ва оядасози ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамоянд ва дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар дар бораи вазифа ва мақоми омӯзгор чунин баён доштанд: **«Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф месозем".**

Воқеан, мактаби муосир дар назди омӯзгор мақсад ва вазифаҳои нав, ба мисли такмили маҳорати касбӣ, истифодаи технологияи нави педагогӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, ташаккули қобилият ва истеъдоди эҷодии хонанда, ҳавасманд намудани толибилм ба худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ, густариши ҳамкорӣ, омӯзиш аз манбаъҳои иловагӣ, ташаккули салоҳиятнокӣ ва ғайраро мегузорад.

Такмили салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз истифодаи технологияи нави педагогӣ дар раванди таълим манша мегирад ва имрӯз омӯзгорони зиёд тавассути истифодаи он ташаккули фикрӣ ва қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро таъмин менамоянд ва ба ин васила ҳавасмандии хонандагонро ба омӯзиш ба маротиб зиёд мегардонанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд,ки омӯзгорони синфҳои ибтидоии гимназия барои бачагони лаёқатманди ноҳияи Рӯдакӣ дар фаъолияти худ аз усулҳои инноватсионӣ истифода менамоянд ва он ба ташаккули маърифатнокии илмию техникӣ, молик гардидан ба қобилияти андешаронии мустақилонаи хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат менамояд, аз ин миқдори зиёди толибилмон, ки таҳкурсии зарурии донишомӯзӣ доранд, мундариҷаи иттилоотро ҳифз мекунанд ва далелҳои мӯътамад дар исботи фикр пешниҳод месозанд.

Мавриди зикр аст,ки ҳар қадар омӯзгор дорои дониш ва маҳорати баланди педагогӣ бошад, ҳамон андоза шавқу рағбати хонанда ба омӯзиши фанни ӯ меафзояд. Масалан, ба гуфти нависандаи машҳури рус Лев Николаевич Толстой: «Агар ба воситаи илм маърифатнокиро баланд бардоштанӣ бошед, илмро аз худ кунеду дӯст доред ва дар ин сурат хонандагон ба шумо ва илматон дил мебанданд, лекин агар худатон онро дӯст надоред, ҳар қадаре ки ба омӯзиш хонандаро маҷбур насозед, он самара нахоҳад дод» .

Мушоҳида ва таҳлилҳои дарсҳои амалӣ низ собит месозанд, ки воқеан, агар омӯзгор дониши хуби назариявӣ (илмӣ), амалӣ ва маҳорати баланди касбӣ дошта бошад, ӯ метавонад бо истифода аз технологияи нави педагогӣ, аз ҷумла, шаклу усули муосири таълим меҳру муҳаббати фанни худро дар қалби шогирдон ҷой кунад ва ба рушди тафаккури онҳо заминаи воқеӣ гузорад. Масалан, баҳри рушди тафаккур ва инкишофи нутқи ифоданоки хонандагон омӯзгорон аз супоришҳои фаъолкунандаи раванди тафаккур, бозӣ, бахусус, бозиҳои дидактикӣ истифода менамоянд, ки дар баланд бардоштани шавқу завқи донишомӯзӣ саҳми арзанда доранд. Истифодаи мақсадноки онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ, таркиб, қобилияти фикронии хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат мекунад. Чунин бозиҳо дар синфҳои ибтидоӣ вобаста ба синну сол гузаронида мешаванд ва омӯзгорони зиёд имрӯзҳо аз он ба таври самарабахш истифода

мекунанд (бахусус,омӯзгорони синфҳои ибтидоии Гимназия барои бачагони болаёқати н.Рӯдакӣ).

Масалан: Бозии **«Эҷоди калима»** (мақсад: шинохти ҳарф, ҳиҷо ва калима, сохтани ҳиҷо ва калима, сохтани ибора, ҷумла ва матн);

Қадамҳо:

- Ба хонандагон чанд ҳарф (масалан: У, О, Д, М, А, Р, Н,) пешниҳод мегардад;
- Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад:

-аз ҳарфҳои пешниҳодгардида ҳиҷо созанд (масалан: аз ҳарфҳои Д+О= ҳиҷои ДО сохтан мумкин аст ва ғ.);

-аз ҳиҷоҳои сохташуда калимаҳо созанд (масалан: аз ҳиҷои ДО –

«Додар», аз РО – «бародар» ва ғ.),

Бозии «**Эҷоди матн**» **-** мақсад: рушди тафаккур ва инкишофи нутқи хаттӣ:

Вобаста ба мавзӯи дарс аз ҷониби омӯзгор чанд калима омода мешаванд. Хонандагон такя ба калимаҳои пешниҳодкардаи омӯзгор ҳикояи хурд тартиб медиҳанд. Дар ҳикоя (матн) калимаҳои пешниҳодшуда истифода мешаванд. Масалан, ба хонандагон чунин калимаҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

а) хона, бибӣ, бобо, духтарча, дарахт, гунҷишк, лона, барф, хунук;

б) роҳ, борон, калид, кулоҳ, киштӣ ва ғайра.

Чунин машқу бозиҳои дидактикӣ тафаккури мантиқии хонандаро рушд бахшида, нутқи шифоҳӣ ва хаттии ӯро такмил медиҳанд.

**Технологикунонии ҷараёни таълим** раванди инкишофест, ки ба баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, натиҷаҳои чашмдошт комёб гардидани хонандагон равона шудааст.

Мушоҳида ва натиҷаи дарсҳо дар синфҳои ибтидоӣ, ки бо истифода аз усули босифати таълим ба роҳ монда мешаванд, собит месозанд,ки дар ташаккули андешаи хонандагон аксарияти омӯзгорони эҷодкор, шогирдон ва волидайни масъулиятшинос ба дастовардҳои муайян комёб мегарданд, зеро хонандагон дар ин гуна дарсҳо ба фаъолияти мақсаднок ҷалб карда мешаванд. Ва ин омил боис гардидаст,ки миқдори дарсҳои анъанавӣ рӯз ба рӯз рӯ ба таназзул ниҳодаанд (натиҷаи мушоҳидаи дарсҳо, натиҷаи таҳлили пурсишномаҳои омӯзгорони Гимназия барои бачагони болаёқати н.Рӯдакӣ).

Ҳамзамон, баъзе умумият ва тафовути асосии технологияи таълим аз методикаи таълимро қайд намудан дар шароити татбиқи рӯзафзуни онҳо амри зарурист, ки инҳоянд:

1.Технология ва методика аслан ба ҳам тавъам ва хеле наздиканд. (баробарҳуқуқанд).

2.Технология банақшагирии пешакии натиҷаи таълим буда, онро тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба даст овардан имконпазир аст.

3.Методика нисбати технологияи таълим мафҳуми васетар арзёбӣ гардида, он метавонад чанд технологияро дар бар гирад.

4.Дар методикаи анъанавии таълим омӯзгор бештар нақши актёр (ҳунарманд)-ро мебозад. Вазифаи ӯ расондани ахбор аз китоб ба шогирд маҳсуб меёбад.

5.Дар технологияи нави педагогӣ омӯзгор ба кори коргардонӣ (режисёрӣ) машғул аст.

6.Дар раванди истифодаи технологияи нави таълим омӯзгор хонандагонро намеомӯзонад, балки фаъолияти онҳоро роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, ба ваҷд меорад, фаъолияти таълимии хонандагонро ба танзим медарорад, онҳоро бо супоришҳои фаъолкунандаи раванди тафаккур таъмин месозад ва ғайра.

7.Дар раванди истифодаи таҳсилоти анъанавӣ омӯзгор хонандагонро меомӯзонад (нақл мекунад, мавзӯро мефаҳмонад, ба саволҳо ҷавоб медиҳад, мисолҳо меорад, исбот мекунад, хонандагон аксаран бе заҳмати зиёд ҷавобро аз омӯзгор мегиранд ва ғайра).

**Нишондиҳандаҳои технологӣ будани таълим инҳоянд:**

- муайян кардани мақсадҳои таълим дар шакли натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда);

- пешниҳоди мазмуни маводи омӯхташаванда дар шакли системаи пайдар пайии мантиқии вазифаҳои маърифатӣ.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон собит месозад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ,иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз

танҳо бо дониш мусаллаҳ гаштан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад [6].

## АДАБИЁТ:


1. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно – воспитательного процесса. – М.: Просвещение, 1982.– 192 с.
2. Ильясов И. Критическое мышление: организация процесса обучения. Директор школы, 1995. № 2. С. 51.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020". Душанбе, 2012.
4. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018 ва 26.12.2019).
5. Чернова И.Г. Педагогическое наследие Л.Н.Толстого и педагогика начальной школы XXI века. Начальная школа. – 2010. - №6. – С. 10-12.)
6. М.Зиёев, Ф.Ниёзов, Ҳ.Ҷумъаева,М.Одилова. Роҳнамои фанни Забони модарӣ барои синфи 4-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, «Маориф»,2016, 256 саҳ.


**Ярбобоева Д.**

## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ

Автор статьи указывает, что в контексте научно-технического прогресса реформа школы и образования является одним из наиболее важных факторов в просвещении общественности и ее вкладе в защиту национальных интересов, экономического развития страны и уровень осведомленности общественности. Хорошо образованное поколение с высокими навыками и способностями может внести ценный вклад в комплексное развитие своей страны.

Утверждается что повышение компетенций учащихся начальной школы происходит благодаря использованию новых педагогических технологий в учебном процессе и многое нужно учителю сегодня использовать для развития интеллектуального восприятия и способностей учащихся, тем самым повышая интерес учащихся к обучению.

Автор указывает, что наблюдения уроков, проведенных в начальных классах с использованием современных методов обучения, показывают, что большинству учащихся, учителей и ответственных родителей удается сформировать познания учащихся.

***Ключевые слова:*** *образование, навыки, способности, развитие, интеллектуальное восприятие, наблюдение, интерес, познание.*

**Yarboboeva D.**

## MODERN TECHNOLOGY IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THINKING

The author of the article points out that in the context of scientific and technological progress, the reform of schools and education is one of the most important factors in educating the public and its contribution to protecting the national interests, economic development of the country and the level of public awareness. A well-educated generation with high skills and abilities can make a valuable contribution to the integrated development of their country.

It is argued that the increase in the competence of elementary school students is due to the use of new pedagogical technologies in the educational process and a lot is needed by the teacher today to develop the intellectual perception and abilities of students, thereby increasing students' interest in learning.

The author points out that observations of lessons conducted in primary grades using modern teaching methods show that the majority of students, teachers and responsible parents manage to form student knowledge.

***Key words:*** *education, skills, abilities, development, intellectual perception, observation, interest, cognition.*

**Сведения об авторе: Ярбобоева Д.Н.**-заместитель директора гимназии для одарённых детей района Рудаки

**Information about the author: Yarboboeva D.N.** - deputy director of the gymnasium for gifted children of the Rudaki region

Л. ШАРИФОВА

# ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ МУҲИМИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГӢ

“Рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва тандурустӣ омили асосии пешрафти ҷомеа, баланд шудани сатҳи дониш, маърифат ва солимии мардум мебошад. Бе ноил шудан ба ин ҳадафҳо мо наметавонем дар радифи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой ёфта, амнияти ҷомеа ва арзишҳои фарҳангии худро пуштибонӣ намоем”. Ин нуқтаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами кишвар дар яке аз вохериҳои худ бо зиёиёни кишвар баён намуда буданд. Мусаллам аст, ки мувофиқи тақозои замон барои амалӣ гардидани ин андешаҳо, дар баробари дигар фанҳо, фанҳои педагогика ва психология дар тарбияи насли ҷавон нақши муассир дорад. “Педагогика ва психология ду илме мебошанд, ки бо ҳам дар робитаи зич қарор дошта, бе пайвастагии онҳо раванди тарбияро дуруст ва ба таври илмӣ ташкил намудан ғайри имкон аст. [9, с.4 ]. Педагогика ҳамчун илм дар бораи тарбия вазифадор аст, ки ба таври аниқу равшан муайян намояд, ки чӣ тавр таъсири тарбиявиро ба шахсият бояд ташаккул диҳад, аз чӣ шаклу усулҳо бояд истифода бурд. Яке аз муаммоҳои илми педагогика масъалаи шахс ва инкишофи он дар ҷомеа мебошад. Доир ба ташаккул, инкишофи шахс фикрҳо мухталифанд. Аз нигоҳи Л.С. Виготский шахсияти инсон , ин низоми комили психикӣ мебошад, ки вазифаву амалҳои муайянеро иҷро менамояд ва дар ниҳоди инсон барои он ба вуҷуд меояд, ки амалҳоро иҷро намояд. Ҷабҳаҳои мухталифи шахсият танҳо зимни фаъолият ва муносибаташ бо одамони дигар ошкор мегардад. Ба андешаи коршиносон аз реи татқиқотҳои илмӣ масъалаи шахс ҷустуҷеи таносуби омилҳои табии (биологӣ, генетикӣ) ва иҷтимоӣ ҷой дорад, ки ба ташаккул ва инкишофи шахс таъсири зиёд мерасонад. Аз рӯйи тадқиқотҳои илмӣ рафтори инсон ба инстинг (ғариза), талаботи табиӣ ва сарчашмаҳои е вобаста мебошад, ки бо мурури замон ё иваз гардида ё ин, ки нест мешавад. Ба андешаи дигар инсон мавҷуди биологӣ аст ва дар тули зиндагӣ зери таъсири муошират ва муносибат бо гуреҳҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад. [10, с. 14].

Чи тавре, ки маълум гардид, рукнҳои таълиму тарбия дар ҳамбастагӣ дар доираи муҳити оилавӣ ва дар ҷомеа рушд менамояд. Масъалаи ташаккул додани ҳисси масъулият, худшиносӣ некию накӯкорӣ асосан дар се ниҳод оила, мактаб ва ҷомеа амалӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба масъалаи ташаккули шахсият махсусан ҷавонон ва наврасон диққати ҳамаҷониба дода мешавад. Аз ҷумла қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф ” “Консепсияи миллии тарбия ” Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” моро водор менамояд, ки нисбат ба фаъолияти худ ҷиддӣ муносибат намуда, дар таълиму тарбияи солими наврасону ҷавонони давлати соҳибихтиёрамон бетараф набошем . Инсон дар иҷтимоикунонӣ тарзи танзиму идоракунии ҳар як амали худ меъёрҳои маънавӣ ахлоқиро меомӯзад. Ин меъёрҳо қоидаҳои расмие мебошанд, ки инсон дар шароитҳои гуногун чӣ гуна бояд рафтор намояд.

Тарбия – падидаи иҷтимоӣ, рӯҳӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ буда, бахри батанзимдарории ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди ҷамъият хизмат менамояд. Тарбия ба маънои махсуси педагогӣ, раванди натиҷаи мақсадноки таъсиррасонӣ ба инкишоф, муносибат, хислат, сифат, ақида, эътиқод, тарзи рафтори шахсият дар ҷомеа мебошад. Воситаи муҳимтарини тарбияи ахлоқию маънавӣ истифодаи идеалу ормонҳои ахлоқӣ мебошанд, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ин бахш махсусан таърихи фарҳанги тоҷик намунаҳои ибратомӯзи зиёде дорад. Чун қоида тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, дар чаҳорчубаи ҷаҳонбинии башардӯстона ҳамчун низоми умумии назариёту эътиқодҳо ташаккул меёбад ва инсон муносибати худро ба гирду атроф муайян месозад. [4. саҳ. 84].

Ташаккулёбии инсон – инкишофи фард, ки тавассути таъсири омилҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, идорашаванда ва табиӣ рух медиҳад, дониста мешавад. [10.с,10]. Ташаккули шахсият, ин ҷараёни дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ буда, бо ду намуд зоҳир мегардад. Якум инкишофи ҷисмонӣ, дуюм тағйиёбии руҳӣ – психологӣ, Ташаккули маънавӣ – ахлоқӣ аз омилҳои ирсият ва муҳит низ вобастагӣ дорад. Зери маҳфуми инкишофи рушдӣ зеҳнӣ

(психологӣ), ирода, эҳсос, инчунин талабот қобилият ва феълу атвори шахс фаҳмида мешавад. Инкишофи ҷисмонӣ рушди организм: мушакҳо, қаду қомат, гардиши хун, мутаҳаррики банду буғумро ифода мекунад. Инкишофи рушди муштараки руҳиву ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва дигар ҷиҳатҳои шахсиятро фаро мегирад. Дар ташаккулёбии шахсият шароити гуногуни берунӣ, аз ҷумла, муҳити географӣ, иҷтимоӣ мактабӣ ва оилавӣ таъсир мерасонад. Чи тавре, ки қайд гардид, инсон маҳз дар ҷараёни иҷтимоӣ, яъне равобити ҳамкорӣ бо дигар одамон шахсият мегардад. Ҳисси масъулият баланд гардидани маданият, омезиши тарзи ҳаёти дигарон, касро водор менамояд, то ин ки рафтору гуфтори хешро таҳлил намояд. Бидуни ҷамъияти иҷтимоӣ, дорои инкишофи маънавӣ, ҷамъияти психологӣ шудан ғайриимкон аст. Ба андешаи коршиносон "Одамро ҷомеа одам мегардонад." Инсон, ки худ ҷузъи таркиби ҷамъият аст, наметавонад аз он берун бошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шахсиятҳои дорои истеъдоди муайян ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд. Албата ин дар натиҷаи кӯшишу талоши худи инсон сурат мегирад. Шахси соҳибистеъдод, низ бояд пайваста аз болои худ кор кунад. Ҳар як шахс бояд дар зиндагӣ мақсад дошта бошад. Барои амалӣ гардидани мақсадҳо талошу кӯшиш намудан лозим меояд. Бисёре аз одамон дар ниҳоди хеш истеъдодҳои ирсӣ дорад, ки дар натиҷаи инкишоф додани он ба мақсади муайян мерасанд. . Агар шахс тамоми шароитро дошта бошаду имкониятҳо мусоид бошад, вале худи инсон кӯшиш накунад, истеъдод пӯшида мемонад ва инкишоф намеёбад. Барои равшан намудан, сайқал додани истеъдод шароити хуб, муҳит, ҷои зист, тълимгоҳҳо роли аввалиндараҷа доранд. Бедории зеҳнӣ пайдоишу маҳорату истеъдод, малака ва ташаккули шахсияти ҷавонону наврасон алалхусус донишҷӯён аз муҳити таълимгоҳ ва маҳорати касбии омӯзгорон вобастагии зич дорад. Омӯзгороне, ки фанни худро хуб медонанд ва онро ба донишҷӯён расонида метавонанд, ҳамзамон бо донишҷӯён муомилаву муносибати санҷида доранд, ба мақсадҳои назаррас ноил мегарданд. Чӣ тавре ки дар боло зикр ёфт, дар ташаккули маънавӣ – ахлоқии донишҷӯён, муассисаи таълимӣ ва нақши омӯзгор бориз аст. Ба қавли муҳақиқи илми педагогика К.Д. Ушинский "Муаллим бояд на танҳо омӯзгор бошад, балки ба сифати психолог баромад кунад."(9, с. 26)

Имрӯзҳо барои ҷалби ҷавонон дар Тоҷикистон даҳҳо коллеҷҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои олию касбӣ қад афрохтаанд, донишҷӯён дар баробари андухтани донишҳои зарурӣ касбу кор ва ҳунарҳои гуногунро меомезанд . Қайд намудан ҷоиз аст, ки баҳри равнақу ривоҷи касбии ҷавонон тамоми шароит фароҳам гардида, аз ҳисоби омолимони ҷавон, ки қариб 70 % - и онро омӯзгорон, олимони ҷавон ташкил медиҳанд, ҷалб гардидаанд. Донишҷӯёне, ки аз минтақаҳои гуногуни кишвар дар муассисаҳои таълимии шаҳр ҷамъ меоянд зери таъсири муносибату муомилаи якдигар табдили ахлоқу одоб, гуфтору рафтор ва пешиши либос менамоянд. Ҷавонон пеш аз ҳама тақлидкории зоҳириро меписанданд.

Бояд гуфт, ки ҳам намуди зоҳирӣ ва ҳам фаҳми ботинии омӯзгор ба ҷавонон таъсири зиёд мерасонад. Олимон дорои нерее мебошанд, ки тавассути он инкишофи ҷамъият ва ташаккули симои маънавии инсон таъмин мегардад. Илмро пеши устоди комил бояд омехт Ба андешаи муаллими ахлоқ Саъдии Шерозӣ илму донишро туфайли баҳс метавон инкишоф бахшид "Се чиз бе се чиз пойдор намемонад; мол бе тиҷорат, илм бе баҳс, ва мулк бе сиёсат."Муаллим бояд сахтгиру серталаб ва дар одоби муошират намуна бошад. Илму ҳунар зимни таълиму тарбия ба даст меояд. Омезгорони бомаҳорат дар тарбияи ахлоқии шогирдон дар баробари омезиши фанҳои муосир аз хазинаи афкори педагогию фарҳангии пурҳикмати класиконӣ форсу тоҷик, ва шинохти суннат ва анъанаҳои неки ниёгон, ки маҳз барои ташаккули шахсияти насли ҷавон гуфта шудаанд моҳирона истифода менамоянд, зеро ҳар нафар бояд гузаштаи хешро омезад. Ба андешаи муҳақиқи соҳа Гулмадов Ф "Ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти пешқадамаш дар тамаддуни башар бозшинохта мешавад.» [2, с.229].

Бо мақсади амалисозии тарбияи маънавӣ - ахлоқии донишҷӯён, ки ба хусусиятҳои рушди маънавиёти донишҷӯён асос ёфтаанд, омезгорону дастандаркорон бояд бо ҷузъҳои зер мусаллаҳ бошанд:

– доштани малака ва қобилияти зарурӣ барои иштирок дар фаъолияти муштарак бо волидон;

– донишҳои зарурии педагогӣ- психолоӣ дар доираи методу усулҳои хос;

– ошно гардидани донишҷӯён бо ҳайёти ахлоқию маънавии муосири тоҷик дар қиёс бо дигар халқҳо ва методикаи истифодаи ин анъанаҳо дар тарбияи маънавӣ ахлоқии донишҷӯён.

Раванди педагогӣ – ин фаъолияти махсус , мақсадноку муташаккил ва муштараки омезгору хонандагон мебошад, ки ба ҳалли вазифаҳои ҳарреза равона гардидаанд. (4. с, 19) Тарбия ва таълим дар як самт ҷой доранд, таълим дар баробари тарбия ба рушду инкишофи шахсияти инсон равона гардидааст

Мақсади таълиму тарбия иборат аст аз маҷмуи талаботи ҷамъият ва ташаккули чунин сифатҳои шахс , ки ба е имкон медиҳад мустақил вориди муносибатҳои ҷамъиятӣ шавад ва фаъолияти барои ҷамъият зарурро интихоб намояд. Мақсади таълиму тарбияро ба сифати ҳаракаткунандаи илмҳои равоншиносӣ – педагогӣ ва амалии маълумот бояд баён намуд. ( 4.с, 17) Дар коллеҷҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани ҳисси маънавӣ – ахлоқии донишҷӯён як қатор тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки аз иштироки фаъоли донишҷӯён дар он ва баҳсу талошҳо, натиҷаҳои самаранок реи кор меоянд. Аз ҷумла;

-ташкил намудани семинару конфронсҳо ва мизҳои мудаввар бо иштироки васеъи донишҷӯёну олимону донишмандони соҳаи маориф ва фарҳанг.

- ҷалби донишҷӯён ба макотиби олии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар, инчунин тарзи ҳаёти солими наврасону ҷавонони болаёқат ва дастгирии онҳо аз тарафи масъулон .

- намоиш додани дастовардҳои ихтироъкорӣ ва эҷодию кашфиётҳои илмӣ техникӣ.

- пешгирӣ намудани донишҷӯён аз ҳар гуна падидаҳои номатлуби ҷомеа ва ҷалби онҳо ба чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ ва дигар барномаҳои махсус ва асноди дигари раҳнамою ҳидоятнамо таҳия гардидаву мавриди тадбиқ қарор дода мешаванд.

Оғози зиндагӣ барои одам нисбат ба ояндааш хело муҳим аст, пайраҳае, ки ӯ бояд ҳама умр тай намояд аз кӯдакӣ оғоз мегардад. Аввалин устоду рҳбаладии зиндагӣ падару модар ва баъд, омӯзгор мебошанд, эшон ҳар усулеро, ки дар таълиму тарбияи кӯдак истифода мебаранд, бояд мақсаднок бошад. Донишҷуёне, ки дар оила рукнҳои одии инсонӣ ба монанди ҳурмату эҳтиром, некию накӯкирдорӣ, одоби хуби муоширатт, росткорию ростқавлиро омӯхтаанд, дар муассисаҳои таълимӣ бо онҳо кор бурдан осонтар аст. Чӣ тавре ки қайд гардид, дар ташаккули тарбияи маънавӣ ахлоқии донишҷӯён нақши муаллим бориз аст, зеро ҳар як ҳаракати омӯзгор аз чашми таълимгиранда пинҳон намемонад. Доир ба ин мавзӯъ Педагоги машҳури рус В.П. Вахтеров ба чунин хулоса омадааст: “Ҳар падару модар ва ҳар муаллим дар ташаккули тарбияи фарзанд ҳамчун асбоби аёнӣ хизмат мекунад.” (10 с.8). Ба ҳар як сухан, ҳар як ишора, ҳар як амали шахси арзанда донишҷӯён тақлид менамоянд. Баъд аз муҳити оилавӣ муҳити таълимгоҳҳо меистад. Дар Муассисаи таълимӣ роҳҳоро барои донишандез омӯзгор месозад, агар роҳҳо дуруст интихоб гардад, тамоми мушкилиҳо ба осонӣ ҳалли худро меёбанд, ва шахс метавонад тамоми монеаҳоро ба осонӣ паси сар намояд. Бояд гуфт, ки соҳибихтиёрии давлат дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии он – сиёсат, иқтисодиёт фарҳанг таҷассум меёбад, муассисаи таълимӣ , ки рукни асосии он мебошад, бар пояи маданияти миллӣ, бо забон, таъриху анъанаҳои мардумиаш арзи вуҷуд мекунад. “Мактаби миллӣ ҳамчун муассисаи таълимию тарбиявии ҷомеа уҳдадор аст, ки дар афрӯхтани нури маърифат, ахлоқи маънавӣ ва инкишофи шахс ба методология такя намояд, ки табиату ҷамъият, ҳастии моддию маънавиро на дар қолабҳои шахшуда, балки дар тағйироту таҳаввулот маънидод кунад ва дар фалсафаи пешқадами мардуми бумию умумибашарӣ бархурдор бошад. ” [3. с.157],

Тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ дар ташшакули шахсият нақши бағоят бузург мебошад, зеро маҳз бо туфайли он аз ботини инсон хислатҳои нописандида, ба монанди; тамаъдорию ҳасадхӯрӣ, хиёнат, макру фиреб, бухлу кина ва дигар хислатҳои ношоиста дур гардида, замири инсонро ба парҳезкорию қаноат, инсофу адолат, шарму ҳаё раҳму шафқат ва дигар хислатҳои писандида парвариш медиҳад. Барои дар ботини донишҷӯён ҷо намудани хислатҳои нек ва дар ниҳоди онҳо парваридани тухми некӣ, омӯзгор бояд тамоми маҳорати хешро истифода намуда, ҳар як рафтори донишҷӯро зери назар дошта бошад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки инсон нововаста ба синну сол барои баҳои нек гирифтан

ниёз дорад. Чунин хислатҳо аз оила сарчашма гирифта тамоми умр дар ниҳоди инсон боқӣ мемонад. Масъалан волидон барои амали нек кӯдакро ситоиш ва барои амали бад сарзаниш менамоянд. Омӯзгори ботаҷриба бояд ҳар як рафтору кирдор, қобилияти донишҷӯро омӯзад ва дар асоси он тадбирҳои судманд андешад. Дар коллеҷҳои техникӣ, барои баланд бардоштани тарбияи ахлоқӣ-маънавии донишҷӯён ғайр аз соатҳои тарбиявӣ як қатор чорабиниҳо ва дастурҳои тарбиявӣ ахлоқӣ барномаи корӣ ва низомномаҳо ба роҳ монда шудаанд, ки аз рӯи он масъулон пайваста амал менамоянд.

-риояи қоидаи донишҷӯ;
-риояи одоби салом;
-риояи меъёри ахлоқӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
-ташаккули сифатҳои маънавӣ –ахлоқӣ дар ҳаёти донишҷӯён;
- истифодаи бомавриди телефони ҳамроҳ;
-истифодаи дуруст ва мақсадноки интернет;
- ташвиқи донишҷӯён ба хондани китобҳои бадеӣ;
- ҷалби донишҷӯён ба тарбияи маънавию ҷисмонӣ;
- баргузории чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ;
- суҳбату вохӯриҳо бо олимон.

Воқеан, барои ташаккули мънавӣ ахлоқии насли ҷавон, ҳеҷ кас чун омӯзгор таъсири маънавӣ расонида наметавонад, зеро ҳар як ҳаракат ва рафтору гуфтори омӯзгор барои донишҷӯ намунаи ибрат мебошад. Яъне барои тарбия ва ташаккули ҷавонони ҳаматарафа инкишофёфта саҳми мактабҳо ва омӯзгорони соҳибихтисос бениҳоят зарур аст. Агар омӯзгор худ аз лиҳози илму маънавиёт ғанӣ набошад, ӯ шогирди хуб тарбия карда наметавонад. Дар ин маврид А.Дистервег қайд намудааст: “Касе ба касе чизе дода наметавонад, ки агар худ онро надошта бошад”, ё ҳикмати маъмули халқ аст, ки; “Устод чи гуна шогирд намуна .” Сифати шогирд дар ҳама давру замон аз устод, донишу маҳорат, ташаббус ва эҷодкорӣ, масъулият ва касбшиносии е вобаста аст.

**АДАБИЁТ:**


1.Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. Замимаи маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа» Байзоев А.М. Душанбе 2007.

2.Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон. – 2014, 262 с.

3.Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов А. А. Расулов А.Б. Қодиров Қ.Б. Афзалов Х.С. Душанбе, 2011 (184 саҳ)

4.Қодиров Қ. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. Душанбе, 2012. – 240 с.

5.Қоидаҳои педагогӣ “Империал – Груп ” ш.Душанбе 2017 с.100.

6.Лутфуллоев М. Эҳёи педагогики Аҷам. – Душанбе, 1997. – 150 с.

7.Макаренко А.С. Книга для родителей Пед. Соч. в 8-мит. Т5/А.С. Макаренко А.С. – М. Педагогика , 1985- С.7-261.

8.Маҳкамов Дастам, Нодиров Баҳриддин. Вазорати маорифи ҶТ. Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогӣ. Душанбе – 2007 с,3 -36.

9.Муҳҳаммадҷон Шукуров « Мактаби одамият». М. Шукуров Душанбе Адиб 1991. С.3-268.

10.Педагогика ва Психология. Миралиев А.М., Далатов М. Душанбе “Ирфон”-2007.

11.Педагогикаи шавқовар Аҳмадов Тошпулод. Ашурова Дилором. Душанбе – 2011 (саҳ 3-213)

12. Раҳмонов Э.Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва
наҷоти миллат. Душанбе, 2006.-108с.

13.Раҳмонов Б, Нуров А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик. Монография / Б.Раҳимов, А. Нуров Душанбе: Ирфон. – 2008. -269с.

14.Садои Шарқ, нашриёти Миллии адабии иттифоқи нависандагони Тоҷикистон №2, соли 2017. С, 3-158.

15.Садои Шарқ, нашриёти Миллии адабии иттифоқи нависандагони Тоҷикистон №2, соли 2017. С, 3-158.

**Шарифова Лайлӣ Абдуллоевна**

## ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ – АХЛОҚӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ МУҲИМИ ПЕДАГОГӢ – ПСИХОЛОГӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур роҷеъ ба аҳамияти арзишҳои маънавӣ – ахлоқӣ ҳамчун проблемаи асосии педагогӣ – психологӣ дар раванди корҳои тарбиявиро зарур шуморида, барои тақвияти андешаҳо аз сарчашмаҳои мухталиф мисолҳо овардааст. Муаллиф ҷанбаҳои мухталифи ташаккули шахсиятро танҳо зимни фаъолият ва муносибаташ бо одамон медонад. Ба андешаи Е тарбияи маънавӣ ахлоқ дар ташаккули шахсият нақши асосӣ дошта, бо туфайли он аз хислатҳои нописандида, ба монанди; ҳасудхерию тамаъдорӣ, макру фиреб, бухлу кина аз замири инсон дур гардида дар дар ниҳоди шахс парҳезгорию қаноат, инсофу адолат, шарму ҳаё, раҳму шафқат ва дигар хислатҳои писандидаро парвариш менамоя.

***Калидвожаҳо:*** *психология, тадқиқоти илмӣ, тарбияи ахлоқию маънавӣ, афзалият, раванд, меъёрҳои маънавӣ.*

**Шарифова Лайли Абдуллоевна**

## ФОРМИРОВАНИЕ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ-ВАЖНАЯ ПРОБЛЕМА ПЕДАГОГИКИ И ПСИХОЛОГИИ

В данной статье автор говорить о важности моральной и духовной ценности и рассматривает их как главную проблему педагогики и психалогии и важность их в воспитательной работе и привел примеры из разных источников, чтобы поддержать её точку зрения. Автор считает что другой аспект личной информации приходит только через общение. Полагает что духовное и маральное качество имеет первостепенное значение и избегают неприёмлемых добродателей как: зависть, обман, гнусость и ненависть и развивают приёмлемое стремление такое как: избегание удовлетворённость , справедливость, застенчивость, доброта и тд.

***Ключевые слова:*** *формирование человека, фармирование мысли, педпгогический, психологический, воспитательная работа, духовна нравственные качества, развытие , прргессия, духовная мера.*

**Sharifova Layli**

## FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES AS THE IMPORTANT PROЙLEM OF PEDAGOGICS AND PSYCHOLOGY

The author script in this article aйout the importance of moral and spiritual value and considered them as the main proйlem of pedagogics and psychology and the importance of them in educational work and йrought examples from different source to support her point. The author йelieves that the different aspect of personal formation comes only through communication. She assumes that the spiritual and moral quality has primarily role in the personal formation and once avoid from unacceptaйle virtue such as: enviousness, deception, meanness, and hearted and would develop an acceptaйle quality such as: avoidance, contentment, justice, shyness, kindness, and so on.

***Keywords:*** *Formation of man, thought formation, pedagogic, psychology, educational work, spiritual and moral qualities, development, process, spiritual norm.*

**Сведения об авторе: Шарифова Лайли Абдуллоевна** - соискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана

**Information aйout the author: Sharifova Laili Aйdulloevna** - applicant of Institute of development of education named Jomi Academy of education of Tajikistan

**Б. МУХИДДИНЗОДА**

# К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ОСНОВАНИЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ВИЗУАЛИСТИКИ В ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ

Освоение мира осуществляется непременно в эстетической форме, все виды человеческой деятельности, при всем их историческом и национальном своеобразии, подчиняются эстетике, а значит, не могут быть ни совершены без эстетического начала в человеке, ни осмыслены без определенных эстетических знаний. В современную эпоху отмечается усиливающаяся тенденция к эстетизации бытия, придания все большей важности и ценности чувственно воспринимаемым качествам предметом и деятельности, их соответствия определенным эстетическим нормам. В науке вопросы эстетических свойств окружающей человека предметной среды, его деятельности, остаются малоизученными.

Важнейшим эстетическим свойством предметов выступает их форма и цвет, которые оказывают разнообразное воздействие на чнеловека.

Формирование представлений о значении визуальной образности в педагогическом процессе охватывает все этапы исторического развития педагогики как науки, с древнейших времен до современности. Современная педагогическая визуалистика основывается не только на накопленном практическом опыте и педагогических знаниях о роли пространства и цвета в методике преподавания и организации учебного процесса, но и на общефилософских представлениях об этой роли в бытии человека и процессе формирования его личности.

Внимание к проблематике пространства и времени, их эстетическим качествам, является неотъемлемым для философских учений всех исторических этапов философской мысли. Последнее и является предметом настоящей статьи.

В современной науке можно выделить 3 исследовательских направления, парадигмы визуалистики, как отрасли межпредметного научного интереса, – «культурные исследования», «визуальную культуру» и «визуальные исследования». Появление направления «культурных исследований» относится к 50-м годам 20 века и связанно с деятельностью английских ученых Р. Хоггарта, Р. Вильямса и С. Холла. Их специфика заключается в намерении «комбинировать историческое письмо и социальный интерес»[2]. В центе их исследовательского внимания находятся такие сложные явления современной культуры, как кино, гендерные практики, телевидение. В 90-е годы, в Америке, формируется направление, которое получило название «визуальная культура», обращающее внимание на социологическую проблематику визуальных аспектов культуры.К этой парадигме относятся многие работы таких исследователей, как Н. Брайсон, К. Дженкс, М. Штуркен, Л. Картрайтс. Еще один концептуальный подход возник во второй половине 1990-х годов. Это направление получило название «визуальных исследований». К этому направлению относятся такие исследователи, как Т. Митчелл, Н. Мирзоев, М. Диковицкая, Д. Элкинс.

Широко представленным в современной философии мнением выступает представление о том, что одним из основных трендов современности выступает слом господствующей парадигмы социальной коммуникации, основанной на письме и чтении. На смену искусству влиять на мысли и поведение людей понятиями и рациональными аргументами, приходит техника воздействия, основанная на образах. В современном мире все большее информационное значение приобретают иллюстрации и картинки, а главным источником информации и эстетических ценностей выступает телевидение и Интернет.

Античная философия предложила первую в истории философии попытку объяснения визуального мировосприятия. Она связана с именами Сократа, Платона, Филона Александрийского, Плотина. Характерным для античной визуалистики выступает стремление воспринимать и создавать «картины мира» не столько физическим, сколько интеллектуальным зрением, «умно» осваивать образность идеальной и материальной сторон бытия . По мнению А. Ф. Лосева, «характерными особенностями античного

---

[2]. Elkins J. Visual Studies. A Skeptical Introduction / Elkins J. – New York : Routledge, 2003. – 231 p. -P.2

мышления (в том числе и визуального античного мышления) являются его космичность, скульптурность, «изваянность», его намерение « выпукло» и «объемно» изображать мыслительные конструкции»[3].

Античная визуалистика получила свое наиболее полное отражение в работах Платона (428/7 г. до н.э. – 347 г. до н.э.), – «Теэтет», «Государство» и «Тимей». В диалоге «Теэтет» визуальная тематика представлена как концептуализация восприятия. Для этого Платон использует метафору «восковой дощечки», находящейся в человеческих душах: «у кого -то она побольше, у кого -то поменьше, у одного – из более чистого воска , у другого – из более грязного или у некоторых он более жесткий, а у других помягче»[4].

В диалоге «Государство» Платон развивает концепцию умозрения, авторство которой приписывается им Сократу. «Существеннейшая функция ума собственно и состоит в усмотрении блага (того, что благо есть). Ум, прежде всего, есть способность непосредственного восприятия, можно сказать, зрительная способность ( умо -зрение ). Ум – это способность видения, но предметов особого рода . Ум видит, например, благо так же, как чувственный глаз видит тот или иной цвет. Тот, кто обладает слабым умственным зрением, не будет видеть, что есть добро, и окажется не в состоянии отличить его от зла»[5]. Отталкиваясь от сократовской теории умозрения, Платон выясняет, почему некоторые люди способны созерцать эйдос интеллектуальным зрением, другим приходится ограничиваться видением физического мира телесными глазами.

Можно сказать, что платоническую и неоплатоническую традиции умозрения объединяет стремление созерцать внематериальные, духовно - световые реальности, удостоверяемые не телесными, а умственными, духовными глазами. Как Платон, так и Плотин были абсолютно убеждены в том, что визуальные практики умозрения Божества могут быть доступны лишь тем, кто ведет подвижническую жизнь, кто борется с низменными страстями и преобразовывает свою душу, подготавливая ее к зрительному контакту с Божеством. В то же самое время можно заметить и определенные расхождения между этими философскими традициями. Если для Платона и Аристотеля высшей , абсолютной целью человеческой жизни является созерцание, умное видение эйдетических реальностей, то для Филона Александрийского, и еще в большей мере для Плотина, высшей ценностью обладает не объективно-зрительное восприятие эйдоса Блага, а пребывание внутри Единого, экстатически -религиозное погружение в его световые недра. Если Платон и Аристотель устремляются к созерцанию только одной субстанции (Благо у Платона и Нус у Аристотеля ), то у Плотина появляются уже несколько субстанций (Единое, Ум, Душа), каждая из которых предполагает особые условия видения и задействует различные способности человеческой души.

В Средние века, основной парадигмой визуалистики становится августинианский иллюминационизм и схоластическое «блаженное видение». Целью формирования человека, его личности, провозглашается достижение им такого уровня духовной «просвещенности» и просветленности, при котором человек становится способным видеть «умными очами» Божественный Свет, Лик Христа. Препятствовать ему в этом могут «призраки» (Августин Блаженный) или «вожделенные образы» ( Бонавентура ), порождаемые ложным, «прелестным» состоянием души и ума человека. Однако, обратившись к визуальным концептам Ренессанса, мы замечаем, что именно «призраки» и «фантазмы», с которыми боролось Средневековье, поставляются здесь «во главу угла».

Говоря о средневековой и ренессансной визуалистике мы обязательно должны обратиться к богатейшему наследию персидско-таджикской философии. В первую очередь, речь идет о наследии Ибн Сино, аль-Фараби и Ибн Араби, Сухраварди. В их трудах содержится множество интересных идей о влиянии визуального образа на формирование совершенного человека, роль зрительного восприятия в постижении реальности и Бога, в освоении учащимся учебного материала. «Положение, при котором обретаются нравы,

---

[3]. Лосев А.Ф. Диалектика мифа / Алексей Лосев . – М. : Мысль , 2001. – 558 с.

[4] . Платон . Теэтет [ Текст ] / Платон ; [ пер . с древнегреч . Т. В. Васильевой ]; – М. : Мысль , 1970. – С. 223-318. – ( Сочинения : в 3-х т. / Платон ; т. 2). - С.292.

[5]. Лебедев С. П. История античной философии : [Учебное пособие ] / С. П. Лебедев . – Спб . : РХГИ , 2001. – 296 с.-С.49.

подобно положению, при котором усваиваются искусства. Так, искусство письма достигается, когда человек привыкает совершать действия, свойственные искусному писцу. Точно также обстоит дело с прочими искусствами. Хорошее письмо исходит от человека только благодаря совершенству писания, а совершенство писания достигается, когда человек совершенствуется и привыкает прекрасно выполнять его. Возможность хорошего письма есть у человека до обретения им совершенства писания — в заложенной в нем от природы потенции; после же обретения совершенства в писании оно существует благодаря искусству»[6]. Важным моментом средневековой мусульманской философии является признание зрения важнейшим инструментом познания, сущностным отличительным признаком как высшего существа[7].

В эпоху Возрождения, мыслители начинают полагать, что образы веры можно созерцать в своей душе, устремляя на них не только духовный, но и чувственный, плотский взгляд. По мнению М. Ямпольского, «главный и основной сдвиг, осуществленный деятелями Ренессанса, – это смещение акцента с чистой умозрительности на чувственное созерцание идеи»[8]. Идеи, божественные образы покидают начинают субъективизироваться, погружаться вглубины человеческой личности и уже оттуда проявляться в эстетических практиках и в творчестве, в первую очередь, художников. В наибольшей мере такая трансформация свойственна творчеству Марсилио Фичино (1433-1499). М. Ямпольский подчеркивает, что в философии М. Фичино, «созерцание идеи достигается путем своего рода погружения созерцателя в себя, постепенного перехода от восприятия внешних предметов к их логосам (то есть мыслимым прообразам), а от них уже к чистой идее. Если у Платона эйдосы – нечто объективно существующее , то у Фичино они все больше превращаются в нечто субъективное. Предмет у Фичино содержит в себе идею, скрытую как свет в созерцаемом предмете. Фичино отчетливо намечает путь к идее как путь к вычленению в видимом предмете невидимого компонента (логоса) путем постепенного погружения в сферу души и затем ума»[9].

Для визуалистики Ренессанса характерны отличия как от средневековых, так и от античных визуальных практик: видение реальности отождествляется с созерцанием субъективных «видимостей», душевных видѐний, ментальных «галлюцинаций». Э. Панофски полагает в основании ренессансных концепций представление о том, что «идеи являются уже не метафизическими субстанциями, существующими вне чувственного мира явлений и вне интеллекта в неком «наднебесном месте», а представлениями и созерцаниями, находящимися в уме самого человека, так что мыслителю этого времени кажется чем -то самим собой разумеющимся то обстоятельство, что идеи открываются преимущественно в художественной деятельности. Художник, а не диалектик прежде всего имеется в виду, когда речь идет о понятии «идеи»[10].

В эпоху Нового времени визуальное мышление приобретает новые характеристики. Если в античной, средневековой и ренессансной визуалистике приоритет отдается концепту видения, то в нововременном визуальном дискурсе особое внимание уделяется анализу физиологии зрения, устройству глаза, процессу фиксации зрительной информации в сознании человека. Для понимания нововременной визуалистики особенное значение имеют труды Д. Беркли (1685-1753), Ф. Бэкона (1561-1626), Р. Декарта (1596-1650), Г. Галилея (1564-1642), Т. Гоббса (1588-1679), Г. Лейбница (1646-1716), Д. Локка (1632-1704), Н. Мальбранша (1638- 1715), Б. Спинозы (1632-1677).

---

[6] . Аль-Фараби. Указание пути к счастью// Аль-Фараби А.М. Социально-этические трактаты. - Алма-Ата: Наука, 1973. - С.19.

[7] . Одинаев Я.К. Абдурахман Джами, мистико-философские воззрения. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 272с.

[8] . Ямпольский М. Ткач и визионер : Очерки истории репрезентации , или О материальном и идеальном в культуре / Михаил Ямпольский . – М. : Новое литературное обозрение , 2007. – 616 с.-С.69

[9] . Ямпольский М. Наблюдатель . Очерки истории видения / Михаил Ямпольский . – М. : Ad Marginen, 2000. – 287 с.-С.71

[10]. Панофский Э. Idea: К истории понятия в теориях искусства от античности до классицизма / Эрвин Панофский ; [пер . с нем . Ю. Н. Попова ]. – Изд . 2-е, испр . – СПб . : Андрей Наследников , 2002. – 237 с.-С.19

В эпоху Нового Времени визуальная парадигма развивается более интенсивными темпами, нежели в предшествующие эпохи. Если в античной, средневековой и возрожденческой философии визуальные концепции можно было обнаружить лишь у некоторых мыслителей, то сейчас, практически каждый теоретик попытался предложить свою версию теории зрения и видения. Специфику нововременной визуальной парадигмы можно видеть в преимущественном внимании к проблемам физического зрения, к способам его технического усовершенствования (посредством «зрительных труб» и линз ). Если в предшествующие эпохи абсолютной целью визуальных усилий был Божественный Свет, «просвещающий и озаряющий» умные очи верующих, то в эпоху Нового Времени термин «свет» ассоциируется, прежде всего, с мыслительными способностями человека, рассеивающими «тьму» заблуждений и невежества.

2.Баранников А. В. Содержание общего образования: компетентностный подход / А. В. Баранников. М. : ГУ ВШЭ, 2002. - 51 с.

3.Батарашев А. В. Психодиагностика способности к общению, или как определить организаторские и коммуникативные качества личности / А. В. Батарашев. М. : Влада, 1999. - 176 с.

4. Бодалев А. А. Личность и общение: избр. тр. / А. А. Бодалев. М. : Педагогика, 1983 - 271 с.

5 Введенская Л.А. Культура речи. Серия "Учебники, учебные пособия". Ростов н/Д: Феникс, 2001 г.

6 Винокурова. М. В. Формирование коммуникативной компетенции учащихся в процессе диалогического общения на уроках русского языка в 5-7 классах якутской школы. Дис.канд. пед. наук. Якутия, 2005.- 179с.

7 Давыдов В. В. Виды обобщения в обучении: логико-психолог. Проблемы построения учеб. предметов / В. В. Давыдов. М. : Пед. общ-во Рос., 2000.- 424 с.

8 Красильникова, Е.В. Иноязычная коммуникативная компетенция в исследованиях отечественных и зарубежных ученых [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://vestnik/yspu/org/releases/2009_19/41.pdf – Дата доступа: 20.09.2013. 3

9. Мухторӣ. Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.// Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. -Душанбе: Ирфон, 2018, С. 56-66.

10. Федеральный государственный образовательный стандарт основного общего образования/ Утвержден приказом Министерства образования и науки Российской Федерации от «17» декабря 2010 г. № 1897 М.: Изд-во стандартов, 2010.

**Зоиров Сиротулло**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дар фазои муосири таълимӣ масъалаҳои иҷтимоӣ ва равоншиносӣ нақши муҳим доранд, ки ба раванди муколама, бахусус ҷанбаи коммуникативии он таъсири амиқ мегузорад. Хусусияти муҳимтарини сифатӣ, ки ба шахсияти рушдкунанда имкон медиҳад то эҳтиёҷоти худро дар қабул, эътироф, эҳтиром ва муваффақияти раванди иҷтимоӣ муайян кунад, салоҳияти коммуникативӣ ба ҳисоб меравад.

Таълими салоҳиятнок, хусусан, салоҳияти коммуникативӣ дар мактабҳои кишварҳои пешрафтаи дунё аз қабили Русия, Олмон, ИМА ва ғайра гузаронида шуданд, ки натиҷаи мусбат додааст. Дар ин самт асару мақолаҳои илмӣ ва методӣ навишта шудаанд, ки ҳамчун дастур барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна истифода мегарданд. Салоҳияти коммуникативӣ дар илмҳои равоншиносӣ, педагогӣ, маданиятшиносӣ, бештар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Салоҳият ва саводнокӣ дар муошират имрӯз яке аз омилҳои муваффақият дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ба ҳисоб меравaнд. Норасоии малакаҳои оддии муошират на танҳо дар оила, балки дар ҷомеа, ҳангоми фаъолияти муштарак ба низоъҳои зиёд оварда мерасонад.

Салоҳиятнокии коммуникативӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият таъсири муайян мерасонад. Аз ин рӯ, вазифаҳои зеринро ҷудо намудан мумкин аст, ки онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни таълим иҷро мекунад.

**Салоҳияти коммуникативӣ:**

• ба муваффақияти таълимии хонанда таъсири мустақим мерасонад;

• замина барои таълими бомуваффақияти касбӣ дар мактабҳои олиро ташаккул медиҳад;

• ба хонанда барои мутобиқ шудан ба мактаб кӯмак мерасонад ва ҳамин тариқ эҳсоси некӯаҳволиро дар гурӯҳи таълимӣ таъмин менамояд.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон давраи муассир ҳассос барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ синни наврасӣ мебошад. Вақте иртиботи наврасон ба як навъи махсуси фаъолият табдил меёбад, омезиши ҳадафҳо ва арзишҳои ҳаёт, идеалҳои ахлоқӣ, меъёрҳо ва шаклҳои рафторро таъмин мекунад, сатҳи салоҳияти коммуникативии онҳоро баланд мебардорад.

Барои ташаккули салоҳияти коммуникативии синфҳои болоӣ ташкили чорабиниҳои берун аз синфӣ низ нақши муҳим мебозад, ки он бо ба вуҷуд овардани шароитҳои махсуси педагогӣ вобастагӣ дорад. Дар ин самт пеш аз ҳама чорабиниҳои таълимӣ ва тарбиявие, ки ба ташаккули шахсияти хонандагон, таҳаммулпазирии онҳо равона гардидаанд, муҳиманд.

***Калидвожаҳо:*** *муколама, коммуникативӣ, салоҳияти коммуникативӣ, таълими салоҳиятнок, метод, синфҳои болоӣ, таълим, тарбия, корҳои гурӯҳӣ, муошират*

**Зоиров Сиротулло**

## РАЗВИТИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕННОСТИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В современной сфере образования социальные и психологические вопросы играют важную роль, так как оказывает важное влияние процесс разговора, особенно на его коммуникативную сторону. Важнейшим свойством качества, которое дает возможность на развивающейся личности определить свои потребности на приеме, признании, уважении и успехов в социальном процессе, является коммуникативная компетентность.

Компетентное обучение, особенно коммуникативная компетентность проводились в школах таких развитых стран, как Россия, Германия, США и других стран, что дали положительный результат. В этом направлении написано много научных и методических статей, которые

используются в качестве инструкции для преподавателей средних общеобразовательных учреждений. Коммуникативная компетентность больше всего рассматривается в психологии, педагогике, культурологии.

Компетентность и грамотность в общении сегодня являются одним из факторов успеха во всех сферах жизни. Отсутствие базовых коммуникативных навыков приводит к многочисленным конфликтам не только в семье, но и в обществе при совместной работе.

Коммуникативная компетентность в процессе обучения и воспитания оказывает определенное влияние на общее развитие личности. Следовательно, можно выделить следующие задачи, которые выполняются в разных учебных ситуациях.

Коммуникативная компетентность:

• оказывает непосредственное влияние на успеваемость учащихся;

• создает основу для успешного профессионального образования в высшей школе;

• Помогает ученику адаптироваться к школе, обеспечивая тем самым ощущение благополучия в учебной группе.

По мнению большинства исследователей, наиболее чувствительным периодом для развития коммуникативной компетенции является подростковый возраст. Когда подростковое общение становится особым видом деятельности, сочетание жизненных целей и ценностей, нравственных идеалов, норм и форм поведения повышает уровень их коммуникативной компетентности.

Для развития коммуникативной способности организация внеклассной деятельности также играет важную роль, что связано с созданием особых педагогических условий. В связи с этим, прежде всего, важны образовательные мероприятия, направленные на развитие личности учащихся, их толерантности.

***Ключевые слова:*** *диалог, коммуникативный, коммуникативная компетентность, компетентное обучение, метод, старшие классы, преподавание, воспитание, групповые работы, общение.*

## COMMUNICATIVE COMPETENCE DEVELOPMENT SENIOR CLASSES IN THE PROCESS OF TEACHING TAJIK LITERATURE

In the modern sphere of education, social and psychological issues play an important role, since the process of conversation has an important influence, especially on its communicative side. The most important property of quality, which makes it possible for a developing person to determine their needs at the reception, recognition, respect and success in the social process, is communicative competence.

Competent training, especially communicative competence, was carried out in schools of developed countries such as Russia, Germany, the USA and other countries, which gave a positive result. Many scientific and methodological articles have been written in this direction, which are used as instructions for teachers of secondary educational institutions. Communicative competence is most often considered in psychology, pedagogy, and cultural studies.

Competence and literacy in communication today are one of the success factors in all areas of life. The lack of basic communication skills leads to numerous conflicts not only in the family, but also in society when working together.

Communicative competence in the process of training and education has a certain impact on the overall development of the individual. Therefore, we can distinguish the following tasks that are performed in different educational situations.

Communicative competence:

• has a direct impact on student performance;

• creates the basis for successful professional education in higher education;

• Helps the student to adapt to the school, thereby providing a sense of well-being in the study group.

According to most researchers, the most sensitive period for the development of communicative competence is adolescence. When teenage communication becomes a special type of activity, the combination of life goals and values, moral ideals, norms and forms of behavior increases the level of their communicative competence.

For the development of communicative ability, the organization of extracurricular activities also plays an important role, which is associated with the creation of special pedagogical conditions. In this regard, first of all, educational activities aimed at developing the personality of students and their tolerance are important.

***Key words:*** *conversation, communicative, communicative competence, competent training, method, high school, teaching, education, group work, communication.*

**Сведения об авторе: Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович -** аспирант Института развития образования имени Абдурахмони Джами Академии образования Таджикистана.

**Zoirov Sirotullo Abdulmagidovich -** postgraduate student of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jami of the Academy of Education of Tajikistan.

**М. БОЕВ**

# ТАШАККУЛДИҲИИ САТҲИ ПОЙГОҲИИ ТАҲСИЛОТИ ГЕОМЕТРӢ – ГРАФИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯз дар назди педагогикаи тоҷик вазифаи баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилоти олии касбии техникӣ гузошта шудааст, ки барои ин бояд манбаъҳо ва самтҳои ислоҳоти он муайян гарданд. Равандҳои босуръат инкишофёбандаи иттилоотикунонӣ ва ҳамгироии илмҳои гуногун, соҳаву самтҳои фаъолият, ҷараёни муттасил афзуншавандаи иттилоот ва инноватсияҳо дар соҳаи иқтисодиёту таҳсилот пайваста шинос кардан бо тамоюлҳои нав ва ҳаматарафа таҷдид намудани донишҳои хатмкунандагон, махсусан, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳу сифати омодагии муҳандисони оянда ва кормандони муҳандисӣ- техникиро дар маҷмӯъ тақозо менамоянд. Равандҳои босуръати инкишоф зарурати доимо баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбии мутахассисони дар истеҳсолот коркунандаро ба миён меоранд. Ташаккули маҳз ҳамин сифат дар муҳандис яке аз вазифаҳои асосии раванди томи омодагии муҳандисони оянда мебошад. Нуктаҳои зикршуда зарурати такмили минбаъдаи мундариҷаи таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳи тахассусмандӣ ва салоҳияти касбии кадрҳои муҳандисӣ-техникии ҷумҳурӣ, сифати раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар заминаи ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот асоснок менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҳамчунин рушди тафаккури техникии насли наврас сухан ронда, дар Паёми навбатии худ солҳои 2020-2040-умро «20 соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намуданд.

Дар ҳалли ин масъала ҳамгироии фанҳо ҳам барои фаъолияти амалии омӯзгорон, ҳам ҷиҳати рушди асосҳои илмии та ҳсили фан ҳои табиӣ, дақиқ ва риёзие, ки ҷав ҳари он ҳо педагогика мебошад дар маҷмӯъ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаммои интихоб ва тарҳрезии мундариҷаи таҳсилот ба миён меояд, ки ду ҷанбаҳои асосӣ дорад: а) ҷудо кардани унсурҳои сохтории таҳсилот; б) муайян намудани робитаҳои байни онҳо, ки низомро ба вуҷуд меоранд. Ин матлаб бо ҳамбастагии муҳими ин ду масъала дар таърихи инкишофи назарияҳои педагогӣ дар раванди ташаккули мактаби олии муҳандисии муосир, ҳамчунин самтҳои таҳқиқот дар соҳаи педагогика ва марҳалаи имрӯзаи рушди он тасдиқ мегардад.

Самт ҳо ва тамоюл ҳои рушди маорифро дар Тоҷикистон олимони со ҳаи педагогика аз қабили М.Лутфуллозода, И.Х.Каримова, Қ.Б.Қодиров, О.А.Исломов, С.Ёқубов, Т.Қ.Ҷураев, М.П.Мирзоева, Р.Мирзоев, Б.Х.Умарова, С. Ҳ. Ҳабибов, Т.К. Ҳусайнова, Ф.Шарифзода, Н.Н.Шоев ва дигарон та ҳлил карда, коркард ва амалигардонии самт ҳои стратегии рушди маориф, аз ҷумла та ҳсилоти олии касбиро дар мар ҳилаи ҳозираи навсози мазмун ва мундариҷаи та ҳсилот, сифати таълим ва тарбияи насли наврас ва ҷавононро махсус тадқиқ ва натиҷабардорӣ кардаанд.

Дар асри кунунии дигаргуниҳои пуршиддат тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, илми педагогика яке аз матлабҳои консептуалие, ки ба таҷдиди мундариҷаи таҳсилоти олии касбӣ (ТОК) таъсири самарабахш мерасонад, дидгоҳи салоҳиятнокӣ аст. Татбиқи амалии чунин дидгоҳ ба ташаккули биниши нави худи мундариҷаи таҳсилот, технологияҳо ва методҳои он мусоидат менамояд. Мафҳуми салоҳиятнокӣ дар ин маврид ба сифати яке аз воҳидҳои асосии азнавсозии мунадариҷа бо тавсифи навъҳо ва таркиби он баромад мекунад.

Қайд бояд кард, ки ҳам барои раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии муҳандисони оянда, ҳам барои фаъолияти минбаъдаи касбӣ ҳамгироии илмҳо ва фанҳо аҳамияти принсипиалӣ дорад. Қисми бештари онҳое, ки дар муассисаҳои олии муҳандисӣ – техникии кишвар таҳсил мекунанд, то ҳол аҳамияти омӯзиши фанҳои умумикасбӣ (ки қисми ногусастании онҳо фанҳои графикӣ мебошанд) ба таври кофӣ дарк намекунанд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, графикаи муҳандисӣ ва геометрияи тасвирӣ дар назар дошта мешаванд, ки таҳкурсии омодагии муҳандисониояндаро ташкил менамоянд. Мантиқан, аз рӯйи моҳияташон фанҳои графикӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ таълими як қатор курсҳоро таъмин мекунанд, зеро муҳандис бо образҳои графикии визуалӣ амалиёт мебарад. Методу шаклҳои таълими фанҳои графикие, ки омӯзгорони фанҳои графикӣ ба кор

мебаранд, аз фанҳои тахассусӣ ва умумитехникӣ як андоза ҷудо карда шуда, як навъ «мустақил» гардидаанд ва дар ин замина таваҷҷуҳи донишҷӯён ба ҳалли муаммоҳое ҷалб мешавад, ки ба фаъолияти тарроҳӣ - нақшакашӣ дахл доранд, ҳол он ки, ба андешаи мо, дар муҳандисони оянда инкишоф додани қобилияти амсиласозии (моделиронӣ) графикӣ муҳимтар аст. Дар раванди таълими геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ ба донишҷӯён ҷудо кардани фанҳои умумитехникӣ ва тахассусӣ боиси ташаккули сусти салоҳиятнокӣ гардида, ба самтгирии дурусти онҳо зимни иҷрои супоришҳои амалӣ, татбиқи донишҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои амалие, ки бо ихтисоси муҳандиси оянда аз ягон ҷиҳат алоқаманданд, монеа мешавад. Донишҷӯёне, ки аз рӯйи чунин методҳо таълим гирифтаанд, барои интиқоли донишҳои дар раванди омӯзиши ин фанҳо, яъне геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ фарогирифта барои шарҳи раванду падидаҳои дар фанҳои дигар омӯхташаванда қобилият надоранд. Табиист, ки ин зуҳурот боиси норасоӣ ва камсамарии раванди таълим дар маҷмӯъ ва хусусан, фанҳои графикӣ мегардад.

Аз ҷониби муҳандисони оянда дарк гардидани аҳамияти фанҳои геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ, ки барои омӯзиш дар навбати аввал пешниҳод мегарданд, бо салоҳиятҳои байнифаннӣ таъйин мешавад. Қайд бояд кард, ки самарабахшии минбаъдаи фаъолияти касбии хатмкунандагони факултетҳои муҳандисиро маҳз ташаккули салоҳиятҳои байнифаннӣ (баррасии комплексии тамоми объекту падидаҳо, қобилият ба синтези донишҳои илмӣ) таъмин менамоянд. Ба ҳар бобат, ба ақидаи аксарияти муҳаққиқони муосир дар чунин шароит нақшаҳои таълим бояд бо такя ба ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот таҳия гарданд.

Имрӯз, пас аз ду даҳсолаи тағйироти куллии ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи мо ва мутаносибан, ислоҳоти соҳаи таҳсилоту илми кишвар, аз он ҷумла, муассисаҳои олии техникӣ, нақши омодагии графикӣ ба таври назаррас афзуда, густариши ин раванд идома меёбад. Амалиёт бо образҳои геометрии визуалӣ - графикҳо, нақшаҳо, амсилаҳои графикии объектҳо, ки мундариҷаи инвариантию предметии функсияи фаъолияти зеҳнии мутахассиси техникиро ташкил менамояд, омӯзиши силсилаи фанҳои графикиро афзалиятнок мегардонад. Рушди пуршиддати технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолият ба малакаҳои визуалию образнок талаботи бештарро пеш меорад. Ин пеш аз ҳама бо нуктае вобаста аст, ки иттилооти визуалӣ, аз он ҷумла, тариқи технологияҳои иттилоотӣ ҳаҷми иттилоотии дарки донишҷӯй-хатмкунандаи имрӯзаро зиёд карда, таъсироти мутақобили интерактивии ӯро бо амсила таъмин менамояд, ӯро ба табдили иттилооти абстрактӣ (мавҳум) ва мантиқӣ ба иттилооти визуалию образнок равона месозад. Ҳамин тариқ, раванди ҳалли масъалаҳои муҳандисӣ осон мегардад, ки ҳамгироии фанҳои тахассусӣ ва умумитехникиро таъмин менамояд. Дар чунин вазъият афзалиятро мутахассисоне ба даст меоранд, ки ба синтези тафаккури образнок ва ратсионалӣ қобилият доранд. Агар қобилияти донишҷӯён ба чунин синтез инкишоф дода шавад, имконияти онҳо барои фарогирии методҳои амсиласозии графикии раванду объектҳо бештар мегардад. Агар муфассалтар ифода намоем, аз ҷониби донишҷӯй, пас аз хатми муассисаи таҳсиоти олии техникӣ - мутахассис аз худ шудани воситаву тарзҳо ва методҳои амсиласозии графикӣ, ки дар маҳорати тарҳрезии компутерии ҳалқаи пурраи амсиласозӣ (бо назардошти вазъияти воқеӣ, алгоритм, визуалӣ гардонидани амсилаи графикӣ, таҳлили натиҷаҳо) зоҳир мегардад. Ин моҳияту мазмуни мундариҷаи байнифаннии таҳсилоти муҳандисони ояндаро пурра инъикос менамояд, ки ҳамгироии табиии фанҳоро асоснок мегардонад. Дар ин маврид таъкид бояд кард, ки амсилаҳо бо имконияти визуализатсия, ки дар заминаи методҳои графикӣ таҳия шудаанд, нисбат ба амсилаҳои комилан таҳлилӣ гоҳо натиҷаи бештаре медиҳанд. Бинобар ин, фарогирии назариявии амсиласозии графикиро бо визуализатсияи компютерӣ дар доираи на танҳо омодагии графикӣ, балки ба сифати ҷузъи арзишманди таҳсилоти графикии мутахассис баррасӣ бояд кард.

Қобили зикр аст, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир ихтисори соатҳои аудиторӣ, ки барои омӯзиши курси графикаи муҳандисӣ ва геометрияи тасвирӣ ҷудо мешаванд ва баръакс, афзудани ҳаҷми кори мустақилонаи донишҷӯён ба назар мерасад. Ба андешаи мо, тамоюли зикршуда сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дорад:

- зимни омӯзиши як қатор курсҳои махсус (интихобӣ) ё бахшҳо оид ба амсиласозии математикии объекту равандҳо геометрияи тасвирӣ метавонист фанни таъминкунанда

бошад, аммо мансуб донистани он ба фанҳои умумимуҳандисӣ ва ҷудокунии сунъии он аз фанҳои риёзии ҳамҳудуд фанни мазкурро аз чунин имконият маҳрум кард;

- афзоиши аз ҳад зиёди ҷузъи иттилоотию технологии геометрияи тасвирӣ (бо графикаи компютерӣ) ва ивази техникии асбобҳои нақшакашӣ ба ташаккули тафаккури эҷодии муҳандиси имрӯза мусоидат намекунад, ки ба рушди зеҳнию эҷодии муҳандисони оянда таъсири манфӣ мерасонад;

- ақидаи байни як қисми муҳаққиқон ҳукмфармо оид ба геометрияи тасвирӣ ҳамчун фанни таъминкунандаи фақат курси нақшакашӣ баъзан боиси камаҳамият дониста шудани он дар таҳсилот ва сабабгори коҳиш ёфтани воридшавии он ба барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва амалияи муҳандисӣ мегардад;

- ақида дар он хусус, ки методҳои графикии ҳалли масъалаҳо, ки дар курси анъанавии геометрияи тасвирӣ омӯхта мешаванд, танҳо барои инкишофи тафаккури фазогии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Ақидаҳои имрӯзае, ки омодагии мутахассисони ихтисосашон маҳдуд нигаронида шудаанд, ба амалияи таълими фанҳои графикӣ мувофиқ нестанд. Ин номувофиқатиро бо роҳи коркарди дидгоҳҳои иннтватсионӣ ба ташкили фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён бартараф намудан мумкин аст, зеро ин ба фароҳам овардани шароити инкишофи сифатҳои касбии шахсият, баланд бардоштани сатҳи сифати таълим, қобилияти эҷодӣ, мустақилият ва фаъолнокии шахсият мусоидат менамояд.

Дар байни чунин дидгоҳҳо *муносибати байнифанниро* қайд метавон кард, ки ба ҳамгироии фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ асос ёфтааст. Зимни чунин муносибат ҷамъбаст ва пуррагии донишҳо, муназзамии онҳо дар заминаи робитаҳои байнифаннӣ таъмин мегардад. Дар маҷмӯъ, ин раванд барои баланд гардидани нерӯи илмии донишҳои муҳандиси оянда, тақвияти тафаккури назариявӣ, инкишофи маҳорати ӯ ҷиҳати татбиқи донишҳо дар соҳаҳои гуногуни илм зимни ҳалли масъалаҳои муҳандисӣ мусоидат менамояд. Дар айни замон ҳамгироии фанҳо ба сифати омили муайянкунанда қобил аст, ки ба раванди таҷдиди мундариҷаи таҳсилот таъсир гузорад. Дар ин замина он дар ду мавқеъ зуҳур мекунад: ҳадафи таълим, ки дар муҳандисони оянда тасаввуроти томро дар бораи олами атроф ба вуҷуд меорад; ба сифати воситаи таълим, ки ба дарёфти платформаи умумии наздикшавии донишҳои фаннӣ.

Баҳодиҳӣ ва таҳлили фактҳои ибтидоӣ ғояи асосӣ ва матлабҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро таъйин намуданд, ки бо зарурати бознигарии принсипҳои ташаккулдиҳандаи низоми тасаввурот оид ба геометрияи тасвирӣ асоснок мешаванд. Мувофиқи низоми маъмули тасаввурот геометрияи тасвирӣ як бахши математика - қисми бунёдии назарияи амсиласозии геометрии (НАГ) шаклҳои фазогии сохтору андозаашон гуногун мебошад. Гузориши вазифаи таҳқиқоти мазкурро коркарди назарияи ташаккули сохтор ва мундариҷаи таҳсилоти графикӣ дар муассисаҳои олии техникӣ дар шароити ҳамгироӣ бо фанҳои умумитехникӣ ва тахассусӣ таъйин кард. Моҳияти ғояи асосии таҳқиқоти моро такмили раванди таълим дар заминаи муносибати байнифаннӣ, ҳамчунин принсипи ба ин дидгоҳ мувофиқи ҳамгироии фанҳо ташкил медиҳад, ки ба ташаккули касбии муҳандиси оянда таъсири самарабахш мерасонад.

Омили фароҳамоварандаи низоми ҳамгироӣ амсилаи графикие мебошад, ки салоҳиятҳои байнифаннии донишҷӯён - хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии техникиро ташаккул медиҳад, ҳамчунин дар ин замина ба рушди тафаккури визуалию образноки муҳандисони оянда таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи муаммои ташаккули мундариҷаи таҳсилоти графикӣ **ихтилофҳои** зерин ошкор гардиданд:

- *сатҳи илмию назариявӣ:* миёни нақши байнифаннии донишҳои графикӣ дар фаъолияти касбии мутахассиси рақобатпазир ва мавҷуд набудани чунин низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки нақши мазкурро нишон дода, татбиқи самарабахши методҳои графикиро дар ҳаёти касбию ҷамъиятии онҳо меомӯзонад;

- *сатҳи иҷтимоию педагогӣ:* байни талаботи афзуншудаи ҷомеа ба мутахассисони кордони доираи тахассусмандиашон васеъ, ки барои кор дар истеҳсолоти муосир аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ омодаанд ва мундариҷаи воқеии таҳсилоти графикӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, ки бо омодагии маҳдуди мутахассисон нигаронида шудааст;

- *сатҳи илмию методӣ:* байни дараҷаи нокифояи таъминоти илмию методӣ дар илму амалияи педагогӣ, ҳаҷми торафт афзуншавандаи иттилоот ва талаботи ҷомеа ба такмили мундариҷаи таҳсилоти графикии техникӣ, ки бо афзудани истифодаи методҳои графикӣ дар соҳаи истеҳсолот алоқаманд аст.

Далели раднашаванда аст, ки имрӯз таҳсилоти графикии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон бухрони нисбатан ҷиддиро аз сар мегузаронад. Низоми таълими фанҳои графикӣ (аз он ҷумла, геометрияи тасвирӣ) дар давоми солҳои зиёди мавҷудият анъанавӣ гардида, кӯҳна шудааст ва ба талаботи муосир ва сатҳи рушди ҷомеа ҷавогӯй нест, зеро чанд даҳсолаи охир дидгоҳу самтҳои нав коркард шуда, ғояҳои навини мутараққӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон пайдо шудаанд. Ҷомеаи Тоҷикистон ба таҳсилоти мукаммалтар, пешрафтаи мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ниёз дорад. Ҳамаи ин исбот месозад, ки коркардҳои навтарин, дидгоҳи муосир ба ташаккули мундариҷаву сохтори таҳсилоти графикӣ ниҳоят заруранд.

Бинобар ин мо лозим донистем дар ҷарайни татқиқоти илмии хеш мушкилоти муайян кардани принсипҳои назариявии ташаккули мундариҷаву сохтори таҳсилоти графикӣ дар муассисаҳои олии техникии таъминкунандаи ҳамгироии аз ҷиҳати илмӣ асосноки фанҳои гуногунро зимни омодагии муҳандисон, муайян кунем. Ҳамчунин идеологияи ташаккулёбандаи амсиласозии геометрӣ-графикии ба талаботи муосир ҷавогӯи фаъолияти муҳандисӣ ва илмӣ иборат аст ошкор месозем.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Душанбе 2019, 47саҳ.
2. Джураев Т.К. Черчение Учебное пособие Министерство образования и науки Республики Таджикистан, Том II Душанбе 2013. - 208 с.
3. Ёқубов С., Бозрикова К.М. Таълими тафриқа. Душанбе: - ПИПТ. 1993.
4. Исломов О.А. Теория и практика формирования творческого отношения к графической деятельности: Монография – М.: Прометей 2001 – 2004.
5. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: [Текст]: дисс.. док. пед. наук. / И. Х. Каримова - Душанбе, 2000. - 358 с.
6. Кодиров К.Б. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе / К.Б.Кодиров, А.Мирзоев. - Душанбе, 2006. -138 с.
7. Лутфуллозода М. М. Независимость Таджикистана и новое образование. - Душанбе.: Сахбо. 2006. - С.50.
8. Мирзоева М.П. Воспитательно – образовательный потенциал метода проекта в развитии графических способностей студентов технических специальностей: Автореф. дисс. канд. пед. наук. Душанбе., 2012. - 29 с.
9. Умарова Б.Х. Педагогическая эффективность стимулирования мотивации учебной деятельности студентов в условиях кредитной технологии обучения. Дис... канд. пед.наук. - Душанбе: 2009. - 168с.
10. Фролов С.А. Начертательная геометрия: Учебник для ВТУЗов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Машиностроение, 1983. – 240с.
11. Хабыбов С.Х., Сангинов Н.С., Салимов Н.С., Исаев Р.С. Путеводитель студента Таджикского государственного университета коммерции (в условиях внедрения кредитной технологии обучения) - Душанбе: «Хумо», 2006. – 71с.
12. Хусанова Т.К. Особенности организации поисково-творческой деятельности студентов в условиях реализации кредитной технологии обучения в ВУЗе. дис... канд. пед.наук. - Душанбе. 2010, - 165с.
13. Шарифзода Файзулло (Шарифов), Каримова И.Х. Педагогика: Учебное пособие. - Душанбе. 2008. – 284с.
14. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе. - Душанбе: Ирфон. 2005. - С.309.


## ТАШАККУЛДИҲИИ САТҲИ ПОЙГОҲИИ ТАҲСИЛОТИ ГЕОМЕТРӢ – ГРАФИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН


Муаллифи мақолаи мазкур ташаккулдиҳии унсурҳои фаъолияти касбии муҳандисро бо назардошти ташаккулди ҳии сат ҳи пойгоҳии таҳсилоти геометрӣ – графикии донишҷӯён дар

муассисаҳои олии техникии Тоҷикистонро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, зери тадкикот карор дода аст.

Бар ақидаи муаллиф барои раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии муҳандисони оянда, ҳамгироии илм ҳо ва фан ҳо а ҳамияти принсипиалӣ дорад. Дар ин замина пеш аз ҳама графикаи муҳандисӣ ва геометрияи тасвирӣ дар назар дошта мешавад, ки таҳкурсии омодагии муҳандисониояндаро ташкил менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *сатҳи пойгоҳии таҳсилоти геометрӣ - графикӣ, ҳамгироии илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва умумитехникӣ, муҳандисони оянда, салоҳиятҳои байнифаннӣ, образҳои геометрии визуалӣ, муносибати байнифаннӣ, амсилаи графикӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ БАЗОВОГО УРОВНЯ ГЕОМЕТРО -ГРАФИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ ВЫСШИХ ТЕХНИЧЕСКИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Автор данной статьи теоретически обосновывает формирование элементов профессиональной деятельности инженера с учетом формирования базового уровня геометрия - графического образования студентов в высших технических учебных заведениях Таджикистана.

По мнению автора, интеграция наук и дисциплин имеет принципиальное значение в процесса формирования профессиональной компетентности будущих инженеров, а также для дальнейшей профессиональной деятельности. В этом контексте рассматриваются, прежде всего, инженерная графика и начертательная геометрия, которые станут основой будущей инженерной подготовки.

***Ключевые слова:*** *базовый уровень геометро - графического образования, интеграция естественных, точных, математических и общетехнических наук будущих инженеров, междисциплинарные компетенции, геометрические визуальные образы, междисциплинарные отношения, графическая модель.*

## FORMATION BASIC LEVEL OF GEOMETRIC-GRAPHIC EDUCATION IN TECHNICAL UNIVERSITIES OF TAJIKISTAN

The author of this article theoretically substantiates the formation of elements of the engineer’s professional activity, considering the formation of the basic level of geometric-graphic - the graphic education of students in technical Universities of Tajikistan.

According to the author’s idea, the integration of sciences have fundamental importance in the process of professional competence formation of future engineers, as well as for further professional activities. Due to this engineering graphics and descriptive geometry which are the basis for future engineering training.

***Key words:*** *basic level of geographic graphic education, integration of natural, exact, mathematical and general engineering sciences, future engineers, interdisciplinary competencies, geometric visual images, interdisciplinary relations, graphic model.*

**Сведения об авторе: Боев Муродбек Бекмахмадович,** соискатель Института развития образования имени А. Джоми Академии образования Таджикистана, (Республика Таджикистан, г. Душанбе) E-mail: murodbek.boev.88@mail.ru

**Information about the author: Boev Murodbek Bekmahmadovich**, applicant of Scientific Research Institute of Education Development named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, (Republic of Tajikistan, Dushanbe), E-mail: murodbek.boev. 88@mail.ru

**Ғ. БОБИЗОДА**
**У. РАҶАБОВ**
**А. АЗАМАТОВ**

# САЛОҲИЯТИ ФАННИИ ХИМИЯВӢ БО ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ ФАСЛИИ ХИМИЯИ УМУМӢ ВА ҒАЙРИОРГАНИКӢ ДАР ФАКУЛТАИ ФАРМАТСЕВТӢ

Мувофиқ ба талаботи замони ҳозира, аз мурочиатҳо ва амру фармонҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ – пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз таҳлили талаботҳои рузафзуни бозори ҷаҳонии меҳнат, мувофиқ ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ доир ба маълумоти олии касбӣ кормандони макотиби олӣ бояд назди худ мақсад гузоранд, ки ба омодакунии мутахассиси нав ҳаматарафа кушиш ба харҷ бурда, фарматсевти хатм намуда ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгуй бошад. Худ як ҳодисаи пандемия – COVID – 19 нигоҳи башариятро ба маълумоти олии тиббӣ ва фарматсевтӣ куллан дигаргун намуд. Акнун ба сатҳи баланди иҷроиши барномаҳои таълимӣ, ба технологияи таълим, ба тарзи ташкили машғулият, ба мазмуну мундариҷаи он, ба натиҷаи таълим ва санҷиши сатҳи салоҳиятнокии мутахассис аҳамияти бозҳам ва бозҳам зиёдтар бояд дод. Барои ташаккул ёфтани сифатҳои мустақилият, рақобатпазирӣ, эҷодкориву ташаббускории ба талаботи замона ҷавобгӯй, дар хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ, тамоми маҳорат ва малакаи педагогии худро истифода намуда дар омодакунии фарматсевти бо салоҳият саҳми арзандаи худро бояд гузошт.

Дар санади «Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» [3] ва [4,5] талаботҳо оид ба натиҷаи омузиши касбии барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар асоси муносибати босалоҳияти талим оварда шудаанд.

Барои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии донишҷуй, мувофиқи раванди Болонӣ, донишҷӯйро аз объекти беташаббуси дониш ба созандаи фаъоли раванди таълим, ки қобилияти тафаккуроти шахсӣ дорад, фаъолияти худро мустаъқилан ба нақша мегирад, ҳамеша ташаббускор аст ва ба шароити ғайримуқаррӣ бо осонӣ унс мегирад [6], мубаддал гардонидан лозим аст, ки ин ба натиҷаҳои дилхоҳи мусбӣ меоварад.

Омодакунии хатмкунанда ба фаъолияти касбӣ масъалаи муҳими муассисаи таълимӣ буда бисёр олимони соҳаи педагогика дар ин масоил ба ақидаи ягона наомадаанд [7]. Аз таҷрибаҳои аксарияти олимони соҳавӣ бармеояд, ки салоҳияти фаннӣ барои ҳамагуна ихтисос унсури асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти касбӣ мебошад ва ин намуди салоҳият дар давоми таҳсил дар макотиби олӣ пайдо мегардад. Салоҳияти фаннии химиявӣ, ки таҳкурсии он ҳангоми омӯзиши фанни химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ дар донишҷӯй ташаккул меёбад, барои фарматсевти оянда хеле мавқеи муҳим дорад. Ба дониши назариявӣ аз химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ - дар курси якӯм то фанҳои таҳассусӣ дар курсҳои болоӣ – химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносӣ дар дарсҳои амалӣ ва таҷрибаҳои илмиву истеҳсолӣ маҳорату малака пайдо намуда, салоҳиятнокии химиявии донишҷӯёнро зиёд ва бо ин роҳ салоҳияти касбӣ, салоҳияти умуми-касбӣ ва салоҳияти мадании хатмкунандагонро такмил ва ба максад мувофиқ намудан мумкин аст.

**Мақсади кор** – дар асоси фаъолияти педагогии кормандони кафедраи «Химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносӣ»-и МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» пешкаш намудани методикаи таълими фанни ХУҒ(Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ) ва мавқеи ин фанн дар ташаккулёбии салоҳияти химиявӣ. Муайян намудани таркиб ва мундариҷаи фаслҳои курси ХУҒ ва мавқеи он дар ташаккулёбии салоҳияти фаннӣ.

**Методҳо**

Дар кори илмӣ барои ба мақсади кор ноил гаштан методҳои назариявӣ-методӣ ва мантиқии таҳлил ва хулосабарорӣ истифода бурда шудаанд.

**Вазифаҳои тадқиқот**

1. Аҳамияти ҳамбастагии фаслии омӯзиши химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ барои ташаккули салоҳияти фаннии донишҷӯёни факултети фарматсевтӣ.

2. Муайян намудани асосҳои назариявии ҳамбастагии фаслии омӯзиши химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ барои донишҷӯёни факултаи фарматсевтӣ.

3. Муайян намудани салоҳиятҳои умуминазариявӣ ва умумикасбӣ, ки донишҷӯй бо азхуд намудани фанни ХУҒ дар факултаи фарматсевтӣ ноил мегардад.

4. Муайян ва мураттаб гардонидани маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии донишҷӯён дар маҷмӯъ барои курси фанни ХУҒ ва барои ҳар як фасл дар алоҳидагӣ.

**Натиҷаҳои тадқиқот**

Чихеле, ки гуфта шуда буд, фанни химияи умумӣ ва ғайри органикӣ дар курси аввали таҳсил дар факултаи фарматсевтии маълумоти олии фарматсевтии ҶТ омӯзонида мешавад ва таҳкурсии химиявии донишҷӯёнро, ки дар мактаби миёна пайдо намудаанд, ҳамчун асос барои омӯзиши мукаммали ин фанн истифода намуда барои таъмини мураттабии таълим, бо назардошти хусусиятҳои фардии донищҷӯй (дар методҳои мувофиқи модули назариявӣ оварда шудааст), аз мафҳумҳои умумии химия дар муқаддима, қонунҳои асосии химия, синфҳои муҳимтарини пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ва қонуни даврии Д.И. Менделеев, дар фасли 1, машғулиятҳоро оғоз намуда доир ба сохт, хосият, истеҳсол ва истифодаи моддаҳои содда ва пайвастагихои онҳо дар хоҷагии халқ, аз он ҷумла дар тиб ва фарматсия, инчунин аҳамияти биологии элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо донишу тасаввуроти донишҷӯёнро мукаммал бояд гардонид. Мавзуъ бояд мураттаб баён намуда шавад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок бошад ва барои таъмини усули “аз содда ба мураккаб” мунтазамии баёни мавзӯъ ва пайдарпайии мавзӯъҳоро риоя бояд намуд. Истифодаи воситаҳои ёрирасони аёнии таълим, таҷрибаҳои лабораторӣ, ҳалли мисолҳои мувофиқ ба мавзӯъ ва махсусан вобаста ба тиббу фарматсия машғулиятҳоро шавқовар намуда барои таъмини фаъолнокии донишҷӯён ва рифоҳияти психологии онҳо кумак мерасонад. Дониши дар машғулиятҳои лаборатории мактаби миёна гирифтаи донишҷӯёнро ба инобат гирифта доир ба техникаи бехатарӣ дар лабораторияҳои химиявӣ маълумоти пурратар дода таъмини техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар корхонаро ба онҳо омузонидан мумкин аст. Маълумотҳои донишҷӯёнро аз курси физикаи маълумоти миёна ва физикаи тиббӣ дар мактаби олӣ истифода бурда доир ба хосиятҳои физикавии моддаҳо маълумоти пурратар пешниҳод намудан ва бо ин мафҳумҳои аввалин доир ба тарзи нигоҳ доштани воситаҳои дорувор дар хона, дар анбор, дар дорухона пайдо намудан мумкин аст. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ доир ба ҳосил намудани газҳо ва тарзҳои ҷамъ намудани онҳо (дар фасли 1), тайёр кардани маҳлулҳои консентратсияашон додашуда бо истифода аз фиксанал ва ё маҳлулҳои консентратсияашон фарққунанда, муайян кардани зичии моддаҳо (дар фасли 2), pH-и маҳлулҳо (дар фасли 3), донишҷӯй барои омода намудани дастгоҳҳои химиявӣ аз истифодаи феҳристи лавозимотҳо ва дастгоҳҳо истифода намуда аз мураттабкунии асбобҳои химиявӣ, гирифтани маҳаки санҷишӣ, аз муайян кардани муҳлати коршоямии реактивҳо бархурдор гашта мафҳумҳои аввалин доир ба таъмини нигоҳдории воситаҳои доруворӣ мувофиқи талаботҳои меъёрҳои ҳуҷҷатгузорӣ, муайян кардани феҳристи лавозимотҳо ва дастгоҳҳо барои ташкили санҷиши сифати дорувор мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, таъмини ташкилкунии лаборатория барои ташхис, гирифтани маҳаки санҷишӣ барои қабули маводи доруворӣ мувофиқи талаботҳо, тайёр кардани моддаи тахлилшаванда ва гузаронидани таҳлили маводи доруворӣ мафҳумҳои аввалин пайдо намуда барои ташаккули салоҳияти касбии худ заминаи мустаҳкам мегузорад. Ин намуди муносибат ба таълим ҳамбастагии байнифаслӣ, дохилифаннӣ ва байнифанниро ташкил намуда унсгирии донишҷӯйро нисбати касби оянда хеш осон мегардонад, рефлексияро дар донишчуй пайдо менамояд ва муносибати донишҷӯй ба дигар фанхо низ беҳтар мегардад, шахсияти донишҷӯй ташаккул меёбад. Донишҷӯй хулоса мебарорад, ки танҳо донистани мавзӯъҳои аллоҳидаи фанн ӯро мутахассиси пешбаранда намегардонад, ғайр аз дониши назариявӣ маҳорат ва малакаҳои амалӣ муҳиманд. Ҳисси рақобат меафзояд. Моҳияти шиори даъватии технологияҳои таълимии муосир – “Таҳсил барои ҳаёт ва тамоми умр”-ро дарк менамояд.

Барои дуруст дарк намудани тадқиқоти пешкашшуда мо бори дигар модели назариявии таълими фанни химияи умуми ва ғайриорганикиро бо мувофиқааш барои ҳамбастагии байнифаслии омӯзиши фанн пешниҳод менамоем:

### МОДЕЛИ НАЗАРИЯВИИ ОМУЗИШИ КАСБИИ ХИМИЯИ УМУМӢ ВА ҒАЙРИОРГАНИКӢ БАРОИ МАЪЛУМОТИ ОЛИИ ФАРМАТСЕВТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Сабабҳои** пайдоиши талабот ба муносибати босалоҳият и таълим ва ба нақшагирии он | БЕРУНӢ | Эълон шудани с. 2020-2040 *«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»* | **Бозори** маводҳои доруворӣ, савдо ва саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дигаргуниҳо ба мақсади рушди «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» | Истиқлолияти ҶТ, тараққиёти давлат ва вобаста ба ин дигаргуншавии талаботҳои стандартҳои давлатӣ |
| | ДОХИЛӢ | **Омодагии муассисаи** таълимӣ ба усулҳои муосири таълим (омӯзгорон, воситаҳои ёрирасони таълим) | | | **Омодагии донишҷӯён** ба талаботи ҳам стандартҳои давлатӣ ва хам ба талаботҳои бозори меҳнат |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Мақсад** (Омодакунии фарматсевти рақобатпазир) ⇒ | Маълумоти фарматсевтӣ ⇒ | Мувофиқи талаботи ҷомеа ва дигар сабабҳои беруна ⇒ | Ташаккули СУ; СУК; СК |
| ⇒ | Фанҳои таълимӣ (фанн-ХУҒ) ⇒ | Салоҳиятҳои фанни (салохияти химиявӣ) ⇒ | Ташаккули СФХ ⇑ |

| Методҳои мувофиқ ба максади гузошташуда | | | |
|---|---|---|---|
| **Фаъолиятӣ - мураттабӣ** | **Назардошти хусусиятҳои фардӣ** | **Ҳамбастагии фаслӣ** | **Салоҳиятӣ** |
| • Мураттабӣ;<br>• пуррагӣ;<br>• асосҳои илмӣ;<br>• фаъолӣ;<br>• мунтазамӣ ва пайдарпайӣ;<br>• аёнӣ;<br>• рифоҳияти психологӣ. | • Такякунӣ ба таҷрибаҳои шахсии донишҷӯён;<br>• такякунӣ ба таҷрибаҳои амалии онҳо;<br>• фаъолгардонии байниҳамдигарӣ (интерактивият);<br>• мутобиқшавӣ ба шароити фарққунанда (ситуатсионӣ);<br>• рефлексияи таълимӣ;<br>• муҳити ташаккули шахсият. | • Ҳамбастагии дохилифаннӣ ва байнифаннӣ;<br>• мустаҳкамкунии дониш, маҳорат ва малакаи бунёдӣ ва методологӣ;<br>• самти муайяни ихтисос;<br>• мувофиқат бо мақсд;<br>• фаслӣ. | • Таҳсил барои ҳаёт ва тамоми умр;<br>• мувофиқатии натиҷаҳои омодакунии мутахассис ба талаботи самти фаъолияти меҳнатии онҳо;<br>• таъмини рақобатпазирии онҳо ба бозори меҳнат. |

| **Ташаккулёбии маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаи химиявӣ, ки замина барои пайдошавии салоҳияти касбӣ гарданд** (салоҳияти фаннии бунёдӣ) | | |
|---|---|---|
| **Мазмун ва мундариҷаи ХУҒ ва фаслҳо** | **Таркибдиҳандаҳои ташкилии омузиш** | **Таркибдиҳандаи амалӣ(фаъолиятӣ)** |
| *Қисматҳои фасл, ки мувофик ба мақсади таълим тартиб дода шудаанд:*<br>• **Фасли 1:** Муқаддима. Қонунҳои асосии химия. Синфҳои муҳимтарини пайвастагиҳои химиявии ғайриорганикӣ. Қонуни даврӣ ва системаи даврии элементҳои химиявии Д.И. Менделеев. Химияи элементҳо. S-, P-, d-, f- элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо. Сохти атом. Ҳосилкунӣ, хосиятҳои химиявӣ ва истифодаи онҳо дар тиб.<br>• **Фасли 2:** Назария доир ба маҳлулҳо. Консентратсияи маҳлулҳо. Реаксияҳои химиявӣ ва мувозинат дар маҳлули электролитҳо. Қонуниятҳои термодинамикии гузариши равандҳои химиявӣ.<br>• **Фасли 3:** Кинетикаи химиявӣ. Мувозинати химиявӣ. Гидролизи пайвастагиҳои химиявӣ. Аҳамияти гидроиз дар равандҳои химиявии организм. Реаксияҳои оксиду барқароршавӣ. Назарияи кислотагӣ ва асосии Аррениус. Назарияи Бренстед-Лоури.<br>• **Фасли 4:** Табиати бандҳои химиявӣ ва сохти пайвастагиҳои химиявӣ. Пайвастагиҳои комплексӣ. Назарияи координатсионӣ. Номенклатураи пайвастагиҳои комплексӣ. Аҳамияти биологии онҳо ва истифодаи онҳо дар фарматсия. | • **Муҳимиятӣ**-ба дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки бо ихтисос вобастаанд аҳамият дода ҳавасмандии донишҷӯйро ба СКХ зиёд гардонидан;<br>• **КМД, КТТД (корҳои таълимӣ-тадқиқотии донишҷӯй)**- амиқ гардонидан ва ба роҳ гузоштани корҳои мустақилона ва тадқиқотии донишҷӯён;<br>• **Арзишмандии фанн** – бо воситаи зиёд гардонидани вобастагии байнифаннӣ баланд бардоштани мавқеи фанни ХУҒ дар ташаккули салоҳияти касбӣ. | *Қоидаи асосӣ:*<br><br>• **Методҳо:** дастури-тазаккуротӣ; ҷустуҷӯйӣ (қисман); алгоритмӣ; тадқиқотӣ; масъалагузорӣ; интерактивӣ; махсус<br>• **Воситаҳо:**<br>*Ахборотӣ* – китобҳои дарсӣ ва ёрирасон; маълумотномаҳо; Интернет-сарчашмаҳо<br>*Дидактикӣ* – маҷмуи мисолу масъалаҳое, ки ба омузиши амиқтар равона мекунанд; амалҳое, ки ба омузиши амиқтар равона мекунанд.<br>*ВЁТ(воситаҳои ёрирасони таълим)* – лабораторияҳо ва моддаҳову лавозимоти он; воситаҳои электронӣ ва техникӣ<br>• **Намудҳои ташкили машғулиятҳо:** маърузавӣ; амалӣ-лабораторӣ; семинарӣ; конфронсҳо; КТТД; кор бо гуруҳҳои хурд; «мизи мудаввар»; машваратҳо |

| БАҲОДИҲӢ БА НАТИҶАБАХШИИ ТАЪЛИМ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Таркибдиҳандаи меъёриву баҳодиҳӣ | | | Таркибдиҳандаи натиҷабахшӣ | | |
| САЛОҲИЯТИ ФАННИИ ХИМИЯВӢ | Соҳиб гардидан ба малакаи химиявии хусусиятҳои ҳамбастагии дохилифаннӣ ва байнифаннидошта | Мукаммалӣ ва мустаҳкамӣ | Натиҷаи омӯзиш бо алоқамандии дохилифан ва байнифаннӣ, инчуни таъсири хусусиятҳои ша ба натиҷа. | | |
| | Ташаккулёбии маҳорати химиявии алоқамандии дохилифаннӣ ва байнифаннидошта | Мукаммалӣ, мустаҳкамӣ ва бошуурона | Сатҳи ташаккули салоҳи фаннии химиявӣ | | |
| | Хусусиятҳо ва қобилиятҳои шахс дар омузиши химия | Нигоҳи арзишмандона ба таҳкурсии химиявӣ; мустаъкилият; малакаҳои муоширатӣ. | паст | миёна | баланд |

Вазифа, мақсад ва умуман моҳияти модели назариявӣ чи дар тарзи модулӣ ва чи дар тарзи фаслӣ тағйир намеёбад. Мундариҷаи фанн, ки дар асоси муносибати ҳамбастагии дохилифаннӣ ба фаслҳо тақсим карда шудаанд, ҳангоми гузариш ба намуди модулӣ ҳамчун модулҳо ё қисмаҳои модулӣ истифода бурда мешаванд.

Ба мақсади бозҳам таъсирбахш намудани имкониятҳои фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» барои ташаккули салоҳияти фаннӣ маҷмӯи дониш, маҳорат ва малака барои фанн ва дар аллоҳидагӣ барои ҳар як фасл тартиб дода шудааст.

Бо мақсади мувофиқаткунонии салоҳияти фаннии химиявӣ, дар асоси маводҳои таълимии фанни "Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ" дар факултаҳои фарматсевтии маълумоти олии фарматсевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо Стандарти Давлатии таълимии ихтисос, маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки ҳангоми омӯзиши фанни ХУҒ донишҷӯй бояд пайдо кунад дар алоҳидагӣ барои факултаҳое, ки фанни мазкурро ба фаслҳо ё қисмҳои модулӣ тақсим накардаанд ва барои факултаҳое, ки фанни мазкурро ба фаслҳо ё қисмҳои модулӣ тақсим намудаанд, пешниҳод менамоем:

**Салоҳиятҳое, ки дар натиҷаи омӯзиши фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» ташаккул меёбанд**

Дар натиҷаи азхудкунии фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» донишҷӯй бояд мафҳумҳои лозимӣ барои салоҳиятҳои умуминазариявӣ ва касбии зерин пайдо кунад:

- омодагӣ ба таъмини техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар корхона;
- омодагӣ ба таъмини нигоҳдории воситаҳои доруворӣ мувофиқи талаботҳои меъёрҳои ҳуҷҷатгузорӣ;
- омодагӣ барои муайян кардани феҳристи лавозимотҳо ва дастгоҳҳо барои ташкили санҷиши сифати дорувор мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- омодагӣ ба таъмини ташкилкунии лаборатория барои ташхис;
- омодагӣ барои гирифтани маҳаки санҷишӣ барои қабули маводи доруворӣ мувофиқи талаботҳо;
- омодагӣ ба тайёр кардани моддаи тахлилшаванда;
- омодагӣ ба гузаронидани таҳлили маводи доруворӣ;
- омодагӣ ба шарҳ ва баҳодиҳии натиҷаи воситаҳои доруворӣ;
- омодагӣ ба муайян кардани хусусиятҳои физико-химиявии намудҳои муайяни доруворӣ;
- омодагӣ ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарзи ҳаёти солим ва бехатарии фаъолияти ҳаётӣ;
- омодагии коркарди адабиётҳои илмӣ, таҳлили ахбороти илмӣ, дарёфти ахбороти лозимӣ;

- омодагӣ ба иштироки фаъол дар масъалагузориҳои илмӣ ва амаликунонии натиҷаҳои экспериментҳо;

**Дар натиҷаи омузиши фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» донишҷӯй бояд** ***донад:***

• қисмҳои асосии фанни химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, мафҳумҳо ва методҳои асосии ин фанн;

• модели муосири атом, Қонуни даврӣ ва ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д. И. Менделеев, қонуниятҳои тағйирёбии хосияти элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо, вобастагии фаъолнокии фармакологӣ ва заҳрнокии онҳо аз мавқеи онҳо дар системаи даврӣ;

• назарияҳои асосии сохти моддаҳои ғайриорганикӣ, назарияи бандҳои химиявӣ, намудҳои бандҳои химиявӣ;

• сохти пайвастагиҳои комплексӣ ва хосиятҳои онҳо;

• хосиятҳои асосии элементҳои химиявӣ ва пайвастагиҳои онҳо;

• синфҳои муҳимтарини пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ва номгузории онҳо;

• тавсифоти энергетикии асосии равандҳои химиявӣ, усулҳои ҳисоб кардани мувозинати химиявӣ мувофиқи консентратсияи моддаҳои сарфшаванда ва константаи мувозинат;

• маҳлулҳо ва равандҳои дар маҳлулҳои обӣ гузаранда;

• аҳамияти биологии элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо, инчунин истифодаи онҳо дар тиб ва фарматсия;

• сарчашамаҳои асосии ададбиётӣ ва адабиётҳои раҳнамоӣ доир ба химияи умумӣ ва гайриорганикӣ;

***тавонад:***

• функсияхои асосии термодинамикии ҳолати системаҳо, эффекти гармии реаксияхоро ҳисоб карда тавонад;

• константаи мувозинат ва консентратсияҳои мувозинатии маҳсулоти реаксия ва моддаҳои сарфшавандаи реаксияхоро ҳисоб карда тавонад;

• формулаҳои электронии атомҳо, ионҳо, формулаҳои электронӣ-графикии молекулаҳо ва атомҳоро тартиб дода намудҳои бандҳои химиявиро муайян карда тавонад;

• қобилияти реаксионии пайвастагиҳои химиявӣ ва хосиятҳои физикавии онҳоро вобаста аз мавқеи онҳо дар ҶДЭХ пешгӯйӣ карда тавонад;

• таъсирбахшии фармакологӣ ва заҳрнокии моддаҳоро назариявӣ асоснок карда тавонад;

• майлкунонии мувозинатро дар маҳлули электролитҳо тавонад;

• қоидаҳои номгузории моддаҳои ғайриорганикиро истифода бурда тавонад;

***маҳорат ва малакаи амалӣ дошта бошад:***

• қонунҳои асосии илми химия доир ба моддаҳо;

• усулҳои тартиб додани муодилаҳои реаксияхои химиявӣ;

• техникаи иҷрои таҷрибаҳои химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, аз ҷумла муайян кардани pH-и маҳлулҳо тавассути индикаторҳо ва асбобҳо;

• усулҳои гузаронидани ҳисоби стехиометрӣ аз руйи муодилаҳои реаксияҳо;

• методҳои ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ҳангоми корҳои лабораторӣ;

• маҳорат ва малакаи кор бо реактивҳо ва асбобҳо.

**Фасли 1**

**Муқаддима. Қонунҳои асосии химия. Синфҳои муҳимтарини пайвастагиҳои химиявии ғайриорганикӣ. Қонуни даврӣ ва Системаи даврии элементҳои химиявии Д. И. Менделеев. Химияи s-, p-, d-, f- элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо. Сохти атом. Ҳосилкунии моддаҳои содда ва пайвастагиҳои онҳо, хосиятҳои химиявӣ ва истифодаи онҳо дар тиб ва фарматсия.**

Бо азхуд намудании мавзӯъҳои ин қисм донишҷӯй бояд

***донад:***

• мафҳумҳои асосии химия, таълимоти атом ва молекула;

- конуни доимияти таркиби моддаҳо, қонуни бакои массаи моддаҳо, қонуни Авогадро ва натиҷаҳои он;
- мафҳум доир ба эквивалент, фактори эквивалентнокӣ;
- модели муосири атом, сохти электронии атомҳо;
- тавсифи ададҳои квантӣ, муодилаи Шрёдингер;
- таърифи ҳозиразамонаи конуни даврии элементҳои химиявӣ;
- конуниятҳои тағйирёбии хосияти элементҳо;
- структураи ситемаи даврии элементҳои химиявӣ, оилаҳои элементҳо;
- таснифоти пайвастагиҳои ғайриорганикӣ;
- номенклатура, хосиятҳои муҳимтарини физикавӣ ва химиявии синфҳои асосии пайвастагиҳои химиявии ғайриорганикӣ;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии гидроген, пероксиди гидроген, об, усулҳои ҳосилкунии онҳо, аҳамияти биологӣ ва истифодаи онхо дар тиб ва фарматсия;
- таснифоти обҳои маъданӣ ва табиӣ;
- усулҳои тозакунии об;
- сабабҳои пайдошавии дуруштии об ва намудҳои дуруштии об
- пайвастагиҳои табии металҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ, пайвастагиҳои табии бор, алюминий, элементҳои зергурӯҳи галлий, элементҳои зергурӯҳҳои IVA(14-ум гур.), VA(15-ум гур.), VIA(16-ум гур.), VIIA(17-ум гур.);
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии моддаҳои соддаи металҳои ишқориву ишқорзаминӣ ва пайвастагиҳои онҳо, усулҳои ҳосилкунӣ;
- сохти электронии элементҳо, хосиятҳои физикавӣ ва химиявии бор, боран, галлогенидҳои бор, оксиди бор, кислотаҳои бор ва намакҳои он, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои химиявӣ ва физикавии алюминий ва пайвастагиҳои онҳо (оксид, гидрооксид, намакҳо ва пайвастагиҳои он бо ғайриметалхо), усулҳои ҳосилкунӣ;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии моддаҳои соддаи карбон, оксидҳои карбон, кислотаи карбонат, гидрогенсианид, пайвастагиҳои карбон бо ғайриметалҳо ва усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии силитсий, оксидҳои он, кислотаи силикат, силикатҳо, пайвастагиҳои силитсий бо ғайриметалҳо ва усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии нитроген, аммиак, намакҳои аммоний, гидразин, гидроксиламин, оксидҳои нитроген, кислотаҳо ва намакҳои онҳо, усулҳои ҳосилкунӣ;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии фосфор, фосфин, оксидҳои фосфор, кислотаҳо ва намакҳои он, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии оксиген ва пайвастагиҳои он, усулхои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии сулфур, гидрогенсулфид, оксидҳои сулфур, кислотаҳо ва намакҳои онҳо, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии моддаҳои соддаи галлогенҳо ва пайвастагиҳои оксигендори онҳо, пайвастагиҳои гидрогении галлогенҳо, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- тавсифи умумии элементҳо мувофиқи зергурӯҳҳо, пайвастагиҳои онҳо, мавҷудияти онҳо дар қишри замин, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии газҳои инертӣ, фторидҳо ва оксидҳои онҳо, инчунин усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои лантаноидҳо ва актиноидҳо, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- хосиятҳои физикавӣ ва химиявии хром, молибден, волфрам ва пайвастагиҳои онҳо;
- тавсифи умумӣ, хосиятҳои химиявӣ ва физикавии манган ва пайвастагиҳои он, усулҳои ҳосилкунии манган ва пайвастагиҳои он;
- хосиятҳои асосии технетсий ва рений;
- тависфи умумӣ, хосиятҳои физикавӣ ва химиявии элементҳои триадаи оҳан ва пайвастагиҳои онҳо, пайвастагиҳои комплексии онҳо, усулҳои ҳосилкунии онҳо;
- тавсифи умумии элементҳои оилаи платина;

• тавсифи умумӣ, хосиятҳои физикавӣ ва химиявии мис, нукра ва тилло, пайвастагиҳои онҳо ва усулҳои ҳосилкунии онҳо;

• тавсифи умумӣ, хосиятҳои физикавӣ ва химиявии руҳ, кадмий, симоб ва пайвастагиҳои онҳо, усулҳои ҳосилкунии онҳо;

• аҳамияти биологии металҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ, элементҳои зергуруҳҳои IIIA(13-ум гуруҳ), IVA(14- ум гурух), VIA(16- ум гурух) , VA(15- ум гуруҳ), VIIA(17- ум гурух), VIIIA(18- ум гуруҳ), IIIB(3- ум гуруҳ),IVB(4- ум гуруҳ),VB(5- ум гуруҳ),VIB(6- ум гуруҳ),VIIB(7- ум гуруҳ),VIIIB(8-10- ум гуруҳ),IB(11- ум гуруҳ),IIB(12- ум гуруҳ), ва пайвастагиҳои онҳо, истифодаи онҳо дар тиб ва фарматсия;

***тавонад:***

• ҳисоб аз рӯйи формулаҳои химиявӣ ва коэфисиентҳои реаксияҳои химиявӣ дар муодилаҳои реаксияҳои химиявӣ;

• тартиб додани формулаҳои электронӣ ва электрони-графикии атомҳои элементҳои химиявӣ;

• вобаста аз мавқеи элементҳо дар ҶДЭХ муайян кардани хосияти онҳо ва пайвастагиҳои онҳо;

• тартиб дода тавонистани муодилаҳои реаксияҳои химиявии хосиятҳои оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо ва намакҳо;

• ҳисоби стехиометрӣ мувофиқи муодилаҳои реаксияхои химиявӣ;

• тартиб додани муодилаҳои реаксияҳои хосиятҳои химиявии гидрогени молекулавӣ, об, пероксиди гидроген;

• тартиб додани муодилаҳои реаксияҳои хосиятҳои химиявии металҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ, пайвастагиҳои онҳо, хосиятҳои химиявии элементҳои зергуруҳҳои IIA(2-юм гурух), IIIA(13-ум гуруҳ), IVA(14- ум гурух) , VA(15- ум гурух), VIA(16- ум гурух), VIIA(17- ум гуруҳ), VIIIA(18- ум гуруҳ), IIIB(3- ум гурух), IVB(4- ум гурух), VB(5- ум гурух), VIB(6- ум гурух), VIIB(7- ум гуруҳ), VIIIB(8-10- ум гурух), IB(11- ум гуруҳ) ва пайвастагиҳои онҳо;

• ҳисобҳои стехиометрӣ карда тавонистан мувофиқи муодилаҳои реаксияҳои тартибдода;

***маҳорат ва малакаи амалӣ дошта бошад:***

• истифодаи асосҳои назаривии назарияи атом ва молекула;
• тартиби пур кардани орбиталҳои электронӣ;
• методҳои тартиб додани конфигуратсияҳои электронии атомҳои элементҳо;
• таснифоти электроманфияти нисбии Полинг
• малакаи тартиб додани муодилаҳои реаксияҳо;
• усулҳои таснифоти оби маъданӣ;
• методҳои ҳалли мисолҳо ва масъалахои ҳисобӣ доир ба таҳлили таркиби маҳлул;
• техникаи иҷрои таҷрибаҳои химиявӣ;
• техникаи иҷрои реаксияҳо дар пробирка;
• маҳорати кор бо дастгоҳҳо ва реактивҳои химиявӣ;
• усулҳои ҳосилкунии пайвастагиҳои элементҳои зергуруҳи IVA(14-ум гуруҳ);
• усулҳои ҳосилкунии пайвастагиҳои элементҳои зергуруҳи VA(15-ум гуруҳ);
• усулҳои ҳосилкунии пайвастагиҳои элементҳои зергуруҳи VIA(16-ум гуруҳ);
• усулҳои ҳосилкунии пайвастагиҳои элементҳои зергуруҳи VIIA(17-ум гуруҳ);
• методҳои ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ.

**Фасли 2**

**Назария доир ба маҳлулҳо. Консентратсияи маҳлулҳо. Реаксияҳои химиявӣ ва мувозинат дар маҳлули электролитҳо. Қонуниятҳои термодинамикии гузариши равандҳои химиявӣ.**

Бо азхуд намудании мавзӯъҳои ин қисм донишҷӯй бояд

***донад:***

• мафҳум дар бораи маҳлулҳо;
• усулҳои ифодакунии таркиби маҳлулҳо;

• намудҳои гуногуни системаҳои термодинамикӣ, параметрҳои термодинамикӣ ва функсияхои ҳолат, термодинамических параметров и функций состояния, мафҳум дар бораи гармиғунҷоиш, равандҳои экзо- ва эндотермӣ, равандҳои экзо- ва эндэргони;

• моҳияти мафҳумҳои ҳолати муқаррарии моддаҳо, гармии ҳосилшавӣ ваг армии сузиши муқаррарӣ;

• қонунҳои якум ва дуйюми термодинамикӣ;

• қонуни асосии термохимия – қонуни ғесс ва натиҷаҳои он;

• меъёрҳои мустақил баамалойии равандҳо;

***тавонад:***

• ҳисоб кардани консентратсияи маҳлулҳо;

• ҳисоб мувофиқи формулаи моддаҳо ва коэффисиенти назди моддаҳо дар муодилаи реаксияҳо дар муҳити маҳлул;

• ҳисоби функсияҳои ҳолати системаҳои термодинамикӣ, мувофиқи таблитсаҳо, дар шароити муқаррарӣ;

• ҳарорати стандартии (муқаррарии) раванд мувофиқи натичаҳои экспериментҳои коллориметрӣ;

• имконияти худ аз худ ба амалойии равандҳо дар системаҳои изолятсияшуда;

***маҳорат ва малакаи амалӣ дошта бошад:***

• ҳисоб кардани консентратсияи моддаҳои ҳалшудаи маҳлулҳо;

• техникаи ичрои экспериментҳои химиявӣ;

• қобилиятҳои сарукор бо асбобҳои химиявӣ ва реактивхо;

• методҳои ҳалли масъалахои хисобӣ;

• ҳисоб кардани эффекти гармии реаксияҳои химивӣ,тағйирёбии энтропия ва энергияи Гиббс;

• методи муайянкунии энталпияи стандартии реаксия бо таҷриба;

**Фасли 3**

**Кинетикаи химиявӣ. Мувозинати химиявӣ. Гидролизи пайвастагиҳои химиявӣ. Аҳамияти гидроиз дар равандҳои химиявии организм. Реаксияҳои оксиду барқароршавӣ. Назарияи кислотагӣ ва асосии Аррениус. Назарияи Бренстед-Лоури.**

Бо азхуд намудании мавзӯъҳои ин қисм донишҷӯй бояд

***донад:***

• моҳияти ҳодисаҳои баргардандагӣ ва барнагардандагии реаксияҳои химиявӣ, мувозинати химиявӣ, муайян кардани константаи мувозинат, вобастагии ҳолати мувозинат ва константаи мувозинат, конуни таъсири масса;

• қоидаҳои Ле Шателйе-Браун;

• вобастагии байни энергияи Гиббс ва константаи мувозинат;

• назарияи диссотсиатсияи электролитӣ, моҳияти мафҳумҳои электролитҳои қавӣ ва заиф, дараҷаи диссотсиатсия;

• қонуни серобгардонии Оствалд, раванди ионизатсияи об, ҳосилизарби ионии об, нишондихандаи гидрогенӣ pH;

• назарияи Брёнстед, ҷуфтҳои алоқаманди кислотагӣ-асосӣ;

• реаксияҳои мубодила дар маҳлулҳои электролитҳо;

• гидролизи намакҳо;

• мафҳумҳои қувва ва фаолияти ионҳо;

• константаи ҳосилизарби ҳалшавандагӣ;

• шароитхои ҳосилшавӣ ва ҳалшавии таҳшин;

• моҳияти мафҳумҳои «реаксияҳои оксиду барқароршавӣ» (РОБ), «оксидкунанда», «барқароркунанда»;

• таснифи РОБ, усулҳои муайянкунии коэффисиентҳои РОБ;

• моҳияти мафҳумҳои «электродӣ», «барқароркунандагӣ», «шиддати мембранӣ» ва «шиддати диффузионӣ», «элементи галваникӣ», «қувваи электроҳаракатдиҳанда» (ҚЭҲ);

• муодилаи Нернст-Петерс;

• алоқамандии ҚЭҲ ва энергияи Гиббс;

• омилҳои ба самти равандҳои РОБ таъсиркунанда, аҳамияти РОБ дар фарматсия ва тиб;

***тавонад:***

• тартиб додани ифодаҳои константаи мувозинат ва муайян кардани он;

• муайян кардани самти ба амалойии равандҳои мустаъқил ба амалоянда;

• ҳисоб кардани консентратсияҳои аввала ва мувозинатии моддаҳо;

• муайян кардани қимматхои энергияи Гиббс аз руйи константаи мувозинат дар ҳарорати додашуда;

• муайян кардани электролитҳои қавӣ ва заиф, тартиб додани муодилаҳои диссотсиатсияи онҳо;

• тартиб додани муодилаҳои мубодилахои ионии равандаҳои дар маҳлул ба амалоянда;

• муайян кардани дарачаи диссотсиатсия;

• муайян кардани pH-и маҳлули электролитҳо;

• муайян кардани қувваи ионии маҳлул ва фаъолнокии заррахо;

• тартиб додани муодилаҳои мувозинати системаҳои таҳшин – маҳлули сер;

• муайян кардани имконияти таҳшиншавӣ ҳангоми омехтани маҳлулҳои электролитҳо;

• муайян кардани коэффисиенти моддаҳо дар РОБ бо усулҳои балансҳои электронӣ ва ионӣ – электронӣ;

• иартиб додани муодилаҳои Нернст ё Нернст-Петтерс барои системаҳои гуногун;

***маҳорат ва малакаи амалӣ дошта бошад:***

• методикаи ҳисоби қимматҳои константаи мувозинат;

• усулҳои муайянкунии консентратсияҳои моддаҳои сарфшаванда ва консентратсияҳои мувозинатии онҳо ва маҳсулоти реаксияҳо;

• техникаи гузаронидани экспериментҳои химиявӣ дар пробиркаҳо;

• маҳорати коркунӣ бо асбобҳои химиявӣ ва реактивҳо;

• алгоритми ҳисобкунии қимматҳои pH;

• мувофиқи назарияи диссотсиатсияи электролитӣ муайян кардани кислотаҳо, намакҳо, ва асосҳо;

• тайёр кардани маҳлулҳои буферӣ;

• бо усули тачрибавӣ муайян кардани киммати pH-и маҳлулҳо бо ёрии индикаторҳо;

• усулҳои тартиб додани баланси электронӣ ва ионӣ – электронӣ;

• усулҳои муайян кардани самти ба амалойии равандҳои оксиду барқароршавӣ;

• алгоритми ҳисобкунии редокс-потенсиал тавассути муодилаи Нернст- Петерс;

• усулҳои муайянкунии ҚЭҲ;

**Фасли 4**

**Табиати бандҳои химиявӣ ва сохти пайвастагиҳои химиявӣ. Пайвастагиҳои комплексӣ. Назарияи координатсионӣ. Номенклатураи пайвастагиҳои комплексӣ. Аҳамияти биологии онҳо ва истифодаи онҳо дар фарматсия.**

Бо азхуд намудании мавзӯъҳои ин қисм донишчӯй бояд

***донад:***

• омилҳое, ки қобилияти валентии атомҳоро муайян мекунанд, намуди гибридизатсия, сохти фазогии оддитарин ионҳо ва молекулаҳо;

• намудҳои бандҳои химиявӣ (металлӣ, ковалентӣ, ионӣ, гидрогенӣ);

• механизми ҳосилшавии бандҳои ковалентӣ;

• методи бандҳои валентӣ, қоидаи октет ва истисноҳои он;

• методи орбиталҳои молекулавӣ;

• назарияи координатсионии пайвастагихои комплексӣ, таснифот, номенклатура ва намудҳои изомерияи пайвастагиҳои комплексӣ;

• равандҳое, ки дар маҳлулҳои пайвастагиҳои коордиатсионӣ ба амал меоянд, константаи ин равандҳо;

• моҳияти реаксияҳои комплексхосилкунӣ, аҳамияти биологии пайвастагиҳои комплексӣ, асосҳои химиявии истифодаи пайвастагиҳои комплексӣ дар фарматсия ва тиб;

***тавонад:***

• муайян кардани валентнокӣ, дараҷаи оксидшавии атомҳои элементҳо ва намуди гибридизатсияи онҳо;

• сохти геометрии заррахо, намудҳои бандҳои химиявӣ;

• муайян кардани тартиби бандҳо ва хосиятҳои магнитии заррахо;

• муайян кардани ионҳои комплексҳосилкунанда, лигандахо, адади координатсионии атоми марказӣ, дентантнокии лигандахо;

• номгузорӣ ва тасниф додани пайвастагиҳои координатсионӣ;

• тартиб додани реаксияҳои комплексҳосилкунӣ;

• тартиб додани муодилаи диссотсиатсияи пайвастагиҳои координатсионӣ, ифодаи константаҳои устуворӣ ва ноустуворӣ;

***маҳорат ва малакаи амалӣ дошта бошад:***

• асосҳои назарияи орбиталҳои молекулавӣ;

• усулхои тартиб додани диаграммаҳои энергетикӣ бо методи орбиталҳои молекулавӣ;

• методҳои ҳисоб намудани консентратсияи метал – комплексҳосилкунанда бо истифода аз киммати константаи ноустуворӣ;

• техникаи гузаронидани экспериментҳои химиявӣ дар пробиркаҳо;

• маҳорати коркунӣ бо асбобҳои химиявӣ ва реактивҳо.

**Муҳокима**

Бо истифода аз корҳои лабораторӣ, ҳалли масъалаҳои ситуатсионӣ, супоришҳо ва санҷишҳои тестӣ, ки қисми назаррасашонро саволу мисолҳои алоқамандкунандаи байни фаслӣ ва байни фаннӣ ташкил бояд кунанд, дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯёнро зиёд мегардонад. Корҳои мустаъқилонаи донишҷӯён, маҳфилҳои илмии онҳо, иштирок дар конфронсҳо қобилияти тадқиқотчигии донишҷӯёнро бедор намуда арзишмандии фанро дар назари донишҷӯй баланд месозад. Донишҷӯй аз китобҳои дарсии фанҳои бо ҳам алоқамандгардонида истифода мебарад, аз сарчашмаҳои интернетӣ ҷустуҷӯйи ахбори таълимиву илмӣ намуда бо дастовардҳои нав ба нави на танҳо фанни химия балки бо дастовардҳои дигар фанҳо низ шинос гардида бо ин ҳама худ ба салоҳиятнок гаштани худ замина мегузорад. Самти фаъолияти меҳнатии худро муайян мекунад ва мувофиқ ба мақсадҳои дар пешгузоштааш роҳу равиши пешрафтро дарёфт месозад.

**Хулоса**

Барои он, ки омӯзгор тавассути тариқаҳои муосири таълим, методҳои фаъоли таълим, ташкили намудҳои гуногуни натиҷабахши дарс дар донишҷӯй эҷодкориву мустақилият, боварӣ ба ояндаи хеш ва умуман салоҳияти касбиро дар асоси салоҳияти фаннӣ ташаккулу рушд дода тавонад, нақшаи мукаммали дурнамо барои фанни таълимӣ бояд дошта бошад. Нақша бояд аз унсурҳои оддитарини дарсӣ то ба мақсади ниҳоии омӯзгорро дарбар гирад. Ин таркиб ва мундариҷаҳои фаслҳои курси ХУҒ ва дар асоси он модели назариявии омузиши касбии фанни таълимии тартиб додаи мо буда метавонад, ки дар мақолаҳои худ пешниҳод намудаем.

## АДАБИЁТ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии олии таълимӣ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», Душанбе – 2019 с., 34 саҳ.

2. Бобизода Ғ.М., Раҷабов У.Р., Азаматов А.Қ. Салоҳияти фарматсевт дар асоси ташаккулёбии салоҳияти фаннӣ (*Дар асоси омузиши фанни «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ» дар макотиби олии фарматсевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон*). «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон», №1 (34), 2020 саҳ. 81.

3. "Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015", аз 2 ноябри соли 2007 таҳти № 529

4. Стандарти давлатии таълими таҳсилоти олии касбӣ (Талаботи минимуми барномаи ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба мазмун ва сатҳи тайёр кардани мутахассис), Ихтисос: 1-790108-Фарматсия, Тахассус: Фармасевт («мутахассис»), Душанбе 2011с.

5. Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Душанбе 2012 с.
6. Стандарти Давлатии таълимии ихтисос, «Талабот ба натиҷаҳои азхудкунии барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз руи ихтисоси «Фарматсия», Душанбе, 2018 с.
7. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: "Ирфон" 2018. –72 с.
8. Методические рекомендации к практическим занятиям по неорганической химии на фармацевтическом факультете. Таджикский государственный медицинский институт имени абуали ибни Сино. Кафедра медицинской химии. С.С. Сабиров, Д.И. Исмоилов, М.Т. Газиева. – Душанбе, 1982 г., 42 с.

## САЛОҲИЯТИ ФАННИИ ХИМИЯВӢ БО ОМӮЗИШИ ҲАМБАСТАГИИ ФАСЛИИ ХИМИЯИ УМУМӢ ВА ҒАЙРИОРГАНИКӢ ДАР ФАКУЛТАИ ФАРМАТСЕВТӢ

Аз натиҷаи таҳлили имтиҳоноти аз курс ба курс гузаронӣ ва имтиҳони давлатии хатм муайян гардид, ки муносибати ҳамбастагии байнифаслии омӯзиши касбии фанни таълимӣ дар асоси модели назариявии таълими фанни химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ барои ташаккули фарматсевти салоҳиятнок таъсири мусбӣ мерасонад. Бо риоя намудани шартҳои таркибдиҳандаҳои модули назариявии омузиши касбии фанн, пурзур намудани алоқамандии байнифаннӣ, натиҷаи омӯзиши ҳамаи фанҳои дар факултет омӯзонидашаванда таъсирбахшии ҳамбастагии фаслиро ба монанди ҳамбастагии модулӣ боз ҳам зиёд ва мувофиқ ба мақсад мегардонад[2]. Инчунин донишгоҳ мувофиқи оинномаи худ метавонад барои татбиқи барномаҳои таълимӣ технологияи фосилавии донишомузиро қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истисноии баъзе аз машғулиятҳо) аз рӯйи тартиботе, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар кардааст, истифода барад. Дар ҳолатҳои ғайри чашмдоште, ки мо шоҳиди бевоситаи он гаштем – сар задани пандемияи COVID – 19, истифодаи технологияи фосилавии донишомузӣ зарур меояд. Омузиши фанни химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ бо тақсимкунии илман асоснокшуда ба фаслҳо, аз нуқтаи назарияи методӣ ва маводҳои санҷишиву баҳодиҳӣ ба сатҳи дониши донишҷӯён барои технологияи омузиши фосилавии ин фанн қобили истифодабарӣ буда ташкили чунин машғулиятҳоро хеле осон мегардонад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муносибати босалоҳият ба таълим, салоҳияти касбии фарматсевт, салоҳияти фаннӣ, маълумоти олии фарматсевтии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, ҳамбастагии фаслии фанн, истифодаи технологияи фосилавии донишомузӣ дар ҳолати пандемия, модели назариявии таълим.*

## ПРЕДМЕТНЫЕ ХИМИЧЕСКИЕ КОМПЕТЕНЦИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ ХИМИИ ПО ВЗАИМОСВЯЗАННЫМ РАЗДЕЛАМ В ФАРМАЦЕВТИЧЕСКОМ ФАКУЛЬТЕТЕ

Результаты анализа итоговых и государственных экзаменов показали, что разделение курса общей и неорганической химии на раздели с учетом их взаимосвязанности, а также на этой основе теоретическая модель для подготовки компетентного фармацевта играет положительную роль. Следуя условиям составляющим теоретической модели и усиливанием межпредметных взаимосвязанностей всех предметов преподаваемых в фармацевтическом факультете, также как и в модульном интегрировании, наш метод становится более результативным[2]. А также, в соответствии с уставом университета, Университет полномочен использовать дистанционную технологию обучения частично или полностью (за исключением некоторых занятий) для внедрения учебных программ в порядке, установленным Государственным органом управления образованием.

В не предвиденных обстоятельствах, с одним из которой мир столкнулся с пандемией COVID – 19, внедрение дистанционной технологии обучения становится необходимым. Разделяя курс ОНХ на научно обоснованные раздели, с методической точки зрения, а также оценочные средства уровня сформированности химической компетентности студентов с дистанционным методом обучения становится возможным и значительно упрощает проведения занятий.

***Ключевые слова:*** *компетентностный подход к образованию, профессиональные компетенции фармацевта, предметные компетенции, Таджикский государственный медицинский университет, высшее фармацевтическое образование Республики Таджикистана, общая и неорганическая химия, взаимосвязанности между разделами курса ОНХ, применение дистанционного метода обучения в периоде пандемии, теоретический модель предметного обучения.*

## SUBJECT CHEMICAL COMPETENCIES IN THE STUDY OF CHEMISTRY IN INTERRELATED SECTIONS AT THE FACULTY OF PHARMACY

In order to improve the interconnectedness between the parts of ONH and thereby strengthen the connection of knowledge, skills and skills of students obtained in high school, they divided the course of GIC

into four parts. An analysis of the final and state exams showed that dividing the course of general and inorganic chemistry into parts, taking into account their interconnectedness, and also on this basis, a theoretical model for the preparation of a competent pharmacist plays a positive role. Following the conditions components of the theoretical model and the strengthening of interdisciplinary interconnections of all subjects taught in the pharmaceutical faculty, and our method is becoming more effective[2]. In accordance with the Charter University, the University is authorized to use distance learning technology in part or in full (with the exception of some classes) to study in educational institutions.

In the foreseen circumstances faced by such people, they encounter COVID - 19, the introduction of distance learning technology becomes necessary. Of course, in the framework of science-based parts, with methodological points of view, there are also assessment tools that ensure the competence of students with a distance learning method, it becomes possible and greatly simplifies the conduct of classes.

***Keywords**: competency-based approach to education, professional competencies of a pharmacist, subject competencies, Tajik State Medical University, higher pharmaceutical education of the Republic of Tajikistan, general and inorganic chemistry, interconnections between parts of the GIC course, the use of the distance learning method in a pandemic period, a theoretical model of subject-based education.*

**Сведения об авторах: БОБИЗОДА Г.М.** – академик Академии образования Таджикистана, доктор биологических и фармацевтических наук, профессор, президент Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни – 126, E-mail: bobievgm @mail.ru, тел.: +(992)888877917

**РАДЖАБОВ У.Р.** – доктор химических наук, профессор, заведующий кафедрой фармацевтической и токсикологической химии Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сино, г. Душанбе, проспект Рудаки – 139, E-mail: umarali55@mail.ru, тел.: (+992) 907-46-48-29

**АЗАМАТОВ А.К. -** ассистент кафедры Фармацевтической и токсикологической химии Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сино, г.Душанбе, проспект Рудаки – 139, E-mail: azamatovabduholik@gmail.com, тел.: (+992) 907-03-58-08

**Information about the authors: BOBIZODA G.M.** - Academician of the Academy of Education of Tajikistan, Doctor biological and pharmaceutical sciences, professor, president of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, ul. Aini - 126, E-mail: bobievgm @ mail.ru, tel .: + (992) 888877917

**RAJABOV U.R.** - Doctor of Chemical Sciences, Professor, Head of Department pharmaceutical and toxicological chemistry Tajik State Medical University. Abuali ibn Sino, Dushanbe city, Rudaki avenue - 139, E-mail: umarali55@mail.ru, tel .: (+992) 907-46-48-29

**AZAMATOV A.K.** - Assistant of the Department of Pharmaceutical and Toxicology Chemistry Tajik State Medical University. Abuali ibn Sino, Dushanbe city, Rudaki avenue - 139, E-mail: azamatovabduholik@gmail.com, tel .: (+992) 907-03-58-08

**С. НИЯЗОВА**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Муносибати босалоҳият ба таълим равандест, ки дар ҷараёни он дониш, малакаҳои ҳаётан муҳимми донишҷӯён ташаккул ёфта, тарз, роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо дарёфт ва амалӣ карда мешаванд.

Ҳадафи асосии муносибати босалоҳият ба таълим, пеш аз ҳама, дар сатҳи баланд пешниҳод намудани натиҷаи амал дар ҳамаи соҳа ва самтҳо, аз ҷумла таҳсилот, ифода меёбад. Муносибати мазкур хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ҷумла, муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонанда, хонанда ва маводи таълимро муайян мекунад. Донистан ва салоҳияти татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва рушди салоҳиятҳои донишҷӯро таъмин сохта, барои ташаккули шахсияти масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок заминаи мусоид фароҳам орад.

Дар асоси таҳқиқоти баргузоршуда махсусиятҳои таҳсилоти босалоҳият ба таври зер муайян шудаанд:

- пазируфтани илм (асоси мундариҷаи таълим) ҳамчун маҷмӯи таҷриба дар ҳалли мушкилот;
- пешниҳоди саволу ҷавоби омӯзгор дар ҳамкорӣ бо донишҷӯён дар раванди таълим;
- истифодаи шакл ва усули таълим ҳамчун воситаҳои мустақилона расидан ба ҳадафҳои педагогии муайян (масалан, кор дар гурӯҳҳои хурд ва калон, ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ);
- маҳорати истифодаи дониш ва маҳорат дар вазъиятҳои ҳаётӣ (ё наздик ба онҳо);
- арзёбии натиҷаҳои асосии таълим дар асоси таҷрибаи даркшудаи фаъолият;
- ташаккули таҷрибаи ҳаётӣ ҳамчун унсурҳои арзишманд дар раванди таълим;
- ҷамъоварӣ ва дарки таҷрибаи ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ.

**Таҷрибаи таҳсилоти ҷаҳони муосир мафҳуми муносибати босалоҳият ба таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои асосӣ (калидӣ) ва тағйир додани шаклу усули таълим, фароҳам овардани шароити мусоид, таъмингари таҳсилоти босифати ба ҳар як донишҷӯ дастрас, ташаккули тамоилҳои арзишманд, малакаҳои пешқадами иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ташаккули шахсият ба воситаи**:

- афзудани донишҳои асосӣ (фундаменталӣ);
- таълим дар равияҳо (тафриқавӣ);
- таҳсилоти иловагӣ;
- таҳсилоти фосилавӣ;
- дастгирии психологию педагогӣ арзёбӣ менамояд.

Ҳадаф ва вазифаҳои дигари муносибати босалоҳият ба таълим гузариш аз парадигмаи технократии "дониш ва малака" ба парадигмаи "салоҳиятнокии ба амалия нигаронидашуда" ҳамчун ягонагии арзишҳо, роҳҳо, воситаҳо ва шаклҳои гуногуни таълим равона месозад,аз ҷумла таваҷҷуҳ намудан:

- ба худташаккулдиҳии шахсият дар ҷараёни таълими муттасил;
- ба худомӯзӣ ва худташаккулдиҳӣ;
- худмуайянкунӣ;
- худтатбиқкунӣ дар соҳаҳои гуногуни иттилоотию фаннӣ ва иҷтимоию коммуникативӣ.

Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим аз омӯзгори имрӯза истифодаи технологияи нави таълимро талаб менамояд, зеро он ба пешрафти ҷомеа, сифати таҳсилот, дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, таъмини маърифатнокии илмию техникӣ, фарҳангию маърифатӣ, арзишҳои умумибашарӣ, инкишофи озодонаи шахс, тарбияи шаҳрвандӣ ва дар маҷмӯъ ба ташаккули шахсияти хонанда заминаи устувор мегузорад.

Вазифаи таълиму тарбияи биология тавассути таълим амалӣ гардонида мешавад. Муҳимтарин қисми таркибии онро омӯзиш ва мазмуни маълумоти биологӣ ташкил мекунад. Ҳамин алоқамандӣ моҳияти таълими биологияро муайян менамояд, ки он аз тавсифи дидактикии ҷараёни умумии таълим бармеояд. Мувофиқи он ҷараёни таълим маҷмӯи амалиёти пайдарҳамии муаллим ва донишҷӯён буда, барои огоҳона ва амиқ аз худ

намудани дониш, малака ва маҳорат равона карда шудааст. Дар рафти он қувваи дарккунӣ, аз барномаи унсурҳо (элементҳо)-и маданияти меҳнатӣ, ақлӣ ва ҷисмонӣ, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқии донишҷӯён ташаккул меёбад.

Бояд гуфт, ки ин тавсифот ва гузоришҳо аз нигоҳи дидактикӣ талаботи умумии таълимӣ буда, ба таълими ҳамаи фанҳо хос аст.

Таълими биология ин ҷабҳаҳои умумии таълимиро сарфи назар накарда, дар як вақт хусусияти худро ҳам дорад. Вай аз мазмуни маводи таълимии биология ва вазифаи таълиму тарбиявии он берун меояд. Аз ҷумла, азбаркунии дониш, малака ва маҳорат, истифода бурдани воситаҳои таълимиеро талаб менамояд, ки фақат ба таълими биология хос мебошад. Ин бешубҳа шаклҳои махсуси ташкили таълими биологияро талаб мекунад. Он тақвият бахшидани ҷараёни таълим ва дар ин замина на фақат азнавбарқароркунии дониш, малака ва маҳорат, инчунин эҷодкорӣ, мустақилона дарк намудан ва ҳусни таваҷҷуҳ доштан ба омӯзишро талаб менамояд.

Инро ба эътибор гирифта, дар таълими биология аз шаклҳои гуногуни таълим истифода мебаранд. Ба он пеш аз ҳама дарс дохил мешавад. Аммо хусусияти омӯзиши биология ғайр аз дарс дигар шаклҳои таълимро низ талаб менамояд: машғулиятҳои факултативӣ, саёҳати таълимӣ, мушоҳидаи доимии табиат, дарси иловагӣ, маслиҳатдиҳӣ, вазифаи хонагӣ, гузаронидани корҳои амалӣ дар маҳал, озмоишгоҳҳои биологӣ ва ғайра. Гуногунии шаклҳои таълим ва истифодаи он ба муаллим имконият медиҳад, ки на фақат шореҳи доимии маводи таълимӣ бошад, инчунин дар лаҳзаҳои зарурии дарс воситаҳои таълимро ба кор барад, ба хонандагон маслиҳатҳое диҳад, ки ҳалли онҳо татбиқи мустақиму эҷодкориро талаб намояд.

**дарси кори амалӣ.** Дар ҷараёни таълими биология на фақат дониши назариявӣ аз худ менамоянд, инчунин онҳо соҳиби малакаи муйян ва маҳорат мегарданд. Ба ин хотир, дар барномаҳо гузаронидани корҳои амалӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамаи онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: машқӣ (таълимӣ) ва ҷамъбастӣ; ҳар яки ин гурӯҳи корҳо бо мақсади муайян ҳамчун дарси алоҳида ( агар гузаронидани корҳои амалӣ вақти зиёдро талаб намояд) дар лаҳзаҳои гуногуни дарсҳои омехта, муқаддимавӣ ва омӯхтани маводи нав пайваста бо пешбинӣ намудани дарси алоҳида гузаронида мешавад.

Хотирнишон месозем, ки корҳои амалӣ қисми таркибии ҳар як курс ба ҳисоб меравад. Онҳо методҳои таҳқиқотие, анҷом дода мешавад, ки танҳо барои фанни биология хос аст, таҷассум ёфтаанд. Аз ин рӯ, мақсади гузаронидани корҳои амалӣ нафақат дар донишҷӯён ташаккул додани донишҳои назариявӣ, инчунин пайваста бо ин ҷараён аз бар намудани маҳорату малакаҳое, ки ба биология хос аст, ба шумор меравад. Кор бо мушоҳидаи табиат, истеҳсолот, тавсифи объектҳои табиӣ, биологӣ, иқтисодӣ, тартиб додани нақшаи сиклҳои истеҳсолӣ, комплексҳои биологӣ – истеҳсолӣ ва ғайра аз қабили чунин малакаҳо мебошанд.

Корҳои амалӣ бе заминаи муйяни донишҳои назариявӣ гузаронида намешаванд. Бинобар ин, пеш аз он ки кори амалӣ гузаронида шавад, хонандагон доир ба ин ё он мавзӯъ дониши назариявиро аз бар менамоянд, ба тарзи иҷрои кори амалӣ ошно мешаванд. Аз ҳамин сабаб, дар барномаҳои омӯзиши биология корҳои амалӣ пас аз мавзӯъҳои калон пешбинӣ карда шудаанд. Яъне пеш аз он ки ин ва ё кори амалиро донишҷӯён зимни корҳои дар барнома пешбинишуда иҷро намоянд, аввало дар рафти омӯзиши мавзӯъҳои алоҳида корҳои амалии соддаро мувофиқи супориши омӯзгор иҷро менамоянд. Сипас, дар охири мавзӯи калон он кори амалиеро, ки дар барнома дода шудааст, иҷро менамоянд.

Мисол, агар аз биология ҳамчун кори амалӣ «Таҳлили хелҳои биологӣ» - ро ба донишҷӯён тавсия намоем, дар вақти омӯзиши қонунҳои биологӣ онҳо ба қонун ва мафҳумҳои биологӣ, таъсири мутақобилаи табиат ва ҷомеа шинос мешаванд. Пас аз ин, ба иҷрои кори амалии «Таҳлили хелҳои биологӣ» омода мегарданд. Иҷрои ин кор аз омӯзгор ва донишҷӯён тайёрии махсусро талаб мекунад. Бинобар ин омӯзгор метавонад алоҳида онро ҳамчун «Дарси кори амалӣ» баррасӣ намояд. Таркиби он аз дигар намудҳои дарс ба куллӣ фарқ менамояд ва аз қисмҳои таркибии зерин иборат мебошад: «Гузориши мақсади таълиму тарбия; шинохт намудани донишҷӯён ба воситаҳои таълимие, ки барои иҷрои кори амалӣ зарур аст; дастур бо мақсади азхудкунии тарзи амалҳои таълимӣ ва мураттаб намудани натиҷаи кори амалии донишҷӯён, ки қисми зиёди вақти дарсро мегирад; ҷамъбаст намудани натиҷаи кор ва супориши вазифаи хонагӣ».

Дар ин сурат омӯзгор вазифадор аст, ки пеш аз ба кор шурӯъ намудани донишҷӯён ба онҳо иҷро намудани корро фаҳмонад. Баъд аз ин онҳо ба иҷро намудани кор шурӯъ менамоянд.

Дигар шакли кори амалӣ ин кори мустақилонаи донишҷӯён мебошад. Ин амал дар ҳама намуди дарсҳо мушоҳида карда мешавад. Аммо дар «дарси кори амалӣ» фақат ҳангоми гузаронидани «кори амалӣ ҷамъбастӣ» дар назар дошта шудааст. Дар ин сурат ҳар як донишҷӯ бо хоҳиши худ баори мустақилона кор кардан ин ё он мавзӯи биологӣ ва масъалаҳои алоҳидаи онро интихоб менамояд. Пас аз ин, аз манбаъҳои гуногун, китобҳои дарсӣ ва маводи иловагӣ истифода бурда мустақилона корро ба охир мерасонад.

Дар рафти иҷрои корҳои мустақилона донишҷӯён на фақат донишу малака ва маҳорати азбаркардаашонро дар вазъияти нав истифода мебаранд, инчунин мустақилона дониш ва малакаю маҳорати нав ҳосил мекунанд. Барои он ки донишҷӯён ба ин мақсад ноил гарданд ва кори мустақилонаи онҳо самара бахшад, омӯзгор бояд ба талаботи зерин эътибор диҳад:

а) кори мустақилона, ки ба донишҷӯён дода мешавад, бояд ба қобилияти онҳо мувофиқ ва иҷрошаванда бошад. Ба донишҷӯён қобилияти фикркунӣ, ташаббускорӣ ва эҷодкориро инкишоф диҳад, ба дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаи хётии онҳо такя намояд;

б) ҳангоми интихоби мазмун ва шакли корҳои мустақилона вобаста ба хусусияти ҳар як гурӯҳ, махсусиятҳои фардии донишҷӯён бояд пайдарҳамии корҳои мустақилона ва марҳила ба марҳила мушкил шудани онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад;

в) корҳои мустақилона аз ҷиҳати мазмун ва шакл бояд гуногун бошанд, донишу малакаи нав ҳосил намоянд, донишҷӯёро ба ҳаматарафа фикр намудан водор намоянд;

г) ҳар як кори мустақилона аз тарафи омӯзгор бояд санҷида, баҳо дода, дар ҷараёни минбаъдаи таълим истифода бурда шавад.

## МЕЪЁР ВА ТАРЗҲОИ БАҲОДИҲӢ БА МАЛАКАИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН

Баҳодиҳӣ дар доираи чаҳор дараҷаи салоҳиятҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои таълимии фан тибқи талаботи Стандарти фан аз рӯйи матритсаи меъёрҳои баҳодиҳӣ ба салоҳиятнокии (дониш, малака ва маҳорати) донишҷӯён амалӣ карда мешавад.

Баҳодиҳӣ аз рӯйи меъёри А. Зимни ин меъёр ба сифати иҷрои супориш, фаъолнокӣ ҳангоми иҷрои кор (кори мустақилона, санҷишӣ, амалӣ ва лабораторӣ) баҳо дода мешавад. Дар ин ҳангом сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯ равшан карда шуда, ба сифати иҷрои супориш, фаъолнятнокӣ ҳангоми иҷрои кор (мустақилона, санҷишӣ амалӣ ва лабораторӣ)-ии ӯ баҳогузорӣ мешавад. Дар раванди баҳодиҳӣ сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯ равшан карда шуда, бо назардошти хатоҳои содиршуда ба ӯ холгузорӣ карда мешавад. Меъёри А маънои онро дорад, ки донишҷӯ манбаъҳои донишро дуруст ва пурра интихоб карда, корро мустақилона бо тартиби муайян пайдарҳам гузаронидааст, мантиқи тавсияи ҳодисаҳо, қоидаҳо ва объектҳои биологиро риоя намуда, хулосаи дуруст баровардааст ва натиҷаро бенуқсон ва бо сифат мураттаб кардааст.

Баҳодиҳӣ аз рӯйи меъёри В. Зимни ин меъёр салоҳиятнокии донишҷӯ ҳангоми иҷрои кори амалӣ дар раванди азхудкунии маводи таълим баҳогузорӣ мешавад. Меъёри В маънои онро дорад, ки донишҷӯ манбаи донишро дуруст ва пурра интихоб карда, дар истифода бурдани ҷадвалҳои оморӣ, тавсияи ҳодисаҳо, қоидаҳо ва объектҳои биологӣ, дигар манбаъҳои дониш ва ба тартиб даровардани натиҷаи кор ба хато роҳ додааст.

Баҳодиҳӣ аз рӯйи меъёри С. Зимни ин меъёр салоҳиятҳои натиҷаи кори донишҷӯ бо иттилооти гуногун (истифодаи онҳо) дар ҷараёни иҷрои кор (кори мустақилона, санҷишӣ, амалӣ ва лабораторӣ) муйян карда мешавад. Албатта ҳангоми баҳогузорӣ маҳорати кор бо манбаъҳои дохилӣ китоби дарсӣ ва иттилооти иловагӣ (дар вақти баҳогузории асосӣ аз рӯйи меъёри А) ба эътибор гирифта мешавад. Меъёри С маънои онро дорад, ки донишҷӯ манбаъҳои асосии донишро дуруст истифода кард, ҳангоми хулосабарорӣ ба норасоиҳо роҳ додааст ва корро бетартиб иҷро намудааст.

Баҳодиҳӣ аз рӯйи меъёри Д. Зимни ин меъёр салоҳияти иртиботии ҳамаи донишҷӯён муайян карда мешавад. Саҳми онҳо дар иҷрои кор(кори мустақилона, санҷишӣ, амалӣ ва лабораторӣ), маҳорати кор кардан бо гурӯҳ, иштирок дар муколама, саволу ҷавоб ва ташаббускорӣ дар раванди иҷрои кор равшан карда мешавад.

Экскурсия (саёҳат) дар таълими биология.

Дар барномаи биология дар маҳал ва муҳити атроф гузаронидани саёҳати таълимӣ пешбинӣ карда шудааст. Донишҷӯён тариқи саёҳат ба табиат ва мавҷудоти биологӣ ба симои зоҳирӣ, махсусиятҳо онҳо бевосита шинос мешаванд. Нисбат ба онҳо тасаввуроти васеъ ҳосил менамоянд. Ҳодисаҳои табиию биологиро ба якдигар муқоиса мекунанд, аломатҳои монандӣ ва фарққунандаи онҳоро амиқ намуда, алоқамандии байни онҳоро ошкор ва муқаррар менамоянд.

Ин амалиёт барои ташаккул ва амиқ азхудшавии бисёр мафҳумҳои биологӣ ва такмилу татбиқи донишҳо оид ба қонуниятҳои табиию биологӣ мусоидат менамояд. Ҳангоми саёҳат ташкил кардани мушоҳида ва гузаронидани корҳои омӯзишии доншҷӯён бо асбобҳои гуногун ва бо усули бо онҳо кор кардан шинос мекунанд, ки дар ҳаёт минбаъд ба кор меоянд. Ландшафти маҳалро омӯхта дар бораи қонуниятҳои инкишофи мунтазами табиат, тағйирёбии он истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дониши амиқ ҳосил мекунанд. Алоқамандии истеҳсолотро бо табиати маҳал ошкор менамоянд. Ба шахсони касбу корашон гуногун шинос мешаванд. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳои саёҳати таълимиро дар назар дошта, Н.Н.Баранский гуфтааст: саёҳат ин «гузориши фан аз саҳифаи китоби дарсӣ ба ҳаёт» мебошад. Дар хусуси методикаи гузаронидани саёҳати таълимӣ дастурҳои методии зиёд навишта шудаанд. Ва омӯзгоронро зарур аст, ки саёҳатҳои таълимиро дар табиат ва корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва хизмати маишӣ мувофиқи талаботи дидактикӣ ва методикаи таълими биология ташкил намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Аҳроров Идибек. Салоҳиятҳои фанни биология./Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф,. №№, 2018(23), с.92-95.
2. Веткин Л. Г. Самостоятельная работа учащихся на уроке (лекция по педагогике для студентов университета). Издательство Саратовского университета, 1978. 24 с. Есипов Б. П. Самостоятельная работа учащихся на уроках. Государственная учебно-педагогическое издание министерства просвещения РСФСР. Москва, 1961, 239 с.
3. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.-Душанбе, 2018. 102 с.
4. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целовая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.:Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.
5. Малкин И. И. Рационально организовать самостоятельную работу учащихся. — Приложение к журналу «Народное образование», № 10, 1966. С.13–23.
6. Меркулова, У. В. Формы, методы и средства самостоятельной работы на уроках информатики / У. В. Меркулова. — Текст : непосредственный // Педагогика: традиции и инновации : материалы III Междунар. науч. конф. (г. Челябинск, апрель 2013 г.). — Т. 0. — Челябинск : Два комсомольца, 2013. — С. 91-94. — URL: https://moluch.ru/conf/ped/archive/69/3617/ (дата обращения 15.06.2020).
7. Пидкасистый П. И. Самостоятельная деятельность учащихся (Дидактический анализ процесса и структуры воспроизведения и творчества). М.: «Педагогика»,1972,184 с.


**Ниязова С.**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Дар мақолаи зерин оиди ташаккули салоҳияти кори мустақилонаи донишҷӯён зимни таълими биология гуфта шудааст. Дар барномаи биология дар маҳал ва муҳити атроф гузаронидани саёҳати таълимӣ пешбинӣ карда шудааст. Донишҷӯён тариқи саёҳат ба табиат ва мавҷудоти биологӣ ба симои зоҳирӣ, махсусиятҳо онҳо бевосита шинос мешаванд. Нисбат ба онҳо тасаввуроти васеъ ҳосил менамоянд. Ҳодисаҳои табиию биологиро ба якдигар муқоиса мекунанд, аломатҳои монандӣ ва фарққунандаи онҳоро амиқ намуда, алоқамандии байни онҳоро ошкор ва муқаррар менамоянд.

Ин амалиёт барои ташаккул ва амиқ азхудшавии бисёр мафҳумҳои биологӣ ва такмилу татбиқи донишҳо оид ба қонуниятҳои табиию биологӣ мусоидат менамояд. Ҳангоми саёҳат

ташкил кардани мушоҳида ва гузаронидани корҳои омӯзишии доншҷӯён бо асбобҳои гуногун ва бо усули бо онҳо кор кардан шинос мекунанд, ки дар ҳаёт минбаъд ба кор меоянд.

***Калидвожаҳо:*** *таълим, тарбия, донишҷӯён, биология, омӯзгор, кори амалӣ, муносибати босалоҳият.*

**Ниязова С.**

## ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ САМОСТОЯТЕЛЬНЫХ РАБОТ СТУДЕНТОВ ВО ВРЕМЯ ПРЕПОДАВАНИИ БИОЛОГИИ

В данной статье рассматривается развитие способности студентов к самостоятельной работе при преподавании биологии. Программа биологии предусматривает выезды на места и экскурсии. Студенты знакомятся со своей внешностью через путешествие в природу и биологические существа. У них есть общее представление. Они сравнивают природные и биологические явления, углубляют их сходства и различия, а также выявляют и устанавливают связи между ними.

Эта операция способствует формированию и глубокому усвоению многих биологических концепций, а также совершенствованию и применению знаний о естественных и биологических законах. Во время поездки студенты смогут наблюдать и проводить воспитательную работу с различными инструментами и методами работы с ними, которые пригодятся в дальнейшей жизни.

***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, студенты, биология, учитель, практикум, грамотное отношение.*

**Niyazova S.**

## FORMATION OF STUDENTS ' INDEPENDENT WORK COMPETENCE WHILE TEACHING BIOLOGY

This article discusses the development of students ' ability to work independently while teaching biology. The biology program includes field trips and excursions. Students are introduced to their appearance through a journey into nature and biological beings. They have a General idea. They compare natural and biological phenomena, deepen their similarities and differences, and identify and establish connections between them. This operation contributes to the formation and deep assimilation of many biological concepts, as well as to the improvement and application of knowledge about natural and biological laws. During the trip, students will be able to observe and conduct educational work with various tools and methods of working with them, which will be useful in later life.

***Key words:*** *education, upbringing, students, biology, teacher, workshop, competent attitude.*

**Сведения об авторе: Ниязова Саодат Истамовна** – ассистент кафедры анатомии и физиологии факультет биологии ТГПУ имени С. Айни

**Information about the author: Niyazova Saodat Istamovna**-assistant of the Department of anatomy and physiology, faculty of biology, S. Aini TSPU

**И. КАРИМОВА**
**С. ПИРОВА**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕХНОЛОГИИ ВОЗДЕЙСТВИЯ, СПОСОБСТВУЮЩИЕ ФОРМИРОВАНИЮ ГУМАННЫХ КАЧЕСТВ ЛИЧНОСТИ УЧАЩЕГОСЯ

В данной статье попытаемся рассмотреть проблему не взаимодействие учителя и ученика, как это принято освещать, а рассмотреть обратную связь, и не как реакцию ученика на педагогическое воздействие, а его собственные педагогические усилия, направленные на учителя. Выбор данной темы нас подтолкнул тот факт, что усложнившееся сегодня условия — социально- экономические, психологические, профессионально-педагогические.

Ведь на лицо обострившаяся ситуация в общеобразовательных школах, лицеях, так как именно здесь чаще всего возникает ситуация, провоцирующая педагогическую активность детей. Кроме этого, наблюдается пополнение школ молодыми специалистами с трудом справляющихся с педагогической деятельностью в непростых ситуациях, которые возникают постоянно. Это и побудило нас попытаться осмыслить педагогическое взаимодействие ученика на учителя, рассматривая его как необходимое и закономерное явление. Реализация задач, стоящих перед школой, в решающей степени зависит от учителя, его идейной убежденности, профессионального мастерства, эрудиции, культуры. Гуманистическая ориентация – это реализация возможностей каждого человека, развитие духовного богатства личности, которое начинается с воспитания и обучения. Углубление научно-теоретической базы школьного образования, усложнение содержания и формы учебно-воспитательной работы со школьниками, повышение ее идейного уровня требуют от учителя высокого мастерства, одним из решающих критериев которого является умение устанавливать отношения с учащимися, соответствующие учебно-воспитательным целям.

Нам представляется, что история очеловечивания человека —миссионерство, просвещение, благотворность, милосердие, любовь кдуховной близости, уважение к национальному своеобразию землян —выпадает из активного арсенала культурологических средств и целевыхгуманитарных программ школ Республики Таджикистан.Новыми учебными планами общеобразовательных школ Республики Таджикистан по гуманитарным дисциплинам предусмотрено изучение теории человековедения, культуры, этики, религии, психологии личности и бытия. Чем болен сегодня мир? Недоверием к себе подобным,неразвитостью планетарного сознания, недостаточным осознанием того, что Земля — живая, и ей больно от деяний ≪цивилизованного≫ сообщества. Нормой отношений педагогов и воспитанников в школе являются гуманные, товаришеские отношения. Современная школа предъявляет к личности учителя определенные качества, в центре которых стоят такие гуманные качества, как требовательность и доброта, душевная щедрость и любовь к детям. Однако, как показывают наши многочисленные наблюдения, в деятельности школ нового типа по дидактическому взаимодействию педагога и учашихся, по воспитанию гуманистических качеств личности учащихся имеются серьезные недостатки: нет четко слаженной системы этой работы, многие учителя, классные руководители недостаточно владеют научно-обоснованными, целесообразными и действенными формами и методами воспитательной работы.Легко заметить, что ученики младшего школьного возраста в силу отсутствия социального опыта, послушны, авторитет учителя для них не подвергается сомнению. Но по мере взросления ученик все более социализируется, он старается понять какая же его роль и место в среде своих одноклассников, друзей, семье. И самое главное, определить какого же его место и значимость для учителя. В этот период жизни он более нуждается во внимании, что в первую очередь, выражается в признании своих достоинств, уважения к себе как со стороны учителя, так и одноклассников. По мере взросления школьники становятся более прямолинейными или наоборот, стесняются выразить свою точку зрения на происходящее, гибкими, деликатными, умеющими оценивать, давать оценку как людям, так и процессам. Иными словами они совершенствуют «педагогическое мастерство». В чем

же состоит суть, идейная основа мастерства? Думаем, что «педагогическая деятельность» ученика состоит в установлении статуса равноправия подростка и взрослым.

Следует признать, что это сильный, хотя и порой не заметный мотив «педагогического наступления» Его на взрослого, который, взрослый, все знает, знает как надо и как следует, что плохо и что хорошо, каковы его обязанности. В своих действиях учитель руководствуется своим богатым опытом, который может расходиться с представлениями ученика. И это может выразиться в невниманием к предмету, самому учителю. Порой ученик может подвергнуть сомнению и профессиональные качества самого учителя. Он может вслух, а чаще и внутренним голосом задать вопросы: а где это написано, а кто это сказал, а родители говорят, что…, вы нам говорите это уже несколько раз, а в интернете другая информация и пр.

Как правило, учителя используют выражения: в наше время, мы так не поступали и др. И здесь ученики уличают нас в старомодности, не чувствующих дух современности.

Следует отметить и одну из негативных форм взаимодействия учителя и ученика – это оскорбления, насмешки, травля учеников, которая выводит их из равновесия. Все эти формы педагогического воздействия ученика на реакцию со стороны учителя и рассчитана на ответное реагирование со стороны учителя. В данной ситуации ученик рассчитывает на ряд вариантов реакции.

Приведем пример, Бобиев Гайрат доводит до сведения классного руководителя, что сегодня не сможет дежурить по классу, т.к. у него сильно болит голова. Реакция учителя:

1.Бобизода, мне это надоело, это повторяется не в первый раз.

2.Ты всегда находишь отговорку, вот и сейчас для меня не новость твоя информация.

3. Бессовестный, почему кто то за тебя должен дежурить. Иди и дежурь.

4. Не болей. Я назначу дежурным Камолова Сайфиддина. В следующий раз ты вместо него продежуришь. Согласен?

4. Вот возьми таблетку от головной боли. Все пройдет. Отдохни.

Из приведенных вариантов напрашивается вывод, что ряд вариантов не приемлемы в общении с учеником, они отдаляют ученика от учителя, т.к. ученик не находит в учителе взаимоуважительные отношения, даже сострадания, ведь ему плохо, он заболел. В своих ответах учителю следовало бы быть чутким и деликатным по отношению к ученику. В данном случае со стороны учителя доминирует послушание, учителю не хватает профессионального, человеческого и даже служебного авторитета. И вот тут то и назревает протест со стороны ученика. Проведенное нами анкетирование показало, что учитель глазами ученика должен обладать рядом качеств, такими как открытость, терпение, принципиальность, справедливость, требовательность, культура общения и др. Низкий показатель открытости учителя говорит об отдаленности во взаимоотношениях ученика и учителя и рассчитывать на взаимопонимание не представляется возможным. Секрет же заключается в том, что если ученики отмечают высокую открытость учителя, то и фактор человечности возрастает. Отсюда можно сделать вывод, что закрытость учителя является причиной нереализованности воспитательных задач.

Проблема гуманизации взаимоотношений учителя с учеником в учебно–воспитательном процессе в настоящее время как никогда актуальна. И здесь следует вспомнить педагогику сотрудничества, о которой говорили педагоги.

В этой связи школьному учителю отводится главенствующая роль в формировании гуманистических качеств учащихся. Учебно-воспитательный процесс в школе — явление сложное и многогранное. О том, что педагогические действия сродни с искусством отмечали не раз педагоги, и они правы. Хотелось бы только добавить, что искусство рождается от слияния таланта и мастерства, а мастерство закладывается школой. Школа развивает то, что заложено природой, дает ему сумму необходимых знаний и навыков, организует талант, делает его гибким и отзывчивым.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Каримова И.Х.Учитель- творец добра и созидания. Д., 2007,110 с.

2.Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы. Дисс.на соиск.уч.степ.док.пед.наук. — Душанбе, 2000.

3. Скаткин М.Н. Совершенствование процесса обучения. - М.: Наука, 1971.
4. Шарифов Ф. Теория и практика интегрированного обучени на начальном этапе. Дисс.док.пед.наук. — Душанбе, 1997.

**Каримова И.Х., Пирова С. Н.**

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕХНОЛОГИИ ВОЗДЕЙСТВИЯ, СПОСОБСТВУЮЩИЕ ФОРМИРОВАНИЮ ГУМАННЫХ КАЧЕСТВ ЛИЧНОСТИ УЧАЩЕГОСЯ**

Авторы рассматривают проблему педагогических технологий воздействия, которые способствуют формированию гуманных качеств личности учащегося.В условиях суверенного государства Таджикистан, демократизации общества, школе предоставлена возможность осуществлять новую политику определения содержания образования и организации учебно-воспитательного процесса, ориентированного на личность ученика. В настоящее время все большее научно-практическое подтверждение и применение находит личностно-ориентированная педагогика на гуманистических принципах, индивидуальном подходе к организации учебно-воспитательного процесса, к организации творческой деятельности.

***Ключевые слова:*** *воспитание, обучение, отношения, технологии, ученик, учитель.*

**Karimova I. Kh., Pirova S. N.**

**PEDAGOGICAL TECHNOLOGY INFLUENCES THAT CONTRIBUTE TO THE FORMATION OF HUMANE QUALITIES OF THE STUDENT'S PERSONALITY**

The authors consider the problem of pedagogical impact technologies that contribute to the formation of humane qualities of the student's personality. In the conditions of the sovereign state of Tajikistan and the democratization of society, the school is given the opportunity to implement a new policy of determining the content of education and organizing the educational process focused on the student's personality. At present, more and more scientific and practical confirmation and application is found in the personal-oriented pedagogy based on humanistic principles, individual approach to the organization of the educational process, to the organization of creative activity.

***Keywords:*** *education, training, relationships, technologies, student, teacher.*

**Сведения об авторах: Каримова Ирина Холовна**- доктор педагогических наук, профессор, академик Академии образования Таджикистана.

**Пирова Светлана Нурмухамедовна** - кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики, психологии и методики РТСУ.

**Information about the authors: Irina Karimova** - doctor of pedagogical Sciences, Professor, academician of the Academy of education of Tajikistan.

**Svetlana Pirova** - candidate of pedagogical Sciences, associate Professor of the Department of pedagogy, psychology and methodology of RTSU.

**Н. РИЗОЕВА**

# АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАХОНБИНИИ МИЛЛИИ НАСЛИ НАВРАС

Ҳифзи арзишҳои миллӣ дар шароити имрӯзаи афзудани хатарҳои глобалӣ дар ҷаҳон басо муҳим ва зарур буда, омӯхтан ва ҳифз намудани онҳо вазифаи ҳар як шаҳрванд, махсусан насли наврас мебошад. Насли наврасро дар рӯҳияи одату анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия бояд намуд, зеро тарбияи миллӣ барои ташаккули тафаккури миллӣ замина мегузорад. Арзишҳои милии халқи тоҷик тамоми раванди педагогиро фаро гирифта, пеш аз ҳама, дар мазмуни таълим, тарбия ва инкишофи хонандагони ифода меёбанд. Зимни тарбия ва таълим дар насли наврас расидан ба қадру қимати арзишҳои миллӣ, ҳимоя намудан аз миллат, таърих ва фарҳанг, азизу гиромӣ доштани онҳо ташаккул дода мешавад.

Пас аз қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф якчанд ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҷавонон», Стандартҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ, Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва дигар асноди меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Дар нақшаи Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 соҳаи маориф ва илм самти афзалиятноку калидии сиёсати давлат ҳисобида шуда, масъалаи тарбияи шахсияти фаъол ва созанда, эҳсоси хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ ва умумибашарӣ, тарбияи мутахассисони кордону варзида ва бохабар аз техникаю технологияи навин ва ғайра вазифагузорӣ шуданд [2].

Ба туфайли Истиқлолияти миллӣ, бахусус, бо ибтикору талошҳои пайдарпайи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷоми муваффақонаи ин вазифаҳо, пурсамар ва ҳамаҷониба рушд ёфтани мактабу маориф, тарбияи насли наврас тамоми имконияту шароитҳои зарурӣ муҳайё гардидаанд.

«Ҳадафи муҳими низоми маориф, - таъкид мекунад Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон, - тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст. Масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намудаанд, таҳти таваҷҷуҳи доимии давлат қарор доранд».

Арзишҳои моддӣ, ахлоқӣ ва зеҳнию маънавӣ, ки давоми садсолаҳо ба мо омада расидаанд, сарвати бебаҳои давлату миллат мебошанд ва воситаи муҳими тарбияи насли наврас маҳсуб меёбанд. Аз ҷониби дигар, арзишҳои миллӣ пайвандгари наслҳо ба ҳисоб рафта, ҳамроҳ бо арзишҳои умумибашарӣ миллати тоҷикро ба ҷаҳониён шинос менамоянд. Ташаккули ин сифатҳо ба насли наврас имконият медиҳад, ки барои манфиатҳои миллат ва ҳифзи арзишҳои миллӣ фаъолият намояд, ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намуда, дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Раҳнамое, ки моҳият, мақсаду вазифа ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсия дар асоси арзишҳои миллӣ ва одату анъанаву миллати тоҷик ва халқияту миллатҳои дигари ҷумҳурӣ таҳия гардидааст. Аз ҷумла, дар ин ҳуҷҷат чунин омадааст: «Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад» [3,14].

Оид ба масъалаҳои мактабу маориф ва арзишҳои миллию умумибашарӣ олимони тоҷик дар асарҳои - И.Х.Каримова «Фарҳанг-сарчашмаи гуманизм», «Некӣ некӣ ба бор орад», А.Нуров «Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол», «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон», Д.Латифов «Тарбияи донишҷуён дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ», М.Лутфуллоев «Шарафномаи миллат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия», «Педагогикаи миллии халқи тоҷик», Ф.Шарифзода «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон»» ва чандин рисолаҳои дигар мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Дар ин асарҳо муаллифон масъалаи нақш ва мавқеи гуманизм, арзишҳои миллию умумибашариро дар тарбияи мардум, хусусан насли наврас ба таври васеъ инъикос намудаанд. Муҳаққиқони тоҷик бар он ақидаанд, ки мактаб бояд дар заминаи донишҳои ҳақиқӣ бунёди мустаҳками маънавият ва ахлоқи ҳамидаи инсонро гузошта, онро ба некию некӯкорӣ, покию покизадорӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, омӯзиши илму маърифат, кӯшиш бахри истиқлолияту озодӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳурмати падару модар ва калонсолон ҳидоят намояд. Тарбияи миллӣ дар насли наврас сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад.

Воқеан, истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангиро барои ба амал баровардани тағйироти куллии сифативу миқдорӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар соҳаи маориф фароҳам овард. Дар ин замина мақом ва мартабаи низоми муосири маориф ҳамчун меъёри асосии муайянкунандаи пешрафту дигаргунсозии ҷомеа ва рушди мамлакат афзун шуд. Вобаста ба ин академик Маҳмадулло Лутфуллозода дар асарашон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин» чунин менависанд: «Бо роҳбарӣ ва дастгирии Сардори давлат маорифи кишвар рушд кард ва ба навгониҳо муваффақ шуд. Методологияи маорифи навинамон тамоман тағйир ёфта, асоси онро на идеологияи ягон ҳизб ё созмони ҳукмрон, балки фалсафаи бумии мардумамон, назарияи маърифат, ҳуҷҷатҳои тақдирсози замони истиқлол Конститутсияи, (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои ватандорию ватандустӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳад» [6,37].

Дар ин замина мақсад, вазифа ва мазмуни тарбияи насли наврас, аз ҷумла тарбияи миллии онҳо тамоман тағйир ёфт. Имрӯз аҳли маориф масъулияти азимеро дарк карданд ва атрофи давлати миллӣ ва Сарвари хирадманд Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуданд. «Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани мубориза ҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд» - таъкид намуданд Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1].

Насли наврасро мебояд истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм нигоҳ дошта, дар ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм гузоранд. Насли наврас қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Боиси ифтихор аст, ки соли 2020 таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти нерӯи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили

захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла наврасону ҷавонон озмуни «Фурғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мешавад.

Инчунин, дар ҷумҳурӣ озмунҳои гуногун - «Мактаби сол», «Кӯдакистони сол», «Муаллими сол», «Мураббии сол», озмун аз рӯйи фанҳои гуногун, озмуни хонандагон аз руйи фанҳои дақиқ, озмуни иншо, «Шоҳномахонӣ» «Рӯдакихонӣ», «Фурӯғи субҳи доноӣ», «Тоҷикистон ватани азизи ман» ва ғайра ҷорӣ гардиданд, ки дар натиҷа даҳҳо омӯзгорони шоиста ва хонандагону донишҷӯёни лаёқатнок дарёфт шуданд.

Ифтихори миллӣ, баландтарин қуллаи ташаккули шахс аст, ки онро дар инсон бояд тарбия кард. Ҳар он чи бо тарбия пайваста мешавад, ҷараёни дуру дарозро фаро мегирад, яъне ифтихори миллӣ дар инсон тамоми умр идома ва ташаккул меёбад. Маҷмӯи сифатҳои шахсияти инсон аз илму донишомӯзӣ, заҳматписандию таҳаммул, сару кор бо замин, оштию сулҳпазирӣ, тадбирҷӯӣ, худшиносӣ, талоши фарҳангӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, устувории оила, ифтихори ватандорӣ, шикастанафсӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, дӯстию рафоқат, иззату эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол, некӣ ва накӯкорӣ, адлу адолатҷӯӣ, дастгирии ятимону мӯҳтоҷон, канорачӯӣ аз ҳирсу ҳасад, кибру ғурур, кинаю адоват, хиёнат ва аҳдшиканӣ ва ғайра иборатанд. «Ватан ҷоест, ки ҳамроҳи халқу миллат ва дар халқаи онҳо ба камол мерасӣ, ҳунар меомӯзӣ ва дар озодӣ ваободии он саъй менамоӣ. …Барои ӯ ҳамеша ҷойе, ки ба дунё омадааст – зодгоҳаш аз ҳама азиз аст. …Ин меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватан ҳар шахс аз хурдӣ дар дил мепарварад» - иброз медоранд академик Файзулло Шарифзода [7,68].

Мавриди зикр аст, ки татбиқи амалии вазифаҳои мазкур, қабл аз ҳама, ба принсипҳои тағйирпазирии мазмуни таҳсилот ва роҳу усули таъмилу тарбия, гуманизм ва демократӣ гардондани ҷараёни таълиму тарбия такя мекунанд. Тарбияи миллии хонандагон аз рӯи маводи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию манбаъҳо ва аёният сурат мегирад, ки он то як дараҷа низоми педагогӣ дорад. Бо хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сифатҳои миллии насли наврас асосан ташаккул меёбанд ва онҳо қисман ба ақидаю ҷаҳонбинӣ мубаддал мегарданд.

Дар ин раванд насли наврасро тавре тарбия бояд кард, ки мавқеи худро дар ҷомеа донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги халқи худ бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ дорад. Муҳим тар аз ҳама, Истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя кунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм гузорад, ифодагари манфиатҳои миллату давлат бошад.

**АДАБИЁТ:**


**1.** Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015. http://www.president.tj/

**2.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 http://minjust.ww.tj/files/

**3.** Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006.

**4.** Афзалов М. Раҳимов. Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе. Маориф 1994.

**5.** Лутфуллоев М.Л. Эҳёи педагогика Аҷам. Душанбе, 1997.

**6.** Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин.Душанбе, 2006.

*7.* Шарифзода Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмаи афкори педагогии ниёгон. – Душанбе, Ирфон, 2012. 400 с.


**Ризоева Н.**

## АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ МИЛЛИИ НАСЛИ НАВРАС

Арзишҳои миллии халқи тоҷик ҳамчун заминаи ташаккулёбии ҷахонбинии миллии насли наврас ҳисобида шуда, ҳимоя намудан аз миллат, таърих, фарҳанг ва азизу гиромӣ доштани онҳоро дар худ таҷассум менамояд. Мазмуну мундариҷаи он дар асноди меъёрию ҳуқуқӣ ва якчанд ҳуҷҷатҳои муҳими соҳаи маориф муайян гардида, масъалаи нақш ва мавқеи арзишҳои миллию умумибашарӣ дар тарбияи мардум, хусусан насли наврас ба таври васеъ инъикос гардидааст. Таълифи асарҳои муҳаққиқони тоҷик собит месозад, ки муассисаи таълимӣ бояд бунёди

мустаҳками маънавият ва ахлоқи ҳамидаи насли наврасро гузошта, онро ба некию некӯкорӣ, покию покизадорӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, омӯзиши илму маърифат, кӯшиш баҳри истиқлолияту озодӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳурмати падару модар ва калонсолон ҳидоят намояд.

***Калидвожаҳо:*** *арзишҳои миллӣ, ҷаҳонбинии демократӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ, шахсияти фаъол, сифатҳои маънавию ахлоқӣ, ташаббускорӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, ифтихори миллӣ, принсипҳои мазмуни таҳсилот*

**Ризоева Н.**

## НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ КАК ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО МИРОВОЗРЕНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

Национальные ценности таджикского народа являются основой формирования национального мировоззрения подрастающего поколения и включают защиту нации, истории, культуры и их достоинства. Его содержание определено в нормативно-правовых документах и некоторых важных документах в области образования, широко отражены роль и место национальных и общечеловеческих ценностей в образовании людей, особенно молодого поколения. Анализ работ таджикских исследователей доказывает, что учебное заведение должно закладывать прочную основу духовности и нравственности подрастающего поколения, делая упор на добро, чистоту, поиск и творчество, изучение науки, уважение родителей и взрослых.

***Ключевые слова:*** *национальные ценности, демократическое мировоззрение, процессы глобализации, активная личность, духовно-нравственные качества, инициативность, интеллектуальное развитие, национальная гордость, принципы содержания образования.*

**Rizoeva N.**

## NATIONAL VALUES AS A BASIS FOR FORMING A NATIONAL WORLD VIEW OF THE GROWING GENERATION

National values of the Tajik people are the basis for the formation of the national outlook of the younger generation and include the protection of the nation, history, culture and their dignity. Its content is defined in regulatory documents and some important documents in the field of education, the role and place of national and universal values in the education of people, especially the younger generation, are widely reflected.Analysis of the works of Tajik researchers proves that an educational institution should lay a solid foundation for the spirituality and morality of the younger generation, focusing on goodness, purity, search and creativity, the study of science, respect for parents and adults.

***Key words:*** *national values, democratic worldview, globalization processes, active personality, spiritual and moral qualities, initiative, intellectual development, national pride, principles of educational content.*

**Сведение об авторе: Ризоева Нигина** – соискатель кафедры общей педагогики ТГПУ имени Садриддина Айни

Тел: +993 810 01 47 E-mail: rizoevan@mail.ru Адрес: Республика Таджикистан город Душанбе, проспект Рудаки 121.

**Information about the author:** Rizoeva Nigina - applicant for the Department of General Pedagogy, of TSPU named after Sadriddin Aini. Tel:+993 810 01 47 E-mail: rizoevan@mail.ru

**Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 121.

Қ. ХОЛОВА

# АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тарбия ва таълим ба унвони ҷузъе аз масъалаҳои глобалии асри XX1, яке аз самтҳои афзалиятноки системаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, барои сохтани фазои ягонаи иттилоотӣ як қатор санадҳои муҳими давлатиро ба имзо расонд, ки тағйир ва такмил додани мазмуну мундариҷаи таълимро тақозо менамоянд. Дар ин раванд талабот ба маънавият ва маҳорати касбии инсон меафзояд. Дар мутобиқат ба ин, зарурати эҳёи системаи сифатан нави таълим, ки муҳтавои он ба сифати тарбияи инсон, рушди тафаккури мантиқӣ, тафаккури маънавӣ ва маҳорати эҷодӣ мусоидат менамояд, ба миён меояд. Дар даҳ соли охир ҳадафҳо ва вазифаҳои таълиму тарбия тавассути гузаронидани ислоҳоти ҷузъӣ бозбинӣ шуданд, аммо сифат ва дараҷаи тарбиятнокии онҳо ҷавобгӯи талаботи ҷомеа ва давлат нест.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоби сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мустақил буда, сиёсати давлатӣ дар ин бахшро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди системаи тарбия: ҳуқуқҳои конститутсионии тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс ва забон барои тарбияи босифат, аз ҷумла таълиму тарбияи томактабии дастрас ба ҳама; маълумоти миёнаи ҳатмии умумӣ, маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ ва баъд аз мактаби олӣ дар асоси конкурс, маълумоти иловагӣ ва махсус барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ таъмин менамояд; равияи илмӣ, дунявӣ ва инсондӯстона доштани таълим дар тамоми муассисаҳои таълимиро (давлатӣ, ғайридавлатӣ, ба истиснои мадраса) ба инобат мегирад; дар муассисаҳои таълимӣ ба баҳсҳои динӣ ва фирқавӣ (сектанти)-и аҳзоби сиёсӣ роҳ намедиҳад; алоқаи системаи маорифи Тоҷикистонро бо анъанаҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигаре ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, бо арзишҳои умумиинсонӣ ва фазои ягонаи иттилоотӣ дастгирӣ мекунад; барои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои томактабӣ ва таълимӣ ғамхории ҳаматарафа зоҳир менамояд; ба демократизатсияти идоракунии таълим мусоидат менамояд; таъмини таълими бефосиларо кафолат медиҳад; барои ҳалли масъалаҳои гендерӣ, пеш аз ҳама барои соҳиби маълумот гардидани духтарон ва занон шароит фароҳам меоварад; муаллимонро аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳимоя мекунад, ба онҳо имтиёзҳои дар қонунгузорӣ пешбинишударо пешниҳод менамояд; дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо забони ғайридавлатӣ таълим дода мешавад, омӯхтани забон ва адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик ва географияи Тоҷикистонро зарурӣ мешуморад; маблағгузории соҳаи маорифро аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ месозад ва барои дастгирии ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки соҳаи маорифро дастгирӣ мекунанд, шароит муҳайё месозад; дар доираи стандартҳои давлатӣ маълумоти ибтидоии бепулро дар тамоми муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад; ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷиро барои рушди соҳаи маориф амалӣ мегардонад; ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонони лаёқатманд таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд; ятимон, бепарасторон, маъюбон ва кӯдакону наврасони аз нигоҳи зеҳнӣ ақибмондаро саробонӣ мекунад; ба таҳкими риояи қонун дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявии ғайридавлатӣ мусоидат менамояд; санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии гирифтани маълумотро тасдиқ мекунад; назорати сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таълимиро новобаста аз шакли моликияташон амалӣ месозад; рушди мактабҳои олии касбиро ҳамчун марказҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ таъмин менамояд; ҳамоҳангии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳо, ташкилот ва муассисаҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро барои рушд ва шукуфоии соҳаи маориф таъмин менамояд; барои баланд бардоштани масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, падару

модарон (ё шахсоне ки онҳоро иваз мекунанд), барои вайрон кардани ҳуқуқи конститутсионии кӯдакон дар гирифтани маълумоти умумии ҳатмӣ тадбирҳо меандешад; васоити ахбори умумро барои таблиғ ва татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии таълиму тарбия сафарбар менамояд [8, 11].

Дар шароити ташаккулёбии системаи нави таълим, ки ба ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таълим нигаронида шудааст, раванди фаъоли ҷустуҷӯи моделҳои таълим ҷараён дорад, ки барои ҳифзи анъанаҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ-таърихии таълиму тарбияи халқи тоҷик ҳам дар гузашта ва ҳам дар даврaҳои муосири рушди он имконият медиҳад.

“Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №620), дастури ба худ хоси ирода, тақдир ва талаботи замон ва дар айни замон дар баробари арзишҳои дигар, махсусияти муҳимтарини он аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад, дар он ифода меёбад, ки дар мадди аввал омили инсонӣ ва захираҳои инсониро мегузорад. “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 тасдиқ карда шудааст), ки дар он тарбияи маънавӣ ҷойгоҳи хоса дорад, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ташаккул ва такомули инсони муосир ҳисобида мешавад. “Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 382 тасдиқ карда шудааст), бо мақсади такмили системаи тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии соҳаи таълим ва тарбияи насли наврас, сохтани шароит барои беҳтар кардани шаклҳо, тарзҳо ва воситаҳои тарбия, таъмини алоқаи доимӣ дар байни падару модарон, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа дар кори тарбияи насли наврас ва ҳамчунин Барномаҳои давлатии “Рушди соҳаи маориф”, “Омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ”, “Кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон”, “Сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Консепсияи маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2015 ва ғайра.

Мактаби муосир ба шаклгирии ҷаҳонбинии хонандагон таъсири фаъол расонида, ба ташаккули маънавӣ ва ахлоқии онҳо мусоидат менамояд, дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба бартараф намудани буҳрони маънавӣ дар ҷомеа (афзоиши ҷинояткории кӯдакон, майзадагӣ, нашшамандӣ, худкушӣ, бепарасторӣ, оккултизм (симиёгарӣ) ва ғайра)) ва тарбияи инсоне ки меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботи ахлоқӣ барои ӯ ҳамчун ақида ва эътиқоди хос, ҳамчун шаклҳои амиқан андешидашуда ва маъмули рафтори ӯ бошад, ки бо нерӯи ҷалби ботинӣ ба накӯкорӣ ба даст овардааст, саҳми муайян мегузорад [10, 33].

Инсоникунонӣ ва демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳамчун самти стратегӣ, тағйир додани муносибат ба шахс дар давлат ва ҷомеа ва эътирофи онро ҳамчун арзиши волои ҳаётӣ дар назар дорад [7, 11].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” хусусияти гуманистии таълим ва рушди озоди шахсият ба сифати асоси сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбия тасдиқ карда мешавад.

Қаблан дар “Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017” зикр шудааст, ки мактаб бояд ба омили муҳимтарини инсоникунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ, ташаккули ҳадафҳои нави ҳаётии шахсият табдил ёбад. Дар он гуфта мешавад, ки ба ҷомеаи муосир ашхоси соҳибмаълумот, ахлоқманд ва кордон, ки мустақилона қарор қабул карда метавонанд, қобилияти ҳамкорӣ кардан доранд ва аз нигоҳи иҷтимоӣ фаъол мебошанд, заруранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи нуктаҳои декларатсияи Болон ва Доктринаи миллии таълим ба ҳамгироӣ бо системаи ҷаҳонии таълим, бо дарназардошти таҷриба, анъанаҳо ва потенсиалҳо рӯ оварда шудааст.

Дар раванди ислоҳоти маориф зарурати татбиқи идеяҳои педагогикаи гуманистии хориҷӣ ва ватанӣ, ки асоси онҳоро донистан ва фаҳмидани табиати инсон, ҷойгоҳи ӯ дар ҷаҳони перомун ташкил медиҳад, ба миён омадааст. Нуктаҳои мазкур дар ҷараёни рушди таърихии фалсафа ва илм ва таҷрибаи тарбиявӣ-таълимӣ, ба асосҳои методологие, ки асоситарини онҳо усули тарбия дар заминаи мутобиқат бо табиат мебошад, тағйири шакл

кардаанд. Муколамаи созанда бо гузашта имкон медиҳад умқи таърихии бисёре аз масъалаҳои имрӯза аён ва дурнамои ҳалли онҳо арзёбӣ карда шавад.

Консепсияи миллии тарбия сиёсати кунунӣ ва минбаъдаи давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас муайян менамояд. Он моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим дароварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои анъанавӣ ва ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа донparam, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштааст, ки роҳу усулҳои самараноки амалӣ намудани онҳо дар Консепсияи миллии тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [9, 32].

Консепсияи миллии тарбия бо дар заминаи анъанаву суннатҳои арзишманди миллати тоҷик ва халқияту миллатҳои дигари Тоҷикистон таҳия гардидааст. Он имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон, новобаста аз маҳалу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияи инсони комилро интихоб ва амалӣ намоянд.

Консепсияи миллии тарбия тамоми вазорату идораҳо, ташкилотҳои эҷодӣ, аз қабили Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи бастакорон, Иттифоқи журналистон, Иттифоқи рассомон, Иттифоқи меъморон, Иттифоқи арбобони театр, иттифоқҳои дигари эҷодӣ, воситаҳои ахбори умум, нашриёт ва чопхонаву матбааҳо; ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттифоқҳои касаба, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ, муассисаҳои хизматрасонӣ, Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнат, театрҳо, филармонияи давлатӣ, консерватория, ансамблҳои “Шашмақом” ва “Фалак”, китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои ҳифзи саломатӣ ва фароғатӣ, боғҳои истироҳат ва фарҳанг, ташкилотҳои ҷавонон, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва тамоми ҷомеаро вазифадор ва даъват менамояд, ки дар бобати тарбияи миллии аҳолии кишвар фаъол буда, дар амалӣ намудани барномаю тадбирҳои давлатии ин масъалаи муҳими аҳамияти бузурги иҷтимоию ахлоқидошта саҳмгузор бошанд.

Консепсияи миллии тарбия дар мутобиқат бо тағйироти сифатии муҳтавои таълим ва бо мақсади рушди он, барои пойгоҳи ҳуқуқии новатсионӣ шароит фароҳам меоварад, ки дар асоси он қонунҳо ва санадҳои дигарӣ меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи таълим ва соҳаҳои марбут ба таълим аз нав дида баромада мешавад.

Консепсияи миллии тарбия таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳои мухталифи давлатии рушди соҳаи таълиму тарбияро бо иштироки ҳамаи вазоратҳо, кумитаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалӣ ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза зарурати таҳия ва қабули Консепсияи миллии тарбия аз инҳо иборат аст:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили тозаистиқлол дар марҳалаи аввали ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои тафаккури баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллидошта, риоякунандаи қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебоипараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила мебошад.

2. Пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд санади муҳим, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин ҳуҷҷатҳо дар мавриди таълиму тарбия фикрҳои солим ва арзишманд гуфта шудаанд. Аммо илми педагогика собит менамояд, ки тарбия аз рӯи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим

муқаддамтару васеътар аст. Мутаассифона, ҳуҷҷате ки дурнамои тарбияи миллӣ, ҳадаф, вазифа ва мазмуну мундариҷаи онро вобаста ба сиёсати давлати соҳибистиқлол ва арзишҳои миллию башарӣ муайян намояд, то ҳол таҳия нагардидааст. Консепсияи мазкури тарбияи миллӣ дар ин самт таҷрибаи нахустин буда, тамоми ҷанбаҳои тарбияи миллии шаҳрвандони ҷумҳуриро дар назар дорад [6, 120].

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таъкид шудааст.

Давлат дар сиёсати худ оид ба тарбияи миллии шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки дар тарбияи миллӣ фазои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ қабул ва дар амал татбиқ карда шаванд. Бо мақсади тарбияи шаҳрвандон муассисаҳои давлатии таълим ва тарбия таъсис дода, шароит муҳайё месозад, ки: а) дар ҷомеа ба дигарандешӣ, озодии сухан ва виҷдон, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ дар доираи қонун касе халал нарасонад; б) тавассути адабиёти илмию оммавӣ ва бадеӣ ва аз тариқи васоити ахбори умум маводи дорои мазмуни тарбияи миллӣ ба шаҳрвандон дастрас гардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро мебинад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз хурд то калон, дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Намуна ва ибрати шоиста будан, пеш аз ҳама, рафтору гуфтори мансабдорони мақомоти давлатӣ, сарварони муассисаҳоро мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ талаб карда, дарк ва ҳисси масъулиятшиносии падару модарон ва шахсони калонсолро дар тарбияи насли наврас баланд мебардорад.

**АДАБИЁТ:**


**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.

**2.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маъориф” аз 22 июли соли 2013 № 1004 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.07.2020).

**3.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзандон” аз 2 августи соли 2011 № 762 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.07.2020).

**4.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловгӣ” 16 апрели соли 2012 № 826 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.07.2020).

**5.** Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 11 с.

**6.** Негматов, А.А. Таджикский феномен: теория и история / А. А. Негматов. - Душанбе: Олисомон, 1997. - 359 с.

**7.** Ниёзов, А.М. Развитие средних профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан: автореф. дис. канд. пед. наук / А.М. Ниёзов. - Душанбе, 2006. – 21 с.

**8.** Раджабов, З.Ш. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане / З.Ш. Раджабов. - Душанбе, 1995. - 205 с.

**9.** Рахмонов, Э.Ш. Молодежь - будущее суверенного Таджикистана / Э. Ш. Рахмонов. - Душанбе, 1997. - 48 с.

**10.** Рахмонов, Э.Ш. Таджики в зеркале истории, кн. 1 / Э. Ш. Рахмонов. - Душанбе, 1996. – 238 с.

**Холова Қурбонмоҳ Абдухолиқовна**

## АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур асосҳои қонунгузории тарбияи маънавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуддаст. Ҳамин тариқ, дар раванди таҳқиқот муаян карда шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоби сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мустақил буда, сиёсати давлатӣ дар ин бахшро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии чумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди системаи тарбия: ҳуқуқҳои конститутсионии тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс ва забон барои тарбияи босифат, аз ҷумла таълиму тарбияи томактабии дастрас ба ҳама; маълумоти миёнаи ҳатмии умумӣ, маълумоти миёнаи касбӣ, маълумоти олии касбӣ ва баъд аз мактаби олӣ дар асоси конкурс, маълумоти иловагӣ ва махсус барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ таъмин менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *Асосҳои қонунгузорӣ, тарбияи маънавӣ, миллат, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, тарбияи томактабӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ.*

**Холова Курбонмох Абдухоликовна**

## ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ ОСНОВА ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются основы законодательства о духовном воспитании в Республике Таджикистан. Таким образом, исследование показало, что Республика Таджикистан независима в выборе государственной политики в области образования, а государственная политика в этой области определяется Конституцией Республики Таджикистан, Законом «Об образовании» и другими национальными и международными нормативными правовыми актами. Республика Таджикистан для развития системы образования обеспечивает: конституционные права всех граждан страны, независимо от национальности, расы, вероисповедания, пола и языка, на качественное образование, включая дошкольное образование, доступное для всех; обеспечивает обязательное общее среднее образование, среднее профессиональное образование, высшее профессиональное образование и последипломное образование на конкурсной основе, дополнительное и специальное образование для людей с ограниченными возможностями.

***Ключевые слова:*** *основы законодательства, нравственное воспитание, нация, конституционные права, дошкольное образование, правовые акты.*

**Kholova Qurbonmoh Abdukholiqovna**

## LEGISLATIVE BASIS OF SPIRITUAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the basics of legislation on spiritual education in the Republic of Tajikistan. Thus, the study showed that the Republic of Tajikistan is independent in the choice of state policy in the field of education, and the state policy in this area is determined by the Constitution of the Republic of Tajikistan, the Law "On Education" and other national and international regulatory legal acts. For the development of the education system, the Republic of Tajikistan ensures: the constitutional rights of all citizens of the country, regardless of nationality, race, religion, gender and language, to quality education, including preschool education, accessible to all; provides compulsory general secondary education, secondary vocational education, higher vocational education and postgraduate education on a competitive basis, additional and special education for people with disabilities.

***Key words:*** *fundamentals of legislation, moral education, nation, constitutional rights, preschool education, legal acts.*

А. АБДУЛАХАДОВА

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ КЛЮЧЕВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ ВУЗОВ

Как в зарубежной, так и в отечественной методической литературе понятие «компетенция» имеет множество определений, поскольку его теоретическая разработка далека от завершения. Практическое применение этого понятия невозможно без понимания его сути, носящей комплексный характер, а именно как интеграция умений, знаний, отношений, установок и ценностей, в равной степени значимых для осуществления профессиональной деятельности. Следовательно, ключевой аспект компетентности следует рассматривать как способность к осуществлению той или иной деятельности, как новой, так и уже привычной, с опорой на совокупность опыта, отношений, умений и знаний.

Е.В. Сартакова, Ю.В. Коновалова, А.А. Муравьева, О.Н. Олейникова предлагают выделять следующие ключевые компоненты компетенции [6, С. 12]. Освоение знаний осуществляется в процессе познавательной, когнитивной деятельности. Под умением мы понимаем целенаправленное осуществление тех или иных действий, заданий. Отношения рассматриваются как отношения профессионала к свое карьере и профессиональному совершенствованию, отношения к предмету или объекту деятельности или между субъектами деятельности. Опыт представляет собой проработанное и осмысленное профессиональное и жизненное содержание человека, ставшее неотъемлемой частью его личности.

Понятие «ключевые компетенции» самим названием предполагают свое основное положение по отношению к другим, предметно-ориентированным и конкретным компетенциям, они имеют характер надпредметный и надпрофессиональный и являются общими для любого вида деятельности.

Владение ключевыми компетенциями следует рассматривать как социальный заказ современного общества, который отражен в образовательных стандартах в виде универсальных компетенций выпускников вузов, которые должны быть сформированы в ходе реализации учебной программы; лидерство и командная работа; критическое и системное мышление; межкультурное взаимодействие; разработка и осуществление проектов; безопасность жизнедеятельности; саморазвитие и самоорганизация.

По мнению И.В. Новогородцевой, успешная профессиональная деятельность во многом зависит от степени развития ключевых универсальных компетенций. Данные компетенции, сформированные в контексте расширения коммуникативных способностей будущего профессионала, позволяют ему осознать смысл профессионального контекста, который необходим для успешного решения профессиональных задач, повысить свою трудовую и образовательную мобильность, а значит, и конкурентоспособность в свое профессиональной сфере, определить векторы своего дальнейшего саморазвития [1, С. 23-28].

Уровни сформированнности основных компетенций, представленные Мартьяновой И.А., позволяют выявлять способность учащегося ориентироваться в разных ситуациях социального характера, объективно оценивать эмоциональные состояния и личностные особенностей окружающих, уметь адекватно общаться с другими людьми, быть готовым к командной работе [5].

Благодаря полученному опыту удалось осуществить определение уровней сформированности основных компетенций по дисциплине «Управление персоналом» у студентов технической специализации. Выяснилось, что 15% продемонстрировали высокий уровень ключевых компетенций, тогда как у 30% студентов их сформированность оказалась на низком уровне.

Следует отметить, что ключевые компетенции формируются через обучение, в основе которого лежит метод решения проблем в рамках ситуаций реальной трудовой деятельности, или ситуаций, имитирующих такую деятельность, а также предполагающего использование интерактивных методов. В связи с этим учебновоспитательный процесс должен быть организован на основе новых подходов, среди которых в первую очередь следует назвать интерактивное и диалоговое обучение, которое доказало свою эффективность в деле формирования компетенций.

Вместе с тем, следует отметить, что обучение, основанное на компетенциях, следует рассматривать, как обучение, в основе которого лежит определение, усвоение и способность продемонстрировать умения, знания, типы отношений и поведения, которые необходимы для определенной профессии или вида трудовой деятельности.

В контексте представленного исследования основные языковые компетенции следует рассматривать как элементы профессиональной компетентности будущего специалиста. Основными языковыми компетенциями предмета «Иностранный язык» являются: коммуникативная, межкультурная, регулятивная и лингвистическая.

Коммуникативную компетенцию рассматривают в качестве комплекса языковых средств, которые необходимы для построения письменных и устных высказываний, а также знаний о закономерностях, способах и средствах речевого общения. Формирование этой компетенции осуществляется на уроках иностранного языка посредством таких видов речевой деятельности, как полилоги, диалоги и монологи. В рамках данной компетенции должны быть сформированы умения писать, говорить, слушать и читать.

Межкультурная компетенция подразумевает понимание индивидуумом языкового пространства другой социокультуры, способность находить между культурами как различия, так и общие черты, владеть определенным объемом знаний о культуре, язык которой изучается. Межкультурная компетенция характеризуется следующей структурой:

1. Культурно-специальные и общекультурные знания.
2. Владение межкультурной восприимчивостью.
3. Навыки устного общения с людьми, представляющими другую культуру.

Содержательная составляющая обучения иностранным языкам должна содержать в себе: родную культуру учащегося и культуру страны, язык которой изучается, а также проблемы, характерные для современного поликультурного и многоязычного мира. Другими, словами, «Иностранная литература» как учебная дисциплина выполняет функцию инструмента познания как собственной культуры, так и другой.

В состав регулятивной компетенции включают такие качества, как умение осуществлять речевую коммуникацию в рамках профессиональных ситуаций, способность к анализу итогов своей деятельности, умение анализировать собственный опыт речевого иноязычного общения, а также своевременно вносить необходимые коррективы в свою деятельность. Формирование регулятивной компетенции осуществляется с помощью постановки четко сформулированной цели, самооценки, анализа и контроля за учебной деятельностью.

Лингвистическая компетенция предполагает наличие знаний о речи и языке, навыков работы с материалом языкового характера, умения осуществлять анализ языковых фактов и явлений, строить синтаксически грамотные предложения и правильные формы. Анализ языковых единиц основан на принципе триединства (функция, форма, значение).

Иноязычную коммуникативную компетенцию, вопросы ее формирования часто исследуют в своих работах как отечественные, так и зарубежные ученые.

Между тем, до настоящего времени еще не выработан единых подход к определению и пониманию данного понятия. Ряд ученых считают, что ИКК, представляя собой многогранное понятие, состоит из определенных компонентов. Вместе с тем, другая группа исследователей считают ИКК состоящей из субкомпетенций, формирование которых позволяет гармонично развиваться иноязычной коммуникативной компетенции.

Совет Европы в своем документе, посвященном Общеевропейским компетенциям «…владения иностранными языками…» рассматривает три компонента, составляющих ИКК: прагматический, социолингвистический и лингвистический. Прагматическая составляющая предполагает введение экстралингвистических компонентов, способствующих коммуникации. Социолингвистическая составляющая, связывая между собой остальные элементы ИКК, предусматривает учет социокультурных условий использования того или иного языка. Лингвистическая составляющая предполагает умения и знания в сфере грамматики, лексики и фонетики.

Проанализировав ряд работ, рассматривающих вопросы о компонентах ИКК, мы выявили их ключевые элементы структуры. Это личностные качества, навыки, умения и знания.

Осмысливая сказанное выше, приходим к выводу, что в основе любого компонента ИКК лежат умения, знания, навыки, врожденные задатки, личностные качества, которые в ходе той или иной деятельности превращаются в способности.

Между этими структурными элементами существует тесная взаимосвязь, они образуют систему взаимодополняющих друг друга компонентов. Процесс формирования и развития этих компонентов является неотъемлемой частью развития личности, становящейся «языковой личностью» через участие в межкультурном и межъязыковом общении.

Современный образовательный процесс подразумевает центральное положение обучаемого в качестве «эффективного участника межкультурной коммуникации, который открывает для себя новые аспекты социальной действительности через подключение к ней посредством различных каналов коммуникации».

Резюмируя сказанное выше, приходим к выводу, что при изучении языка следует принимать во внимание различные варианты его употребления различными социальными группами, а также учитывать при изучении культурный контекст. Данные тезис позволяет отделить от других социолингвистическую составляющую, отдав ей приоритетную роль в деле достижения ключевой цели обучению иностранным языкам.

Владеть устной речью означает уметь задать вопрос, ответить на заданный, привести в ходе дискуссии убедительный довод, защитить диплом или проект на иностранном языке, выступить с докладом и т.д.

Владеть письменной речью означает умение создать текстовый документ, вести электронную переписку, знать правила презентации и подачи информации.

В ходе формирование названных основных языковых компетенций следует принимать во внимание дидактические особенности учебного предмета «Иностранный язык». В высшем учебном заведении иностранный язык выступает одновременно в роли средства и цели обучения. Как учебный предмет, иностранный язык отличается своим многоуровневым, межпредметным, интегрированным, неоднородным и полифункциональным характером. Однако главная особенность иностранного языка как учебного предмета заключается в его так сказать «беспредметности», то есть его изучают в качестве средства общения, тематика же речи определяется извне [2, С. 134].

Перечисленные выше дидактические особенности обусловливают, в свою очередь, и особенности построения занятий по данной дисциплине:

1.Учебная деятельность имеет коммуникативную направленность.

2.Применение метода лексической и фонетической зарядки, обучение всем видам речевой активности (писать, слушать, читать, говорить).

3.Акцент в обучении на устную речь.

4.Формирование для учащихся искусственной среды общения ввиду недоступности естественной.

5.Диалоговое взаимодействие, в ходе которого его участники выступают в роли равноправных партнеров.

6.Применение накопительного оценивания по каждому виду речевой деятельности.

Помимо прочего, в ходе обучения иностранному языку студентов гуманитарных специальностей крайне важен учет факторов личностно-индивидуального характера. Ведь каждый студент в ходе учебного процесса проявляет себя в соответствие со своими личностными особенностями. Кто-то отличается скоростью реакции. Для кого-то нормой является высокая активность мыслительных процессов или умение концентрироваться на поставленной цели.

Ключевые компетенции формируются с опорой на особенности преподавания учебного предмета «Иностранный язык», при этом учебный процесс учитывает следующие принципы:

1.Личностное целеполагания предполагает самостоятельный выбор студентом как промежуточных задач и целей, так и конечных. Каждый студент формулирует эту задачу по-своему, учетом своего уровня владения языком, речевого опыта, знаний.

2.Продуктивное обучение, предполагающее не столько овладение учащимися объемом знаний, умений и навыков, предусмотренных в учебной программе, сколько их совершенствование. Способствует достижению этой цели создание такой образовательной ситуации, которая побуждает студента принимать самостоятельные решения, творчески подходить к решению учебных задач.

3.Выбор собственной образовательной траектории означает самостоятельное определение студентом модели своего обучения. Для этого студент должен быть обеспечен инструментами организационной, когнитивной и креативной деятельности.

4.Ситуативность обучения – создание такой учебной обстановки, которая вынуждает учащегося самостоятельно заниматься определением значения незнакомого слова с применением словообразовательных стратегий. Помимо этого, обучающий процесс обязательно должен включать в себя ситуации, которые связаны с будущей профессией учащегося.

5.Образовательная рефлексия, когда учащийся понимает путь к преодолению лексических проблем через словообразовательную деятельность, что в итоге позволяет ему не только научиться понимать текст, но также осознать способы достижения такого понимания.

Известно, что в ходе обучения иностранному языку ключевыми компетенциями являются профессиональные и общекультурные аспекты, представленные социально-проектными, социально-технологическими, научно-организационными и научно-исследовательскими компетенциями. Для каждой из них характерны свои особенности в контексте прохождения того или иного этапа обучения иностранному языку [4, С. 24].

Мы считаем, что для выпускника вуза важно обладать следующими четырьмя видами культурных компетенций.

Компетенция-1 предполагает умение выпускника строить логически последовательную, аргументированную речь, способность к публичным выступлениям, а также к ведению полемики и дискуссий с языковой позиции. Компетенция-2 отражает готовность к профессиональной деятельности, что включает в себя умение находить и передавать информацию, накопленную человечеством, создавать условия для формирования профессиональных, социальных и личностных компетенций. ОК-3 означает умение выпускника использовать ключевые положения экономических, гуманитарных и социальных наук при решении профессиональных и социальных задач. Компетенция-4 означает способность к общению в письменной и устной форме на родном и иностранном языках с целью решения задач межличностного и межкультурного общения [3, С. 110].

Профессиональная компетенция означат активное владение языком, умение свободно писать и говорить на нем. В эту компетенцию включены все виды речевой активности, и закрепляется она с помощью соответствующих упражнений и заданий.

Навыки чтения закрепляются через упражнения, в ходе которых подбираются заголовки к отрывкам текста, предлагается ответить на вопросы по отрывкам или целым текстам, логически завершить предложение или фразу.

Навыки аудирования отрабатываются с помощью заданий по определению ключевой мысли услышанного текста, через ответы на вопросы по нему же и т.д.

Навыки говорения формируются через такие упражнения, как описание предложенной картинки, имитация диалога, аргументированные возражения или ответы при общении с собеседником, реакция на высказанную точку зрения. Уровень тем определяется уровнем знаний студентов, а подбор тем может быть самым широким – от профессиональных до бытовых.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Багдасарьян Н.Г. Ещё раз о компетенциях выпускников инженерных программ, или Концепт культуры в компетенциях инженеров / Н.Г. Багдасарьян, Е.А. Гаврилина // Высш. Образование в России. – 2010. - № 6. – С. 23 – 28.

2. Лихачева О.Н. Сущность гуманитарного компонента в рамках неязыкового вуза на примере английского языка. Булатовские чтения. ООО « Издательский Дом-Юг». Краснодар, 2018, Т. 7. – С. 134.

3. Лихачева О.Н. Творческая работа студентов-нелингвистов как аспект развития иноязычной коммуникативной компетенции. Була-товские чтения. ООО «Издательский Дом – Юг», Краснодар, 2018; Т. 7. – С. 110.

4. Лихачева О.Н., Рубан Д.А., Черкесов Т.А. Особенности иноязычной коммуникативной компетенции в условиях современного неязыкового вуза. Взаимодействие науки и общества: проблемы и перспективы. Международная научно-практическая конференция. Стерлитамак, АМИ, 2017. – С. 24.

5. Мартьянова И.А. Формирование коммуникативной компетентности студентов технического вуза: дис. …канд. Пед. Наук 13.00.01. Волжский государственный инженерно-педагогический университет. – Н. Новгород, 2009. – 229 с.

6. Олейникова О. Н., Муравьева А. А., Коновалова Ю. Н., Сартакова Е. В. Модульные технологии: проектирование и разработка образовательных программ: учеб. Пос. М.: Альфа-М; ИНФРА-М, 2010. – С. 12.

**Абдулахадова А.**

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ КЛЮЧЕВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ ВУЗОВ

В статье рассматривая вопросы формирования ключевых компетенций у студентов высших учебных заведений, утверждает, что ключевой аспект компетентности следует рассматривать как способность к осуществлению той или иной деятельности, как новой, так и уже привычной, с опорой на совокупность опыта, отношений, умений и знаний.

В статье, также, автор раскрывая суть и сущность ключевых компетенций, особо отмечает, что владение ключевыми компетенциями следует рассматривать как социальный заказ современного общества, который отражен в образовательных стандартах в виде универсальных компетенций выпускников вузов, которые должны быть сформированы в ходе реализации учебной программы.

***Ключевые слова:*** *ключевые компетенции, аспект, способность, деятельность, социальный заказ, образовательные стандарты, учебные программы, профессиональная компетенция, лингвист.*

**Абдулаҳадова А.**

## ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Дар мақола муаллиф масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олиро баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҷанбаи калидии салоҳиятнокиро бояд ҳамчун қобилияти амалисозии ин ё он навъи фаъолият, ҳамчун фаъолияти нав ва аллакай муқаррарӣ дар такя ба маҷмӯи таҷриба, муносибат, маҳорат ва дониш арёбӣ карда шавад.

Дар мақола, ҳамчунин, муаллиф мавҳум ва моҳияти салоҳиятҳои асосиро тавсиф намуда, махсус таъкид мекунад, ки соҳиб будан ба салоҳиятҳои асосиро ҳамчун фармоиши иҷтимоии ҷомеаи муосир, ки дар стандартҳои таълимӣ дар шакли салоҳиятҳои универсалии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ инъикос ёфта, дар раванди татбиқи барномаи таълимӣ ташаккул меёбанд, баррасӣ бояд кард.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳиятҳои асосӣ, ҷанба, қобилият, фаъолият, фармоиши иҷтимоӣ, стандартҳои таълимӣ, барномаи таълим, салоҳиятҳои касбӣ, забоншинос.*

**Abdulahadov A.**

## PEDAGOGICAL CONDITIONS OF FORMATION KEY COMPETENCIES OF UNIVERSITY STUDENTS

In the article, considering the issues of formation of key competencies in students of higher educational institutions, he argues that the key aspect of competence should be considered as the ability to carry out a particular activity, both new and already familiar, based on a combination of experience, relationships, skills and knowledge.

In the article, also, the author reveals the essence and essence of key competencies, emphasizes that the possession of key competencies should be considered as a social order of modern society, which is reflected in educational standards in the form of universal competencies of University graduates, which should be formed during the implementation of the curriculum.

***Keywords:*** *key competencies, aspect, ability, activity, social order, educational standards, training programs, professional competence, linguist.*

**Сведения об авторе: Абдулахадова Анорби Сафоловна** – старший преподаватель кафедры языков Таджикского технического университета им. М. Осими, соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. им. академиков Раджабовых, 10. Тел:. (992) 907 755781, E.mail: anoratj@mail.ru.

**Information about the author: Abdulahadova Anorbe Safolovna** – senior lecturer, Department of languages Tajik technical University. M. Oshimi, candidate of the Institute of education development. A. dzhomi Academy of education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. academician Rajabov, 10. Bodies'.: (992) 907 755781, e-mail: anoratj@mail.ru

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**С. АМОНОВ**

## НИГОҲИ ФИРДАВСӢ БА СУХАН ВА ОДОБИ СУХАНГӮЙӢ

*Сухан монад аз ту ҳаме ёдгор,*
*Суханро чунин хормоя мадор.*

Офаридгор баён ва суханофариро ба инсон муносиб дониста, бо ин сифат ӯро аз дигар махлуқот боло мегузорад. Аз ин рӯ, сухан ва баён дар сирату сурати инсон ҷойгоҳи вижа дошта, далели зеҳну фаросати ӯ маҳсуб мешаванд.

Мо дар ин матлаби кӯтоҳ доир ба мақоми сухану сухангӯйӣ дар рӯзгори аҳли башар таваққуф накарда, ба ҳамон ҳадде, ки Фирдавсӣ дар кохи бегазанди хеш ба тавсифи он пардохтааст, иктифо мекунем.

Фирдавсӣ илова бар мавзӯи сухан, нутқу баён ва таъсири муъҷизаосои гуфтори накӯ ба одоби сухангӯйӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст, ки ҳамчун дастури сухан ва оини суханпардозӣ ба қадри тавон пеши рӯйи шумо хонандагони азиз мегузорем.

*Сухан монад аз ту ҳаме ёдгор,*
*Суханро чунин хормоя мадор (9,93).*
*Суханҳо, ки ҷонро бувад судманд,*
*В-зон мардро басе арҷ гардад баланд (9,1846).*
*Сухан беҳ, ки вайрон нагардад сухан,*
*Чу аз барфу борон сарои куҳан (9,1488).*
*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор (9,1491).*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор,*
*Чу бар ҷойгаҳи бар баранда ба кор (9,1651).*
*Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид, бас,*
*Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас.*
*Сухан гуфтани нагзу гуфтори нек,*
*Нагардад куҳан то ҷаҳон аст рек (9,.1888).*

Сухани нарму покиза Худорову бандаро ҳам хуш меояд ва умри дароз дорад. Сухани писандида ва гуфтори накӯ аз атову бахшише, ки аз пояш озоре дорад, беҳтар аст.

*Сухан чун баробар шавад бар хирад,*
*Равони сароянда ромиш барад.*
*Ту чандон ки бошӣ, сухангӯй бош,*
*Хирадманд бошу накӯхӯй бош.*
*Дуруштӣ зи касс нашнавад нарм гӯй,*
*Сухан то тавонӣ ба озрм гӯй (9,420).*

Назар ба таъкид дар абёти боло шарти муҳимми сухани хубу ноб гуфтан аз софии ақл ва ғалберу элаки зеҳн гузаронидани он аст, то пухта, ба забон ҷорӣ шаваду баъд муқими кӯйи дилҳо гардад. Сухане, ки бидуни андеша гуфта мешавад, хом ва орӣ аз мантиқу маънӣ буда, муҷиби занги малол дар оинаи табъ мегардад.

Шарти дигари сухангӯйӣ аз нигоҳи Фирдавсӣ мулоимат ва нармгӯйист. Сухани нарму лутфомез боиси оромии рӯҳ гардида, шунавандаю гӯяндаро ба ҳам моил месозад, ғазабро аз миён бурда, раҳму шафқатро бедор менамояд.

Фирдавсӣ ин андешаро чунин баён менамояд:

*Агар нарм гӯяд забони касе,*
*Дуруштӣ ба гӯшаш наояд басе,*
*Бидон,к-з забон аст мардум ба ранҷ,*
*Чу ранҷиш нахоҳӣ,суханро бисанҷ (9,1847).*
*Забоне, ки андар сараш магз нест,*
*Агар дурр биборад, ҳаме нагз нест (9, 899).*

Сухан бояд устувору поядору қабулшаванда бошад, ки барои ин таҷаммӯи ақлу қавл ва донишу завқ зарур аст. Агар ақлу қавлу донишу завқ дар канори ҳамдигар қарор

бигиранд, муҷиби гирд омадани фазилат дар вуҷуди одамӣ гашта, шахсияти ӯро ҳусни камол мебахшанд. Зеро барои инсон ду фазилат хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Инҳо яке ақлу дигаре мантиқанд, ки ба василаи онҳо замири одамӣ равшан мегардаду равонаш баҳра мебардорад.

«Усулан, мантиқ ба гуфторе итлоқ мешавад, ки аз ҷониби ақл таъйид шуда бошад ва соир гуфторҳои беҳудаи хориҷ аз чорчӯби ақл «нутқ» маҳсус намешавад». (7, 421)

*Сухан пеши фарҳангиён сахта гӯй,*
*Ба ҳар кас навозандаю тозарӯй (9,1548).*
*Бигӯ он чӣ дорӣ ва бифзой низ,*
*Зи гуфти хирадманд бартар чӣ чиз (9,1527).*
*Ҳар он кас, ки ронад сухан аз газоф,*
*Бувад бар сари анҷуман марди лоф (9,1982).*

Яке дигар аз шартҳою одоби сухангӯйӣ тозагуфторӣ ва нававарӣ дар сухан аст. Аз гуфтори қолабии кӯҳнашуда ва беҳуда парҳез намудан суханро ҷони тоза мебахшад ва бар эътибори сухангӯ меафзояд. Сухани нав ҷаззоб ва бахшандаи роҳат аст ва беҳтар аст агар боз саршори ҳикмат бошад.

*Ба Синдухт Меҳроб гуфт ин сухан,*
*Нав овардию нав нагардад куҳан (9,181).*

«Фирдавсӣ дар одоб ва шароити суханварӣ фаровон аз нармгӯйӣ ва чарбфизоии сухан ва парҳез аз тундию тезӣ дар калом сухан мегӯяд. Ӯ сухани боҳаловат ва ширинро меписандад. Сухани ширин сухане чарб ва нарм аст, ки корсоз ва бурранда аст. Бар дилҳо менишинад ва қулубро тасхир мекунад» (7, 423).

*Дуруджаш деҳ аз мову хубӣ намой,*
*Биёрой гуфтору чарбӣ физой (9,1281).*
*Суханҳояшон бишнаву гӯ сухун,*
*Касе тез гӯяд, ту тезӣ макун (9,1424).*
*Зи тезӣ нагардад туро бахт ром,*
*Зи тундию тезӣ наёбӣ ту ком (9,1542).*

Мегӯянд, ки неши забон аз неши теғ захмовартар аст ва захми теғ дармон мешаваду захми забон не:

*Яке мард буд тезу барнову тунд,*
*Шудӣ бо забонаш дили тег кунд (9,1387).*
*Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,*
*Маёзор лабро ба гуфтори сард (9,626).*

Сухангӯйи Тус моро аз беҳудагӯйӣ ва зиштгуфторӣ барҳазар медорад ва таъкид менамояд, ки суханро ба ҷойи хеш ва нек бигӯем. Сухане бигӯем, ки бори бадбахтӣ надошта бошаду ҷаҳонро ба сухангӯ торик нанамояд:

Магӯ он чӣ бадхоҳ чун бишнавад,
*Зи гуфтори беҳуда шодон шавад (9,2182).*
*Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,*
*Сухангӯй дар мардумон хор гашт (9,1731).*
*Магӯ он сухан, к-андар ӯ суд нест,*
*К-з он оташи беҳуда ҷуз дуд нест (9,1832).*

Фирдавсӣ бо илҳом гуфтори накӯро таблиғ намуда, лофу беҳудагӯйиро сабаби гирифторӣ дониста, накӯҳиш мекунад:

*Сухан ҳар чӣ гуфтанаш рӯй нест,*
*Дарахте бувад, к-аш бару рӯй нест (9, 1287).*
*Чу гӯянда мардум на бар ҷойгоҳ,*
*Сухан гуфт аз ӯ дур шуд фару ҷоҳ (9,1846).*

Ба андешаи Фирдавсӣ хамушӣ беҳтар аз гуфтани сухани насанҷидаву беҳуда аст ва ба ҳамин сабаб онро матлуб ва мавриди таъкид мешуморад.

*Чу бар анҷуман мард хомӯш бувад,*
*Аз он хомӯшӣ мард ба ромиш бувад.*
*Чунин дод посух, ки ҳар к-ӯ забон,*
*Зи бад баста дорад, наранҷад равон (9, 1840).*
*Ту бар анҷуман хомӯшӣ баргузин.*
*Чу хоҳӣ, ки яксар кунанд офарин (9, 393).*

Фирдавсӣ одоби хуб шунидан ва жарфнигарии сухани дигаронро низ дар канори одоби хуб гуфтан аз ойини муҳимму зарурии суханварӣ медонад. Ӯ таъкид дорад, ки суханро аввал ботаваҷҷуҳ бишнаву сипас, ба мазмуну маънии он фурӯ рав, беҳтаринашро ёд бигиру бадашро ба нармию чарбӣ ва посухе муносиб рад намо.

*Сухан бишнавӣ, беҳтарин ёд гир,*
*Нигар, то кадом оядат дилпазир (9,1548).*
*Суханро бубояд шунидан нахуст,*
*Чу доно бувад, посух орад дуруст (9,1767).*
*Сухангӯй чун баркушояд сухун,*
*Бимон, то бигӯяд, ту тундӣ макун.*
*Зи гуфтори доно тавоно шавӣ,*
*Бигӯйӣ бар инсон, к-аз ӯ бишнавӣ (9, 1840).*
*Агар бадгумоне кушояд забон,*
*Ту тезӣ макун ҳеҷ бо бадгумон.*
*В-аз он пеш, ки сусте гумоне барад,*
*В-аз андоза гуфтори ӯ бигзарад,*
*Ту посух маар ӯро ба андоза гӯй,*
*Суханҳои хуб овару тоза гӯй (9, 1958).*

Фирдавсӣ бо меҳри хос баёни суханро бо шеваи нарму зебо ва писандида ҳатто дар мавриди бархӯрд бо душманон низ аз ойини суханварӣ ва хубгӯйӣ медонад:

*Ту бо душман ар хуб гуфтан равост,*
*Аз озодагон хуб гуфтан сазост (9, 923).*

Масалан, вақте ки Рустамро рақибаш «сагзӣ» мехонад, ӯ дар ҷавоб мегӯяд:

*Маро ном Рустам кунад Золи Зар,*
*Ту сагзӣ чаро хонӣ эй бадгуҳар (9,768).*

Яъне суханро бо маънии расида ба мавриди зарурӣ иброз намудан аз хирад ва бузургии гӯяндаи он дарак медиҳад ва душман забонбаста мегардад. Хирадманду нодон тавассути гуфтори хеш бисот ва дороии маънавашонро ба намоиш мегузоранд. Саъдӣ низ ба ин маънӣ фармудааст:

*То мард сухан нагуфта бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.*

«Забони сурх сари сабзро диҳад бар бод»- гуфтаанд ва метавон афзуд, ки агар сухан бо шарти риояти одоб гуфта шавад, қабули хоссу ом гардида, гиреҳкушои мушкилот ва муҷиби сарсабзии инсон мешавад. Андеша намудан ҳангоми гуфтор ва нигоҳ доштани забон дар мавориди мухталиф имкон медиҳад, ки аз балоҳо дур ва аз фитнаҳо дар амон бошем.

*Ҷавонӣ ҳанӯз ин баландӣ маҷӯй,*
*Суханро бисанҷу ба андоза гӯй (9,1132).*
*Сухан ҳамчу қуфласту посух калид,*
*Ба посух бад аз нек оядпадид (9,1970).*
*Набояд, ки бошӣ фаровонсухун,*
*Ба рӯйи касон порсоӣ макун (9,1548).*
*Забонро магардон ба гирди дурӯғ,*
*Чу хоҳӣ, ки тоҷ аз ту гирад фурӯғ (9,556).*

Он чӣ гуфтем, камтарин ёдоварие буд, ки Фирдавсӣ бо камоли ҳикмату бузургӣ дар боби риояти одоби суханварӣ ва дар робита ба он ҳусни сухан, таъсири он, мавриди каломи баёни мантиқӣ иброз намудааст. Чун жарф нигарем, худи ранҷи сисолаи шоир низ намунаи шеваи хосси сухан ва баёни вижаест, ки гоҳ ба ғазаб меораду гоҳ нарм месозад, гоҳ мегирёнаду гоҳ механдонад ва ҳамеша саршори меҳру муҳаббат аст.

**АДАБИЁТ:**

1.Истины: Изречения персидского и таджикского народов, их поэтов и мудрецов. Перевод Наума Гребнева. Издательство Наука. Главная редакция восточной литературы. Москва 1968; Спб.: Азбука-классика, 2005. 256 с ISBN 5-352-01412-6

2.Жул Мул.Дебочаи «Шоҳнома» Тарҷумаи Ҷаҳонгири Афкорӣ, чопи чаҳорум, Теҳрон, 1369

3.Муҳаммад Амини Раёҳӣ . Сарчашмаҳои фирдавсишиносӣ. Ҷилди аввал, Теҳрон, пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ 1372

4.Муҳаммад Амини Раёҳӣ. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Теҳрон 1373, 400

5.Раджабов М. Фирдоуси и современность Душанбе, 1976. Ч С. 136. Маллаев Р.К. Философско-эстетическая концепция Фирдавси в "Шахнаме"-2009.

6.Сафо З. Хамосасарое дар Ирон. - Тегеран 1954. (На перс. Языке)

7.Саҷҷоди Чубина. Ҳикмати назарӣ ва илмӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, Интишороти Навиди Шероз,-1377

8.Социально-политические взгляды Абулкасима Фирдавси//Баррасихо аз таърихи фалсафаи точик. - Душанбе: Ирфон, 1997. - С.372-394 и др.

9.«Шоҳнома»- и Фирдавсӣ. Тасҳеҳи Жул Мул бо муқаддимаи дуктур Муҳаммад Амини Раёҳӣ. … соли….

**Амонов Салоҳудин**

## НИГОҲИ ФИРДАВСӢ БА СУХАН ВА ОДОБИ СУХАНГӮЙӢ

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асари безаволест, ки дар он тасвири симоҳою чеҳраҳо, равобити ҳаводис, фарогирии мавзӯъҳо бо забони шевою ғанӣ ва рангине сурат гирифтааст. Маҳз ҳамин сифати асари мазкур ва боз чанд паҳлуи муҳимми дигари он ба мо ҳақ медиҳад, то онро донишнома ва шиносномаи миллат ном барем. Мавзӯъҳои сухан ва одоби муоширату сухангӯйӣ дар он яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад. Фирдавсӣ илова бар мавзӯи сухан, нутқу баён ва таъсири муъҷизаосои гуфтори накӯ ба одоби сухангӯйӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст, ки ҳамчун дастури сухан ва оини суханпардозӣ ба қадри тавон пеши рӯйи шумо хонандагони азиз мегузорем.

***Калидвожа:*** *сухан, суханпардозӣ, одоби сухан, сеҳри сухан, ифоданокӣ, маънӣ, шунаванда, гӯянда,таъсири сухан, нерӯи сухан.*

**Амонов Салохудин**

## ВЗГЛЯД ФИРДАВСИ О СЛОВЕ И ЭТИКЕ РЕЧИ

«Шахнаме» Абулкасима Фирдавси является уникальным произведением и с точки зрения образов и изложения, взаимосвязи событий, охвата тематики и богатства словарного состава. Именно подобные качества и особенности «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси стали причиной того, что мы представляем его как энциклопедию нашей нации. Одним из важных тем в «Шахнаме» является культура общения и этики речи. В дополнение к теме, и чудесному эффекту хорошей речи Фидавси также обратил особое внимание на этикет и культуры общения, которых считает, как руководством к речи и риторике. В статье приведены моменты, где слова имеют особое влияние к изменению хода событий и взаимных отношений людей.

***Ключевые слова:*** *речь, риторика, этикет, культура речи, выразительность, смысл, слушатель, говорящий, эффект речи, сила речи.*

**Amonov Salohudin**

## FIRDAVSI ABOUT THE WORD OF SPEECH

The “Shahnameh” of Abulkasim Firdavsi is a unique work both in terms of images and presentation, the interconnection of events, the coverage of subjects and the richness of the vocabulary. It is precisely such quality and features of the “Shahnameh” of Abulkasim Firdavsi that caused us to present it as an encyclopedia of our nation. One of the important topics in the “Shahnam” is the culture of communication and speech ethics. In addition to the topic of speech, and the wonderful effect of good speech, Ferdousi also paid special attention to etiquette and culture of communication, which he considers as a guide to speech and rhetoric. The article gives moments where words have a special influence on changing the course of an event and the mutual attitude of people.

***Keywords:*** *speech, rhetoric, etiquette, speech culture, expressiveness, meaning, listener, speaker, speech effect, speech power.*

**Сведения об авторе: Амонов Салохудин** - научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126.

**Information about the author: - Amonov Salohudin** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 126 C. Aini St.

**М. УБАЙДОВ**

# МУАЙЯНСОЗИИ МУШКИЛОТИ ХОНАНДАГОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ АМАЛӢ АЗ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар рафти иҷрои корҳои амалӣ ҳарчанд, ки барои иҷрои он омодаем, ба мушкилиҳо дучор мешавем. Аз ҳамин сабаб, барои иҷрои корҳои амалӣ мақсад, хусусан мақсади мушаххаси онро муайян кардан зарур аст. Ба ин хотир, вобаста ба мавзӯъ аёниятҳоро интихоб намуда, ҷойи гузаронидани машғулиятро муайян намудан шарт аст.

Пас аз муайян намудани мушкилиҳо дар самтҳои зерин фаъолият мекунем: кор бо харитаҳои географӣ, харитаҳои тарҳӣ, топографию картографӣ, бо нақшаи маҳал, бо маълумоти оморӣ, сохтани графикҳо, (ҷадвалҳо) аз он ҷумла графики тағйирёбии ҳарорат, боришот, абрнокӣ, муайян намудани таркиби соҳаҳои саноат ва ғайра. [106] Ҳамзамон дар корҳои амалӣ, ки характери мушоҳида дар табиатро доранд, мушкилиҳо ба чашм мерасанд, барои он ки хонандагон ба мушкилиҳо дучор нашаванд талаботи зеринро бояд риоя кард:

– мафҳуми кори амалиро донанд;
– номи мавзӯъ ё супоришро муайян карда тавонанд;
– мақсади мушаххаси иҷрои кори амалиро муайян карда тавонанд;
– салоҳиятҳоро доро бошанд;
– аёниятҳоро дуруст интихоб карда тавонистан;
– кори амалиро дуруст ба роҳ монда, рафти онро назорат карда тавонанд;
– Оид, ба ҳали мушкилиҳои пешомада хулоса барорданд.[119]

Дар айни ҳол аз омӯзгорони фанҳои табиӣ талаб карда мешавад, ки донишу малакаи хонандагон аз рӯйи иҷрои корҳои амалии онҳо санҷида шуда, баҳои воқеӣ дода шавад. Чунончи формуларо инкишоф дода, маҳорат ва қобилиятҳоро тақвият бахшида, дониши навро соҳиб мегарданд. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти амалии хонандагон дар синфхона ҷузъи ҷудонопазирии омӯзиш ва ҷараёни маърифат буда, дар ҳар марҳила, дар омӯзиши маводи нав, такрорӣ, муттаҳидсозӣ, синтез ва санҷиши дониш зуҳур меёбад. Бояд қайд кард, ки кори амалӣ дар асоси тақвият ва бақайдгирии мунтазами талаботи барномаи таълимӣ анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, хонандагон бояд ин амалҳоро иҷро намоянд:

– корҳои амалӣ ба вазифаҳои гузошташуда мутобиқат намоянд;
– доир ба натиҷаи ба дастомада корро таҳлил намоянд;
–оид ба кори иҷрошуда хулосаи даркорӣ бароранд;
– корро ҷамъбаст намуда, назари худро пешниҳод намоянд.[132.с.17]

Истифодаи таҷрибаи омӯзиш зарурати такмили қисми амалии барнома мебошад. Дар байни талаботи умумии барнома ва сатҳи воқеии дониши хонандагон, хусусан малакаҳои онҳо фарқ вуҷуд дорад. Чунончи хонандагон дар донистани тавсифи консепсияҳои назариявӣ, кор бо харита ва маводи оморӣ мушкилоти ҷиддӣ доранд. Сабаби ин пеш аз ҳама надоштани донишҳои кофӣ дар соҳаи таҳсилоти нав, маълумот роҷеъ ба омӯзиши маҳалҳои нав аз рӯйи харита маҳсуб меёбад. Барои ҳалли ин мушкилот сатҳи дониши хонандагонро тибқи усули амалкунандаи таълим баланд бардоштан зарур аст. Маҳз тавассути системаи муайяни корӣ ва мустақилият, рушди дониш ва ташаккули малакаҳои географӣ, ҳалли мушкилот имконпазир мегардад.

Дар рафти иҷрои кори амалӣ, хонандагон мушкилиҳои пешомадаро бояд сари вақт бартараф созанд. Дар ин самт, дастурдиҳии омӯзгор хеле бомаврид аст. Хонандагоне, ки малакаю маҳорати ташаккулёфта доранд, мушкилиҳои пешомадаро бартараф карда метавонанд. Онҳо бояд ҷӯяндаву эҷодкор бошанд. Таҷрибаи истифодаи стратегияи таффакури интиқодӣ яке аз воситаҳои бартараф намудани масъалаҳои зикршуда мебошад. Хонандагон дар раванди иҷрои кори амалӣ аз тафаккури интиқодӣ истифода бурда, раванди омӯзишро тағйир медиҳанд, дар атрофи мавзӯъ мустақилона андеша меронанд. [86] Дониш касро ба андешаронӣ водор мекунад, зеро агар мо дар бораи чизе маълумот пайдо кунем, ё чизеро бинем, мехоҳем дар бораи он бештар донем, доир ба роҳҳои ҳалли он фикр намуда, ҷустуҷӯ ва дарёфт намоем. Бинобар ин, омӯзгорро зарур аст аз оғози дарс

доир ба иҷрои кори амалӣ андеша ронда, аз фаъолияти маъмулӣ ба фаъолияти муккамали мақсаднок гузарад. Барои бо мақсади муайян иҷро намудани корҳои амалӣ ба хонандагон бештар имкониятҳо фароҳам овардан лозим аст. Чунин имкониятҳо муҳайё намудани фазои таълимӣ буда, макони гузаронидани машғулият, интихоби воситаҳои айёнӣ ва муҳлати иҷрои кори амалӣ ба назар гирифта мешавад.

Масалан, дар кори амалии №4 (синфи 6) чунин супориш дода шудааст: «Дар харитаи тарҳи аз рӯйи координатаҳои географӣ нуқтаҳои аҳолинишинро ишора кунед». Аз харитаи табиии Тоҷикистон истифода бурда, нуқтаи аҳолинишини худро дарёфт намуда, координатҳои онро муайян карда, ба харитаи тарҳи ишора мекунем. [132]

Муайян намудем, ки дар харитаҳои географӣ маҳалҳои аҳолинишин аз он ҷумла деҳаҳо ишора нашудаанд махсусан харитаи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар иҷрои кори амалии зерин хонандагон ба чунин мушкилиҳо дучор мешаванд:

– дар харитаҳо маҳали аҳолинишин ишора нашудааст;
– дар харитаи тарҳи ишора нашудани маҳалли аҳолинишин аз рӯйи координатаҳо;
– ишора нашудани маҳалли зист дар харитаи Тоҷикистон ;
– муайян кардани координатаи географии маҳал.

Ошкор карда шуд, ки хонанда дар ҳалли масъалаҳои дар боло нишон додашуда ба мушкилиҳо дучор шудаанд. Барои ҳалли чунин мушкилотҳо кадом амалҳоро бояд иҷро намоем? Пеш аз ҳама хонанда ба дастуру пешниҳодҳои омӯзгор ниёз доранд. Аз рӯйи харитаи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалҳои ҳамсояро муайян намуда, мавқеи ҷойгиршавии маҳали зисти худро муайян намоянд.[15] Вақте, ки координатаи маҳалро аз рӯйи харита муайян кардем, ба чунин натиҷа меоем: $38^0$ $38^1$ а.ш. ва $69^0$ $02^1$ т.ш. Яъне мушкилиҳои пешомада ҳалли худро ёфтанд.

Кори амалии №7 барои синфи 6-ум, супориш -1: Зимни миқёси харита масофаи байни маҳали худ ва баҳри наздиктаринро чен кунед Дар рафти иҷрои кори амалии супориши якум чунин мушкилиҳо пеш омаданд: Хонандагон дар муайян намудани миқёси харита душворӣ кашиданд. На ҳамаи хонандагон муайян карда тавонистанд, ки вобаста ба миқёси харита дар як сантиметр чанд километр масофа ҷой дода шудааст. Омӯзиш нишон дод, ки аксарияти хонандагон наздиктарин баҳрро нисбат ба маҳали зисташон баҳри Арал ва баҳри Каспийро интихоб намуданд. Ошкор гардид, ки онҳо доир ба баҳрҳо дониши кофӣ надоштаанд, бинобар ин, бо дастуру пешниҳодҳои омӯзгор онҳо баҳри Арабро интихоб намуданд. Чунки баҳри Аралу Каспий дар асл кӯл аст. Бо воситаи хаткашак масофаи байни маҳали худ ва баҳри Арабро чен намуданд, ки он 6 см - ро ташкил мекард,ки миқёси харита 1:22000000, дар як сантиметри харита масофаи 220 км ҷойгир шудааст. [132] Ҳалли он чунин аст:

220 км х 6 см= 1320 км.

Муайян карда шуд, ки масофаи байни маҳали зист ва баҳри наздиктарин, яъне баҳри Араб 1320 км будааст.

Ба ин монанд кори амалиро хонандагон доир ба масоҳати мамлакатҳо, қитъаҳо, маҳалҳо ва ҷазираҳо иҷро карда метавонанд. Дар рафти иҷрои корҳои амалӣ ба донишҳои нав доир ба баҳрҳо мамлакатҳо, ҷазираҳо соҳиб мешаванд. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки аксарияти хонандагон мушкилиҳои пешомадаро бе кумаки омӯзгор бартараф менамоянд. Дар хонандагон малакаҳои истифодаи харита ва аз рӯйи он чен кардани масофа ташаккул ёфт. Дар иҷрои кори амалии мазкур хонандагон дар баробари пайдо кардани малакаю маҳорати кор бо харита ва ташаккул додани малакаҳои пайдошуда, соҳиби донишҳои нав шуданд. Онҳо исбот карданд, ки баҳрҳои Арал ва Каспий дар ҳақиқат кӯл будаанд. Бо ҳамин роҳ усули чен кардани масофаи байни нуқтаҳои даркориро аз рӯйи харита омӯхтанд.

Супориши 2: Чуқурии уқёнус ва баҳрҳоро аз рӯйи харита муайян намоед. Дар харитаи табиӣ ва дигар харитаҳои ҷуғрофӣ баҳру уқёнусҳо бо ранги кабуд ишора шудаанд. Чӣ қадаре, ки ранги кабуд баланд бошад, чуқурии баҳр ҳамон қадар зиёд аст. Аз рӯйи харита чуқуриҳои баҳру уқёнусҳоро мувофиқ ба рангзании харита иҷро менамоем. «Нуқтаҳои чуқуртарини уқёнуси Ором, Атлантик, Ҳинд, Яхбастаи Шимолӣ ва баҳрҳои Миёназамину Сиёҳро аз рӯйи харитаи уқёнусҳо муайян намоед», ки натиҷаи он чунин аст:

Чуқурии уқёнуси Ором- 11022 м (*фурӯрафтаи Мариан*);

Чуқурии уқёнуси Атлантик -8440 м (*фурӯрафтаи Пуетро Рио*);

Чуқурии укёнуси Ҳинд – 7729 м (*фурӯрафтаи Зонд*);

Чуқурии укёнуси Яхбастаи Шимолӣ- 5527 м

Чуқурии бахри Миёназамин - 5121м, баҳри Сиёҳ- 2210 метр. [132:136]

Бо супориши омӯзгор хонандагон аз рӯйи аломатҳои шартии харитаи укёнусҳо чуқуриҳои баҳрҳои Баренс, Беринг, Зардро муайян карданд. Дар иҷрои супориши додашуда баъзе аз хонандагон ба мушкилиҳо дучор шуданд. Сабаби ба мушкили дучор шудани хонандагон муайян гашт, ки онҳо аз аломатҳои шартии харита истифода карда натавонистанд, пас аз маслиҳату дастурдиҳии омӯзгор, хонандагон аз рӯйи харитаи укёнусҳо чуқуриҳои укёнусиро, ки бо роҳи рангзанӣ ишора карда шудаанд, муайян намуданд. Хонандагон муайян карданд, ки ҷуқуриҳои укёнус бо ранги кабуди баланд ишора карда мешаванд. Онҳо муайян намуданд, ки чӣ қадаре, ки дар харита ранги кабуд баланд бошад, мавзеи баҳр ҳамон қадар чуқур аст. Дар баробари он тунукобаҳои баҳрӣ бо рангҳои кабуди хеле паст ишора карда мешавад, ки онро донистани хонандагон хеле муҳим аст. Баъд аз дастурдиҳӣ онҳо аз иҷрои супориш баромаданд ва муайян намуданд, ки чуқурии баҳрҳо бо ҳисоби миёна чунин будааст:

баҳри Баренс-1500-1700м;

баҳри Беринг-1600-2000 м;

баҳри Зард-3000-3500метр мебошад [128 с.86-91].

Амали хонандагон собит сохт, ки пас аз дастурдиҳии омӯзгор онҳо аз иҷрои кори амалӣ баромаданд. Онҳо на танҳо мушкилии пешомадаро бартараф намуданд, балки соҳиби малака ва маҳоратҳои нав доир ба кор бо харитаи укёнусҳо гаштанд, бо ин васила донишашонро афзун гардониданд.

Мушоҳида дар табиат. Кашидани ҷадвали хатти каҷи, тағйирёбии ҳарорат, боришот ва диаграммаи абрнокӣ, чунин аст. Супориши кори амалии №8, барои хонандагони синфҳои 6 аз фанни географияи табиӣ Кашидани ҷадвали хатти каҷи тағйирёбии ҳарорат ва боришот барои хонандагон хеле мушкил мебошад. Ошкор гашт, ки аввалан дар чен кардани ҳарорати шабонарӯзӣ онҳо ба мушкилиҳо дучор омаданд. (ҳарорати шабонарӯзии 17.06.2019). Дуюм паст будани дониши онҳо аз фанҳои математика, геометрия ва санъати тасвирӣ, (нақшакашӣ) ба онҳо имкон намедиҳад, ки графики хати каҷ ҳаророати ҳаворо дуруст кашиданд. Муайян карда шуд, ки хонандагон пас аз дастурдиҳии омӯзгор ҳарорати ҳаворо чен намуданд, ($+23^0$), вале ҷадвали хатти каҷи тағйирёбии ҳарорати ҳаворо пас аз чанд маротиба такрор намудани амал иҷро карда тавонистанд.

Проблемаи омӯзиши тарзи иҷрои корҳои амалӣ на танҳо ҳамчун як шакли фаъолияти таълимӣ, балки яке аз проблемаҳои асосии методикаи таълим мебошад. Иҷрои корҳои амалӣ дар ҳаёти мо нақши бориз дошта, дар раванди таълим яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб, роҳҳои дуруст ва мақсаднок иҷро намудаи онро ҷустуҷӯ ва дарёфт бояд намуд. Иҷрои корҳои амалӣ ҷузъи таркибии машғулиятҳоро дар таълими фанни география ташкил дода, барои афзун гардонии донишу татбиқи он, тақвият додани тафаккури фикрӣ ва инкишофи маҳорату малакаи амалии хонандагон кумак мерасонад. Кори амалӣ воситаи муҳимми таълиму тарбия буда, иҷрои он барои донишомӯзӣ, татбиқи дониш ва инкишофи маҳорату малака, мусоидат намуда, хонандагонро ба ҳаёти мустақилона омода месозад ва яке аз омилҳои ташаккули салоҳиятҳо ба ҳисоб меравад.

Барои мукаммал гардонидани дониш ва ташаккули маҳоратҳои иҷрои корҳои амалӣ супориши зеринро баррасӣ менамоем. Кори амалии №9 барои синфи 6. Супориш: «Шиносоӣ бо қисмҳои таркибии табиати маҳали худ ва ошкор кардани робитаҳои байни онҳо» Барои иҷрои ин супориш хонандагон ба донишҳои аз худ намудаашон такя намуда, амал менамоянд. Маҷмӯи табиии маҳалро дар чунин шакл: иқлим, хок, об, ҷинсҳои кӯҳӣ, олами наботот, олами ҳайвонот муайян менамоянд. Хонандагон, компонентҳоеро, ки маҷмӯи табиии маҳалро ташкил мекунанд, муайян карда, дар рафти иҷрои кор баъзе амал ба мушкилиҳо дучор омаданд. Онҳо ҷинсҳои кӯҳиро аз якдигар фарқ карда натавониста, дар гурӯҳбандии онҳо ба мушкилиҳо дучор шуданд. Ба ғайр аз ин омилҳои асосии хокташкилкунандаро низ муайян карда натавонистанд.

Ошкор гашт, ки онҳо таркиби ҷинсҳои кӯҳиро муайян карда наметавонанд, бинобар ин, баъзе компонентҳо аз тарафи хонандагон муайян карда нашуданд. Барои ҳалли ин мушкилӣ омӯзгор дастур дод, ки аввал ҷинсҳои кӯҳии якҷинса (калсит, оҳансанг кварс,

алмос, графит, сулфур) ва ҷинсҳои кӯҳии гуногунҷинса (санги хоро, гранит, базалт, диорит-ро) муайян намоянд). [24 с.16-17]

Дар ҳудуди маҳалли худ кадом ҷинсҳо вомехӯранд, ошкор карда тавонистанд. Дар рафти иҷрои чунин кори амалӣ муайян карда шуд, ки дар маҳалли зисти онҳо аз ҳама бештар оҳаксанг мавҷуд будааст. Инчунин ҷинсҳои кӯҳии колсит, алеврамит, травертин, каглабрит, гловелит, шпати саҳроии сурх вомехӯранд. Хонандагон тавонистанд ёрии омӯзгор ин мушкилотро ҳал намуда аз уҳдаи иҷрои кори амалӣ бароянд ва намунаи ҷинсҳои кӯҳиро тартиб диҳанд.

Ба маҷмӯи табиии маҳал, оби кӯлҳо, дарёҳо, чашмаҳо низ дохил мешаванд ва бояд хотиррасон намуд, ки сой ҳам ба захираи обҳои дохилӣ мансуб мебошад. Аз сабаби он, ки дар китоби дарсӣ доир ба сой маълумоте дода нашудааст, барои муайян кардани хусусиятҳои он дар рафти иҷрои кори амалии мазкур хонанда ба душворӣ дучор мешавад. Барои ҳалли чунин мушкилӣ зарурати дар табиат мушоҳидаи хеле тӯлони гузаронидан пайдо мешавад. Дар натиҷаи мушоҳида муайян карда шуд, ки дар давоми сол, тирамоҳ, зимистон ва баҳор оби сой зиёд шуда, дар фасли тобистон нисбатан кам мешавад ва ҳатто хӯшк мешавад. Хонандагон муайян карданд, ки ғизогирии оби сой ба боришоти атмосферӣ вобастагӣ доштааст. Хонандагон сабабҳои кам ва зиёдшавии оби сойро муайян карда тавонистанд, ки сойҳое, ки аз обҳои зеризаминӣ сарчашма мегиранд, тамоми сол об доранд. Дар раванди кори амалӣ хонандагон соҳиби донишҳои нав гашта, малакаҳои мушоҳида дар табиатро ташаккул доданд.

Ба ғайр аз ин дар рафти мушоҳида сабабҳои пур шудани рӯдхонаи сой аз ҷинсҳои кӯҳӣ, ки он дар натиҷаи фаъолияти обҳои равон ба амал меояд, ошкор гардид. Агар хонандагон дар маҳал бо диққат мушоҳида кунанд, мақсади иҷрои кори амалиро муайян карда метавонанд, дар натиҷа сатҳу сифати кор беҳтар шуда, натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки агар дар китоби дарсии фанни география барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таснифоти корҳои амалӣ дарҷ мегардид, ҳалли бисёре аз мушкилиҳо барои хонанда осон мегашт. Барои ҳалли мушкилиҳои пешомада, таснифоти корҳои амалиро донистан зарур аст. Дар кашидани графики тағйирёбии миқдори боришот мушкилиҳо низ пеш меоянд. Донистани таснифоти кори амалӣ доир ба кашидани графикҳо имконият медиҳад, ки мушкилиҳо бартараф карда шавад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими фанни география иҷро намудани корҳои амалӣ мебошад. Корҳои амалӣ, баҳри рушди фаъолияти амалии хонандагон дар дарс ба ташаккули фикрронии мантиқӣ мусоидат намуда, онҳоро водор месозад, ки оид ба ҳодисаҳои мушоҳидакардаашон бошуурона фикр ронанд .

**АДАБИЁТ:**


1. Барномаи таълимии фанни география. Душанбе-соли 2002.
2. Х.Муҳаббатов,М. Раҳимов. Географияи Тоҷикистон. «Ганҷ -нашрия» Душанбе – 2014.
3. Ф.И.Яковлев,Д.М. Кирюшкин Г.В. Воробьев Лабараторно – практические работы учашихся Академии педагогических наук РСФСР Москва 1963.с.17-21.
4. Т.Г.Галант, Е.М. Гурвич. Практические работа по землеведение и кривидению « Просвишение » Москва.1973.
5. Современный урок географии”. Якутск, 1999.
6. Таълими география аз рӯйи программаи нав. (дастур барои омӯзгор) нашрияи «Ирфон» Душанбе- 1974.
7. Учебное пособие по географии. Тесты и практические задания по географии./Под ред. И.А. Родионовой.- М.: Московский Лицей, 1996.
8. А.И.Соловьев,Н.Е.Дик, Г.В. Карпов, Н.С. Матрусов. Физическая география СССР. «Просвищение» Москва- 1975.

**Убайдов М.**

**МУАЙЯНСОЗИИ МУШКИЛОТИ ХОНАНДАГОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ АМАЛӢ АЗ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ**

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ошкор намудани мушкилиҳо дар раванди иҷрои корҳои амалӣ аз фанни география ва роҳҳои ҳалли он меравад. Муаллиф тавонистааст, то қадри имкон мушкилиҳоро дар раванди иҷрои корҳои амали ошкор сохта, онҳоро бо мисолҳои мушаххас равшан намудааст. Дар ҳалли мушкилиҳои пешомада дастуру пешниҳодҳои устодро асос донистааст.

***Калидвожаҳо:****мушкилот,самаранокӣ,сой,амалӣ,табиат,мушоҳида,ҳарорат, диаграмма, усул,миқёс,координат,консепсия.*

**Убайдов М.**

**ОПРЕДЕЛЕНИЕ ПРОБЛЕМ УЧАҲИХСЯ И СПОСОБЫ ИХ РЕШЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ПРАКТИЧЕСКИХ РАБОТ ПО ГЕОГРАФИИ**

Данная статья посвящена выявлению проблем учаҳихся в процессе практических работ по географии и способов их решения. Автору удалось максимально выявить трудности в процессе практических работ и проиллюстрировать их на конкретных примерах. Автор считает, что в решении возникших проблем установки и указания учителя являются основными.

***Ключевые слова:*** *трудности, эффективность, жилье, практические, природа, наблюдение, температура, график, метод, количество, координа, концепция.*

**Ubaydov M.**

**IDENTIFY STUDENTS ' PROBLEMS AND WAYS TO SOLVE THEM IN THE COURSE OF PRACTICAL WORK IN GEOGRAPHY**

This article is devoted to identifying problems in the process of practical work on geography and ways to solve them. The author managed to identify the difficulties in the process of practical work as much as possible and illustrate them with concrete examples. When solving problems, the teacher's instructions were taken as a basis.

***Key words:*** *difficulty, efficiency, housing, practical, nature, observation, temperature, schedule, method, quantity, co-ordination, concept*

**Сведения об авторе: Убайдов Махмудхон** – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни, 126,
**Information about the author: Ubaidov Mahmudkhon - R**esearcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushanbe, 126Ayni str.,

**Ш. КОТИБОВА**

# ВАЖНОСТЬ СЛОВАРНОГО ЗАПАСА В ФОРМИРОВАНИИ НАВЫКОВ ЧТЕНИЯ УЧЕНИКОВ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В эпоху глобализации наряду с необходимостью прогресса общества развитие науки и образования также нуждается в формировании. Сегодня будут созданы благоприятные условия для развития отрасли и создания системы, отвечающей требованиям времени, на основе которой будут проводиться курсы повышения квалификации учителей и повышения их профессиональных компетенции с помощью инновационных методов и подходов.

В процессе обучения и за его пределами учащиеся должны чувствовать и понимать все учебные задачи. Чтобы читателя полностью понимали язык как средство общения, они всегда должны слушать, видеть и анализировать речь. Иначе они не смогут правильно понять всю мощь и возможности родного языка. Изучение родного языка осуществляется через чтение. Задание на чтение не только ограничивается чтением, но более подробно описано в следующих формах.

- поддержка и улучшение навыков чтения;
- развитие точного, осознанного и выразительного чтения;
- формирование учащегося, который умеет думать, любит книгу и использует его как источника знаний;
- формирование элементов научного мировоззрения;
- нравственное, эстетическое и трудовое воспитание младших школьников;
- развитие речи и мышления учащихся;
- получить представление об элементах художественного произведения и т. д.

Важно отметить, что все действия и усилия учителя в процессе обучения направлены на улучшение их навыков чтения учащихся.

Наиболее важные задания по чтению выполнял известный ученый М. Лутфуллозода считает: «обучение навыкам правильного, свободного, осознанного и выразительного чтения, развития речи, воспитание молодых школьников в духе национального государства, патриотизма, элементов национального самосознания, гордости за родной язык и язык, поддержание чистоты окружающей среды, уважение к профессии и трудящимся, мир и примирение; духовное и эстетическое восприятие; развитие интереса к книгам как источника знаний и раннего жизненного опыта, повышение интереса детей к изучению других языков; расширение интеллекта, взаимопонимания и так далее. Из этих задач следует, что в полноте (интеграции) преподавания родного языка чтение как первый компонент или элемент играет доминирующую роль: а) чтение, прежде всего, выполняет свои функции; б) чтение текста служит материалом для изучения орфографии и грамматических элементов языка (грамматика, письменные упражнения) и развития речи» [2:213].

Для этого учителя используют различные способы улучшения чтения и развития речи. Одним из таких методов является работа со словарем.

В области словарного запаса учителя смогут определять учебные задачи, такие как словарная работа и его значение, языковая структура и словарный запас, научные исследования в области обучения словаря. Для разработки плана урока и обучения словарного запаса, а также содействует пониманию прочитанного, используется для улучшения словарной работы учащихся.

Хорошо известно всем, что словарный запас является одной из основных задач развития речи и интеллектуального развития детей, в том числе учащихся младших классов.

Словарь является важным элементом в улучшении навыков чтения, так как дети должны понимать лексику, чтобы понимать содержание текста.

Знание значения слов является важным предшественником понимания прочитанного. Дети изучают словарный запас в результате нескольких встреч, и это может быть сделано путем прямого и косвенного обучения. Когда дети впервые учатся читать, большинство слов, которые они читают и понимают, происходят из их словарного запаса. Это один из

важнейших аспектов лексических ресурсов детей. Учителя могут улучшить устную речь учащихся с помощью различных видов деятельности (например, слушать вслух рассказы, разговаривать с учителями и другими учениками, делать устные презентации в классе).

Известный педагог К.Д. Ушинский сказал: «При выполнении упражнений, прежде всего, необходимо отразить предмет непосредственно в сердцах детей, и, как говорится, в представление учителя и под его руководством чувства детей становятся концепцией, понятие превращается в мысль и мысл превращается в слово» [6:335].

Недостаточно полагаться исключительно на улучшение словарного запаса детей, поскольку они подвергаются воздействию текстов, в которых они регулярно слышат или говорят слова. Чтобы раскрыть значение слов, дети должны обучаться различным методам обучения и использованию новых словарей. Как учитель, вы не только даете учащимся словарь значений, но и помогаете им развить способность самостоятельно находить смысл слов.

Сегодня мы рассмотрим некоторые методы, используемые учителями начальных классов в процессе обучения родному языку, и которые может быть использовано для улучшения словарного запаса учащихся начальных классов.

Существуют различные методы, которые учителя могут использовать для улучшения своего словарного запаса, такие как:

1. Изучите структуру языка.
2. Используйте текст.
3. Использование словаря.

Также включает в себя овладение словарем с использованием кластеров, различные виды деятельности для группового обсуждения, различные методы словарного запаса, анализ стандартов и учебников по разделу словарного запаса, упражнения с дословным словом, иллюстрации, фрагменты стихов из учебников на родном языке.

Учителя начальных классов знакомят учащихся с изучением новых слов с помощью обучающих игр, что также является результатом работы над проектом. Игра простым способом объясняеть смысл слов, как обогащение словарного запаса учащихся.

Например, «Словарные игры»: добавьте слова «лицо-рӯ» к слову «цветок-гул», чтобы указать имя человека, и запишите его. Гул-рӯ, Гул-чеҳра, Гул-андом, Гул-рухсор и другие.

*Упражнение с синонимами*

Одной из конечных целей упражнения - использовать в словаре синонимы, которые читатели могут выразить при выражении своих идей. Поэтому при разработке упражнений учителя младших классов особое внимание уделяют творческой работе учащихся. Например, при работе с разговорными словами они используют словарь синонимов, который представлен в руководстве в качестве дидактического материала. Таблица состоит из 16-20 ячеек, где слова нескольких групп заключены в ячейки. Смотрите следующий пример:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1) капитал (сармоя) | 2) ясно (равшан) | 3) досуг (роҳат) | 4) стремление (илоҷ) |
| 5) солнце (офтоб) | 6) труд (меҳнат) | 7) мера (чора) | 8) богатство (дорои̅) |
| 9) решение (тадбир) | 10) досуг (фароғат) | 11) прозрачный (шаффоф) | 12) чистый (зулол) |
| 13) чистый (соф) | 14) богатство (сарват) | 15) работа (ранҷ) | 16) солнце (шамс) |
| 17) сокровише (ганҷ) | 18) спокойствие (осудаги̅) | 19) солнце (хуршед) | 20) трудность (заҳмат) |

Учителя заранее готовят таблицы (или записывают на доске). Работа с таблицей происходит следующим образом: учитель читает одно слово вслух, например, досуг (10), а учащиеся, в свою очередь, знакомятся с уже упомянутыми словами, перечисляют похожие слова в нашем примере (3) и душевное спокойствие (18).

В соответствии с группой отдельных слов учащиеся формируют словосочетании или предложения. Учителя начинают это со второго класса.

*Упражнение с противоположными словами*

На наш взгляд, словарные упражнения в начальных классах должны быть направлены в первую очередь на изучение словарного запаса, выраженного в учебниках. Таким образом, будет полезно работать с антагонизмом через тексты учебников. Тем не менее, важно помнить, что учитель не обладает специальными навыками, необходимыми для чтения противоположных слов в учебниках. Взять, к примеру, любой текст и подчеркнуть несколько его слов. Попросите учащихся найти слова, которые могут им противоречить.

Но помимо простого упражнения, основанного на учебниках, вы можете использовать конкретные и разнообразные упражнения. В частности, используйте левые слова, чтобы написать контрастные слова в правом столбце, например:

| | |
|---|---|
| Большой - …. | Белый - … |
| Высокий - … | Умный - …. |

В ходе наблюдений выяснилось, что учителя, прошедшие курсы повышения квалификации и предоставившие в процессе обучения необходимые материалы, начали развивать свои творческие способности.

Преподаватели начальных классов, преподавая темы, связанные с их педагогическими навыками, используют словарь не только с точки зрения словарного запаса, но и с содержательным и разнообразным содержанием, а также стимулируют интерес учащихся к изучению новых слов. Также необходимо развивать письменную и устную речь учащихся на уроках.

Известный ученый М. Лутфуллозода отметил: «Невозможно представить развитие речи без определенной лексики, поскольку словарь является неотъемлемой частью языка» [2:396].

Словарь осуществляется путем сравнения объектов и выявления их характеристик. Таким образом, предмет будет полностью освоен и навыки орфографии будут приобретены. Эти упражнения чаще всего проводятся, когда учащиеся знакомятся с новым словом, особенно на экскурсиях, предметных уроках, наблюдениях за природой и сравнениях. С помощью словаря учащиеся учатся анализировать объект, тем самым обогащая свой словарный запас, речи и логическое мышление.

Например, в третьем классе акцент должен делаться на использовании различных устных заданий и навыков творческого письма при изучении тем, рекомендуемых учебным планом. Одна из этих работ:

- изменение текстовых форм;
- творческая работа;
- написание эссе;
- определение простых предложений;
- установите логический акцент, среди прочего, на то, чтобы способствовать развитию последовательных речевых навыков учащихся.

Организация словарных упражнений позволяет читателям буквально прочитать предложение, обращая внимание на тон и логику слова.

Чтобы дети понимали логические ситуации, учитель приводит примеры, но также подчеркивает необходимость уделять особое внимание словам и фразам, которые используются в логическом чтении, потому что логического смысла можно понять. Чтобы учащиеся справились с этой задачей, мы берем пример и говорим его столько раз, сколько необходимо, и записываем его в соответствии с его словами:

Моя мама *учительница*.

Моя *мама* учительница.

*Моя* мама учительница.

Учитель обращает внимание классной комнаты на доску и читает предложения отдельно. Учащиеся смогут определить, какие слова они получают логически в соответствии с их чтением. После распознавания слова учитель рисует линию под тем же словом или пишет слово другим цветом, чтобы напомнить ученикам.

Прочитав предложения, учитель поворачивается к ученикам и спрашивает:

Какие логические слова вы получили?

- Мама, я, учитель
- Да.

- Откуда вы знайете, что эти слова логичны?

- Когда вы читали предложение, вы произносили его гораздо лучше, чем другие слова?

- Какова роль этих слов в понимании цели?

- Эти слова играют большую роль в интерпретации значения. Подчеркивается, что мама – учительница, а не кто другой по проффесии .

- очень хорошо

Учитель суммировал мысли учеников и напомнил им, что при чтении первого предложения логический смысл ложится на слово матери. Поэтому слово мать является ключевым в предложении. Во второй раз чтение моего предложения имеет смысл, потому что моя мама - учитель, а не кто-то другой. Таким образом, объясняется логическое объяснение этого слова.

Во время проведения этих упражнений ученикам дают основную информацию о частях нашего языка (звуки и буквы, слово, предложение и связная речь).

Еще одним достижением учителей начальных классов в рамках повышения квалификации является оценка навыков чтения учащихся. Подобно хорошему чтению, учитель может оценивать способности учеников, когда это необходимо, в том числе, когда они изучают словарь. Оценки проводятся в следующих целях:

1. Определение способностей ученика.

2. Обмен информацией о вашем обучении в классе.

Словарный запась может оцениваться устно или письменно. Учащиеся могут оценить словарный запас как средство чтения (неактивные словарные ресурсы) или чтения и записи (активные словарные ресурсы). Неактивные словарные ресурсы - это слова, которые учащиеся могут прочитать или услышать. Активные глоссарии означают слова, которые учащиеся могут использовать, чтобы говорить или писать.

Словарь часто оценивается в классе как часть упражнений по чтению. Это можно сделать, задавая вопросы учащимся по словарю, а также устно или письменно после прочтения текста. Конечно, стоит отметить, что предоставленные методы нашим учителям улучшить качество преподавания и эффективное обучение их родному языку. Учителя, использующие цели понимания прочитанного, могли правильно планировать и выводить свою рассуждения о своих учеников.

Наблюдения показали, что оценка словаря может быть сделана путем чтения словаря учащихся в нескольких словах путем использования словаря (слов, обычно используемых в учебнике). С увеличением пассивного словарного запаса, словарных способностей учащихся полезно получать общую информацию.

**АДАБИЁТ:**

1. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Китоби дарсӣ / Лутфуллоев М. - Душанбе, Собириён, 2007. – 500 с.

2. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 4. Китоби дарсӣ /Лутфуллоев М. – Душанбе, Собириён, 2013.- 511 с.

3. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълимӣ / Котибова Ш. - Душанбе, 2016. -200 с.

4. Котибова Ш. Луғатомӯзӣ дар кӯдакистон. Душанбе, 2016.

5. Ниёзов Ф. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ / Ниёзов Ф.,Олимова Ф., Зиёев М. - Душанбе, 2012. – 78 с.

6. Ушинский К.Д. Руководство к преподавании по «Родному слову». М., 1949.

**Котибова Ш.**

## АҲАМИЯТИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ХОНИШИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур аҳамияти захираи луғавӣ дар беҳдошти малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ мегардад. Муаллифи мақола муҳиммияти луғатомӯзиро дар инкишофи нутқи хонандагон қайд мекунад.

Маълум аст, ки луғатомӯзӣ яке аз рукнҳои асосии инкишофи нутқ ва рушди ақлию зеҳнии инсон, аз ҷумла хурдсолон дар мактаби ибтидоӣ махсуб меёбад, таркиби луғавии хонандагонро бой гардонда, ба сухандонию суханварии онҳо асос мегузорад.

Луғат унсури муҳимми такмили малакаҳои хониш аст, чунки кӯдакон барои сарфаҳм рафтани мазмуни матн бояд фаҳмиши луғавӣ дошта бошанд.

Донистани маънои калимаҳо пешгӯйии муҳим барои дарки хониш аст. Кӯдакон асосан луғатро дар натиҷаи якчанд маротиба вохӯрдан азхуд мекунанд ва ин бавоситаи таълими мустақим ва ғайримустақим ба амал меояд. Вақте кӯдакон аввалин маротиба хонданро меомӯзанд, бештари калимаҳоеро, ки онҳо мехонанд ва сарфаҳм меравaнд, аз захираи луғавии онҳо бармеояд.

Муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар вақти омӯзиши мавзӯъҳо вобаста ба маҳорати педагогии худ, мавқеи истифодаи машқҳои луғатомӯзиро якранг не, балки гуногунмазмуну гуногунмавқеъ истифода менамоянд ва шавқу ҳаваси шогирдонро ба омӯзиши калимаҳои нав бедор менамояд. Инчунин инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии шогирдон дар ин гуна дарсҳо хубтар ба роҳ монда мешавад.

Машқҳои луғавӣ бо роҳи муқоисаи ашё ва муайян кардани хусусиятҳои онҳо гузаронида мешаванд. Ба ин восита ашё пурра аз худ карда шуда, малакаҳои имлои калимаҳои азхудкарадашуда пайдо мегардад. Ин машқҳо бисёртар дар вақтҳои бо калимаи нав шинос шудани талабагон, алалхусус, дар саёҳатҳо, дарсҳои фаннӣ, мушоҳидаи табиат ва муқоисаҳо гузаронида мешавад. Бо ёрии машқҳои луғавӣ талабагон таҳлил кардани ашёро ёд мегиранд ва ин машқҳо тафаккури мантиқии кӯдаконро ғанӣ мегардонад.

***Калидвожаҳо:*** *луғатомӯзӣ, хонандагон, омӯзгорон, захираи луғавӣ, инкишофи нутқ, калимасозӣ, машқҳо, таҳлил, хониш, овозу ҳарфҳо, тафаккур, матн.*

**Котибова Ш.**

## ВАЖНОСТЬ СЛОВАРНОГО ЗАПАСА В ФОРМИРОВАНИИ НАВЫКОВ ЧТЕНИЯ УЧЕНИКОВ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В данной статье рассматривается важность словарного запаса в улучшении навыков понимания прочитанного учащихся начальных классов. Автор статьи подчеркивает важность словарного запаса в развитии речи учащихся.

Хорошо известно, что словарный запас являются одной из основных опор развития речи и интеллектуального развития детей, в том числе учащихся младших классов.

Словарь является важным элементом в улучшении навыков чтения, так как дети должны понимать лексику, чтобы понимать содержание текста.

Знание слов является важным предшественником понимания прочитанного. Дети изучают словарь в результате нескольких встреч, и это может быть сделано путем прямого и косвенного обучения. Когда учащиеся впервые учатся читать, большинство слов, которые они читают и понимают, находятся в их словарном запасе.

Учителя начальных классов используют различных видов словарной работы и разнообразие в учебных темах, связанные с их педагогическими навыками, и используют энтузиазм для нового словарного запаса. Также необходимо развивать письменную и устную речь учащихся на уроках.

Логические упражнения проводятся путем сравнения объектов и выявления их характеристик. Таким образом, предмет будет полностью освоен, и навыки орфографии будут приобретены. Эти упражнения чаще всего проводятся, когда учащиеся знакомятся с новым словом, особенно на экскурсиях, предметных уроках, наблюдениях за природой и сравнениях. С помощью словарных упражнений ученики учатся анализировать объект, и это упражнение улучшает логическое мышление детей.

***Ключивые слова:*** *словарный запас, учащиеся, преподаватели, развитие словарного запаса, развитие речи, словарный запас, упражнения, анализ, чтение, голос и буквы, мышление, текст.*

**Kotibova Sh**

## THE IMPORTANCE OF VOCABULARY IN IMPROVING READING ELEMENTARY SCHOOL STUDENTS

This article discusses the importance of vocabulary in improving reading comprehension skills for primary school students. The author of the article emphasizes the importance of vocabulary and vocabulary in the development of students' speech.

It is well known that vocabulary and vocabulary are one of the main pillars of the development of speech and the intellectual and intellectual development of children, including primary school students, enriching the vocabulary of students and creating the basis for their speech.

Vocabulary is an important element in improving reading skills, as children need to understand vocabulary in order to understand the content of the text.

Knowing the meaning of words is an important precursor to reading comprehension. Children learn vocabulary as a result of several meetings, and this can be done through direct and indirect learning. When children learn to read for the first time, most of the words they read and understand come from their vocabulary.

Primary school teachers use different vocabulary and variety in teaching topics related to their pedagogical skills, and use excitement and enthusiasm for a new vocabulary. It is also necessary to develop students' written and spoken language in such lessons.

Logic exercises are carried out by comparing objects and identifying their characteristics. Thus, the subject will be fully mastered, and your spelling skills will be acquired. These exercises are most often carried out when students get to know a new word, especially on excursions, subject lessons, observations of nature and comparisons. With the help of vocabulary exercises, students learn to analyze the object, and this exercise improves the logical thinking of children.

***Key words:*** *vocabulary, students, teachers, vocabulary development, speech development, vocabulary, exercises, analysis, reading, voice and letters, thinking, text.*

**Сведения об авторе: Котибова Ш. П.** – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54

**Information about the author: Kotibova Sh** – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Ayni str., **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54

**Ш. АБДУАЛИЗОДА**

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ШОИР Б. СОБИР ДАР СИНФИ 1

Яке аз мақсадҳои асосии омӯзиши адабиёт,-ин аз ҷиҳати маънавӣ шахсияти комил тарбия намудани хонандагон, дарк намудани ҳиссиёти дигарон, мукаммал гардонидани эҳсоси зебоишиносӣ ва тарбияи табъу завқи бадеиятшиносӣ мебошад. Нақши адабиёти муосир ва махсусан назми муосир дар ин раванд бениҳоят зиёд аст, чунки дар он ҳиссиёти ирсии инсон ҷамъ оварда шудааст ва он боиси ғановати маънавиёти хонанда мегардад.

Дар бораи усулҳои нави таълим ва тарзи ҷорӣ намудани онҳо дар дарс муҳаққиқон ва педагогҳои зиёде фикру ақидаҳои худро иброз доштаанд. Масалан, И. Загашев, С. Заир-Бек, И. Муштавинская, В. Акименко, И. Крамарева, М. Ашим, Э. Визней ва дигарон.

Олимон ва муҳаққиқони самти педагогикаи тоҷик М. Лутфуллоев, Л. Имматова, С. Туронов, Ғ. Бобизода, Ш. А. Ибодуллозода, Ш. Холиқова, Ш. Котибова ва дигарон низ дар таҳқиқоти илмии худ доир ба масъалаҳои гуногуни таълими босалоҳият ва роҳҳои фаъол намудани толибилмон дар раванди дарс фикру ақидаҳои ҷолиберо иброз доштаанд.

Шоирӣ одамонро дар паси сар намудани мушкилот муттаҳид месозад, ки ин чӣ дар замони оромӣ ва чӣ дар замони ноормӣ бениҳоят зарур ва пурқиммат аст. Эҷодиёти шоир Бозор Собир бо сабки эҷодии махсус доштан ва рӯ овардан ба мавзӯъҳои гуногун, мутеъ намудани хонанда бо самимияти хоса бисёр хонандагонро ба худ ҷалб менамояд. Аз соли 2007-ум эҷодиёти шоир ба барномаи синфҳои хатмкунанда, яъне 11-ум ворид намуда шудааст ва мавқеи худро дар омӯзиши курси адабиёти муосир ёфтааст.

Эҷодиёти шоир Бозор Собир пайроҳаи хоси индивидуалӣ дорад, бо адабиёти қадима ва ҳозираи тоҷик алоқамандиҳои зич дорад ва танҳо ин хусусиятҳо боиси он мегарданд, ки адабиёти реалистӣ ва навро ба ҳам алоқаманд гардонида ба хонанда расонанд. Омӯзиши эҷодиёти шоир имконият медиҳад, ки ҷараёни инкишофи фарҳангу маданияти он давра омӯхта шавад ва ҷойгоҳи шахс ба таври бадеӣ дар он муайян гардад. Барои ба даст овардани ин мақсад нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот, ки муаллимро ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои реалистӣ ва лирикии асар вазифадор мекунад, бениҳоят муҳим аст. Ин омил боиси он мегардад, ки хонандаи синни калони мактабӣ барои ҳалли масъалаҳои таҳлил намудани мавод, ҳаллу фасл намудани проблемаҳои бамиёномада малака пайдо кунад.

Дар асоси омӯзишҳои назариявӣ ва назорат ба раванди таълим чунин фарзия ва тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст: дарки маъниҳои баланди эҷодии ашъори шоир Б. Собир барои хонандагони синфи 11 пурра ва ҳаматарафа мегардад, агар:

- ҷаҳони эҷодии шоир дар робита бо эҷодиёти шоирони даврони гузашта ва ҳозира баррасӣ намуда шавад;
- малакаҳои таҳлил, тафсир ва муаяйн намудан дар ҷараёни омӯзиши мундариҷавии эҷодиёти шоир Б. Собир такмил дода шавад.

Дар раванди таълим омӯзгор метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супоришҳои мушаххас диҳад ва пешниҳод намояд, ки аз рӯйи шкалаи 10 балла гурӯҳҳо ба якдигар холгузорӣ намоянд.

Масалан, омӯзгор метавонад бо усулҳои зерин хонандагонро ба ин мавзӯъ ҷалб намояд ва иштироки фаъолонаи онҳоро дар дарс таъмин намояд:

1.**Кор бо портрет.**Омӯзгор ба ҳар як гурӯҳ яктогӣ портрети шоирро медиҳад, ки аз давраҳои гуногуни ҳаёти ӯ гирифта шудаанд ва супориш медиҳад, ки дар бораи замони зиндагии ӯ, касбу кори ӯ маълумот диҳанд. Дар охир мефаҳмонад, ки дар портрет расми кӣ омадааст ва ба хонандагон мефармояд, ки дар дафтарҳои худ нависанд: Б.Собир. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ.

2.**Кор бо калимаҳо.** Ба ҳар як гурӯҳ омӯзгор калимаҳои такягоҳӣ медиҳад ва супориш медиҳад, ки дар бораи шоир дар муддати 5 дақиқа нақл нависанд ва он бояд ҳамаи калимаҳоро дар бар гирад. Ҷумлаҳои эҷоднамудаи худи хонандагон низ мумкин аст. Сипас баромади намояндагони ҳар як гурӯҳ гӯш карда мешавад.

3.**Кор бо ҷумлаҳо.** Ба ҳар як гурӯҳ доир ба ҳамин мавзӯъ 5 ҷумла дода мешавад, ки хонандагон бояд доир ба он фикри худро баён кунанд, оё бо ин фикр розӣ ҳастанд ё не.

Сипас фикрҳои ҳамаи гурӯҳҳо шунида мешавад ва омӯзгор аз рӯйи ҷавоби онҳо ҷадвал тартиб медиҳад.

4.**Кор бо матн.** Ба ҳар як гурӯҳ матн бо тарҷумаи ҳоли Б. Собир дода мешавад. Хонандагон онро хонда, дар зери он ишораҳо мемонанд: + медонистам, ? намедонистам, - фикр мекардам ин хел нест. Пас аз хондани матнҳо намояндагони ҳар як гурӯҳ аз рӯйи аломатҳои гузошташуда ҷудо мешаванд.

5.**Тартиб додани нақша аз рӯйи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Б. Собир.** Ҳар як гурӯҳ аз рӯйи ҳаёт ва эҷодиёти шоир нақша тартиб дода, онро шарҳ медиҳад.

Усули дигаре, ки барои хонандагон бисёр шавқовар аст, ин истифодаи синквейн мебошад. Синквейн – як шакли 5-хатаи шеърӣ мебошад, ки дар аввалҳои асри XX зери таъсири назми Ҷопон дар ИМА истифода бурда мешуд. Дар солҳои минбаъда онро ҳамчун усули зуд натиҷа медодагӣ бо мақсадҳои дидактикӣ истифода мебурдагӣ шуданд.

Муҳаққиқ М. Ашим дуруст қайд намудааст, ки дар вақтҳои охир синквейн дар педагогика ба сифати методи манфиатноки рушди маҳорати сухангӯйии хонанда, ки имкон дорад натиҷаи зуд ва чашмрас диҳад, истифода бурда мешавад [3. 14].

Омӯзгор хотиррасон мекунад, ки синквейнро чӣ тавр бояд тартиб диҳанд:

Сатри якум-**исм**
Сатри дуюм-**ду сифат**
Сатри сеюм-**се феъл**
Сатри чорум-**калимаҳо дар шакли ҷумла**
Сатри панҷум-**синоним.**

Мисол:

**Ватан**
Зебо, дилоро
Дӯст медорем, ҳифз мекунем, ободмекунем
Ватан ҷойи муқаддас аст.
Зодгоҳ.

Мисоли дигар:

**Ҷавон**
Боқувват, далер
Илм меомӯзад, ҳурмат мекунад, меҳнат мекунад
Ҷавонон пешбарандаи ҷамъият
Барно.

Дар мавриди эҷодиёти шоир ё зиндагиномаи ӯ имкон дорад, ки хонандагон синвейнҳои зиёде эҷод намоянд, ки ин боиси инкишофи қобилияти эҷодии онҳо ҳазми мавзӯъ мегардад. Масалан:

**Тоҷикистон**
Ҳамармон, камзамин
Рафтам, такидам, афшондам
Ватан ҳастӣ бас аст!
Сарзаминам.

Ба ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки усули истифодаи синквейн усули тезазхудкунӣ ва пурқудрате мебошад, ки барои таҳлил ва мукаммалгардонии маводи нав мусоидат мекунад.

Вобаста ба матн омӯхтани падидаҳои адабиётшиносӣ боиси он мегарданд, ки хонандагон боз ҳам бештар ва амиқтар эҷодиёти ин ё он шоирро дарк мекунанд. Ҳамин тавр, дар раванди омӯзиши мавзӯи нав такрори маводи пешаки хондашуда ба амал меояд ва он ба пуррагӣ таҳлил мегардад.

Дар шеъри «Теғи Сино» шоир Бозор Собир фарзанди халқи тоҷик будани Абӯалӣ ибни Синоро бо ифтихор қайд карда, баъд ба воситаи талмеҳҳои Искандар, Қутайба, Чингиз, Султон Маҳмуд Таваҷҷӯҳи хонандаро ба таърихи фоҷиабори халқи худ ҷалб менамояд:

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту лек,
Бӯйи Сино мекунад ин халқ аз даври қадим.
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид,
Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони Ҳаким.

Дар ин банд нишон дода шудааст, ки ҳамаи шоҳону лашкаркашони номбурда дар асрҳои гуногун сарзамини тоҷикро ғорат карда, мардуми маҳаллиро ба асорат гирифтор намудаанд. Вале халқи тоҷик аз нав қомат рост карда, боз аз пайи ободии мамлакат риёзат мекашид [1. 314]. Дар раванди дарс ба образҳои рамзӣ диққати ҷиддӣ додан зарур аст, ки инро худи ҷиҳати герменевтикии таълим тақозо мекунад. Яъне «паҳлӯҳои торик»-и матн бояд равшан намуда шаванд ва танҳо дар ҳамон сурат хонанда ба маъниҳои баланди образноки шеър сарфаҳм рафта метавонад. Ин намуди таълим ба пуррагӣ барои талаботи нави омӯзиши эҷодиёти шоир Бозор Собир низ зарур аст.

Дар охир ба хонандагон супориш дода мешавад, ки аз рӯйи эҷодиёти шоир презентатсия тартиб диҳанд ба монандаи нақшаи зерин ва ё аз рӯйи фикрҳои эҷодии худ:




Хулоса, барои таълими самаранок ва таъсирбахши ин мавзӯъ ва мавзӯъҳои ба ин монанд зарур аст, ки салоҳиятнокии хонанда дар раванди дарс таъмин бошад, омӯзгор нақши назораткунандаро дошта бошад. Барои ба даст овардани ин мақсад зарур аст, ки роҳу усулҳои гуногуни таълим ба кор бурда шаванд ва ин амал ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

1. Истифодаи пайвастагиҳои бисёрҷабҳаи усулҳои дидактикӣ ҳангоми омӯзиши эҷодиёти Б. Собир дар синфи 11 имкон медиҳад, ки методологияе таҳия карда шавад, ки хонандагон ҷаҳони бадеии шоирро дар динамикаи инкишофи он амиқтар ва мукаммалтар омӯзанд.

2. Модели методологии омӯзиши Б. Собир, ки дар асоси маҷмӯи усулҳои таълими салоҳиятнокӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла кор бо универсалҳои поэтика (образҳо ва рамзҳо) асос ёфтааст, ҷиҳати инкишофи малакаҳои таҳлилӣ ва интерпретативии (тафсирӣ, фаҳмондадиҳӣ) хонандагон шароит фароҳам меорад.

3. Истифодаи супоришҳои эҷодии навъи муқоисавӣ дар раванди таҳлил ва тафсири асарҳои Б. Собир ба мо имкон медиҳад, ки робитаи типологиро бо эҷодиёти адибони классик ва муосир барқарор намуда, хусусиятҳои бадеии шеърҳои ӯро боз ҳам бештар ошкор созем.

**АДАБИЁТ:**

1. Асозода Х., Аламхон К. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11. – Душанбе, Маориф.-2018.

2. Акименко В.М. Новые педагогические технологии: учебно-метод. пособие / В.М.Акименко. – Ростов н/Д: Феникс, 2008.

3. Ашим М. Синквейн как средство развития творческих способностей учащихся// Полилингвиальность и транскультурные практики. Науки об образовании.– Казахский национальный университет имени аль-Фараби. 2015.

4. Гороховская Л.Н. Поэтический диалог: А.А.Блок и В.Я.Брюсов //Литература в школе. 2008 г. - № 2. - С. 17-21. - 0,2 п.л.

5. Крамарева И. Дидактический синквейн как основа оптимизации коррекционного образовательного процесса. Проблемы педагогики. – Брянский государственный университет имени академика И.Г.Петровского, 2018.

6. Туронов С. Муносибати босалоҳият ба таълим. – Душанбе, 2017. 57с.

7. Whitney E. Writing Poetry with Science Content. Teachwriting.org 2017.

**Истифода аз захираи интернет:**
https://www.teachwriting.org/
http://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-02/

**Абдуализода Ш.**

**МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ШОИР Б. СОБИР ДАР СИНФИ 11**

Нақши адабиёти муосир ва махсусан назми муосир дар раванди аз ҷиҳати маънавӣ шахсияти комил тарбия намудани хонандагон, дарк намудани ҳиссиёти дигарон, мукаммал гардонидани эҳсоси зебоишиносӣ ва тарбияи табъу завқи бадеиятшиносӣ бениҳоят зиёд аст, чунки дар он ҳиссиёти ирсии инсон ҷамъ оварда шудааст ва он боиси ғановати маънавиёти хонанда мегардад.

Дар мақола усулҳои таълими босалоҳият аз рӯйи мавзӯи ҳаёт ва эҷодиёти шоир Бозор Собир дар синфи 11 оварда шудааст.

Усули дигаре, ки барои хонандагон бисёр шавқовар аст, ин истифодаи синквейн мебошад. Роҳҳои истифодаи он дар дарс ва натиҷагириҳо аз он бо асосҳои илмӣ маънидод карда шудааст.

***Калидвожаҳо****: таҳлил, салоҳиятнокӣ, синквейн, адабиёт, образ, рамз.*

**Абдуализода Ш.**

**МЕТОДИКА КОМПЕТЕНТНОГО ОБУЧЕНИЯ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА ПОЭТА Б. СОБИРА В 11 КЛАССЕ**

Роль современной литературы, и особенно современной поэзии, в процессе духовного воспитания учеников, понимания чувств других, усиления чувства эстетики и воспитания вкуса к искусству огромна, поскольку она содержит генетические инстинкты человека и духовное обогащение.

В статье представлены методы компетентного обучения на тему жизни и творчества поэта Бозора Собира в 11 классе.

Еще один метод, который очень интересен для читателей - это использование синквейна. Способы его использования на уроке, заключение и выводы объясняются в статье на научной основе.

***Ключевые слова:*** *анализ, компетентность, синквейн, литература, образ, символ.*

**METHODS OF TEACHING COMPETENTLY THE LIFE AND WORK OF THE POET B. SOBIR IN 11TH GRADE**

The role of modern literature, and especially modern poetry, in the process of educating students spiritually, to understand the feelings of others, to enhance the sense of aesthetics and to cultivate a taste for art is enormous, because it contains human genetic instincts and spiritual enrichment.

The article describes the methods of competent teaching on the theme of life and work of the poet Bozor Sobir in the 11th grade.

Another method that is very interesting for readers is the use of cinquain. Ways to use it in the lesson and its conclusions are explained on a scientific basis.

***Keywords:*** *analysis, competence, cinquain, literature, image, symbol.*

**Сведения об авторе: Шахлои Абдуализодаи Тохириён** – кандидат филологических наук, заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования Академии образования Таджикистана имени А. Джами. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Information about author: Shakhloi Abdualizodai Tokhiriyon** – Candidate of Philological Sciences, Head of the Philology Department of the Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan named after A. Jomi. Phone: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Р. МИРЗОЕВА**

# НАҚШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарсҳои забони модарӣ ва забони давлатӣ пеш аз ҳама, нақши омӯзгорро дигар менамояд. «Дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим иттилоотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дар робита бо он васеъ густариш ёфтани воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба мазмуну мухтавои соҳаи маориф, технологияҳо ва шаклҳои он таъсири назаррас мерасонанд. Барои субъектҳои раванди таълим воситаҳои нави техникии омӯзишро фароҳам меоранд ва ҳамчунин барои бунёди низоми иттилоотии идораи маориф мусоидат менамоянд.» {1}. Дар замони муосир, омӯзгор набояд ба хонанда дониши мукаммал диҳад, балки роҳи донишазхудкуниро ба талабагон нишон диҳад ва аз ҳар яке дониши гирифтаашро талаб намояд. «Ба омӯзиши пурраи технологияи иттилоотӣ ва навгонии техникӣ шомил шудани омӯзгорону хонандагон тақозои замон аст. Муҷаҳаз гардонидани синфхонаҳои гуманитарӣ ва дақиқ, ташкил намудани синфхонаҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ бо таҷҳизоти техникии замони муосир ва лавозимоти ёрирасони компютерӣ ё моноблок, ноутбук, тахтаи электронӣ, проектор, экрани банерӣ, планшети деворӣ, воситаҳои нусхабардорӣ (сканер, принтерҳои навъи гуногун), дастгоҳи аксбардорӣ, манбаи бехатарии интиқоли ҷараён UPS, шабакаи интернетӣ, вайфай (WiFi) – роутер, барномаи зидди вирусии литсензионӣ фазои таҳсилотро бой гардонида, барои баланд бардоштани салоҳияти иттилоотию иртиботии хонандагон аҳамияти муҳим доранд.» {2}. Ин усул, пеш аз ҳама, дар дарси забони модарӣ лозим буда, барои онҳое, ки забони модариашонро хуб намедонанд, ба манфиати кор аст. Дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ дар замони тараққиёти технология аз омӯзгор муносибати нав, истифодаи технологияи инноватсиониро бо диду назари нав талаб менамояд. Ҳамон омӯзгор дар дарсаш муваффақ мегардад, ки худ забони модариашро ба дараҷаи олӣ донад ва аз проблемаҳое, ки дар назди фанни ӯ меистад, бархурдор бошаду ҳаллу фасли ҳамаҷонибаи мушкилотро донистa, усули нави таълимро бо истифодаи технологияи муосир аз худ намуда, дар кори ҳамарӯзааш истифода намояд. Омӯзгор бояд сабабҳои суст будани забондонии хонандагонро муайян созад ва дарк кунад, ки сабаби асосӣ дар ин маврид, проблемаи рӯҳӣ аст ва ё иҷтимоӣ, ё ин ки муносибату мутобиқшавии рӯҳии хонанда ба фарҳанг, русум, арзишҳо ва ҷойи истиқомату муҳити забонии онро иҳотакардашуда. Ҳамчунин омӯзгорро лозим аст, ки бо назардошти принсипҳои педагогии дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ, ба ин фанҳо аз нуқтаи назари забони ғайр муносибат намояд.

Муносибати салоҳиятнок ба истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарси забони тоҷикӣ ва забони давлатӣ аз ҳар омӯзгор талаб менамояд, ки усули пешқадами дарсдиҳии забони модарӣ ва забони давлатиро донад ва дар мавриди аз худ намудани забони модарӣ ва забони давлатӣ, хонандаро бо қонуниятҳои вобаста ба забон, ки ҳангоми навиштан ҳар якеро бояд донист ва надонистани ин қонуниятҳо, ҳангоми навишт ба хатогиҳои савтиётию морфологӣ ва аломатҳои китобатӣ оварда мерасонад, ҳушдор созад. Ташкили дурусти кор бо луғат (истифода аз тахтаи электронӣ) дар дарс аҳамияти муҳим дорад. Дар қатори усули самараноки ташкили кор бо луғат дар дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ дохил мегарданд:

*1.Шарҳи ин ё он калима.*

*2.Дигаргуншавии маънои калима ҳангоми нодуруст таллафуз кардани он.*

*3.Калима дар лаҳҷаи ин ё он маҳал.*

Ҳангоми гузаштани дарси забони тоҷикӣ ва забони давлатӣ ба

қатори технологияи пешқадам, технологияи кор бо гурӯҳҳо дохил мегардад (ду нафар, гурӯҳҳои ивазшаванда ва ғ.). Технологияи кор бо гурӯҳҳо дар дарс имконият медиҳад, ки вазъияти забонии муайянеро ташкил намоем, барои ташкил намудани муҳити кориву эҷодӣ аз он гурӯҳи хонандагоне, истифода намоем, ки забони тоҷикиро хело хуб медонанд ва иртиботи хуберо миёни хонандагон дар дарс созмон дода тавониста, салоҳияти ҳар як хонандаро баланд месозанд.

Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ на танҳо аз хонанда кори мустақилонаро талаб менамояд, балки хонандагонро эҷодкор менамояд.

Яке аз шаклҳои кори таҳқиқотии хонандагон дар дарс ин таҳлили муқоисавии забонии матн дар асоси қоидаҳои забони тоҷикӣ мебошад. Чунин амал, бештар дар мавриди омӯзиши лексикаи забони тоҷикӣ, савтиёт, морфология, услубшиносӣ, таҳрири дастнавис ва ғайра натиҷа мебахшад.

Муносибати инноватсионӣ ба дарси забони давлатӣ дар мактабҳои ғайри тоҷикӣ низ аз хонандагон муносибати ҷиддиеро нисбат ба ин фан талаб менамояд. Зеро забони тоҷикӣ паҳнкунанда ва давомдиҳандаи фарҳанг, русуми тоҷикон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дуруст аз худ намудани он боиси ташаккулёбиву давом ёфтани фарҳанги миллӣ мегардад.

Барои босифату мақсаднок гузаштани дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ истифодаи дарси лоиҳавӣ, дарсҳои мубоҳисавӣ, баҳсӣ, бозиҳои корӣ ва ғ. ба мақсад мувофиқ аст. Чунин усул метавонад:

- лаёқати тафаккури таҳлилиро дар мавриди таҳлили хабар, ҷудо намудани маводи лозимӣ ба бар биёрад:
- нақши тафаккури ҷамъиятро дар рафти барқарор намудани маводи нави хониши ҷамъиятӣ ба маводи пештар омӯхташуда афзалият бахшад.
- тафаккури мантиқӣ, ҳунари исбот ва истодагарӣ намудан дар тафаккури мантиқӣро, ки он фикри шахсии ҳар як фард буда, метавонад мушкилотро ба таври дуруст ҳаллу фасл намояд, тақвият бахшад
- маҳорати баҳодиҳӣ ба мушкилотро дар асоси маводи омӯхташудаи қаблӣ, аз нуқтаи назари умум такмил диҳад.

**Саҳнаи дарс дар асоси нақшаи кашидаи лоиҳаи болозикр, тахминан чунин аст:**

1.Шарҳи кӯтоҳи натиҷаи таҷриба – 3 дақиқа.

2.Эълони мавзӯи дарс, натиҷаи дарс, равиши дарс – 1 дақиқа.

3.Кор бо гурӯҳҳо оид ба таҳлили маълумот, таҳияи якчанд намуди ҳалли мушкилот, таҳияи нақшаи амал. Машварат бо муаллим, дар асоси зарурият, ҳамагӣ – 26 дақиқа.

4.Натиҷагирӣ - 5 дақиқа.

5.Фаҳмонидани вазифаи хонагӣ – 5 дақиқа.

**Сенарияи тахминии муҳокима дар намуди баҳс:**

Баҳс дар намуди мубоҳиса метавонад босамар гардад, дар мавриде, ки проблемаи ҷиддӣ ва ё мухталиф муҳокима гашта, фикри хонандагон дар ин маврид аниқ муайян гардида бошад ва аз ҳамдигар сахт фарқ намояд. Мақсади баҳс – омӯзонидани таҳаммулпазирӣ дар хонандагон, мушаххас иброз доштани фикри шахсӣ дар мавзӯи забон бо овардани далелҳо, ба шумор меравад.

Вақти баромади ҳар як хонанда маҳдуд буда, барои ҳама як хел ҷудо мегардад.

**Методикаи гузаронидани баҳс:**

1.Баранда мазӯи баҳсро муайян менамояд. Суол мегузорад:

Нақши забон дар ҳаёт чӣ гуна аст? Забон дар ташаккули илм нақш бозида метавонад? Оё мо метавонем ҳамаро забондон гӯем?

2.Баранда хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд (шумораи

гурӯҳҳо аз гуногун будани нуқтаи назари хонандагон вобаста мебошад). Хонандагон, ҳар кадоме дар интихоби ақидаҳо озод буда, метавонанд ақидаҳоеро дастгирӣ кунанд, ки ба онҳо бештар мақбуланд ё ин ки хонандагон ба гурӯҳҳо тибқи қуръапартоӣ ҷудо мегарданд.

3.Баранда мавзӯи баҳс, баромадҳои хонандагон ва қоидаҳои

гузаронидани баҳс, ҳамчунин оид ба вақти омодагӣ дар гурӯҳҳоро (15 дақиқа) ба хонандагон мефаҳмонад. Намояндагони гурӯҳҳо бо навбат баромад мекунанд. Ҳар як гурӯҳ ҳуқуқ дорад, ки се маротиба баромад кунад.

4.Дар вақти омода намудани хонандагон нақшҳо миёни гурӯҳҳо

тақсим карда шуда, гурӯҳҳо худ хулоса мебароранд, ки чи гуна вақти ҷудошударо истифода намоянд. Намояндагони гурӯҳҳо метавонанд суолҳо диҳанд, далелҳои аъзоёни худро шарҳ диҳанд. Гурӯҳҳо метавонанд расмҳо, нақша, ҷадвал ва ғайра омода намоянд (бо истифода аз тахтаи электронӣ).

5.Баранда баҳсро оғоз менамояд, ба иштирокдорон сухан медиҳад

ва ба тартиби гузаштани мубоҳиса назорат менамояд.

6.Баромади гурӯҳи таҳлилгарон.

7.Дар охир миёни иштирокдорони баҳс, тариқи пинҳонӣ пурсиш гузаронида мешавад.

**Шарҳи принсипҳои асосии дарси забони модарӣ ва забони давлатӣ:**

- *дар такя ба хусусиятҳои муайяни синнусолию равонии хонандагон;*
- *бо дарназардошти такрорнашаванда будану гуногунандешии ҳар як хонанда, дарс бояд ба ҳар як хонанда фаҳмо бошад.;*
- *афзалият дар шакли омӯзиш;*
- *надодани дониши амиқ ба хонанда, балки ҳидоят намудани хонандагон ба мустақилона аз худ намудани дониш, дида тавонистани проблемаҳои забон ва ёфтани роҳи ҳалли мушкилоти он бо истифода аз манбаҳои интернетӣ;*
- *гуногуншаклии дарс, ҷудо намудани усул ва методҳои аз ҳама самараноки он, хусусияти таҳқиқотӣ доштани дарс;*
- *муайян будани сохти дарс, сужа доштани он, алоқамандии қисмҳои дарс;*
- *мумкин аст дарсро ба се қисм ҷудо намоем: баромад, хонандагонро ба проблема ошно кардан; дуруст фаҳмонидани мавзӯи дарс, мукаммал кардани он, тақвият бахшидани он, ки ба хонанда имконият диҳад, то ҳалли проблемаҳои забонро дар шаклҳои гуногун бинанд; ҷамъбасти дарс, хулоса, ҷамъи дониши азхудкарда.*

**Гуногуншаклии пурсиш, пурсиш бояд ба дарс ва ба супоришҳои дарс вобаста бошад:**

- *такмил додани меъёри хониши бурро;*
- *нутқи равшану фасеҳи омӯзгор.*

## АДАБИЁТ:


1. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере обучения: проблемы и перспективы. – М. Педагогика, 1987.
2. Сафаров М.С. Нақши салоҳиятҳои калидӣ дар корбурди технологияи иттилоотӣ. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №1, (34) 2020, с.118.
3. Амонашвили Ш.А. «Здравствуйте, дети!» М., 1990 г.
4. Бахмутский А.Е. «Школьные технологии» М., 2004 г.
5. Жаныбекова У.А. «Русский язык для школ с казахским языком обучения» Алматы «Мектеп» 2006 г.
6. Кзензова Г.Ю. «Перспективные школьные технологии» М., 2000 г.
7. Подласый И.П. «Педагогика. Новый курс» М., 1999 г.
8. Тростенцова Л.А.«Урок русского языка на современном этапе»М., 1998 г.
9. Унт И. Индивидуализация и дифференциация обучения. М., 2003 г.
10. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. Душанбе: «Ирфон» 2018. 72с.
11. Сукерман Г.А. Психологияи худрушд: супориш барои наврасон ва омӯзгорон. Мадад ба омӯзгорон. – М.: «Интерпракс», 1994.
12. Амонӣ С. ва диг. Илмат ба амал чу ёр гардад// АмонӣС., Байзоев А., Холов А. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №4, 2017.
13. Аминов С. Салоҳиятдор, салоҳиятманд ва ё қобилият? // Омӯзгор, №7, 15.02.2013.
14. Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар ҶТ», №494 аз 1.08.2015. Дар китоби «Ахбороти Вазорати маорифи ҶТ». – Душанбе: 2015, с.123-130


**Мирзоева Р.**

## НАҚШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Дар мақола роҷеъ ба нақши омӯзгори забони модарӣ ва забони давлатӣ дар ташкил додани муҳити эҷодӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиши фанни забони модарӣ ва забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ сухан меравад. Муаллиф иддае аз таҷрибаи фаъолияти педагогии омӯзгорони пешқадами забони тоҷикиро, ки ба шароиту талаботи имрӯзаи таълим равона шудаанд, пешниҳод намуда, истифода бурдани технологияи инноватсиониро зарур мешуморад.

***Калидвожаҳо:*** *босалоҳият, технологияи инноватсионӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҳадаф, омӯзгор, муосир, мушкилот, забони давлатӣ, маҳорат.*

**Мирзоева Р.**

**РОЛЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА**

Статья посвящена роли учителей родного языка и государственного языка в создании учебной среды и использовании технологий в процессе изучения языка в образовательных учреждениях. Автор описывает важность педагогической практики выдающихся учителей таджикского языка, которая ориентирована на условия и потребности современного образования, предлагая использование инновационных технологий.

***Ключевые слова:*** *компетентность,инновационная технология, образовательное учреждение, цель, современный, преподователь, проблема, государственный язык, способность.*

**Mirzoeva R.**

**THE ROLE OF USING INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE NATIVE LANGUAGE**

The article is devoted to the role of native and state language teachers in creating a learning environment and using technologies in the process of language learning in educational institutions. The author describes the importance of the pedagogical practice of outstanding teachers of the Tajik language, which is focused on the conditions and needs of modern education, offering the use of innovative technologies.

***Keywords:*** *competence, innovative technology, educational institution, goal, modern, teacher, problem, state language, ability.*

**Сведения об авторе: Мирзоева Раъно** – ведущий сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126.

**Information about the author: Mirzoeva Rano** - leading officer of the Institute of Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni.

**П. ЛУТФУЛЛОЕВА**
**Ш. КАРИМОВА**

# ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ДАРС – ТАЛАБОТ ВА ТАЪИНОТ

Зиндагии ҳар инсон бозиро мемонад, ки ҳамеша дар такопӯ ҳаст. Ҳаракат кардан, кӯшиш кардан, давидан, кореро анҷом додан, рақс кардан, ҳаракатҳои чусту чолок – ҳамаи ин тарбияи бадан аст, ки инсонро обутоб медиҳад. [ 6:14].

Дар баробари ин дарси хуб ҳам бозиро мемонад, ки аз омӯзгор ҳамчун ҳунарманд нақшофарӣ ва ҳунарнамоии зиёдро талаб мекунад, яъне агар муаллим, ё худ мураббӣ хоҳад, ки дили кучаки кӯдакро ёбад, бояд ҳама роҳу усулро дар дарс, дар машғулият истифода намояд.

Таълими муосир бо мураккабии барномаҳои таълимӣ ва зиёдшавии ҳаҷми ахбор натанҳо дар таҳсилоти миёна балки дар ибтидоӣ фарқ мекунад. Дар натиҷа, хонандагони синфҳои ибтидоӣ сарбории эмотсионалӣ ва ҷисмонии зиёдро эҳсос менамоянд. Психологон муайян намудаанд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба зиёдшавии эҳсосот, хасташавӣ аз якрангии дарсҳо, қабули атроф хос мебошанд. Бинобар ин таълимро дар синфҳои ибтидоӣ бо назардошти ин хусусиятҳо бояд ба роҳ монд, ки база ё худ асоси он метавонад таълими ҳамгиро шавад.

Зери мафҳуми таълими ҳамгиро мо муттаҳидгардонии фаъолияти таълимро дар ин синну сол бо фаъолиятҳои дигар мефаҳмем, ба мисли: фаъолиятҳои тасвирӣ, мусиқӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва албатта фаъолияти ба роҳ мондани бозӣ. Яъне сухан на дар бораи ҳамгиро намудани фанҳои таълим, ё худ ҳамгироии предметҳо, балки алоқамандкунии фаъолиятҳои гуногун дар раванди дарс меравад. Ин барои ҷалб намудани ҳамаи хонандагон ба ҷараёни маърифатӣ мусоидат менамояд.

Дар ташкили дарсҳои забонҳои англисӣ ҳамгироии машғулиятҳоро метавон чунин ба роҳ монд:

- ҳамгироии дарси забони англисӣ бо фаъолияти мусиқӣ (чун шеър, мусиқӣ, қофиябандии мисраҳо бо шеър ва ғ.)
- ҳамгироии дарси забони англисӣ бо фаъолияти тасвирӣ (расмкашӣ, сохтани образҳои афсона, истифода аз қоғазҳои ранга);
- ҳамгироии дарси забони англисӣ бо фаъолияти ҷисмонӣ (иҷрои машқҳо ҳамчун дақиқаҳои дамгирӣ) ва албатта ҳамгироии дарси забони англисӣ бо фаъолияти истифодаи бозиҳои гуногун.

Ҳангоми ба нақша гирифтани дарси забони англисӣ, омӯзгор натанҳо бахотиргирии калимаҳо, аз ҷониби хонандагон, ё худ, ин ё он сохтро бояд ба назар гирад, балки кӯшиш намояд, то имконияти ташаккули инфиродии онҳо пайдо гардад. Барои шавқи кӯдакро ба фан нигоҳ доштан, роҳҳоеро пайдо намудан зарур аст, ки метавонанд кӯдаконро ба омӯзиш ҷалб намоянд.

Маълум аст, ки омӯзиши фанни забонҳои хориҷӣ, ҳамеша роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими забонҳои хориҷиро ҷустуҷӯ менамояд. Вазифаи асосӣ он аст, ки шавқ ба омӯзиши забонҳо нест нашавад, ғайр аз ин ҳоло принсипи асосии педагоги муосир натанҳо таъсири мақсаднок ба ҳар хонанда, балки ташаккули фаъолияти якҷояи хонандагон мебошад.

Барои ҳалли чунин вазифаҳо бояд аз бозиҳо истифода намуд. Истифодаи бозӣ дар дарс натиҷаҳои хуб дода, шавқи хонандагонро ба дарс зиёд мекунад, имконият медиҳад то таваҷҷуҳи онҳо ба асоси дарс равона шавад, яъне азхудкунии малакаҳои нутқӣ дар ҷараёни вазъиятҳои табиӣ муошират дар вақти бозӣ сурат мегирад.

Истифодаи методикаи бозӣ дар раванди дарс бо як қатор ҷараёнҳои умумӣ алоқаманд аст, ки ба ҷустуҷӯи намудҳои нави ташкилкунӣ ва фарҳанги муносибатҳо байни омӯзгор ва хонанда асос мегирад.

Зарурияти баланд бардоштани сатҳи фарҳанги муоширати хонандагон дар ҷараёни дидактикӣ, бо ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон ва ҳавасмандкунии шавқи онҳо ба предмети омӯзиш вобастагӣ дорад.

Оид ба имкониятҳои омӯзишӣ доштани бозиҳо ҳанӯз хеле пеш маълум буд, яъне солҳост, ки бисёр олимон диққати худро ба самаранокии истифодаи бозӣ дар ҷараёни таълим равона менамоянд.

Дар замони муосир проблемаи истифодаи бозиҳои нутқӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ дар адабиёти методии ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода мешавад.

Яъне бозӣ – машғулияти ташкилдодаи махсусест, ки қувваи эмотсионалӣ ва ақлиро талаб менамояд. Фаҳмиши табиати бозӣ – неруи тарбиявии он – ин фаҳмиши табиати хушбахтии хурдсолӣ, фаҳмиши фарзанди худ, тарбиятгирандаи худ аст.

Бозиҳо ба кӯдакон барои шахсияти эҷодӣ омода шудан ва эҷодкорона ба ҳар кор муносибат намудан кӯмак медиҳанд, эҷодкорона ба кор муносибат намудан, – яъне он корро бо сифат иҷро намудан, аниқтараш дар сатҳи баланд, эҷод – такмили ҳамешагӣ ва пешрафт дар ҳамагуна фаъолият мебошад. Яъне бозиҳо ба кӯдакон ва калонсолон шодии эҷодкориро меоранд, бе эҷод зиндагии мо маънӣ надорад, якранг ва бемаъност. Инсони эҷодкор ҳамеша бо коре банд аст, ғайр аз ин, аз имкониятҳои эҷодии инсон сатҳи зиндагии ӯ вобаста аст.

Бозӣ – ин методи фаъоли бадастории мақсадҳо ва сифатҳои таълим (мисол бозиҳо барои мустаҳкамкунии мавод ё худ дарси гузашта), усули олӣ барои такон додани хонандагон, ҷалби диққати онҳо ба дарс ва албатта усули хуб барои пароканда кардани хастагӣ чунончи мегӯянд бо фоида ба кор мебошад. Бозӣ карахтиро бартараф мекунад, алалхусус агар унсури мусобиқа ва натиҷагирӣ набошад, вале баъзан мусобиқа бозиро зинда месозад. Бозӣ барои ахбори заруриро ба хотир гирифтан, ҳамзамон ҷиҳати хатоҳои хонандагонро бидуни дармонӣ дар нутқ ислоҳ намудан, ҳавасмандии хонандагонро баланд бардоштан кӯмак медиҳад, алалхусус бозиҳои вазъиятӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ имкон медиҳад, мушкилоташонро, ки бо роҳи интихобкардаи ояндаи касбии онҳо алоқаманд аст, ҳал намоянд.

Бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ бояд қисми ҷудонашавандаи ташкили дарс гардад. Мо нағз медонем, ки кӯдакони хурдсол ҳангоме ки аз мактаб ба хона меоянд, пеш аз ҳама ба назди бозичаҳо омада, машғули бозие мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то чӣ андоза ин бозиҳо ба онҳо лаззат медиҳад. Бинобар ин, ин хусусиятро бояд дар ҷараёни таълим ба назар гирифт. хусусан дар таълими забонҳои хориҷӣ, чунки он асосан ба хотираи кӯдак равона шудааст. Хотираи кӯдак дар навбати худ мустаҳкам аст, кӯдак зуд ва бе мушкилӣ чизеро ки маъқул донист, зуд аз худ мекунад.

Олим Газман дар кори худ «тарбияи ғайрианъанавӣ» ҳама намуди фаъолиятро, бо мафҳуми бозӣ алоқаманд намуда, ин фаъолиятҳоро ба чунин самтҳо ҷудо менамояд:

1. **Фаъолияти озод.** Бозингар ба он пурра вобаста нест, вагарна бозӣ хусусияти худро гум мекунад, яъне иштироки озод.
2. **Махсускунонидашуда**. Он бо вақтҳои дақиқ ва муайян пешакӣ аниқ шудааст.
3. **Номуайян.** Ташаккул ва натиҷаи онро наметавон пешакӣ арзёбӣ намуд. Яъне бозингар ҳамеша озодии муайяне дорад, то лаёқати ихтироъкории худро нишон диҳад. [4:22].

Ҳамзамон бозӣ яке аз воситаҳои самаранок, шавқовар, усули беҳтарини тарбия ва таълими кӯдакон буда, истифодаи он дар тарбия риояи якчанд талаботро талаб мекунад:

- бозӣ бояд ба солимгардонии бадан ва зиндашавии рӯҳ мусоидат намояд;
- бозӣ набояд ба зиндагӣ ва саломатӣ таҳдид кунад;
- тавассути бозиҳо набояд корҳои ҷиддиро ба сомон расонд;
- бозиҳо бояд зери назорати таълимгар сурат гиранд;
- иштироки озод ва хоҳиши худи кӯдак ба бозӣ, яъне на маҷбурӣ, балки ҷалб ба бозӣ, ҳамзамон кӯдакон бояд мафҳум ва мазмуни бозиро хуб дарк намоянд, ғайр аз ин шартҳои он ва идеяи нақши ҳар як бозиро донанд;
- мазмуни фаъолияти бозӣ бояд бо мазмун ва маънии иштирок дар мавридҳои табиӣ мувофиқат намояд, чуноне ки мазмуни асосии фаъолияти бозӣ бо зиндагии рӯзмара;
- дар бозӣ бояд ба меъёрҳои умумии ахлоқӣ, ки дар асоси инсонгароӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ қабул шудааст, риоя намуд;
- ҳангоми бозӣ набояд шаъну шарафи иштирокчиёнро паст зад, ҳатто мағлубшудагонро;

- бозӣ бояд ташаккули зеҳнӣ, иродаи қавӣ ва фазои оқилонаи илмиро баланд бардорад;

- бозиро бояд ташкил намуд, аз рӯи зарурият боз дошт, вале метавон имкон дод, то ҳар як иштирокчӣ ташаббус нишон диҳад;

- мазмуни бозиҳо набояд дилгиркунанда, дорои ахбори зиёд, ҳаҷман зиёд сурат гирад;

- аз ҳама асос бозиҳо набояд дилгиркунанда бошанд ва пештар аз он, ки хаста кунанд хотима ёбанд;

Танҳо дар сурати риояи ин шартҳо бозӣ метавонад, кори ҷиддиеро чун ташаккули саломатӣ, истироҳат барои майнаи сар, тайёрӣ барои фаъолияти зиндагӣ ва ғайра ба сомон расонад.

Дар баробари ин педагог ва психологҳо аз рӯйи фаҳмиш бозиҳоро ба самтҳои умумии зерин ҷудо намудаанд:

Бозӣ ҳамчун намуди мустақилонаи фаъолияти ташаккулдиҳандаи кӯдакони синну соли гуногун;

Бозии кӯдакон намуди озоди фаъолияти онҳост, ки дар он ҷаҳони атроф шинохта ва омӯхта мешавад, имкониятҳои васеъ барои эҷоди шахсӣ, худдарккунӣ ва худинъикосдиҳӣ фароҳам меорад;

Таҳқиқи адабиёти муосир оид ба бозиҳо имкон дод, талаботҳои зеринро, ки ҳар як омӯзгор ва тарбиятдиҳанда ҳангоми ташкили бозиҳо дар дарсҳо ва вақтҳои беруназдарсӣ риоя менамоянд, ҷудо намуд:

Ҳар қадаре ки кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар дар зиндагии ӯ бозӣ маниши (характери) тарбиявӣ - ташаккулдиҳӣ дорад. Бо мурури бавоярасӣ дар ҳаёти кӯдак бар ивази бозӣ машғулиятҳои ҷиддӣ ва меҳнат меоянд. Вале ин ҷо ҳам бозӣ тамоман аз байн нарафта, чун мақоли ба кор – вақт, ба дилхушӣ – соат дар ҳаёти инсон ҷой мегирад, вале баъзан ҳамин соат ҳам зиёдатист ва онро бояд самаранок истифода намуд.

Хуллас, вазифаҳои мактаби муосир дар аввал ташаккули фардият ва шахсияти кӯдак, дувум нигоҳ доштани мероси фарҳанги насл, эҳё ва ташаккули он, сеюм ташаккули меъёрҳои фарҳангии муоширати хонандагон тавассути усулҳои педагогикаи миллӣ мебошад.

## АДАБИЁТ:

1.Бабкина Н.В. Использование игр и упражнений в учебном процессе // Начальная школа, 1988.-№4.

2.Блехер Ф. Н., Дидактические игры и занимательные упражнения в первом классе, М., 1964.

3.Бочарова Л.П. Игры на уроках английского языка на начальной и средней ступени обучения // Иностранные языки в школе. № 3, 1996.

4.Газман О.С. Неклассическое воспитание: от авторитарной педагогики к педагогике свободы, М., 2003.

5.Стронин М.Ф.– «Обучающие игры на уроке английского языка» (М., «Просвещение», 1981).

6.Сафаров Ш. Национальные игры как цивилизация таджикского народа. Мир издателей, Душанбе 2012.

**Лутфуллоева П. , Каримова Ш.**

## ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ДАРС – ТАЛАБОТ ВА ТАЪИНОТ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи самаранокии истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ меравад. Зеро истифодаи бозӣ дар дарс натиҷаҳои хуб дода, шавқи хонандагонро ба дарс зиёд мекунад, имконият медиҳад то таваҷҷуҳи онҳо ба асоси дарс равона шавад, яъне азхудкунии малакаҳои нутқӣ дар ҷараёни вазъиятҳои табиӣ муошират дар вақти бозӣ сурат мегирад.

***Калидвожаҳо:*** *бозӣ, малака, маҳорат, таваҷҷӯҳ, метод, фаъолият, машғулият, эҷод.*

**Лутфуллоева П., Каримова Ш**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИГР НА УРОКАХ - ТРЕБОВАНИЕ И ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ

В данной статье рассматривается вопросы эффективности использования игр на уроках иностранного языка. Поскольку использование игр на уроках дает хорошие результаты и

повышает интерес учащихся к уроку, это позволяет им сосредоточиться на уроке, то есть приобретение навыков речи в ходе естественного общения происходит во время игры.

***Ключевые слова:*** *игра, мастерство, интерес, метод, деятельность, занятие, творчество.*

**USING GAMES IN LESSONS - REQUIREMENT AND PURPOSE**

This article discusses the effectiveness of using games in foreign language lessons. Since the use of games in the lessons gives good results and increases the interest of students in the lesson, this allows them to focus on the lesson, that is, the acquisition of speech skills during natural communication occurs during the game.

***Key words:*** *game, skill, interest, method, activity, occupation, creativity.*

**Сведения об авторах: Лутфуллоева П. М.** – кандидат педагогических наук, специалист английского языка, зав. отдела технологии труда, физкультуры и нач. воен. подготовки. Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Тел. 917 – 21 – 45 – 49.

**Каримова Ш. -** докторант **Phd** Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.

**Information about the authors: Lutfulloeva P. M.**-candidate of pedagogical Sciences, English language specialist, head of the Department. Department of labor technology, physical education and military training. preparations. Institute for the development of education. Abdurakhman Jami Academy of education of Tajikistan. Tel. 917 – 21 – 45 – 49.

**Karimova Sh.** - PhD student at the Institute of education development. Abdurakhman Jami Academy of education of Tajikistan.

**Ш. ФОЗИЛОВ**

# РОҲҲО ВА ВОСИТАҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар ҳамаи давру замонҳо ҳар як миллату давлат ба ҷавонони худ ҳамчун нерӯи созанда, пешбаранда ва ояндасози миллату давлат такя менамояд. Таълим ва тарбияи ҷавонон яке аз рукнҳои асосии пешравию шукуфоии давлату миллат ба ҳисоб меравад. Боиси хушбахтист, ки истиқлолияти кишвари мо барои амалӣ гаштани ҳамаи ин муваффақиятҳо тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронияшон, дар вохӯрӣ бо ҷавонони мамлакат таъкид намудаанд ки: «Барои фаъолияти босамари ҷавонони лаёқатманд мо тамоми имкониятҳоро фароҳам овардаем. Онҳо бояд хуб дарк намоянд, ки ояндаи ин кишвари аҷдодӣ ва рушду нумуи он дар дасти онҳост. Барои амалӣ гардидани ҳамаи умед, орзу ва нақшаҳои навоваронаю эҷодкоронаашон дилпуронаю сарбаландона фаъолият намоянд» [Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони ҷавонон, 23 майи соли 1997].

Соҳаи маориф самти афзалиятнок ва барҳақ омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Ба ҳамин далел, тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба рушду инкишофи бемайлони соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисосу унвондор таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Дар ин замина бояд қайд намуд, ки таҳсилот яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа мебошад. Ҳалли ҳамаи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа пеш аз ҳама аз вазъи таҳсилот вобастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, соҳаи маориф ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ интихоб шудааст. Дар чунин шароит ислоҳоти куллии ҳамаи низоми маориф, аз ҷумла ҳадафҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба принсипҳои демократия ва башардӯстӣ асос меёбад, арзишҳои умумибашарӣ ва ананаҳои илмию фарҳангӣ аҳмияти хосса пайдо мекунанд.

Дигаргуниҳои муосири иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули шахсиятӣ, сатҳи баланди омодагӣ, иқтидори эҷодӣ ва қобилияти истифодаи технологияи муосир доштаро хеле рӯзмарра гардонистааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Рахмон боназардошти масъулият барои тақдири ояндаи миллат ва тағйироти ҷаҳоние, ки дар ҷомеаи тоҷик ба амал омада истодаанд, дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон гуфтааст: «Вақте ки мо дар бораи тарбияи насли наврас сухан мегӯем, набояд фаромӯш кард, ки онҳо бояд дар муассисаҳо бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз ва сифатнок таҳсил намоянд» [Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014].

Вазифаҳое, ки доир ба омодасозии донишҷӯён ба меҳнат ва ҳаёт дар назди муассисаҳо гузошта шудааст, тақозо мекунад, ки ташаккул додани шахсиятеро барои иштироки сифатнок ва фаъол дар пешбурди прогрессии илмию техникӣ ва ичтимоӣ тайёр бошад.

Самти асосии омодасозии донишҷӯён ин таълим мебошад, бинобар ин имконияти баланд бардоштани фаъоли онҳоро дар ҳамин раванд бояд ҷуст. Президенти маҳбуби кишвар барҳақ қайд кардаанд, ки: "Ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кардан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа, махсусан омӯзгорон аст, зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд"[Эмомалӣ Раҳмон. "Дар вохурӣ бо зиёиёну аҳли заҳмати ҷумҳурӣ"]. 4 майи соли 2019

Дар ин замина таҳсилот на омили асосии баланд бардоштани сифат, тайёрии таҳсилоти олии касбӣ, балки ташаккули шахсияти фаъол дар умум мебошад. Вобаста ба ҳамин талабот ба таҳияи чунин назарияи (консепсияи) дидактикие ба миён меояд, ки ба талаботи нави дар назди таҳсилоти олӣ гузошташуда моҳияти яке аз принсипҳои асосии

таълим – принсипи фаъол буданро ошкор карда, ҳамзамон роҳҳои татбиқи методҳои нав ва шаклҳои ташкилии таълимро дар замони муосир муайян менамояд. Бояд гуфт, ки илми педагокика ва амалияи мактаби олӣ доир ба масъалаи мазкур маводи хеле ҳам бою ғанӣ ба даст овардааст. Ин таҷриба барои дар сатҳи нисбатан баланди назариявӣ ҷамъбаст намудани он ва гузоштани ҳалли масъалаҳои нав бо назардошти дастовардҳои педагогикаи муосир ба дигар илмҳои ба он наздик имконият медиҳад.

Таҳлили таҷрибаи мактабҳои олӣ нишон медиҳад, ки бо як қатор сабабҳо масъалаи мазкур пурра ҳаллу фасли худро наёфтааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд: аввалан принсипи мазкур қисми таркибии назарияи илмии мактаби олӣ ба ҳисоб намеравад. Ин чунин маъно дорад, ки ин принсип дар сатҳи муайян дар худи китобҳои дарсӣ дарҷ карда нашудааст; баъдан, дар методикаҳои алоҳида чун дар дидактика ин принсипи асосӣ ва сифати омили муҳимми дар низоми принсипҳои таълим мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Он, одатан, танҳо бо присипи шуурнокӣ омӯхта мешавад. Чунин муносибат бошад, таҳияи низоми махсуси воситаҳои истифодаи принсипи мазкурро дар амалия талаб намекунад. Ниҳоят, набудани тавсияҳои илман асоснок доир ба татбиқи принсипи муҳимтарини дидактикӣ, ҳамчун шарти фаъоли дар роҳи истифодаи он, махсусан дар қисмати истифодаи воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимии донишҷӯён барои муаллимон душвори эҷод менамояд. Маҳз ҳамин се масъала, рӯзмарра будани фаъолгардонии таълимии донишҷӯёнро муайян менамояд.

Моҳияти муносибати нав ва дар айни замон муҳим аз он иборат аст, ки фаъолии донишазхудкунӣ (маърифатӣ) ҳамчун сифати фаъолияти хонанда дар муносибати вай ба мазмуну раванди таълим, дар кӯшиши ӯ барои самаранок дар кӯтоҳтарин муҳлат аз худ кардани донишҳо ва тарзи фаъолият ва сафарбар кардани кӯшишхои иродавӣ барои ноил шудан ба ҳадаф дар раванди таълимию маърифатӣ зуҳур меёбад. Дар ин самт истифодаи шаклҳо ва методҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди таълими донишҷӯён аҳамияти хеле ҳам муҳим дорад. Маҳз ҳамин се нуқта актуалӣ (рузмарра) будани мавзуи интихобшударо муайян менамояд.

Бояд қайд намоем, ки дар байни тадқиқотҳое, ки ба масъалаи фаъолгардонии шаклҳои мухталифи таълиму тарбияи донишҷӯён дар раванди ташаккули онхо ҳамчун шахсият бахшида шудаанд, асарҳои олимони Федератсияи Россия мавқеи хоса дорад. Махсусан, саҳми Азаров Ю.И., Иванов И.И., Караковский В.А., Новикова Л.И., Селиванова Н.А., Казлов В., Караков В.М., Макаренко А.С., Орлов Ю.М., Шуркова Н.Е. ва дигарон назаррас аст.

Дар Ҷумхурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ҷабҳаҳои гуногуни фаъолгардонӣ ва баланд бардоштани сифати дониш дар раванди таълим ба эътибор гирифтани асосҳои дидактикӣ ташаккули сифати шахсияти донишҷӯён дар тадқиқоти олимони шинохтаи кишвар Нуъмонов М.Н., Зубайдов У.З., Холназаров С., Олимова С., Раҷабова Т., Рахимзода Х., Лутфуллоев М., Абдуллоева Р., Шарипов Ф., Каримова И.Х., Буйдоқов Х., Сулаймони С., Нуров А., Рахимов Б., Шарипова Д.Я., Алиев С., Авғонов С. Нуралиев ва дигарон мавриди таҳлил ва барраси қарор гирифтааст.

Ин таҳлилҳои илмӣ аз он гувоҳи медиҳанд, ки асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои педагогии фаъолгардонии шакл ва васоитҳои фаъолияти таълими донишҷӯён аз ҷумлаи масъалаҳои камомӯхташуда мебошад. Боиси афсус аст, ки дар илми педагогикаи ватани то ҳол назарияи ягона дар бораи шакл ва васоитҳои таълими фаъолияти сифатноки донишҷӯён ва ташаккули сифатҳои шахсияти донишҷӯён, методологияи ягона нисбат ба ҳалли ҳам масъалаҳои назариявӣ ва ҳам амалии таълиму тарбия вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, доир ба ин масъала то имрӯз ягон тадқиқоти мукаммал ҳам ба анҷом расонида нашудааст. Дар китобҳои дарсии соҳаи педагогика доир ба асосҳои илмии фаъолгардонии раванди таълиму тарбия хамчун низоми комили ташаккули шахсияти донишҷӯён мактабҳои миёна маълумоти хеле ҳам кам оварда шудааст. Сабаб ҳамин аст, ки шарҳу эзоҳи масъалаҳои асосие, ки мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд, махсусан доир ба инкишофи афкори илмии педагогӣ ва дар раванди тайёр кардани насли оянда истифода шудани технологияҳои нав ба нави таълим тез-тез тағйир меёбад.

Инчунин бояд иброз намуд, ки муносибати эҷодӣ ва масъалаи мазкур ҳамчунин аз зарурати ҳалли як қатор ихтилофҳо, ки хоси мактабҳои таҳсилоти олии замони ҳозира мебошанд, бармеояд. Муҳимтарин ихтилофҳо инҳоянд:

- зиддият дар байни эътирофи зоҳирии зарурати дар пояи ягонаи демократии фаъолгардонии шакл ва васоитҳои таълимии фаъолияти донишҷӯён, ташкил кардани раванди таълим дар донишгоҳу донишкадаҳо ва набудани амалияи вокеии ташкили раванди педагогӣ хамчун омил ва воситаи баланд бардоштани сифати донишҳои донишҷӯён дар донишгоҳ;

- зиддият дар байни муносибати назариявӣ, ки дар моделҳои башардӯстона (гуманисти) ташаккул ёфтааст, дар сатҳи зарурӣ тадқиқ нашудани технологияҳои муосир ва тадбиқи онҳо.

Бо назардошти зиддиятҳои номбаршуда муйян намудни омилу шароити педагогии фаъолгардонии шакл ва воситаҳои таълими фаъолияти донишҷӯён дар асосҳои дидактикӣ, ҳамчун раванди пурраи таълим ва ташаккули шахсияти донишҷӯён дар дониишгоҳу донишкадаҳо ба сифати мавзӯи тадқиқот интихоб ва баррасӣ гардид. Натиҷаҳо имконият медиҳанд, то як қатор нуқтаҳои назариявиеро, ки ба низоми ташкили раванди таълим дар мактаби олӣ таалluқ доранд ва ба истифодаи технологияи иноватсионии барои фаъолгардонии шакл ва васоитҳои таълимии фаъолияти донишҷӯён зарур асос меёбанд, аниқ ва дақиқ карда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Эмомали Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе «Ганҷ Нашриёт» 2018, – 433 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳо. – Душанбе, 2001. – 94 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқбол аз истиқлол. –Душанбе, 2017. – 80 с.
4. Мирбобоев Р. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. –Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6). –Душанбе, 2015. – 704 с.
6. Бобошароф М. Марзбони Ватан. – Хуҷанд, 2001.
7. Камолов С. Дар ҳифзи марзу буми кишвар. – Душанбе, 2003. – 223 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 апрели соли 2014.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат. 20 марти 2009.
10. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва оияндабинии сиёсӣ. – Душанбе, 2015.
11. Ятимов С. Илм ва амният. “Ҷумҳурият”, 30 майи соли 2017.


**Фозилов Ш.**

## РОҲҲО ВА ВОСИТАҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар ин мақола муаллиф мавзӯи роҳҳо ва воситаҳои таҳрики фаъолияти маънавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз нигоҳи педагогӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Қайд намудааст, ки таҳсилот омили асосии баланд бардоштани сифати тайёр кардани донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ буда ва самти асосии омодасозии донишҷӯён ин таълим аст. Бинобар ин, имконияти тақвият додани фаъолияти онҳоро бояд дар ҳамин раванд ҷуст. Натиҷагирӣ карда мешавад, ки бояд мактаби иҷтимоӣ ривоҷ дода шавад ва хонанда дар он ташаккул ёбад.

***Вожаҳои калидӣ****: таҳсилот, донишҷу, муассисаҳои олии касбӣ, раванд, сифат, таълиму тарбия, муаллим, фаъолгардонӣ, тадқиқот, педагогика.*

**Фозилов Ш.**

## ПУТИ И СПОСОБЫ АКТИВИЗАЦИИ ПОЗНОВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ СТУДЕНТОВ В ВЫСШИХ УЧЕБНО-ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье автор с педагогической точки зрения рассматривает пути и способы активизации позновательной активности студентов в высших учебно-профессиональных учреждениях.

Отмечается, что образование, является главным фактором повышения качества подготовления студентов в высшие учебно-профессиональные учреждения, но главным направлением в подготовке студентов остается учёба. Следовательно вероятность повышения их активизации надо искать в этом процессе. Отсюда делаются выводы для того, чтобы формировать учащихся, надо развивать социальную школу.

***Ключевые слова:*** *образование, студент, высшее учебно-профессиональное учреждение, исследование, процесс, качество, учение и воспитание, педагог, активизация, педагогика.*

**Fozilov Sh.**

## WAYS AND MEANS OF SPIRITUAL ACTIVITY OF STUDENTS OF HIGHER EDUCATIONS INSTITUTIONS

In this article, the other analyzes and discusses ways and means of activating student s spiritual activities in higher education institutions from the pedagogical perspective. He noted that education is a key factor in improving the quality of student training in educational institutions and that is the main direction for student s training. Therefore it is necessary to look for opportunities to increase their activeness in the process. It is concluded that a social school should be develop and that a student should be able to form it.

***Key words:*** *education, higher education institutions, research, process, quality, education and training, a teacher, activation, pedagogy.*

**Сведения об авторе: Фозилов Шерафкан Орзухуджаевич** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана; Старший инспектор отдела науки и образования Высщего пограничного института Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 45. Тел: (992) 935535025, Fozilov92@mail.com

**Information about the author: Fozilov Sherafkan Orzukhujaevich** – aspirant of the institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Senior Inspector of the Deportment of science and Education of the higher Border Institute of the state Committee Tajikistan,address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C Ayni St. Tel: (992) 935535025, Fozilov92@mail.com

**А. УБАЙДОВ**

# ТАВСИЯҲО РОҶЕЪ БА ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ «ЧЕН КАРДАНИ ҲАҶМИ МОЕЪ ВА ҶИСМҲОИ ГУНОГУН БО ЁРИИ СИЛИНДРИ АНДОЗАГИРӢ» ДАР СИНФИ 7 ТИБҚИ ТАЛАБОТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир аслан масъалаи нав нест, он ҳанӯз дар оғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд. Дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам дар таълифоти ҷудогонаи олимон таъкид мегардид.

Дар таълими босалоҳият диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, вазифавӣ) равона мешавад. Донистан ё дониш дар таълими босалоҳият ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад [3: 5].

Мақсади асосии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим ба ташаккули механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташаккули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил дар самтҳои зерин мусоидат менамоянд [1: 7]:

• ҷустуҷӯйи дастҷамъона ва фардии дарёфти роҳҳои рушди салоҳиятҳои ҳалли проблемаҳои фаъолияти таълимӣ;

• дарки сабабҳои рӯйдодҳои воқеии ҳаётӣ, моҳияти ҳодисаҳои табиат ва робитаи байниҳамии онҳо;

• омода намудани хонандагон ба дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои асосии ҳаётӣ;

• омӯзиши роҳҳои равона намудани фаъолияти хонандагон ба дунёи арзишҳои маънавӣ;

• омӯзонидани роҳҳои ҳалли проблемаҳои алоқаманд бо амалигардонии масъалаҳои муайяни иҷтимоӣ;

• омӯзонидани дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои интихоби касб ва ғайра.

Машғулияти лабораторӣ яке аз шаклҳои ташкили раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Машғулияти лабораторӣ ин шакли таълимест, ки дар ҷараёни он хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор ё лаборант аз рӯйи нақшаи пешакӣ мураттабгардида таҷрибаҳо мегузаронанд ва ё супоришҳои амалӣ иҷро мекунанд ва дар рафти он донишҳои нав ҳосил мекунанд.

Корҳои лабораторӣ имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявӣ ба амалия алоқаманд карда шаванд. Ҳадаф аз ташкили корҳои лабораторӣ дар амал татбиқ кардани донишҳои омӯхташуда мебошад. Тавассути корҳои амалӣ ва лабораторӣ донишҳои назариявии азхудкардашуда боз ҳам мустаҳкам гашта, моҳият, мақсад ва мазмуни мавзӯъро мефаҳманд.

Корҳои лабораторӣ – манбаи дониш, методи таълиму воситаи аёният мебошанд ва бо мақсадҳои зайл ташкил ва гузаронида мешаванд:

а) дар хонандагон ташаккул додани маҳорати мушоҳида ва маънидод кардани ҳодисаҳо, чен кардани бузургиҳо;

б) шинос кардани хонандагон бо сохт ва амали асбобҳо;

в) ба хонандагон омӯхтани санҷиши қонунҳо дар амал;

г) муайян кардани доимиҳо;

ғ) ташаккул додани маданияти гузаронидани озмоишҳою муомила бо асбобу дастгоҳҳо ва ғайра [4: 7].

Ба мақсади тайёр кардани хонандагон барои бошуурона иҷро кардани кор ва санҷиши дониши онҳо доир ба маводе, ки барои гузаронидани таҷриба зарур аст, сухбати муқаддимавӣ бояд баргузор гардад [3: 66]. Дар ин сӯҳбат омӯзгор тарзи истифодаи таҷҳизотро фаҳмонида, амали онҳоро нишон медиҳад ва диққати хонандагонро ба хатоҳое, ки рӯй доданашон аз эҳтимол дур нест ва усули бартараф кардани онҳо, инчунин ба риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҷалб мекунад. Ба сабаби он ки хонандагони соли аввали таҳсил доир ба иҷрои корҳои лабораторӣ маҳорату малакаи заруриро надоранд,

сӯҳбати муқаддимавӣ батафсил мегузарад, инчунин тарзи тайёр кардани ҳисобот низ фаҳмонида мешавад. Минбаъд барои мустақилияти хонандагонро зиёд кардан, дар сӯҳбати муқаддимавӣ танҳо мақсади корро шарҳ дода, иҷрои онро ба худи онҳо вогузоштан лозим аст [4: 8].

Мо дар нигоштаи хеш намунаи нақшаи дарсии кори лабораториро пешниҳод мекунем, ки тибқи низоми босалоҳият таҳия карда шудааст.

**1. МАВЗӮЪ:**

Кори лабораторӣи №1. Чен кардани ҳаҷми моеъ ва ҷисмҳои гуногун бо ёрии силиндри андозагирӣ

**2. МАҚСАДИ ДАРС:**

- ба хонандагон омӯзонидани роҳҳои гуногуни чен намудани ҳаҷми ҷисмҳо;
- баланд бардоштани малакаҳои таҳқиқотии хонандагон
- ташаккули тарбияи гуманистии хонандагон

**3.САЛОҲИЯТҲО:**

**Хонандагон бояд донанд:**

- усули муайянкунии ҳаҷм;
- бо усули сатилчаи архимед чен кардани ҳаҷми ҷисмҳои нодурустшакл;
- аз рӯйи масса ва зичӣ муайян кардани ҳаҷми ҷисмҳо;
- чен намудани ҳаҷми моеъ ва ҷисмҳои гуногун;
- хулосабарорӣ аз иҷрои кори лабораторӣ [2: 23].

**4.НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМӢ:**

**Хонанда бояд:**

- баёни омӯзгорро гӯш карда, доир ба кори лабораторӣ ба саволҳо ҷавоб дода тавонад;
- усули муайянкунии ҳаҷмро шарҳ дода тавонад;
- аз ҷониби Архимед муайян кардани ҳаҷми ҷисмҳои шаклашон нодурустро шарҳ дода тавонад;
- аз рӯйи масса ва зичии ҷисмҳо ҳаҷми онро муайян карда тавонад;
- аз уҳдаи иҷрои кори лабораторӣ барояд;
- баъди иҷрои кори лабораторӣ хулосабарорӣ карда тавонад [2: 23] .

**5.АДАБИЁТ:**

- Файзи Нормурод, Сайидҷаъфари Қодирӣ. «Физика». Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ. ш. Душанбе, нашриёти «Собириён»-2013, 287 саҳ.

**6.ЛАВОЗИМОТИ ТАЪЛИМ:**

- зарфи обдор
- зарфи андозагирӣ
- ҷисмҳои гуногун:
- сангпора
- табақча
- сатилчаи обдор

**Равиши дарс**

**7.ОМОДА НАМУДАНИ СИНФ БА ДАРС**

- шунидани гузориши навбатдор, ҳозиру ғоиб, қайди журнали синфӣ, муаррифии мақсадҳои дарс;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба мавзӯи нав тавассути пешкаш намудани филмпора аз фаъолияти Архимед доир ба кашфи қоида оиди ҳисоби ҳаҷми ҷисми шаклаш нодуруст.

**8.ПУРСИШИ ВАЗИФАИ ХОНАГӢ:**

**Ба саволҳои санҷишӣ ҷавоб гардонед:**

- формулаи ҳаҷми ҷисми росткунҷашакл чӣ гуна аст.
- тавассути кадом формула ҳаҷми ҷисми курашакл чен карда мешавад?
- аз рӯйи формулаи зичии моддаҳо, ифодаи ҳисоби ҳаҷми ҷисмро чӣ тавр баровrouteда метавонем?
- барои ҳисоб кардани ҳаҷми ҷисми силиндшакл аз кадом формула истифода карда метавонем [ 5: 65].

**9. БАЁНИ МАВЗӮИ НАВ:**

Ҳачм меъёри ҷойи дар фазо ишғолкардаи ҷисм аст.

Ҳаҷми ҷисми росткунҷашакл бо ёрии формулаи поёнӣ ҳисоб карда мешавад:

$V = abc$



**Расми 1**

Ҳаҷми ҷисми силиндшакл бошад тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$V = Sh$$



Расми 2

Барои ҳисоби ҳаҷми ҷисми курашакл аз формулаи поёнӣ истифода мекунем:

$$V = \frac{4}{3}\pi R^3$$

Барои чен кардани ҳаҷми ҷисми нодурустшакл бошад, формулае вуҷуд надорад, чун ин гуна ҷисмҳо сохти геометрии муайянро молик нестанд. Аз ин рӯ тавассути қоидаи архимед ҳаҷми ин гуна ҷисмҳо муайян карда мешавад. Одатан дар ин вазъият аз сатилчаи архимед ё зарфи андозагирӣ истифода мебаранд.




Расми 3

Агар масса ва зичии модда маълум бошад мо метавонем ҳаҷми ҷисмро бо истифода аз формулаи зичӣ $\rho = \frac{m}{V}$ муайян намоем:

$$V = \frac{m}{\rho}$$

**10. ТАРТИБИ ИҶРОИ КОР:**

1. Зарфи андозадор, зарфи обдор, ҷисми шаклаш нодурустро гиред.
2. Ҷисмро ба зарфи пури об партоед.
3. Ҳаҷми оби ба зарфи андозадоро рехтаро бо литрьо ҳисоб кунед.
4. Таҷрибаро тавассути ба зарф партофтани дигар ҷисмҳои шаклашон нодуруст такрор кунед.

5. Хулосаҳоятонро нависед.

| № | Ҷисмҳо | Ҳаҷми ҷисм бо милилитрҳо | Ҳаҷми ҷисм бо литрҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |
| 4 | | | |
| 5 | | | |

**11. МУСТАҲКАМКУНӢ:**

**Саволҳои санҷишӣ**

- кадом усулҳои муайянкунии ҳаҷмро медонед?
- Архимед чӣ гуна ҳаҷми ҷисмҳои шакли нодуруст доштаро муайян кард?
- аз рӯйи масса ва зичии модда ҳаҷми онро чӣ тавр муайян менамоянд?

12. **СУПОРИШ БАРОИ ХОНА:**

Хондан §1.16, саҳ.54-58.

**АДАБИЁТ:**

1. Бобизода Ғ., Исрофилниё Ш., Имомназаров Д., Байзоев А. Муносибати босалоҳият дар таълим (дастури методӣ). Мураттибон: – Душанбе, 2017. –74 с.

2.Маҷидов Ҳ., Зубайдов С., Истамов Ф. Роҳнамои фанни физика синфи 7-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018, 160 с.

3. Мухторӣ Қ., Сафин Д.В., Кабиров Н., Умаров У., Садурдинов Х., Наҷмиддинов А., Ҳалимов А. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018. – 41с.

4.Умаров У. С. Роҳнамои фанни физика синфи 11-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018, 244 с.

5.Усова А.В., Орехов В.П., Каменецкий С.Е. Методика преподавания физики в 7-8 классах средней школы: Пособие для учителя. – М.: Просвещение, 1990 – 319 с.

6. Файзи Н., Саидҷаъфари Қ. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7-и муассисахои тахсилоти умумӣ. - Нашри 3, бо тағйирот ва иловахо. - "Собириён", Душанбе, 2013. - 288 с.

**Убайдов А.**

**ТАҲЛИЛИ МЕТОДОЛОГИИ МАВЗӮИ «ЧЕН КАРДАНИ ҲАҶМИ МОЕЪ ВА ҶИСМҲОИ ГУНОГУН БО ЁРИИ СИЛИНДРИ АНДОЗАГИРӢ» ДАР СИНФИ 7 ТИБҚИ ТАЛАБОТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ**

Дар мақола баъзе тавсияҳои методӣ роҷеъ ба таълими мавзӯи «Чен кардани ҳаҷми моеъ ва ҷисмҳои гуногун бо ёрии силиндри андозагирӣ» дар синфи 7 – ум оварда шуда дар он тартиби гузаронидани дарси мазкур дар низоми босалоҳиятии таълим гирд оварда шуда аст.

***Калидвожаҳо:*** *муносибати босалоҳият; чен кардани ҳаҷм; ҷисми нодурустшакл; кори лабораторӣ; салоҳиятҳо; натиҷаҳои таълим*

**Убайдов А.**

**МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТЕМЫ «ИЗМЕРЕНИЕ ОБЪЁМА ЖИДКОСТЕЙ И РАЗЛИЧНЫХ ТЕЛ С ПОМОЩЬЮ МЕРНОГО ЦИЛИНДРА» В 7 КЛАССЕ В СООТВЕТСТВИИ С КОМПЕТЕНТНОСТНЫМ ПОДХОДОМ В ОБРАЗОВАНИИ**

В статье приводятся некоторые методические рекомендации для преподавания темы «Измерение объема жидкостей и различных тел с помощью мерного цилиндра» в 7-м классе и изложен процесс проведения этого урока с компетентностным подходом в образовании.

***Ключевые слова:*** *компетентностный подход, измерение объёма, тело неправильной формы, лабораторная работа, компетентности, результаты обучения.*

**Ubaidov A.**

## METHODOLOGICAL ANALYSIS OF THE THEME "MEASURING THE VOLUME OF LIQUIDS AND VARIOUS BODIES WITH THE HELP OF A MEASURING CYLINDER" IN GRADE 7 IN ACCORDANCE WITH THE COMPETENCY-BASED APPROACH TO EDUCATION

The article provides some methodological recommendations for teaching the topic "Measuring the volume of liquids and various bodies with the help of a measuring cylinder" in the 7th grade and outlines the process of conducting this lesson with a competency-based approach to education.

***Key words***: *competency-based approach, volume measurement, irregular bodies, laboratory work, competencies, learning outcomes.*

**Сведения об авторе: Убайдов Азмиддин Айнуддинович -** аспирант Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 45.

**Information about the author: Ubaidov Azmiddin Aynuddinovich** – aspirant, Institute of Development of Education named by Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Ayni 45.

А. ҶАФАРОВ

## ҶОЙГОҲИ ҲУНАРИ КАНДАКОРӢ ВА БОФАНДАГӢ ДАР ФАРҲАНГИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Кандакорӣ ҳунари миллии тоҷикӣ буда, ифодаи олами ботин фарҳангии асил, завқи шоиронаву орифонава ҳикмати замонҳост. Он бозтоби ормону орзуҳои дастрасу дастнорас будааст.

Дар масири таърих маҳорати баландро кандакорони гаҷ дар сохтани ҳайкалҳо ба даст оварданд. Тасвири одамон ва ҳайвонот бо амиқии воқеӣ тасвир карда мешуд. Сари аспҳо, хукҳои ёбоӣ, гӯсфандон, оҳуҳо ва мавҷудоти асотирӣ ва дигарон бо як санъати баланд кандакорӣ карда мешуд. Аз рӯйи қисматҳои то мо расидаи девораҳо оид ба яклухтӣ ва мундариҷаи сужаҳои мусаввараҳо баҳо додан мумкин аст. Хусусияти ороишоти гаҷии шаҳри қадимаи Варахш ягонагӣ ва ангоравии кандакорӣ, мавҷуд набудани коркардҳои ҷузъӣ буд. Сатҳи кандакоришуда барои тамоми сохти асари бадеӣ ҳамчун замина хизмат мерасонд, чуқуриҳо баъзан вақт рангу бор карда мешуданд. Дар санъати кандакорӣ дар асри 10 махсусан устоҳои самарқандиву бухороӣ шуҳрати хос касб намуданд. Дар меъмории шаҳрвандӣ ковокиҳои нимдаврашакл бо нақшу нигори растанӣ пур карда мешуданд. Устоҳои чирадасти гаҷкорӣ кандакорони Ҳулбук низ ба шумор мерафтанд. Ҷузъҳои гаҷкории онҳо тасвири ҳайвонот, паррандагон, моҳиҳо, хӯшаҳои ангур, себаргаҳо, гулҳо, ситораҳо, давраҳо, ромбҳо, секунҷаҳо, каҷакӣ печидашакл, инчунин ҳуруфоти арабиро доранд. Кандакории гаҷ дар даврони ҳукумронии Темур ва Темуриён такмил меёбад. Устоҳои ботаҷриба дар Бухоро, Самарқанд, ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна, дар Эрон, Афғонистон, Ироқ, Озарбойҷон фаъолияти пурсамар доштанд. Кандакорони Самарқанд, ки бо санг, гаҷ ва чӯб кор мекарданд, дорои дониш дар соҳаи геометрия, физика, кимиё буда асарҳои беназири санъатро меофариданд, ки шоирони Шарқ онҳоро ситоиш менамуданд.

Санъати гаҷкорӣ, мисли дигар намудҳои санъати ороишӣ-амалӣ, дар асри XVIII бо таври назаррас рӯ ба таназул меорад ва аз нав танҳо дар охири асри XIX эҳё мегардад. Дар шаҳрҳои калон сохтмони босуръати хонаҳои истиқоматӣ, масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеа, мақбараҳо оғоз мегардад, ки дар ороиши девораҳои онҳо нақшу нигори гаҷкорӣ нақши калон мебозид. Дар меъмории шаҳрвандӣ деворҳо ба як қатор токчабандӣ тақсим карда мешуд, ки барои дар онҳо гузоштани зарфҳо, кӯзаҳо, ҳуққаҳо, китобҳо, сандуқҳо ва ашёҳои рахти хоб пешбинӣ гардида шуда буданд.

Устоҳои тоҷик санъати сохтани лавҳаҳои гаҷӣ бо дастаи гул дар кӯза, баъзан бо рангу бор намудани онҳоро бо таври моҳирона аз худ карда буданд. Баъзан вақт андоваи гаҷ барои нақши зебо асос мешуд.

Бо ҷаҳду кӯшишҳои махсус оташдонҳои хонаҳои истиқоматӣ оро дода мешуданд. Устоҳои номдори гаҷкор сокинони Ӯротеппа ба шумор мерафтанд. Бо ҳамроҳии кандакорони моҳири чӯб ва нақшгузорон онҳо ба деҳаҳои водии Фарғона ва Зарафшон сафар намуда, хонаву масҷидҳо бунёд менамуданд, ки дар ороиши онҳо гаҷкориву кандакориро истифода мебурданд. Ба намунаи зебои гулгаҷ собиқ хонаи истиқоматии бой Масбут дар Ӯротеппа ба шумор меравад. Техникаи кандакории гаҷи тиракардашуда кофта ба устоҳои Тоҷикистони Шарқӣ хуб ошно буд. Ин услуб миёни ду намуди санъати ороишӣ-гаҷкорӣ ва наққошӣ ба вуҷуд омадааст. Дар болои гаҷи рангубор кардашуда нақшу нигор гузошта мешуд. Нақшҳои сафед дар гаҷи тиракардашуда зебоии ҳуруфоти арабӣ ва дигар мавзӯъҳои геометриро боз ҳам дучанд менамуд. Инчунин, нақши рехташуда дар шакли тахтасангҳо истифода бурда мешуданд, ки бо онҳо канораҳои роҳ ва миёнадевораҳои танг пур карда мешуд. Дар гаҷкории охири асри XIX - аввали асри XX якчанд усули техникӣ мушоҳида карда мешавад. «Заминкор» - кандакории рости нақш дар заминаи ҳамвор. «Лулапардоз» ба нақшҳои геометрӣ ва растанӣ-гулӣ шакли доирашаклро медод. Бо релефи доирашакл аксар вақт мавзӯъҳои пешбарӣ нақш зикр карда мешуд. «Пахпардоз» ба техникаи секаратаи кандакорӣ мутобиқат менамояд, ки паҳлӯҳои нақш бо кандакории каҷ оро дода мешавад. Барои «Табакапардоз» ороиши иловагӣ бо мавзӯъҳои

нақшу нигор дар намуди навдаҳо, баргҳо, хатҳо ва ғайра хос аст. «Чокапардоз» миёнаи асари нақшу нигорро бо кандакории дусатҳа чуқуртар менамояд. Ба ҳайси сужа барои кандакорӣ дар гач нақши барг, ислими гул, турунҷ, лола мадохил, ислимии дурафтор, ислимии барг, росткунҷаҳо, чоркунҷаҳо, ситораҳои шаш, ҳашт ва даҳкунҷа, гулдаста ва ғайра хизмат менамуданд. Устоҳои Тоҷикистони Шаркӣ, бар акси кандакорони Бухоро, аз нақшу нигори омехта даст мекашиданд. Дар Ҷануби Тоҷикистон гаҷкорӣ вусъат наёфт, вале баъзе аз масҷидҳо (деҳаи Лангар дар Кӯлоб) аз он шаҳодат медиҳанд, ки устоҳои алоҳида бо ин намуди санъати тоҷикон хуб ошноӣ доштанд. Дар ороиши бадеии меъмории муосири муассисаҳои калони маъмурӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ (чойхона, клуб, китобхона ва ғайра) ба ҳайси масолеҳи асосии ороишот гаҷкорӣ хизмат менамояд. Гаҷ - масолеҳи ороишие мебошад, ки бо осонӣ коркард шуда, барои нақшу нигор ва ҳам барои мавзӯъҳои тасвирӣ истифода бурда мешавад.

Дар меъмории муосири Тоҷикистон гаҷкорӣ аслан дар ороишоти дохил ва беруни сохтмонҳои биноҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Бофандагӣ. Бофандагӣ - яке аз машғулиятҳои қадимтарини инсоният ба шумор меравад, ки ҳазорсолаҳо қабл ба вуҷуд омадааст. Зеро ҳанӯз дар дасти инсони қадима на табар, на корд ва на дарафш мавҷуд набуд, вале бофандагӣ бо таври васеъ паҳн гардида буд. Маснуоти дар ҳаёт заруриро аз тамоми чизе, ки ба даст меафтод мебофтанд: пӯсти дарахтон, навдаҳои чандир, аз пӯсти ҳайвонот, баъдан аз банд ва арғамчин ва аз бисёр маводи дигар. Дар маконҳои алоҳида ашёҳои бофташуда ҳатто аз кӯлолгарии қадима барвақтар пайдо гардид. Дар баъзе ҷой сабат ва зарфҳоро мебофтанд, дар баъзе ҷойҳо деворҳои манзил дар баъзе ҷойҳои дигар бошад, ба мисли юнониён, аз қамиш ва папирус ҳатто киштиҳои баҳрӣ мебофтанд. Аз давраи ихтироъ шудани кураи ҳавоии аввалин ва то ба рӯзҳои мо ҳамаи сарнишинони он гондолаҳои ба кура пайвастшударо истифода мебаранд, ки аз навдаҳои оддии маҷнунбед бофта шудааст, инчунин хусусиятҳои сифатиро ба мислӣ вазни начандон гарони сабат, мустаҳкамии кофии он, қобилияти амортизатсияи он ҳангоми афтидан ба заминро таъмин менамояд. Бофандагӣ ба чунин санъатҳои ороишӣ-амалӣ ба мисли макраме, бофтани газвор, бофтани тӯрнамо, бофтани сару либос асос гузошт.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар Юнон, дар Шарқи Наздик ва дар Аврупо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар даврони неолит одамон ашёи бофташударо аз масолеҳи нарми растанӣ истифода мебурданд: алафҳо, найшакар, папирус ва ғайра. Аз ин масолеҳ бандина тартиб дода мешуд, ки пайдарпай бо ҳалқаҳо, печак ё бо таври параллелӣ ба якдигар гузошта мешуд, баъдан бо бандҳои нарм аз бар ба бар баста мешуд. Дар давраи антиқа аз навдаҳои дарахтон ва буттаҳо, махсусан бедҳо бандина омода карда мешуд, инчунин ба ин мақсад решаҳои дарахтон ва дигар масолеҳ истифода бурда мешуд. Дар он замона бофандагӣ бо навдаҳои баста бо таври васеъ паҳн гардида буд, ҳамин гуна, дар аксар маврид бофтани сабати дорои шакл ва таъиноти мухталиф ба роҳ монда мешуд. Қисми зиёди ашёи археологӣ дорои сифати аъло буданд.

Дар арафаи асри XX ашёи бофташудаи хона маснуоти ниёзи аввалия ба шумор мерафтанд. Дар ин давра сабатҳои бофта, ҷиҳози бофташудаи хона, аробачаи бофташуда барои лӯхтакҳо ва кӯдакон ва боз чизу чораи зиёд шуҳрати калон касб намуда буд. Маснуотро аз навдаҳои тунук мебофтанд, баъдан онҳоро бо рангҳои мухталиф ва ҳатто нукраву тило рӯйпуш менамуданд. Дар он давра маснуоти бофташуда мӯд шуда буд ва ҳама аз онҳо ба таври васеъ аз шахсони оддӣ то дарбориён истифода мебурданд. То ҳадде расида буд, ки ҷузъҳои алоҳидаи техникаи бофандагӣ ҳангоми омода намудани кӯзаҳо содирот карда мешуданд, тасвири сабадҳо ё тасмаҳои алоҳидаи бофташуда бошад дар дизайни биноҳои меъморӣ истифода бурда мешуданд.

Арзишӣ маснуоти бофташудаи маишӣ – универсалии он ба шумор меравад. Онҳоро на танҳо дар хона бо таври васеъ истифода мебаранд, балки дар хоҷагии қишлоқ, саноат, савдо низ. Ҳангоми инкишофи босуръати саноатӣ сабатҳо барои борҷомаҳо, ки аз навдаҳо бофта шудаанд, то он дараҷа камарзиш буданд, ки тавонистанд қуттиҳои тахтагинро аз гардиш бароранд. Тақрибан дар ҳамон замон бофандагӣ ба сатҳи саноатӣ мебарояд. Ҳама

ба кори бофандагӣ машғул мешуданд, ҳар чи ки хоҳанд: аз навдаҳои махбал санаҳо, аробачаҳои сабук, ҷомадонҳо ва сандуқҳои сафарӣ бофта мешуд, аз навдаҳои маҷнунбед сабатҳо ва ашёҳои мухталиф барои мизи таъомхӯрӣ, сандуқчаҳо, бозичаҳои кӯдакона ва ҳатто шақшақа барои кӯдакони хурдсол сохта мешуд.

**АДАБИЁТ:**


1. Назаров А.М. Особенности воспитания молодежи [Текст] : / А.М. Назаров. – Душанбе: Сино, 1995. - 130с.
2. Концепция национального образования Республики Таджикистан [Текст] // В сб. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: 2003.- С. 66-85.
3. Республика Таджикистан. Законы. О народном художественном промысле [Текст] : [закон: принят Маджлиси милли. 16 июль. 2003] - // Садои мардум (Народная газета). № 85-86.- 9.08.2003.
4. Махсумов А.Н. Формирования навыков самостоятельной работы студентов в процессе обучения [Текст] : автореф. дис…докт. пед. наук: 13.00.01 / А.Н. Махсумов. -Душанбе, 1997. -50 с.
5. Сафаров М.С. Педагогическая система подготовки старшеклассников к труду в условиях Республики Таджикистан [Текст] : автореф. дис. … докт. пед. наук: 13.00.01 / М.С. Сафаров – Душанбе: 1996. – 34 с.


**Ҷафаров А. С.**

## ТАЪРИХИ САНЪАТИ КАНДАКОРИИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи худ муаллиф дар бораи таърихи санъати кандакории мардуми Тоҷкистон ҳарф мезанад. Дар асоси маводи бисёр муаллифи мақола таърихи санъати кандакории мардуми тоҷикро таҳлил менамояд.

Санъати кандакорӣ дар асри X махсусан устоҳои самарқандиву бухороӣ шуҳрати хосаро касб намуданд. Дар меъмории шаҳрвандӣ ковокиҳои нимдаврашакл бо нақшу нигори растанӣ пур карда мешуданд. Устоҳои чирадасти гаҷкорӣ кандакорони Ҳулбук низ ба шумор мерафтанд. Ҷузъҳои гаҷкории онҳо тасвири ҳайвонот, паррандагон, моҳиҳо, хӯшаҳои ангур, себаргаҳо, гулҳо, ситораҳо, давраҳо, ромбҳо, секунҷаҳо, каҷакӣ печидашакл, инчунин ҳуруфоти арабиро доранд. Кандакории гаҷ дар даврони ҳукумронии Темур ва Темуриён такмил меёбад. Устоҳои ботаҷриба дар Бухоро, Самарқанд, ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна, дар Эрон, Афғонистон, Ироқ, Озайрбоҷон фаъолияти пурсамар доштанд. Кандакорони Самарқанд, ки бо санг, гаҷ ва чӯб кор мекарданд, аз донишҳои илми геометрия, физика, кимиё хуб огаҳи дошта, асарҳои беназири санъатро меофариданд, ки шоирони Шарқ онҳоро тавсиф менамуданд.


***Калидвожаҳо:*** *таърих, санъати кандакорӣ, Тоҷикистон, устоҳои кандакорӣ, Самарқанд, Бухоро, Ҳулбук, тасвир.*

**Джафаров А.С.**

## ИСТОРИЯ ИСКУССТВА РЕЗЬБЫ НАРОДОВ ТАДЖИКИСТАНА


В этой статье автор показывает различные стороны история искусства резьбы народов Таджикистан, а также исследовал деревообрабатывающие, создание монет и другие искусства таджикского народа.

Автор статьи на основе богатого материала показывает история искусства резьбы таджикского народов. В искусстве резьбы в X веке, особенно мастера Самарканда и Бухары проявили себя в качестве различных работ. В гражданском искусстве появились разные круги в дизайне и живописи, которые имели различные оттенки.

В это время мастера часовней Хулбука проявили себя в качестве резьбы по дереву, которые исследовали в своих произведениях таджикские ученые. Это были рисунки животных, рыбы, виноград, цветы, звезды, круги, ромбы, треугольники, разные рисунки, а также буквы арабского алфавита. Искусство резьбы развивается во времена Тимура. Профессиональные мастера исторических показали себя в городах Бухары, Самарканда и другие города Средней Азии, а также в Иране, Афганистане, Азербайджане.

Мастера Самарканда, которые работали с резьбой по дереву, камнем имели профессиональные знание в области геометрии, физики, химии, поэтому создавали красивые искусство по дереву и поэты и писатели Востока в своих произведениях показали их.

***Ключевые слова:*** *история, искусство, Таджикистан, мастера искусства по дереву, Самарканд, Бухара, Хулбук, описание.*

**Jafarov A.S.**

**THE HISTORY OF THE CARVING ART OF THE PEOPLE OF TAJIKISTAN**

This article is talking about various aspects of the history of the carving art of the people of Tajikistan, as well as exploring woodworking, creating coins and other art of the Tajik people.

The author of the article, based on rich material, shows the history of the carving art of Tajik people. In X century in art of carving the masters of Samarkand and Bukhara showed themselves in various works. In civil art, various circles appeared in design and painting, which had different shades.

At that time, the masters of the Hulbuk chapel showed themselves as wood carvings, which were studied by Tajik scientists in their works. These were drawings of animals, fish, grapes, flowers, stars, circles, rhombuses, triangles, various drawings, as well as letters of the Arabic alphabet. The art of carving develops in the time of governing of Timur. Professional historical masters have shown themselves in the cities of Bukhara, Samarkand and other cities of Central Asia, as well as in Iran, Afghanistan, and Azerbaijan.

The masters of Samarkand, who worked with wood carvings, had professional knowledge in fields of geometry, physics, chemistry, so they created beautiful wood art and the poets and writers of the East showed them in their works.

***Keywords:*** *history, art, Tajikistan, masters of wood art, Samarkand, Bukhara, Khulbuk, description.*

**Сведения об авторе**: **Джафаров Амиршо Сайобидович** - аспирант кафедры технологии и машиноведения Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни тел: (992) 918-53-51-73, e-mail: jafarov_as@mail.ru

**Information about the author: Jafarov Amirsho Saiobidovich**, postgraduate at the Chair of Technology and Automobile introduction, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (992) 918-53-51-73, e-mail: jafarov_as@mail.ru

**Х. ТЕШАЕВ**
**Н. МАДЖИДОВ**

## УПОТРЕБЛЕНИЕ СЛОВ С УМЕНЬШИТЕЛЬНО-ЛАСКАТЕЛЬНЫМИ СУФФИКСАМИ (НА МАТЕРИАЛЕ РАССКАЗОВ Л. ПЕТРУШЕВСКОЙ)

Уменьшительно-ласкательные суффиксы в художественной литературе в русском и таджикском языках играют важную роль для описания героев, выражения авторской позиции, чувства и эмоции героев и т.п. Среди их многообразия выделяется группа оценочных суффиксов, которые придают слову разнообразные дополнительные значения: уменьшительность, уничижительность, презрительность, ласкательность, иронию, сочувствие, пренебрежение и другие. Значение этих суффиксов зависит, во-первых, от автором поставленных задач, во-вторых, как считает В. В. Лопатин, от речевой ситуации.

Например, в комедии А. С. Грибоедова «Горе от ума» в монологах Чацкого уменьшительно-ласкательные суффиксы выполняют сатирическую функцию: «*Французик из Бордо. Посмотришь, вечерком он чувствует себя здесь маленьким царьком.»* А. С. Пушкин щедро использует эти слова в произведениях, близких к устному народному творчеству: «*В руки яблочко взяла, к алым губкам поднесла, потихоньку прокусила и кусочек проглотила.»* Здесь они придают речи русский колорит, напевность. А Ф. М. Достоевский использовал эти суффиксы для создания речевой характеристики социально приниженного героя, например, в романе «Бедные люди» Макар Девушкин обильно пересыпает свою речь уменьшительно-ласкательными словами: «*…Было мне всего семнадцать годочков, когда я на службу явился; Стыдненько мне было, Варенька! А оттого, что я смирненький, оттого, что я тихонький, а оттого, что добренький!»*.

Творчество Людмилы Петрушевской в этом плане представляет собой особый интерес, так как среди различных аспектов осмысления ее творчества в критике выделяется оценочный аспект, который отмечали исследователи ее творчества: Т. Прохорова, Т. Морозова, Т. Маркова, О. Славникова. Восприятие и осмысление сложной современной реальности осуществляется в прозе Людмилы Петрушевской в разного рода авторских интенциях, то есть способах выражения авторской позиции, одним из которых является использование уменьшительно-ласкательных суффиксов.

**Группы уменьшительно-ласкательных суффиксов.** Так как в русском языке используется достаточное количество оценочных суффиксов, то я в своей работе попыталась распределить их по группам, в зависимости от частоты употребления. Рассмотрим эти группы.

1) **-ушк-/-юшк-.** Этот суффикс, по Ю.О. Бронниковой, передает ласку, доброе отношение (*матушка, батюшка, старушка, бабушка, нянюшка*), а также отражает «важную черту русской народной философии, которая считает, что человек заслуживает жалости и сострадания» (*избушка, лучинушка, сторонушка, дубравушка, лошадушка, лебедушка*);

2) **-ышк-/ишк-** - передает отрицательную оценку, используется с уничижительным значением (*домишко, городишко, бородишка, мужичишка*), но в именах существительных со значением лица этот суффикс может иметь уменьшительно-ласкательную окраску (*ребятишки, сынишка, хвастунишка, лгунишка, солнышко, горлышко*).

3) **-оньк-/-еньк-** выражает слабые проявления признаков, свойств (*маленький, слабенький, низенький, младшенький*), обозначает свойства, осознаваемые как положительные (*миленький, хорошенький, умненький*), а также обозначает свойства, осознаваемые как отрицательные (*плохенький, глупенький, старенький*). Но все это, подчеркивает Ю. О. Бронникова, зависит от позиции говорящего или от речевой ситуации. Иногда слова с этим суффиксом, поясняет она, меняют положительную оценку на противоположную (добрый – добренький: *Добренький какой нашелся!*);

4) **-оват-/-еват-** -выражают неполноту признака. При этом реализуется авторская субъективная оценка, как правило, отрицательная, так как –оват-/еват- показывает на нарушение обычной нормы качества: *крупновато – слишком, излишне крупная; холодновато – чересчур, изрядно холодно;*

5) **-ек-/-ок-/-ик-** служат, во-первых, для обозначения маленьких предметов (*столик, домик*), во-вторых, для выражения авторской позиции (*личико, петушок, дружочек*).

Иногда эти суффиксы употребляются в художественной литературе для языковой характеристики персонажей, для ироничной оценки автора изображаемых событий (например, изобилие форм с уменьшительно-ласкательными суффиксами в письмах Макара Девушкина: *часочек, уголочек, пальчик, денек, стишок, ветерочек* – создает впечатление забитости и самоуничижения главного героя). Немотивированное употребление суффиксов –ок-/-ек-/-ик-, пишет Ю. О. Бронникова, - отражает не столько вежливость и задушевные отношения между говорящими, сколько заискивающий тон, желание угодить и не натолкнуться на отказ.

Ю.О. Бронникова обращает наше внимание на то, что уменьшительно-ласкательные суффиксы имеют большое значение в русском языке, в частности, в художественной речи, несут огромную функциональную нагрузку, являются «отголоском» моральной и эмоциональной ориентации русской души, то есть эти суффиксы помогают более точно раскрыть и понять русскую душу. Я предлагаю вашему вниманию исследование рассказов Людмилы Петрушевской, употребление автором этих групп суффиксов, по которым я попыталась определить их функции в художественной литературе и в рассказах Людмилы Петрушевской в частности.

Например, читаем в рассказе «По дороге бога Эроса»: «*…Пульхерия сидела в гостях тихо и безучастно… уйдя в свою личину **толстенькой** тихой **бабушки** и чуть ли не древней **старушки**…*». Видим имена существительные, указывающие на возрастные отношения: бабушка, старушка. Причем автор поясняет, что на самом-то деле она не была такой уж старой, но почему-то «расценивала свою внешность как несуществующую» и «играла сама с собой в старость». Показывается женщина, обремененная бытовыми заботами, превратившаяся в *толстенькую бабушку-старушку*, показывается в сравнении с ровесницей Олей, которая считает себя еще достаточно молодой и всячески поддерживает свою молодость с помощью гимнастик, диет, косметических операций. Я считаю, что в данной речевой ситуации слова с уменьшительно-ласкательными суффиксами передают авторскую оценку: сочувствие и думаю, что здесь отражена «важная черта русской народной философии: человек заслуживает жалости и сострадания». Это также подтверждается прямой авторской оценкой о своей героине: тихая, кроткая. Конечно, то, что она не видела в себе уже женщину, это не приветствуется автором и через слово *толстенькой* выражается отрицательная, но зато эта бабушка-старушка ценила семейный уют, помогала родным, чем могла, умела ждать и терпеть и в финале рассказа автор делает ей подарок: встреча с возлюбленным, которого окружающие обрисовали ей как сумасшедшего, навсегда поселившегося в психиатрической клинике. Наперекор всем сплетням герои встретились вновь и переживать свою старость они будут уж точно не в одиночестве.

